**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ДОНИШКАДАИ ФАРҲАНГ ВА САНЪАТИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ МИРЗО ТУРСУНЗОДА**

**ТДУ : 37.013 (575.3)**
**ТБК : 74.200 (2Т)**
**Т-12**

Бо ҳукми дастнавис

**ТАБАРОВ НУРУЛЛО САФАРАЛИЕВИЧ**

# ҶАНБАҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ МАЪНАВӢ-АХЛОҚИИ ҶАВОНОН ДАР МУАССИСАҲОИ ИҶТИМОӢ-ФАРҲАНГӢ

13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ-иҷтимоӣ

(13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)

## ДИССЕРТАТСИЯ

Барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ

**Мушовири илмӣ:**
**Хоҷаев Қ.Т.** доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забон ва фарҳанги Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон

**Душанбе – 2025**

## Нақша

Муқаддима......................................................................................................4
**Боби 1. Проблемаҳои назарии сохтори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон**
1.1. Вазъи ташкилу такмилу таҷдиди имрӯзаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон................................24
1.2. Моҳият ва хусусиятҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.......................................................43
1.3. Нақши муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон..........................................................................................................57
*Хулосаи боби 1*.................................................................................................71
**Боби 2. Ташхиси муҳити педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон**
2.1. Тавсифи мафҳумҳои арзиш, фарҳанг, маънавиёт, ахлоқ дар асоси ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.............................75
2.2. Муносибатҳои муосир ба раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ..................................................................98
2.3. Таъсири омилҳо ба раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ...........................................118
*Хулосаи боби 2*...............................................................................................138
**Боби 3. Самтҳои афзалиятноки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон**
3.1. Урфу одат ва анъанаҳои миллӣ омили муҳимми ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ...................143
3.2. Фароғат ҳамчун соҳаи ташаккулдиҳандаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон..........................................................................................................154
3.3. Шароитҳои мусоиди ташкилӣ-педагогӣ ҷиҳати ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон .....................................................................165
*Хулосаи боби 3*...............................................................................................181

**Боби 4. Равандҳои педагогӣ ва технологияҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ**

4.1. Ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.................185

4.2. Роҳҳо, методҳо ва воситаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ..................................................................201

4.3. Технологияи ташкилӣ-педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун омили ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон...................214

*Хулосаи боби 4*.........................................................................................230

**Боби 5. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ**

5.1. Мукаммалсозии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ..................................................................233

5.2. Амсила (модел) ва барномаи педагогии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ..................................252

5.3. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ..........................................................................................271

*Хулосаи боби 5*.........................................................................................297

*Ҷамъбаст ва пешниҳодҳо*..........................................................................302

*Рӯйхати адабиёт ва сарчашмаҳои истифодагардида*.....................................314

*Феҳрести интишороти илмии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ*....................348

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсию фарҳангии ҷомеа ҷустани роҳҳои инноватсионии фаъолиятро баҳри рушди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аз муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ тақозо дорад. Чунки дар рафтор, кирдор, гуфтор ва амалҳои баъзе ҷавонон нисбат ба арзишҳои миллӣ, давлатӣ ва маънавию ахлоқӣ ҳисси бетафовутӣ ва бепарвоӣ мушоҳида мешавад.

Аз тарафи дигар, ҷаҳонишавӣ ва дастрасӣ ба шабакаҳои иҷтимоӣ низ ба фарҳанги маънавӣ-ахлоқии ҷавонон таъсири худро гузошта истодааст. Ва дар ин раванд бархе аз ҷавонон аз сарчашмаҳои фарҳанги ниёгони худ, ки дар ашъор ва нигоштаҳои онҳо тарбияи шахси бомаърифат, худогоҳ, хештаншиносу бофазилат мавқеи хоса дорад, бехабар ва ноогоҳ мондаанд.

Дар марҳилаи имрӯзаи зудтағйирёбанда, ки кишвари мо торафт бештар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ворид гардида истодааст, равандҳои ҷаҳонишавӣ тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонро ба мисли фарҳанг, забон, маориф, иқтисодиёт, ҳуқуқ, сиёсат, маънавиёт ва ахлоқ фаро гирифтааст.

Омӯзиши равандҳои ҷаҳонишавӣ ва таъсири онҳо ба муҳиту фаъолияти ҷавонони муосир муҳиму зарурӣ арзёбӣ карда мешаванд. Зеро, ҷавонон захираҳои асосии иҷтимоии давлат ва интиқолгари фарҳанги ниёгон ба наслҳои минбаъда маҳсуб меёбанд.

Яке аз ҷанбаҳои бузурги ҷаҳонишавӣ, ки дар байни ҷавонони муосир маъруфият дорад, Интернет мебошад. Ҷавонон ҳамчун корбари асосӣ Интернетро барҷастатарин ва муҳимтарин манбаи иттилоот медонанд. Зеро, ҳар мушкилӣ ё номуайянӣ дар фаъолияти ҷавонон пайдо шавад, онҳо ба воситаи ҷаҳони Интернет он мушкилӣ ё ҷавоб ба саволи худро пайдо карда метавонанд.

Бояд зикр кард, ки дар баробари манфиат доштани Интернет ба шахс инчунин, ҷиҳатҳо ва паёмадҳои манфӣ низ дорад. Яъне, дар шахс ҳисси виртуалии дӯстиву муҳаббат, вобастагӣ ба ҷаҳони Интернетӣ, аз ҳаёти воқеӣ дур мондан, бемасъулиятӣ нисбати одамони гирду атроф, ба буҷаи оила зарар

овардан ва аз муҳити иҷтимоӣ бегона шудан пайдо мегардад, ки натиҷаи инҳо косташавии маънавиёт, ахлоқ, ҷиҳатҳои равонӣ, муносибат ва арзишҳо мебошанд.

Бино бар ин, дар ин гуна вазъияти баамаломада нақши педагогикаи миллӣ дар тарбияи маънавию ахлоқӣ меафзояд, зеро он яке аз муҳимтарин ҷузъиёти таҳсилоти муосир дар самти тарбия, ташаккули ҳуввияти миллӣ, хештаншиносӣ ва худогоҳии шахс дар робитаи зич бо арзишҳои умумибашарӣ мебошад.

Айни замон, эҳёю рушди анъанаҳо, расму русум ва урфу одатҳои миллию фарҳангӣ аҳамияти хоса пайдо кардаанд. Чунки «яроқи асосӣ» бар зидди воридшавӣ ва муқовимат нишон додан ба унсурҳои фарҳангҳои бегона, маҳз, огаҳию маълумот доштан дар бораи тамаддун, фарзандони баруманд ва афкори педагогию фарҳанги пурғановати миллати хеш мебошад. Аз ин лиҳоз, тарбия кардани ҷавонони муосир дар руҳияи арзишҳои миллӣ, маҳаллӣ ва оилвӣ  аз манфиат холӣ набуда, барои ин раванд шароит фароҳам овардан талаботи замон мебошад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар шароити кунунӣ бартарияти худро нишон дода, баҳри бартараф ва ҳаллу фасл кардани он омилҳое, ки ба ин раванд монеа эҷод мекунанд, чораҳою тадбирҳои зарурӣ андешидан лозим аст. Зеро, бидуни фарҳанг, маънавиёт, ахлоқ, рафтор, амал ва масъулият рушди ҷомеаю таъмини амнияти миллии кишвар ба таври зарурӣ ба роҳ монда намешавад.

Ҷавонон, ки қишри асосӣ ва ояндаи ҷомеа маҳсуб меёбанд, таъсири омилҳои гуногун ба онҳо бештар мерасад. Дар бисёр ҳолат мушкилот ва талаботи ҷавононро наметавон ба раванди таълим бартараф кард. Аз ин лиҳоз, барои ташаккул додани шахсияти муосир баҳри дарёфти маънои ҳаёт, арзишҳои фарҳангӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва зеҳнӣ-эҷодӣ мусоидат намудан зарур аст.

Асосҳои олами ботинии фарҳангии ҷавонон аз оила манша гирифта, сипас низоми муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ идомабахши ин раванд мегарданд.

Мисли дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ нақши муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва густариш додани арзишҳои миллию шахсии онҳо бағоят калон мебошад.

Аз гуфтаҳои дар боло оварда шуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки зарурати гузаронидани пажуҳиш бо чунин сабабҳо муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ мегардад:

1. Дар рафтор, гуфтор, кирдор ва амалҳои баъзе ҷавонони муосир ҳисси бетафовутӣ ва беэҳтиромӣ нисбат ба арзишҳои волои инсонӣ дида мешавад.
2. Дар байни бархе ҷавонон нест шудани фарҳанги муносибат.
3. Тағйири арзишҳо дар фаъолияти ҷавонони муосир, ки ин раванд онҳоро на шахси созанда ва ободкор, балки ҳамчун истеъмолкунанда нишон дода истодааст.
4. Аз ҷиҳати педагогӣ исбот кардани сабабҳои рӯй наовардани ҷавонон ба муассисаҳои фарҳангӣ.
5. Паст гардидани ҳисси таҳаммулпазирӣ, меҳр, муҳаббат, шавқат, ҷаҳонбинӣ, тафаккур, зебоиписандӣ ва амсоли инҳо дар байни бархе ҷавонон.
6. Ҳисси бетаваҷҷуҳӣ зоҳир кардани баъзе ҷавонон ба арзишҳои фарҳангӣ, миллӣ, урфу одат ва анъанаҳои аҷдодӣ.
7. Ба фарҳангҳои бегона таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан.
8. Рӯй овардани ҷавонон ба сомонаҳои иҷтимоию Интернет ҳамчун манбаи иттилоот, вақтгузароню вақтхушӣ, қонеъ кардани талаботи фарҳангӣ ва тарбия.

Аз ин ҷост, ки гузаронидани таҳқиқоти педагогӣ дар ин самт ва ҷустани роҳҳои муассири инноватсионии фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

барои ҳалли проблемаҳои дар боло зикр гардида аз манфиат холӣ набуда, актуалӣ будани мавзуи мазкурро собит месозанд.

Истиқлолияти давлатӣ ба як қатор масъалаҳое, ки ба фарҳанг, таърих, маорифи миллӣ ва суннатҳои ниёгон тааллуқ доштанд ва дар даврони Шуравӣ ба онҳо диққати ҷиддӣ намедоданд, равшанӣ андохта, ҷавононро аз гузаштагони баруманд, арзишҳои миллӣ, фарҳанги ниёгон, мероси гаронбаҳо ва урфу одатҳои аз ёд рафта ошно сохт.

Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола ба Маҷлиси Олӣ зикр кардаанд: «Иқдоми дар замони соҳибистиқлолӣ амалинамудаи Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи фарҳанг, ҳифзи меросу анъана ва суннату арзишҳои миллӣ ва дар натиҷа, ба раванди болоравии сатҳи маънавиёти ҷомеа таккони бузург бахшиданд. Муассисаҳои соҳаи фарҳанг бояд дар маркази диққати роҳбарони шаҳру ноҳияҳо қарор дошта бошанд. Зеро, фарҳанги миллӣ, ки заиф шуд, ҷояшро фарҳанги бегона пур мекунад» [246, с.24],

Дар солҳои охир Ҳукумати Тоҷикистон ба муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд. Пажуҳишҳо собит намуданд, ки саҳми муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар баробари дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас, бахусус, ҷавонон бағоят муҳим буда, дар маърифатнок ва худогоҳу хештаншинос кардани онҳо ҷойгоҳи хоса касб кардааст.

То ба имрӯз як қатор қарору қонунҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба тасвиб расидааст, ки фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро ба танзим медароранд. Ба мисли, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», Консепсияи фарҳанги миллӣ, Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ва дигар.

Албатта, қарору қонунҳо ва барномаҳои давлатии қабулшуда муҳиммияти ташкил кардани фароғати мардум ва ба танзим даровардани зиндагии шоистаи аҳолиро таъмин созанд ҳам, вале ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-

ахлоқии ҷавононро пайгир мебошанд, ошкор намесозанд. Дар шароити ба амал омада омӯхтан ва таҳқиқ кардани нақш ва ҷойгоҳи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аз манфиат холӣ набуда, барои рушди минбаъдаи ин муассисаҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд.

**Дараҷаи коркарди мавзуи таҳқиқот.** Дар масъалаи тарбияи боло бурдани фарҳанги ҷавонон як қатор олимону донишмандон ва мутафаккирони тоҷик саҳми босазо гузоштаанд. Ба мисли: Қодиров Қ.Б. [166], Юнусова Н.М. [395], Лутфуллозода М. [178], Хоҷаев Қ.Т. [355], Маҷидова Б. [198], Гулмадов Ф. [87], Лутфуллоева П. [179], Нуров А. [234], Каримова И. [134], Маҳкамов Д. [196], Иззатова М. [115], Шарифзода Ф. [376] ва дигарон.

Дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мероси дигари олимонро низ ёдовар шудан ба маврид аст. Ба мисли: Гиёев А. [79], Бӯриев Қ. [56], Аҳророва Г.У. [32], Нематов П.С. [223], Латифзода Д. [170], Сафаралиев Б. [290], Умаров А. [341], Абилзода Г.С. [3], Калонов А.Г. [127] ва дигарон.

Проблемаи тарбияи ҷавонон дар руҳияи фарҳанги ниёгон ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ дар асарҳои мутафаккирон, равоншиносон, педагогҳо ва фарҳангшиносони тоҷик ба таври лозима дарҷ гардида аст. Ба мисли: Амиров Р. [193], Раҳимӣ Д. [288], Шарифов М.Ғ. [380], Мирахмедов Ф. [202], Қодиров Ф. [167], Турсунова М. [339] Сулаймонӣ С.[312], Камолова Х. [130], Юлдашева М. [394], Наимов З. [217] ва ғайра.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар асарҳои шоирону нависандагони гузашта низ ҷойгоҳи хосае дошт. Ва онҳо дар таълифи диссертатсия мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ба мисли: «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ [278], «Қобуснома»-и Унсурмаолӣ Кайковус [124], «Гулистон»-и Саъди Шерозӣ [291], «Девон»-и Ҳофизи Шерозӣ [363], Рубоиёти Умари Хайём [340], «Саду як ғазал» Абдулқодири Бедил [288] ва ғайра.

Дигар олимон, педагогҳо, сотсиологҳо ва фарҳангшиносони хориҷиро низ номбар кардан мумкин аст, ки аз таҷриба ва андешаҳои онҳо дар бораи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон фаровон истифода бурда ва дар гузаронидани таҳқиқот нақши муҳим бозидаанд. Ба мисли: Сухомлинский В.А.

[318], Каменский Я.А. [146], Макаренко А.С. [182], Ушинский К.Д. [344], Толстой Л.Н. [329], Януш К. [400], Руссо Ж.Ж. [286], Роджерс К. [280], Шацкий С.Т. [383], Шаталов В.Ф. [381], Амонашвили Ш.А. [14], Волков Г.Н. [65], Монтессари М. [208] ва ғайра.

Проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар таърихи ҷомеа падидаи нав набуда, ҳар як давраи тараққиёти инсоният дар ин раванд, ҷабҳаҳои мураккабтарро пеш меоранд. Мисоли ин шуда метавонад, мутафаккирони Шарқ ва Ғарб ба мисли: Абуалӣ ибни Сино [40], Абурайҳони Берунӣ [5], Арасту, Афлтуну Суқрот [261, 262] ба мо мероси бойи педагогиро боқӣ гузоштаанд, ки дар онҳо тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ баръало нишон дода шудааст.

Дар диссертатсияи Е.М. Зезека «Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ» [109] тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муҳити фарҳангӣ хеле хуб нишон дода шудааст. Он проблемаҳое, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳангоми тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба миён меоянд, муаллиф, то андозае ҳаллу фасл кардааст.

Инчунин, диссертатсияи доктори илмҳои педагогӣ, профессор Д.Н. Латипов таҳти мавзуи «Асосҳои иҷтимоӣ-педагогии ташаккули этнофарҳангии ҷавонон: Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» [171] ҷиҳати боз ҳам мукаммал намудани андешаҳо доир ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷанбаҳои тарбиявии онҳо заминаи мусоид фароҳам овард. Муаллиф дар диссертатсия дар бораи ташаккули давлатдории миллӣ, фарҳанги этникӣ ва дарки арзишҳои таърихии фарҳанги миллӣ аз ҷониби ҷавононро ба таври шоиста дарҷ кардааст. Ӯ чунин мешуморад, ки ба даст овардани соҳибихтиёрӣ ва барпо кардани давлатдорӣ ба болоравии худшиносии миллӣ, пояндагии забон, ҳаёти рӯзмарра, анъана ва ҷашнҳои фарҳангӣ - миллӣ, танзими расму оинҳо мусоидат намуд.

Барои саҳеҳият ва амиқии таҳқиқот мо аз маҷаллаҳои мухталифи илмӣ-назариявӣ ва таҳлилӣ истифода намудем. Ба мисли: «Маърифати омӯзгор», «Паёмномаи фарҳанг», «Паёми Донишгоҳи миллӣ», «Илм ва ҳаёт», «Фарҳанг

ва санъат», «Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон», «Илм ва фановарӣ», «Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ», «Тоҷикистон» ва ғайра.

Дар диссертатсия ҳисоботи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳангӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 то инҷониб истифода гардидаанд.

Инчунин, барои муқоиса, таҳлил ва амиқтар омӯхтани вазъи дигар соҳаҳое, ки бевосита ба мавзуи таҳқиқот рабт доштанд, аз ҳисоботи Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода намудем.

Баъди санҷиш ва таҳлил кардани корҳои фарҳангшиносон, файласуфон, сотсиологҳо, педагогҳо ва равоншиносон дар мавзуи мазкур бояд қайд кард, ки то ҳол ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то андозаи лозимӣ омӯхта ва натиҷагирӣ нашудааст.

Ҳамин тариқ, байни талаботи фаъолияти иҷтимой-фарҳангӣ ва набудани таҳқиқоти илмӣ дар ин самт чунин **мухолифатҳоро** ба миён овард:

- муҳимияти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар ҷомеа ва надоштани таҷрибаи кофии педагогии муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ;

- зарурати таҳқиқи боэътимоди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва нокифоя инкишоф додани аз ҷиҳати илмӣ асосноки усулҳои ташхис дар муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ;

- рушди босуръати арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва нокифоя таҳия намудани асосҳои методологӣ ва технологияи самарабахши тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон;

- моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар ҷомеаи имрӯза ва набудани барномаҳои мукаммал дар бораи чӣ гуна амалӣ кардани ин раванд дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар асоси талаботи амалигардонии барномаҳои давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба мисли: «Барномаи давлатии рушди соҳаи табъу нашр ва матбуоти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2022-2026», нақшаҳои корҳои илмӣ-таҳқиқотии

Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақшаҳои чорабиниҳои илмии кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунӣ ба анҷом расонида шудааст. (Рақами қайди давлатӣ дар Маркази миллии патенту иттилооти Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон №2004/01.4.314)

## ТАВСИФИ УМУМИИ ДИССЕРТАТСИЯ

**Мақсади таҳқиқот.** Аз ҷиҳати илмӣ–назариявӣ асоснок кардан ва дар корҳои озмоишию амалӣ бо истифода аз амсила ва барномаи таҳиягардида ошкор намудани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон тавассути фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар заминаи анъанаҳои миллӣ – тарбиявӣ.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои иҷрои мақсад ва фарзияи таҳқиқот ҳалли чунин вазифаҳо муҳим шуморида мешаванд:

1. Дар асоси таҳлилҳои назариявӣ муайяну мушаххас кардани моҳият, сохтор, вазифа ва хусусиятҳои тарбияи маънавӣ - ахлоқии ҷавонон тавассути фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ.

2. Таҳлил ва баррасии ҷанбаҳои равонӣ ва педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон тавассути фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ.

3. Асоснок кардани тамоюли ҷанбаҳои этнопедагогӣ ва инноватсионии арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва таъсири онҳо ба ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ.

4. Ошкор кардани моҳияту таъсири анъана, оин, урфу одат ва суннатҳои миллии тоҷикӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.

5. Таҳия кардани амсила ва барномаи педагогӣ ҷиҳати боз ҳам амиқтар омӯхтани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

6. Ташкилу баргузории корҳои озмоишӣ - таҷрибавӣ барои муайян намудани таъсири омилҳои педагогикаи миллӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ - ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ.

7. Натиҷагирӣ аз корҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ ва таҳияи тавсияҳои илмӣ-методӣ ба кормандони соҳаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ роҷеъ ба мукамалгардонии шаклу воситаҳои фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ.

**Обекти таҳқиқот.** Раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо истифода аз анъанаҳои миллии тарбия.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – ҷанбаҳои педагогии фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ дар раванди ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.

**Фарзияи таҳқиқот.** Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баланд бардоштан мумкин аст, агар:

- ҷиҳатҳои инфиродӣ, психологӣ ва синну солии ҷавонон ҳангоми ҳамроҳшавии онҳо ба муҳит ва фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба инобат гирифта шаванд. Дар ин раванд, педагог бояд аз принсипҳои инсонгароӣ, ба эътибор гирифтани арзишҳои шахсӣ ва интихоби озоди эҷодӣ истифода барад;
- шаклҳои инноватсионӣ, усул ва хусусиятҳои фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон омӯхта шаванд;
- барномаҳое, ки ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ инкишоф медиҳанд, роҳандозӣ гарданд;
- корҳои омӯзишие, ки ҷанбаҳои педагогии фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро муаррифгар бошанд, ба таври шоиста гузаронида шаванд;
- мутахассисони варзида ва таҷрибадор, ки ҷавононро тавонанд дар рӯҳияи ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ, ободкорию созандагӣ ва эҷодкорӣ тарбия намоянд, ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷалб карда шаванд.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот:**

<u>**Марҳилаи аввал (20213-2020с.) – ҷустуҷӯйи-назариявӣ:**</u> омӯхтани адабиёт доир ба проблемаҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи

маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, таҳлили ҳуҷҷатҳо ва адабиёти равонӣ-педагогӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Дар ин давра ташаккули проблема, мақсад, вазифа, фарзия, предмет, моҳияти фаҳмишҳо дар бораи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҷойгоҳи онҳо дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон муайян карда шуд.

**Марҳилаи дуюм (2020-2023с.) – таҷрибавӣ-омӯзишӣ:** консепсияи рушди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва тарбия омӯхта шуда, фаъолияти ин муассисаҳо дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Дар ин замина, корҳои озмоишӣ бо гурӯҳҳои назоратӣ ва озмоишӣ мавриди назарсанҷӣ қарор гирифтанд.

Дар ин давра тамоми паҳлӯҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ санҷида шуда, хулосаҳои лозимӣ бароварда шуд.

Ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ таҳияи амсила ва барномаи педагогӣ бартарияти худро нишон дода, барои боз ҳам дақиқ таҳлил кардани тамоми ҷанбаҳои ташаккули арзиҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ кумак намуд.

Маврид ба зикр аст, ки амсила ва барномаи педагогӣ бо дар назардошти урфу одат, анъана ва суннатҳои миллӣ таҳия шуда буд.

**Марҳилаи сеюм (2023-2024с.) – ҷамъбаст ва натиҷагирӣ.** Дар ин марҳила корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии шаҳри Душанбе, ноҳияҳои Рӯдакӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва ноҳияи Восеъ ҷиҳати муайян кардани ҷанбаҳои педагогии онҳо дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон натиҷагирӣ карда шуд.

Натиҷаҳо ва хулосаҳое, ки аз раванди корҳои озмоишӣ ба даст омадаанд, ҷиҳати боз ҳам тақвият бахшидани фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ заминаи мусоид фароҳам оварда метавонанд.

Инчунин, дар ин марҳила ҳаммаи маводҳо гирд оварда шуда, таҳлилҳо, муқоисаҳо ва хулосаҳо ба таври илмӣ дар шакли диссертатсия навишта шуданд.

Автореферати диссертатсия ҳам ба забони тоҷикӣ ва ҳам ба забони русӣ таълиф гардид.

**Асосҳои назарияи таҳқиқот**. Дар бораи ҷиҳатҳои инсонгароии таълим ва тарбия чунин олимон ба мисли, Бобоева Р.М., Сафаров Д., Болдирев Н.И., Волков Г.Н., Макаренко А.С., Сухомлинский В.А., Виготский С. Песталотси И.Г., Каменский Я.А. ва дигарон мероси зиёде доранд. Дар асоси назарияҳои анъанаҳои фарҳангӣ чунин олимон ба мисли, Дулов А.И., Кон И.С., Лихачев Б.Т., Петрова В.И., Легостаев И.С., Тайчинов М.Г. ва дигарон таҳқиқот гузаронидаанд. Назарияҳои проблемаҳои муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар корҳои чунин олимон ба мисли, Вулфов Б.З., Кузин В.С., Караковский В.А., Солдатенков А.Д. ва дигарон баназар мерасанд. Назарияҳои тарбияи ахлоқии ҷавонон дар асарҳои чунин олимон дарҷ гардидааст: Буйдоқов Х., Орлова Л.А., Шукурзода Т.А., Раҳимзода Х., Раҳимов Б., Шарифзода Ф. ва дигар.

Оид ба мавзуи таҳқиқотӣ олимон: Ханбиков Я.И., Орипов М., Манонов А.М., Сайфуллоев М., Мунаваров А.К., Рашимов А.Ш., Миртурсунов З.Ф., Мирзонов Ш.А., Алиев А.К. дар бораи нақши анъанаҳои мардумӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон асарҳо иншо намуданд, ки мавриди истифода қарор гирифтанд.

Дар диссертатсия асарҳои чунин олимон, ба мисли Бакланова Т.И Болгов В.И., Волошенко Г.Г., Гордон Л.А., Грушин В.А., Лисовский В.Т., Иконникова С.Н., Петрова З.И., Триодин В.Е., Патрушев В.Д., Кузнетсов В.Г., Сафаралиев Б., Соколовский Ю.Е., Соломник Ф.А., Сулаймонӣ С., Ҷураев И.А ва ғайра, ки масъалаҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангиро таҳқиқ намудаанд, ба асос гирифта шудааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқотро** назария ва консепсияҳои фалсафӣ, педагогӣ ва равонӣ, ки проблемаҳои ҳастии инсоният ва моҳияти ӯ дар пешрафти ҷомеа, рушди маънавӣ-ахлоқии шахс, раванди педагогӣ, ақида ва ғояҳои мутафаккирони Шарқу Ғарб, қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илм, Вазорати фарҳанг, ки маҳз ба мавзуи пажуҳишӣ алоқамандӣ доранд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Адабиёти илмӣ, методӣ, фалсафӣ, педагогӣ ва психологӣ, маҷаллаҳои илмӣ, диссертатсияҳои илмии ҳимояшудае, ки маҳз ба мавзуи таҳқиқот рабт доранд, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикстон ба Маҷлиси Олӣ, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзимкунандаи фаъолияти касбии педагогҳо, мутахассисони соҳаи фарҳанг ва сиёсати ҷавонон аз ҷумла: «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ватандӯстии шаҳрвандон», таҷрибаи пешқадами педагогони ватанию хориҷӣ ва дигар санадҳои инъикоскунандаи мавзуи таҳқиқот.

**Заминаҳои эмперикӣ.** Диссертатсия дар асоси омӯзиши адабиёти илмӣ ва методӣ оид ба мавзуъ, методикаи тарбия, омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи пешқадами педагогӣ, истифодаи усулҳои гуногуни педагогию психологӣ ба мисли: мушоҳида, пешниҳоди саволномаҳо, гузаронидани суҳбатҳо ва машваратҳо ҳангоми корҳои озмоишӣ, таҳлил ва ҷамъбасти маълумоти аз рафти омӯзиш ба даст омада, таҳлили муқоисавӣ ва арзёбии натиҷаҳо, маълумоти оморӣ ва коркарди онҳо асос ёфтааст.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Пойгоҳи таҳқиқотро муассисаҳои фарҳангии шаҳри Душанбе аз ҷумла, боғи фарҳангию фароғатӣ ба номи Фирдавсӣ, боғи фарҳангии Устод Рӯдакӣ, системаи марказонидашудаи клубҳо, Филармонияи давлатии ба номи Акашариф Ҷураев ва муассисаҳои фарҳангии ноҳияи Рӯдакӣ ташкил доданд. Инчунин, барои муқоиса карадани фаъолияти ин муассисаҳо бо дигар муассисаҳои ҷумҳурӣ мо муассисаҳои фарҳангии Вилояти Хатлон, аз қабили ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва Восеъро мавриди таҳқиқот қарор додем. Дар таҳқиқот 601 нафар иштирок доштанд. Аз онҳо 227 нафар ба гурӯҳи

озмоишӣ, 223 нафар ба гурӯҳи назоратӣ ва 151 нафар кормандони муассисаҳои фарҳангӣ буданд.

Ғайр аз ин, фикру андешаҳо ва пешниҳоди кормандони муассисаҳои мазкурро ба инобат гирифта, натиҷаи онҳо дар диссертатсия дарҷ гардиданд.

Иштирокчиёни таҳқиқот нафаронеро интихоб намудем, ки ташрифоварандагони доимии муассисаҳои фарҳангӣ буда, дар бештари ҷашну чорабиниҳо ва мафҳилҳои ҳунарӣ фаъолона ширкат меварзиданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки ба рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нигаронида шудаанд, муфассал муайян ва таҳлил карда шуданд;

- ҷанбаҳои самараноки фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуданд;

- илмӣ собит гардид, ки ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бароиояндаи ҷомеаи тоҷикон муҳим арзёбӣ мегардад;

- илмӣ ошкор гардид, ки ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баҳри инкишофи тафаккури миллӣ, худогоҳӣ, хештаншиносӣ, ғурури миллӣ, салоҳияти касбӣ, интихоби роҳи дурусти зиндагӣ, эҳтиром ба арзишҳои миллию давлатӣ ва амсоли инҳо заминаи мусоид фароҳам меорад;

- натиҷаҳои аз таҳқиқот ба даст омада донишҳои илмӣ-назариявии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вусъат медиҳанд;

- корҳои озмоишӣ-таҳлилӣ собит намуданд, ки муассисҳои фарҳангӣ иқтидори бузурги тарбиявӣ дошта, талаботи маънавӣ, ахлоқӣ ва маърифатии ҷавононро ба воситаи чорабиниҳои худ, ки дар онҳо анъана, урфу одат ва суннатҳои миллӣ баръало истифода мегарданд, қонеъ мегардонанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.**

1. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ раванди мақсадноки педагогӣ буда, барои дар шахс ташаккул додани ҳисси баланди ватандорӣ, хештаншиносӣ, инсондӯсӣ, таҳаммулгароӣ, эҳтиром кардани калонсолон, дасти ёрӣ дароз кардан ба хӯрдсолон, масъулиятшинос, суботкор ва амсоли инҳо мебошад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ низ дар ҳамин замина сурат гирифта, барои ташаккул додани арзишҳо, ғояҳо ва нақшаҳои минбаъдаи ҳаётии онҳо шароит фароҳам оварда мешавад.

Истифодаи воситаҳои гуногуни педагогӣ имкон медиҳанд, ки мутахасисони муассисаҳои фарҳанг бевосита ва тавассути олотҳои таъсиррасонии дигар ба фаъолияти когнитивӣ, ҳиссӣ-мотиватсионӣ, эҷодӣ таъсир расонда, фаъолнокии шахси иштирокчии барномаҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангиро таъмин намоянд. Маҳз, ҳамин хусусият имкон медиҳад, ки раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон самаранок ташкил карда шавад. Илова ба ин, мутахассисон мундариҷаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро аз ҳисоби анъанаҳои миллӣ, иҷтимоию таърихӣ, оилавӣ ва фарҳангӣ ғанӣ мегардонанд.

2. Ба фарҳанги миллӣ рӯй овардани ҷавонон, ки ин дар заминаи чорабиниҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ муассиртар амалӣ карда мешавад, асоси тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ гардида, дар онҳо ҳисси меҳру муҳаббат ба Ватан, модар, шахсони калонсол ва эҳтиром ба таърихи халқи худро мепарварад. Зеро, дар ҳар як сатрҳои шоирони гузашта ва имрӯзаи тоҷик тарануму васфи Ватан, зебогиҳои диёр, дастовардҳои соҳаҳои гуногуни фаъолият ва дар наққошони чиррадасти тоҷик тасвири муҳити атроф бо тамоми ҷаззобият, ки онҳоро муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таври шоиста пешкаши ҷавонон мегардонанд, ҷиҳатҳои ба худ хоси тарбиявӣ мастур ва маҳфӯз аст.

Анъана ва урфу одатҳои миллӣ дар шахс ҳисси зебописандиро бедор карда, таҳаммулпазирию инсонгароиро тарбия намуда, дунёи ботинии ӯро рангорангу гуворо месозанд.

3. Ҳунарҳои мардумӣ, ки дар ҳар як чорабиниҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд, яке аз сарчашмаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба шумор меравад. Агар, аз як тараф ҳунарҳои мардумӣ шавқу завқи ҷавононро ба ҳунару ҳунармандӣ баланд бардоранд, аз тарафи дигар пойгоҳи асосии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо мегарданд.

Унсурҳои асосии ҳунарҳои мардумӣ дар педагогикаи халқӣ ҳамчун воситаи тарбияи ахлоқии ҷавонон ба кор бурда мешаванд, ки ба онҳо дохил мешаванд: сурудҳои халқӣ, лирикӣ, зарбулмасал, чистонҳо, мақол, афсонаҳо, бозиҳо ва ғайра.

Бояд зикр кард, ки истифодаи ҳунарҳои мардумӣ дар шароити кунунӣ баҳри боз ҳам беҳтару хубтар намудани фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз манфиат холӣ набуда, самаранокии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар ин муассисаҳо афзун мегардонанд.

4. Мавқеи маҳфилҳои эҷодӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон назаррас мебошад. Дар ин маҳфилҳо ҷавонон вобаста ба шавқу завқ ба ин ё он намуди ҳаваскорӣ машғул шуда, истеъдоди худро такмил медиҳанд ва талаботро нисбат ба эҷодиёт ва маънавиёт қонеъ мегардонанд. Манфиатбахшии кори маҳфилҳои эҷодӣ ба он муайян карда мешавад, ки дар ин маврид ҷавонон натанҳо объекти тарбия, балки ҳамчун иштирокчии чорабиниҳо баромад карда, таъсири дигаронро ҳис мекунанд ва дар айни ҳол ба онҳо низ таъсир мерасонад.

5. Дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ин тарзи фаъолияти коллективонаи одамон буда, дорои як қатор хислату табиате мебошанд, ки дар шакли инфиродӣ зоҳир мегарданд. Дар шароити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ягонагии ҳақиқати коллективӣ ва фардият дар аз худ кардани арзишҳои фарҳангӣ ва ҳамдигарфаҳмии онҳо таҷассум меёбад.

6. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки дорои иқтидори бузурги ташкил кардани фароғат мебошанд, ҷиҳати самаранок гузаронидани вақти холии

ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меоранд. Вақти фароғати ҷавонон унсури зарурӣ ва ҷудонашавандаи тарзи ҳаёти онҳо ба шумор меравад. Аз ин рӯ, фароғат ҳамеша ҳамчун фаъолияти амалисозии талаботи шахсии марбут ба истироҳат, рушди худшиносӣ, хештаншиносӣ бароҳмонии муошират муфид, беҳтар намудани вазъи саломатӣ ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дониста мешавад.

7. Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аз чунин унсурҳо ва ҷанбаҳо вобаста мебошанд:

- хурдафарҳангҳои оилавӣ;
- муассисаҳои берун аз мактабӣ;
- истифодабарии мақсадноки шабакаҳои иҷтимоӣ;
- урфу одат, анъанаҳо ва оинҳои маҳаллию миллӣ;
- бунёди марказҳои фарҳангӣ, фароғатӣ ва маърифатӣ дар тамоми манотиқи кишвар.

8. Амсилаи (модел) ва барномаи педагогӣ ҷиҳати ба пуррагию саҳеҳият ва муфассалтар омӯхтани раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ асос гузошта, самарабахшии таҳқиқотро афзун мегардонанд.

Амсила ва барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз шароитҳои педагогӣ ва мутахассиони ҳирфаӣ вобаста буда, ҳамзамон метавонанд, ин равандро то андозае «бедор» намоянд. Ва ба пайдоиши арзишҳои муҳимми ҳаётӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодии шахс заминаи устувор гузошта, ҳиссиёт ва равандҳои равонии ӯро ба вуҷуд оранд. Ба мисли:

- виҷдон, нанг, номус, таҳаммулпазирӣ, ҳалимӣ, хушсуханӣ, уҳдадорӣ, масъулиятшиносӣ, боварӣ ба иқтидори эҷодӣ ва ғайра;
- фаҳмишҳои ахлоқӣ: муҳаббати фидокорона, қарзи шаҳрвандӣ, қобилияти дарк ва фарқ кардани хайр ва шар, омодагӣ ва аз монеаҳои зиндагӣ ба осонӣ гузаштан ва ғайра;

- рафтори ахлоқӣ: омода ва хизмат ба Ватан ва мардум, ҳурмати падару модар ва шахсони калонсол, меҳнатдӯстӣ, фикри дигаронро ба эътибор гирифтан, дар ҳолатҳои гуногун идора кардани эҳсосоти худ, пешоҳанг будан.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаҳои таҳқиқот дар асоси гузаронидани корҳои озмоишӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои муассиртар бароҳ мондани раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Назариявӣ раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки аз ҳолату омилҳои дохилӣ ва берунӣ ба мисли, дастгирии ташаббусҳои ҷавонон, фарҳанги муошират, малакаҳои эҷодӣ, завқи зебоиписандӣ, истифодаи асарҳои санъат, намоиши китобу мусаввараҳо ва амсоли инҳо вобастагии калон доранд, муайян карда шуданд.

Раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки аз ҷиҳати мазмун аз фаъолияти меҳнатӣ ва таълимӣ фарқ доранд, назаривӣ ошкор карда шуд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот. Н**атиҷаҳои таҳқиқот дар асоси гузаронидани корҳои таҳлилӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ имконият медиҳанд, ки мақсаднок ва самаранок раванди таълимӣ-тарбиявӣ мукаммал гардида, тадриҷан сатҳи рушди маънавӣ-ахлоқии ҷавонон боло равад;

- хулосаҳо ва тавсияҳое, ки аз натиҷаи таҳқиқот ба даст омадаанд ва онҳоро педагогон дар ҳаргуна муассисаҳои таълимию тарбиявӣ мавриди истифода қарор медиҳанд, метавонанд, ҷавононро барои ҳифзу нигоҳдории фарҳангӣ миллӣ ва рӯй овардан ба он роҳнамоӣ созанд;

- дар таҷрибаи амалии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ усулҳо, роҳҳо ва технологияи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ворид карда шуд;

- натиҷаҳои таҳқиқот имконият медиҳанд, ки дар баробари тарбияи анъанавӣ ва педагогикаи мардумӣ дар таҷрибаи тарбияи имрӯза рӯйи кор оянд;

- аз натиҷаҳои таҳқиқот педагогҳо ва ташкилкунандагони чорабиниҳои фарҳангӣ дар дилхоҳ муассисаҳо метавонанд, барои пурмазмун ва таъсирбахш гардидани чорабиниҳо истифода баранд;

- натиҷаҳо ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд, барои пажуҳишгароне, ки ҷанбаҳои маърифатӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва зебоиписандии ҷавононро мавриди омӯзиш қарор медиҳанд, манбаи боэътимод гарданд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** ба манбаъҳои таърихӣ асос ёфтани натиҷаҳо ва хулосаҳо оид ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дар маҷаллаҳои илмӣ нашр гардидани мақолаҳои илмӣ ва иштироку суханронӣ намудан дар конференсияҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, аз натиҷаҳои диссертатсия, дар мизҳои мудаввар ва ҷаласаҳои кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар мекунад.

Инчунин, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот аз ташкил, бароҳмонӣ ва корҳои амалӣ дар муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ, ки мо дар ин муассисаҳо корҳои озмоишӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон гузаронидем ва бо онҳо дар асоси пурсишнома, суҳбат ва воҳӯриҳо баргузор намудем, муайян карда мешавад.

1. **Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ, мундариҷа ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.05 - Назария, методика ва ташкили фаъолияти иҷтимоӣ - фарҳангӣ (13.00.05.03 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ)) аз ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқоти фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ (методологияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ, аз ҷумла моҳият, сохтор, вазифаҳо, принсипҳои онҳо; тамоюли инкишофи равишҳои гуногуни методологияи таҳқиқот; ҳудуди татбиқи равишҳои методологии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ; барномасозӣ, пешгӯӣ, амсиласозии равандҳои иҷтимоӣ ва педагогӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ), банди 4 - Назарияҳо ва консепсияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ (мафҳумҳои педагогикаи иҷтимоӣ; консепсияҳои иҷтимоӣ, тарбияи иҷтимоӣ ва рушди иҷтимоӣ; назарияҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ; назарияҳои иттилоотикунонии фаъолияти иҷтимоию фарҳангӣ; назарияҳои идоракунии

низоми иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ) ва банди 6 - Сифати фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ-педагогӣ; мониторинги сифати фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ) мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии докторант дар таҳлил ва ташхиси ҳамаҷонибаи масъалаҳои вобаста ба таҳқиқот, пажуҳиши амиқи назариявӣ ва амалӣ, гирдоварӣ ва таҳлили маълумот ва маводҳо, истифодаи усул ва методҳои пешқадами педагогӣ вобаста ба мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, бароҳмонии дурусти заминаи корҳои озмоишӣ ва ошкорсозии амалии муқаррароти кори илмӣ, таҳия кардани амсила ва барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таҳлили натиҷаҳо ва коркарди маводҳои бадастомада, омода ва нашри мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, иштирок ва суханронӣ дар чорабиниҳои илмӣ, конференсияҳо, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмию амалӣ, ҷаъбасти натиҷаҳо ва хулосаҳои бадастомада ва таҳияи диссертатсия инъикос меёбад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муаллифи диссертатсия ба ҳайси дотсент ва мудири кафедраи педагогика ва мероси ниёгони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа, инчунин дар Пажуҳишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии фарҳанг ва иттилооти Вазорати фарҳанг фаъолияти корӣ намуда, ҳангоми сафарҳои корӣ ва машғулиятҳои таълимӣ ҷиҳати боз ҳам баланд бардоштани савияи дониши шогирдон ва дар ин замина, ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо тадбирҳои заруририро роҳандозӣ менамояд. Муаллиф аз натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои илмӣ, семинарҳои илмиву методӣ, ҷаласаҳои кафедраи психология ва сотсиологияи идоракунии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ намуд, ки тасвиб ва тасдиқи худро ёфтаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз натиҷаҳои асосии диссертатсия як монография ва 28 мақолаи илмӣ ба табъ расидааст, ки 16- тои он дар маҷалаҳои сатҳи тақризшавандаи Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи чоп омадаанд.

Инчунин, аз натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи байналмилалию ҷумҳуриявӣ истифода гардиданд (2020-2024). Аз ҷумла, суханронии муаллиф дар конференсияи байналмилалӣ таҳти унвони «Фарҳанги экологии ҷавонон марбут ба об (Душанбе-2023)», конференсияҳои ҷумҳуриявӣ зери унвони «Таъсири ҷаҳонишавӣ ба фарҳанги оиладории ҷавонон дар Тоҷикистон (Душанбе-2022)», «Ҷавонон ҷонибдори сиёсати Пешвои миллат дар самти фарҳанги миллӣ (Душанбе-2021)», «Дастовардҳои соҳаи фарҳанг дар даврони истиқлолият (Душанбе-2023)», «Масъалаҳои муҳимми пешгирӣ ва мубориза ба ифротгароӣ ва хурофотпарастӣ дар ҷомеаи муосир (Душанбе-2024)», «Ҷавонон ва фарҳанги муоширати онҳо дар заминаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ (Душанбе-2025)» семинари илмӣ-назариявӣ зери унвони «Раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар заминаи эҳёи фарҳанги миллӣ (Душанбе-2023)».

**Сохтори диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, 15 фасл, хулосаи боби якум, дуюм, сеюм, чорум ва панҷум, хулосаи умумӣ, сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Муҳтавои диссертатсия аз 351 саҳифаи чопи компютерӣ иборат буда, дар он 15 ҷадвал, 11 диаграмма ва 7 нақшаю расмҳо мавҷуд аст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 403 номгӯй ва сарчашмаҳоро дар бар мегирад.

# МУҲТАВОИ АСОСИИ КОР

## Боби 1. Проблемаҳои назарии сохтори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

### 1.1. Вазъи ташкилу такмилу таҷдиди имрӯзаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

Мардуми тоҷик давлати соҳибихтиёри худро таъсис дода, барои бунёди давлати дунявию ҳуқуқбунёд ҷидду ҷаҳд менамояд. Дар ин ҷода тарбияи насли наврас, ба хусус, ҷавонон дар рӯҳияи ватанпарварӣ, инсондӯстӣ, омӯхтани фарҳанги ниёгон ва тамаддуни башарӣ нақши бузург дорад. Бо ишораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон афроде, ки аз сарнавишти миллат, таърихи гузаштаи сарзамин ва марзу буми аҷдодӣ, мероси бой фарҳангӣ ва расму оини ниёгон, дастовардҳои бузург ва шахсиятҳои оламшумули қавму қабоили хеш огоҳӣ надорад, ҳеҷ гоҳ инсони комил ва фарзанди баруманди замони худ шуда наметавонанд.

Дар бунёди давлати мутараққӣ барои мо тоҷикон зарур аст, ки ҷавононро дар рӯҳияи меҳнатдустӣ, ватанпарварӣ ва этироми арзишҳои миллӣ тарбия намоем. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ чунин иброз намуданд: «Ҳукумати кишвар ба инкишофи бонизоми фарҳанг ва махсусан масъалаҳои боло бурдани фарҳанги ҷомеа, эҳтиром ба арзишҳои милливу фарҳангӣ, дар ниҳоди мардум ва махсусан ҷавонон парвариш намудаи эҳтиром ба арзишҳои миллӣ ва рамзҳои давлатӣ диққати ҷиддӣ зоҳир менамояд» [264].

Дар ин давраи муҳим ҳадаф ва вазифаҳои фарҳанг бештар ба ташаккули маънавиёту ахлоқ, омӯзиши амиқи таъриху мероси фарҳангии халқи тоҷик, баланд бардоштани ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ, инчунин таҳкими ҳисси ватанхоҳӣ равона карда мешавад.

Фаъолият ва тарзи зиндагии одамон, аз ҷониби онҳо офаридани арзишҳои маънавиро фарҳанг меноманд. Фарҳанг эҷодкории моддию маънавии одамон

буда, комёбиҳои онро барои инкишофи инсоният истифода мебарад ва он аз насл ба насл ҳамчун мерос боқӣ мемонад.

Фарҳанги халқи тоҷик қисми ҷудонопазири фарҳанги башарӣ буда, он дар робита ва баҳрабардорӣ аз ҳамдигар рушд меёбад. Ин алоқа ба фарҳанг, то чӣ андоза таъсир мерасонад, онро пахш ё равнақ медихад, аз рушди иктисодиёти мамлакат ва маънавиёти мардум вобаста аст.

Халқи тоҷик дар тамоми таърихи худ офарандаи фарҳанги воло буд. Дар бораи ин халқи қудратманд И.В. Сталин борҳо дар баромадҳои худ дар даврони Шуравӣ ёдовар шуда, гуфта буд: «Тоҷикон халқи хосе мебошанд. Онҳо на ӯзбек, на қазоқ ва на қирғиз ҳастанд. Тоҷикон қадимтарин халқи Осиёи Миёна буда, маънои тоҷик барандаи тоҷдор, ки инро эрониҳо гуфтаанд ва тоҷикон ин гуфтаро исбот карданд» [307].

Таҷрибаи таърих нишон медиҳад, ки бе инкишофи фарҳанг давлат наметавонад рушди иқтисодиёт ва сатҳи зиндагии мардумро боло барад.

Пас аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, новобаста аз мушкилоти давраи гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат-Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба рушду нумӯи фарҳанги миллӣ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намуда истодаанд. Чунки дар тарбияи насли наврас ва махсусан ҷавонон накши фарҳанги миллӣ бағоят калон арзёбӣ мегардад.

Тавре Президенти кишвар дар яке аз Паёмҳои навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд: «Моро зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии санъату ҳунар, осорхонаву китобхонаҳо, театрҳо ва марказҳои фарҳангиро беҳтар гардонем, аҳли ҷомеаро ба ин муассисаҳо ҳарчи бештар ҷалб кунем ва бо ин роҳ ба раванди баланд бардоштани сатҳи маърифату маънавиёти аҳли ҷомеа, алалхусус, наврасону ҷавонон, яъне наслҳои ояндасози миллат ва рушди фарҳанги миллӣ такони ҷиддӣ бахшем» [248].

Бояд қайд кард, ки ҳамасола аз соли 1998, то кунун дар ҷумҳуриамон рӯзи 23-юми май - Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон бо шукӯҳи хоса таҷлил мегардад, худ падидаи нодире ба шумор меравад, ки сиёсати давлати кунунии тоҷиконро дар

ҷодаи эҳтиром ва ғамхорӣ нисбат ба насли ҷавон ифода менамояд [371, с.22].

Инчунин, дар ҷумҳурӣ «Қонун дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» (2004) қабул гардидааст, ки Қонуни мазкур асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодии тарбия, ташаккул ва камолоти ҷавононро муқаррар намуда, принсипҳо ва тадбирҳои татбиқи сиёсати давлатро дар соҳаи истифодаи пурсамари неруи зеҳнӣ ва маънавии онҳо, ки ба манфиати ҷамъият равона мешаванд, муайян мекунад.

Дар ҷумҳурӣ Консепсияи рушди фарҳанг, Консепсияи миллии тарбия, Консепсияи милии таҳсилот коркард ва тадбиқи амалии онҳо батадриҷ ба роҳ монда шуда истодааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон  кафолатҳои рушди фарҳангӣ, таълимӣ, сиёсии ҳар як шахсро дар ҷомеа фароҳам овардааст. Дар он омадааст: «Ҳар шахс ҳақ дорад озодона дар ҳаёти фарҳангии ҷамъият, эҷодиёти бадеӣ, илмӣ ва техникӣ ширкат варзад, аз дастовардҳои он истифода кунад» [152, с.11]. Сарватҳои фарҳангӣ ва маънавиро давлат ҳимоя мекунад.

Ба тасвиб расидани Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-декабри соли 2005 ва Консепсияи миллии тарбия аз 3-марти соли 2006 аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон нишонаи дар амал тадбиқ кардани сиёсати фарҳангӣ ва миллии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ ба шумор меравад.

Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии ва афзалиятноки рушди фарҳангӣ ва ҳаёти иҷтимоию фарҳангиро дар бар мегирад. Консепсияи миллии тарбия бошад, тамоми паҳлуҳои тарбияи шахсро фарогир аст.

Дар Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин омадааст: «Таълиму тарбияи насли наврас ва тайёр кардани мутахассисон бояд бо назардошти талаботи замон, шароитҳои хоси миллӣ, психологӣ, демографӣ ва анъанаҳои беҳтарини миллӣ ба роҳ монда шавад»[153,с.58].

Консепсияи миллии тарбия аз 18 унсур: тарбияи ғоявӣ, шаҳрвандӣ, маънавӣ, ахлоқӣ, ҳарбӣ-ватандӯстӣ, миллӣ, экологӣ ва ғайра иборат мебошад,

ки тамоми самтҳои тарбияи насли наврас ва ҷавононро дар бар мегирад.

Илова бар ин, дар шароити кунунӣ Барномаи давлатии рушди муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (3 апрели соли 2021, № 115) қабул гардида, мавриди амал қарор доранд.

Дар солҳои истиқлолият Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуну қарорҳо, амру фармонҳои зиёде оид ба фарҳанг, маориф, мероси фарҳангӣ, арзишҳои моддию маънавӣ қабул намуданд, ки дар 70 соли Ҳукумати Шуравӣ муяссар нагардида буд.

Мо дар як нишаст наметавонем оид ба тамоми паҳлуҳои фарҳанги миллии даврони истиқлол рушд, дастовардҳои бузурги соҳа ва таъсири онҳо ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ибрози ақида намоем. Аз ин рӯ, баъзе аз самтҳо ва санадҳои муҳими даврони истиқлолро баррасӣ менамоем, ки ин ҷашнвораҳо ба рӯҳияи фарҳангдӯстии ҷавонон ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо таъсири калон расонидаанд.

Яке аз дастовардҳои бузурги фарҳанги даврони истиқлол, ки Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба он таваҷҷуҳ намуданд, ин таҷлили ботантанаи санадҳои муҳими таърихию фарҳангии халқи тоҷик мебошад, ки бешубҳа дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва ҳисси худогоҳиву хештаншиносии онҳо кумакҳои ҳамаҷониба менамоянд.

Баргузории Симпозиуми байналмилалӣ 1100 - солагии «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ, таҷлили ҷашни 1100 солагии Давлати Сомониён, 2700 солагии «Авасто», 2500 солагии Истаравшан, эҳёи Саразм, Ҳулбук, бузургдошти санъати касбии «Шашмақом» ва санъати мардумии «Фалак», «2700 солагии шахри Кӯлоб», 3000 солагии Ҳисори шодмон ва тамаддуни Ориёӣ шаҳодати гуфтаҳои болост.

Таҷлили ин ҷашнҳо ва дигар ҷашнҳои даврони истиқлолият ба ҷавонони имконият дод, ки бо таърих, мероси фарҳангии ниёгон, арзишҳои миллӣ, анъана, урфу одати азёдрафтаи хеш тавассути намоишҳои театронидашуда, эҷоди китобҳо, намоишномаҳо, мусиқӣ, ракс, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ, шаҳрсозӣ ва ғайра шинос шуда, баҳри эҳё ва рушди онҳо азму ирода намоянд.

Таҷлил ва баргузории ин ҷашнҳо бо худшиносиву худогоҳӣ, ифтихори ватандориву ғурури миллӣ, сулҳу ваҳдат, якдигарфаҳмӣ замина гузоштанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ таҷлили ҷашнвораҳои арбобони барҷастаи илму ҳунар, шоирону нависандагони тоҷику форс ба монанди 675- солагии Камоли Хуҷандӣ, 680 - солагии М. С. А. Ҳамадонӣ, 960 - солагии Умари Хайём, 545 - солагии Камолиддини Беҳзод бо шукуҳу шаҳомати зиёд ҷашн гирифта шуда, осори гаронбаҳое, ки дар тарбияи ҷавонон нақши беандоза мебозанд, нашр гардид. Чандин намоишҳои театрӣ, телевизионӣ, филмномаҳо оид ба ҳаёту фаъолияти онҳо эҷод шудаанд [216, с.7].

Ҷомеа ва фарҳанги муосир оҳиста-оҳиста аз буҳрони маънавӣ берун омад. Имрӯзҳо кормандони санъати театрӣ, мусиқишиносӣ, санъати тасвирӣ, хореография, ҳайкалтарошӣ аз пайи ҷустуҷуҳои нави эҷодианд.

Дар шароити имрӯза дар ҷумҳурӣ  2113 муассисаи фарҳангӣ аз ҷумла: китобхона, клубҳо, осорхонаҳо, боғҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ, театрҳои касбӣ, филармонияи давлатӣ, ансамбли  ҳунарии «Базморо», маркази эҷодии «Илҳом», Ансабли давлатии «Лола», Ансамбли тарона ва рақси «Сомониён», сирки давлатии Тоҷикистон ва ғайра амал мекунанд.[216, с.7].

Барои муассисаҳои номбурда дар ҷумҳурӣ 36 мактаби мусиқӣ, 7 мактаби расомӣ, 2 мактаб-интернети махсуси мусиқӣ, Коллеҷи рассомӣ, Коллеҷи хореографӣ, Коллеҷи санъати  шаҳри Хуҷанд ба номи Содирхон Ҳофиз, Коллеҷи санъати шаҳри Кӯлоб ба номи Кароматулло Қурбонов, Коллеҷи санъати шаҳри Душанбе ба номи Аҳмад Бобоқулов, чанд муассисаи махсус ва мактабҳои олӣ ба мисли Донишкадаи давлати фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода, Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхуҷа Сатторов амал мекунанд. Дар маҷмуъ, муассисаҳои дар боло зикргардида аз рӯи 44 ихтисос мутахассисони соҳаи санъат, фарҳанг ва эҷодиёти мардумӣ тайёр мекунанд [216, с.7].

Тибқи қарори махсуси Созмони Милали Муттаҳид мақоми байналмилалӣ гирифтани ҷашни «Наврӯз», бо қарори Юнеско дар қатори ёдгориҳои ҷаҳонӣ ворид гардидани ёдгориҳои таърихиву археологии «Саразм», ҳунари мардумии

«Чакан», «Шашмақом» ва ғайра яке аз дастовардҳои бузурги фарҳанги даврони истиқлолият ба шумор меравaнд.

Ҳамзамон, бунёди биноҳои нави фарҳангӣ, ба тарзи тарҳи замонавӣ ва муҷаҳазонидани онҳо бо таҷҳизотҳои пешқадами иттилоотию иртиботӣ, аз ҷумла: бинои Китобхона ва Осорхонаи миллӣ, Наврӯзгоҳ, Боғи Ирам ва даҳҳо муассисаҳои дигари фарҳангӣ дар гушаву канори кишвари соҳибистиқлол, далели равшани сиёсати хирадмандонаи Президенти мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад[57,с.15].

Агар, ба солҳои каме қаблӣ назар андозем, аниқтараш ба солҳои аввали истиқлолият пеши назар он солҳои вазнин барои аҳли фарҳанг ҷилвагар мешавад. Дар он замонҳо сатҳи бекорӣ дар тамоми соҳаҳо хеле зиёд буд. Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мушкилиҳои бузурги иқтисодиву сиёсӣ рӯ ба рӯ гашта буд.

Бо барҳамхурии колхозу совхозҳо такдири муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба дасти ҳокимиятҳои маҳаллӣ вогузошта шуд. Хизматрасониҳои бепул аз байн рафтанд. Хонаҳои ҷавонон низ дар паи нестӣ қарор доштанд.

Дар рафтори ҷавонон ахлоқи ҳамида нест шудан гирифт. Барои ҷавонон акнун қаҳрамонҳо на баҳрнавардону ҳавонавардон, балки соҳибкорон ва коргарони бонкӣ ҳисоб мешуданд. Ба ҷойи вожаҳои инсонгароию инсондӯстӣ, беадолатӣ ва бепарвоӣ пеш омад. Замоне ки фарҳанги ахлоқӣ аз байн меравад, ба ҷои он беахлоқӣ ва беадолатӣ пеш меояд.

Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ сиёсати пурзури хукумати вуҷуд дошт ва ҳар мушкилӣ ё масъалае пайдо мешуд, онро бо роҳи иқтисодӣ ё фарҳангӣ ҳал менамуданд. Мисол: бо даъвати Ҳизби коммунистӣ ҷавонон даштҳои Казоқистонро обёрӣ карданд, ё шоҳроҳи аз Байкал то Амурро сохтанд [34]. Дар дигар сохтмонҳои хурду бузурги он замон нақши ҷавонон бениҳоят калон буд.

Дар самти соҳаи фарҳанг низ корҳои зиёде ба анҷом расонида мешуд. Аз ҷумла: маълумоти миёна ва олии ройгон, сохтмони марказҳои фарҳангии ҷавонон, хонаҳои ҷавонон, клубҳо, варзишгоҳҳо ва ғайра.

Бо гузашти айём ҳамаи онҳо бе бозгаш аз байн рафтанд. Ҷавонони имрӯза

дар даврони гузариш аз як сохти иҷтимоӣ ба дигар сохт қарор доранд. Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ онҳо дар зери тарбияи давлату ҳукумат қарор дошта буданд, яъне гирифтани маълумоти бепул, таъмини ҷойи кор, зист, ҳуқуқи истифодабарии арзишҳои фарҳангӣ, ҳуқуқи истироҳат ва ғайра. Ҳоло бошад ягон ташкилоти ҷамъиятӣ ба қадри имкон барои рушду нумӯи ҷавонон саҳм гузошта наметавонанд. Илова бар ин, бояд барои нишон додани истеъдоду маҳорати худ ҷавонон худмаблағгузор ё кумакҷӯ аз падару модар бошанд.

Ҳамаи ин ҳолатҳоро омӯхта давлату ҳукумат ба хулосае омаданд, ки дар соҳаи фарҳанг ва маориф тағйироти куллие бояд ворид карда шавад. Ва пайваста барои беҳтар ба роҳ мондани раванди таълиму тарбия чораҳои муассир андешида истодаанд. Аз ҷумла, Консепсияи рушди фарҳанг, Консепсияи милии тарбия ва даҳҳо қарору қонунҳо мисоли ин шуда метавонанд.

Бояд гуфт, ки ҷавонон ояндасози ҷумҳурии соҳибистиқлоли мо ба ҳисоб меравадн. Давраи ҷавонӣ ин чунин вактест, ки шахс ташаккул меёбад ва мавқеи худро дар ҷамъият бояд пайдо кунад. Давраест, ки истеъдодҳои шахс такмил ва ташаккул меёбанд.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ташаккулёбии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва самти фаъолияти онҳо, то ҳаде тағйир ёфтааст. Аз чорабиниҳои солҳои пешин танҳо суҳбатҳо, лексияҳо, шабҳои вохӯрӣ ва конкурсҳо боқӣ мондаанд.

Тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд яке аз намудҳои ташаккули шахс дар ҷомеа ин таҷрибагирӣ аз ҳаёт аст. Аз ин лиҳоз, мо бояд ҷавононро бо роҳе тарбия намоем, ки ба ақидаҳои якдигар бетафовут набошанд. Якдигарро гӯш карда тавонанд. Онҳоро мо бештар ба театру намоишҳои консертӣ, ки хислати тарбиявӣ доранд ҷалб созем. Баъди анҷоми намошномаҳо суҳбатҳо гузаронанд. Қаҳрамонҳои мусбату манфии намоишномаро таҳлил кунанд. Аз қаҳрамонҳои мусбати он ба худ чизе бархурд кунанд. Барои он ки ҷавонон зеҳну заковат ва ҷиҳати фикррониии худро сайқал диҳанд, бояд мо онҳоро талқин кунем то ба худ хомаю дафтар гиранд ва ҳар як чизи дидаву шунидаи худро дар дафтар кайд

кунанд, яъне аз болои худ кор баранд. Ҷавононро омӯзонем, то вақтҳои холии худро ба нақша гиранд.

Ҳамаи методҳое, ки дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ истифода мешаванд, ба он хотире амалӣ мегарданд, ки ҷавонон сатҳи донишҳои худро баланд бардоранд, ҷаҳонбинии онҳо зиёд гардад, дараҷаи фикррони ва аз ҳама монеаҳои зиндагӣ зуд ва ба осонӣ баромада тавонанд.

Ногуфта намонад, ки шавқовару гуворо гузаштани чорабиниҳои фарҳангӣ, аз мазмун ва мундариҷаи он вобастагии калон дорад. Ҳар қадаре чорабинӣ шавқовар ва дар он масъалаҳои мубрами рӯз нишон дода шавад, ҳамон қадар тамошобоб, диданӣ ва ба ҷаҳонбинии ҷавонон кумаки хеле калон мерасонанд. Чорабиниҳо ҳамон вақт таъсирбахш мешаванд, ки ҷавонон худ дар он иштирок намоянд.

Ҷавонони имрӯза бо як майлу хоҳиши том мехоҳанд дар чорабиниҳое, ки мазмуну мундариҷаашон шавқовар аст, иштирок намоянд. Махсусан, дар маҳфилҳои эҷодӣ онҳо шавқӣ беандоза доранд. Яъне, муассисаҳои фарҳангиро мебояд ба чунин ҷавонон дасти ёрӣ дароз кунанд, чунки онҳо дар ин айём худро мешиносанд. Роҳу равиши ояндаи худро муайян месозанд. «Ман» гуфтани ӯ аз саҳна оғоз мегардад.

Дар ташкили фароғат ва пурмазмуну шавқовар гузаштани вақти холии ҷавонон, асосан, муассисаҳои фарҳангиву фароғатӣ, клубҳо, хонаҳо, қасрҳову боғҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ, китобхонаҳо ва осорхонаҳо ҳиссагузоранд.

Роҳҳо ва имкониятҳои қасрҳои фарҳангӣ дар ин бобат зиёд буда, намудҳои ташкили фароғати ҷавонон низ хеле гуногунанд.

Шакли паҳншудаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ муассисаҳои клубӣ ба шумор мераванд, ки вазифаи полифунксионалии комбинат, яъне ташкили шароитҳои гуногун баҳри рушд ва истироҳати аҳолиро иҷро мекунанд[104,с.21].

Қасрҳои фарҳанг ба ҳаёт ва фаъолияти одамон, махсусан, дар деҳот зич алоқаманд буда, қисми ҳаёти ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд. Онҳо ҳамчун марказҳои муомилаи одамон баромад мекунанд.

Қасрҳои фарҳанг ҳамчун шакли иттиҳоди ҷавонон дар ташкил ва

баргузории чорабиниҳо саҳми беандоза дошта, барои тарбия, рушд ва ҷамъиятикунонии ҷавонон ҳиссагузоранд. Хусусияти қасрҳои фарҳанг дар он аст, ки шахсон ба онҷо бо мақсади ягона, озодии интихоб, эҷод ва дар раванди чорабиниҳо иштирок карданро доро мебошанд.

Педагог метавонад дар ин раванд иштироки доимӣ дар баргузории шабҳои эҷодӣ, вохӯриҳо, баҳсҳо(дискуссия) ва суҳбатҳо дошта бошад.

Дар вақтҳои таътили донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои гуногуни таълимӣ қасрҳои фарҳанг реҷаи фаъолияти худро каме тағйир медиҳанд. Чунки ҷавонон тавонанд бо истифода аз вақти холии худ ба ин муассисаҳо ташриф оранд.

Самтҳои асосии фаъолияти қасрҳои фарҳанг ин: ҳарбӣ-ватандӯстӣ, таърихӣ-кишваршиносӣ, истироҳат, фароғат, варзиш ва маърифатнокунӣ мебошад[143, с.3].

Иштирок дар чорабиниҳои қасрҳои фарҳангӣ ба ҷавонон имконият медиҳад, ки рушди қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро сайқал бахшанд.

Ҷанбаи муҳими фаъолияти ҳар як муассисаи фарҳангӣ ин фароҳам овардани шароити мусоид ва муҳити дастрас барои қонеъ кардани ниёзҳои маънавӣ, ахлоқию маърифатӣ ва хизматрасонии босифат ба аҳолӣ мебошад [118, с.11].

Дар шароити имрӯза ҳолати муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ то ҳадде хуб шуда бошад ҳам, вале камбудиҳо ва мушкилиҳо, то ба сатҳи лозимӣ ҳалли худро наёфтаанд. Дуруст аст, ки имрӯзҳо шароити қасрҳои фарҳанг бе ёрӣ ва дастгирии ҳукумати кишвар рӯ ба беҳбудӣ намеоранд.

Вазифаи асосии қасрҳои фарҳанг ва умуман муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин ҳалли масъалаҳои ҳаётии ҷомеа ба мисли: машғул кардани аҳолӣ ва пур намудани фазои холӣ, ташкил кардани фароғат, паст намудани сатҳи ҷинояткорӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ ва амсоли инҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар вақти гузаронидани корҳои озмоишӣ дар яке аз пойгоҳҳои таҳқиқот, ки дар шаҳри Душанбе қарор дошт, барои муайян кардани фаъолияти қасрҳои фарҳанг мо ба ҷавонон бо чунин савол муроҷиат кардем:

«Ба андешаи Шумо сатҳи рушди қасрҳои фарҳанг имрӯзҳо чӣ гуна аст?»

**Диаграмма 1. Сатҳи рушди қасрҳои фарҳанг аз нигоҳи ҷавонон**




Тавре аз диаграмма бармеояд (ниг. диаг. №1), 14 (15,7%) нафар бар он ақидаанд, ки қасрҳои фарҳанг рӯ ба беҳбудӣ ва рушд доранд. 51(57,3%) нафар сатҳи рушди қасрҳои фарҳангиро миёна шуморидаанд ва 24 (27,0%) нафар варианти пастро интихоб карданд.

Аз ин бармеояд, ки сатҳи рушди қасрҳои фарҳанг тақозои беҳбудиро мехоҳад.

Агар мо ба фаъолияти қасрҳои фарҳанги даврони Шуравӣ назар андозем, фарқиятҳои назаррасро нисбати фаъолияти имрӯзаи онҳо мушоҳида кардан мумкин аст. Вазифаи қасрҳои фарҳанг агар дар даврони Шуравӣ тарбия кардани насли наврас дар рӯҳияи коллективизм ва фардияти шахс тобеъ ба коллектив бошад, пас дар шароити гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ шахсияти тамоман нав, яъне иқтидори зеҳнӣ ва ахлоқии худро озодона идоракунанда ташаккул меёбад [311, с.46].

Мусаллам аст, ки дар қасрҳои фарҳанг ҳаргуна дастаҳо ва маҳфилҳо амал мекунанд, ки яке аз онҳо дастаи ҳаваскорони эҷодӣ ба шумор меравад.

Маҳфилҳои эҷодӣ аз рӯйи мазмун ба як чанд намуд ҷудо мешаваду дар доираи фаъолияти қасрҳои фарҳанг инкишоф ва рушд мекунанд, зеро ташкили коллективҳои гуногуни маҳфилҳои эҷодӣ, ташкили фаъолияти онҳо ва ҷалб

намудан ба фаъолияти фарҳангию фароғатии ҷавонон яке аз вазифаҳои асосии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.

Маҳфилҳои эҷодӣ дар самти маърифатноккунонӣ ва тарбияи ҷавонон ташкили истироҳати фарҳангӣ ва бевосита иштирок кардани онҳо дар корҳои оммавӣ – сиёсӣ таҷрибаи калон пайдо кардаанд.

Дар маҳфилҳои эҷодӣ кори маърифатӣ ва тарбия, қонеъ гардонидан ва инкишоф додани шавқу ҳаваси маънавии ҷавонон дар асоси фаъолият, эҷодиёт ва ташабуси худи онҳо ба амал бароварда мешавад.

Фаъолияти бисёрҷабҳаи маҳфилҳои эҷодӣ ба инкишофи ҳарҷонибаи шахсият ёрӣ мерасонад. Маҳфилҳои эҷодӣ маҷмуи вазифаҳои тарғиботӣ ва тарбиявиро бо муваффақият ҳал карда, қобилияти эҷодии ҷавононро инкишоф медиҳанд ва истироҳати пурмазмуну шавқовари гурӯҳои гуногуни ҷавононро таъмин карда метавонад.

Вазифаи асосии маҳфилҳои эҷодӣ аз он иборат аст, ки бо чорабиниҳои худ вақти холии ҷавононро самаранок гузаронида, барои фароғати фоиданок ва судманд шароит муҳайё созанд.

Фароғати ҷавонон, пеш аз ҳама, ба моҳияти фаъолият муносибат дорад. Агар, мақсади фаъолияти меҳнатӣ, пеш аз ҳама, ба вуҷуд овардани масолеҳи муайяну таъмини шароитҳои зарурии зиндагӣ бошад, пас фаъолият дар вақти фароғат мақсади барқарор намудани қувваи ҷисмонию зеҳнии одамон мебошад.

Намудҳои фаъолият, ки вақти холиро пур мекунад, унсурҳои фароғатӣ меноманд ва ба онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ-намоишӣ дохил мешаванд.

Чорабиниҳои оммавӣ ҳар қадар бисёр омода ва баргузор карда шаванд, мавзуъ ва мазмуни онҳо ҳамон қадар ба гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон наздиктар мешаванд.

Тавре ки педагоги Шуравӣ А.С. Макаренко гуфта буд: «Коллектив тарбиятгари шахс ба ҳисоб меравад» [181]. Яъне, ҷавонон дар коллектив ташаккул меёбанд. Хислату рафторҳои худро ба низом медароранд.

Фаъолияти фарҳангию фароғатӣ ҷавононро муттаҳид намуда, талаботи

онҳоро ба робитаи васеъи иҷтимоӣ қонеъ мегардонад. Дар идҳои оммавӣ, намоишҳои театрӣ ва дигар шаклҳои оммавии фароғатӣ кори миқиёсан калони фарҳангию фароғатии дастаҳои ҳаваскорӣ ба назар мерасад ва аз тарафи дигар бадеияти намоишҳоро таъмин менамоянд.

Ташкил намудани маҳфилҳо, иттиҳодияҳои эҷодӣ, клубҳо аз рӯйи шавқу рағбат, студияҳо, озмоишгоҳҳо, устохонаҳо барои аён кардани истеъдодҳои ҷавон шароит фароҳам оварда, имконият медиҳанд, ки гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон ба эҷодиёт (бадеӣ, илмӣ, техникӣ ва ғайраҳо) ҷалб карда шаванд. Маҳфилҳои эҷодӣ на танҳо ҷавононро ба шакл ва намудҳои гуногуни фаъолияти фарҳангӣ шинос мекунанд, балки имкон медиҳанд, ки онҳо аз ҷиҳати эҷодӣ инкишоф ёбанд ва сарватҳои нави маънавӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд оранд.

Мушоҳидаҳо нишон доданд, ки маҳфилҳои эҷодиро дар ҳама ҷо аз рӯйи як қолаб ташкил кардан лозим нест. Эҷодиёти халқӣ дар ҳар як ноҳия такрорнашаванда аст ва шаклҳои худро талаб мекунад, ки ин ё он намуди санъат ва ё асбоби мусиқиро дар маддӣ аввал мегузорад.

Тавре дар боло зикр кардем тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ба хусус, дар фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ хеле назаррас аст.

Дар тули таърихи пайдоши маҳфилҳои эҷодӣ онҳо натанҳо воситаи рушди эҷодии шахсият, балки воситаи тарбия низ ба шумор мерафтанд.

Хусусияти эҷодиёти маҳфилҳо дар он аст, ки иштрокчиён ба таври ихтиёрӣ дар онҳо амал мекунанд. Иштирокчиёни маҳфилҳо ташаббускор буда, тайёрии махсуси пешакӣ надоранд.

Агар ба фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ назар афканем, пеш аз ҳама, мо бояд мафҳумҳои «эҷод» ва «маҳорат»-ро дуруст дарк кунем.

Вожаи «эҷод» яъне, ба вуҷуд овардан ва офаридан мебошад. Маҳорат бошад аз худкунии ҳаргуна ҳунар бо истифода аз таҷрибаи гузаштагон ба шумор меравад [117, с.10].

Бояд тазаккур дод, ки худфаъолиятӣ ин фаъолияти мушкил, бисёрҷабҳа

ва зудтағйирёбанда мебошад. Рушди инфиродии шахсият ҳангоми иштирок дар ҳар гуна фаъолиятҳо меафзояд ва созандаи арзишҳои маънавӣ мегардад.

Иштирокчиёни маҳфилҳои эҷодӣ дар коллективҳои худфаъолиятӣ, маҳфилҳо, студияҳо, ансамблҳо, марказҳо ва ғайра муттаҳид мешаванд. Ва мақасади ягона доранд.

Маҳфилҳои эҷодӣ, асосан, фаъолияти худро дар қасру хонаҳои фарҳангӣ ва дигар иншоотҳои иҷтимоӣ ба роҳ мемонанд.

Яке аз шаклҳои маҳфилҳои эҷодӣ ин ракс мебошад, ки ба воситаи он ҷавонон завқи зебоиписандӣ ва дар корҳои коллективона фаъолона иштирок карданро меомӯзанд. Бояд қайд кард, ки ба ин гуна фаъолият бештар ҷавондухтарон шавқу завқи зиёд доранд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳангоми гузаронидани корҳои таҳқиқотӣ дар ноҳияи Восеи вилояти Хатлон мо мушоҳида кардем, ки ҷавондухтарон бо як майлу хоҳиши том бо сарварии муаллима Раҳимова Санавбар ба чорабинӣ бахшида ба Рӯзи Истиқлолияти давлатӣ тайёрӣ медиданд. Дар ҳақиқат, аз раванди корҳои омодагӣ ба чорабинӣ муайян мегардид, ки ҷавонони ноҳия дар тайёрӣ ва ба намоиш гузоштани ҳунари худ таваҷҷуҳ ва майлу хоҳиши зиёд дошта, мехоҳанд, саҳми худро дар пешбурди ҳаёти ҷамъиятӣ гузоранд.

Бешубҳа, рақс яке аз таркибҳои маъруфи санъати тоҷик буда, эҷодкорон барои хушҳолӣ кардан иҷро менамоянд ва онро инчунин, «Бозӣ», «Усул», «Ларзон» ва «Арғушт» низ меноманд. Рақси тоҷикиро, асосан, дар туйҳо, таваллуди кӯдак, хурсандиҳои оилавӣ, навхонадорӣ, хатми мактаби олӣ ва ё дигар чорабиниҳо ки дар худ таърихи хоси чандсоларо доранд, иҷро менамоянд.

Яке аз намудҳои маъруфтарини рақси тоҷикӣ ин аз нигоҳи номи минтақавӣ «Рақси Помирӣ» ва «Рақси Кулобӣ» мебошад. Вобаста ба оҳангу асбоб бошад, намудҳои «Рақси якка», «Аспакбозӣ», «Шамшербозӣ» ва дигарҳо мебошанд, ки аз қадиммулаём, то ба имрӯз омада расидаанд [276].

Иштирок дар маҳфилҳои эҷодӣ ба ҷавонон таъсири худро баръало

расонида, ташаккули эҷодии онҳоро тақвият мебахшад.

Фаъолияти эҷодӣ ин фаъолиятест, ки шавқу завқи шахсро баланд бардошта, қобилиятҳои фаҳмиш, дониш, зеҳн, заковат ва дигар хислатҳои инсониро ба маротиб боло мебардорад. Маҳфилҳои эҷодӣ вазифаи рушди эҷодии иштирокчиёнро ба уҳда дошта, ташаккули арзишҳои зебоиписандӣ ва ба танзим даровардани рафторҳои ҷавононро пайгир мебошад.

Инчунин, маҳфилҳои эҷодӣ вазифаи ташкилӣ-педагогиро низ доро мебошад. Ба инҳо дохил мешавад: вазифаи ташкилӣ, идоракунии эҳсосот, раванди воридшавии иштирокчиён ба фаъолият, фароғат, тарбия ва ғайра.

Гайриқаноатбахш ташкил кардани раванди педагогӣ ҳангоми гузаронидани машқҳои саҳнавӣ ва баҳои мувоффиқ надодан ба ҳолат ҳамаи ин ба вазифаҳои дар пеш гузошта, яъне тарбияи маънавию зебоиписандии ҷавонон монеа эҷод мекунанд. Ташкилотчӣ-педагог дар коллектив ва дар ташаккули рушди эҷодии иштирокчиён нақши созгор дорад.

Бояд қайд кард, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ маҳфилҳои эҷодӣ вазифаи маърифатӣ ва ташкили фароғатро метавонанд пурсамар амалӣ намоянд. Аз ин рӯ, агар дар қасрҳои фарҳангӣ шумора ва хелҳои маҳфилу дастаҳои ҳаваскорон зиёд бошанд, ин ба фаъолноккунии ҷавонон кумак расонида, барои бою ғанӣ гардонидани тафаккури маънавии онҳо мусоидат мекунад.

Раванди фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ хеле мураккаб аст, зеро аз лаҳзаи ташкилшавии маҳфил, то давраи ҳамаҷониба мустаҳкам гардидани он роҳбари маҳфил корҳои зиёдеро ба сомон мерасонад.

Маҳфилҳои эҷодӣ аз як тараф имкон медиҳад, ки шахс шавқу завқи табъи худро қонеъ намояд ва аз тарафи дигар аъзои маҳфил дар ҳаёти фарҳангии ноҳия ва маҳал иштирок намояд. Дар ҷараёни фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ иштирокчӣ аз ҷиҳати маънавӣ баҳра бурда, дараҷаи ҷаҳонбинӣ ва завқи бадеии ӯ инкишоф меёбад.

Барои он, ки эҷодиёт мақбули халқ бошад, ғайр аз наву замонавӣ будани он, натиҷаҳои фаъолияти эҷодӣ бояд дастраси халқ бошанд.

Дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон муассисаҳои фарҳангӣ-клубӣ аз шаклҳои гуногуни маҳфилҳои эҷодӣ истифода мебаранд. Намудҳои асосии маҳфилҳои эҷодии клубҳо аз инҳо иборатанд: маҳфилҳои драмавӣ, хорӣ, мусиқӣ, хореографӣ, эстрадӣ, театрҳои халқӣ, санъати тасвирӣ, дӯзандагӣ, назму наср, хониши бадеӣ, дӯстдорони синамо ва ғайра. Дар байни ин намудҳои маҳфилҳои эҷодии омехта, театрҳои халқӣ ва коллективҳои ҳаваскорони санъат ҷои намоёнро ишғол мекунанд ва дар баланд бардоштани завқи эстетикии ҷавонон нақши хеле калон мебозанд.

**Ҷадвали 1. Адади муассисаҳои фарҳангии шакли клубӣ** [242, с.178].

| Солҳо | Дар умум | Дар шаҳр | Дар деҳот |
|---|---|---|---|
| 2017 | 815 | 97 | 718 |
| 2018 | 789 | 160 | 629 |
| 2019 | 776 | 182 | 594 |
| 2020 | 785 | 204 | 581 |
| 2021 | 774 | 196 | 580 |
| 2022 | 772 | 140 | 632 |
| 2023 | 750 | 132 | 618 |

Агар, ба ин ҷадвал таваҷҷуҳ намоем, мебинем, ки сафи муассисаҳои клубӣ сол аз сол кам шуда истодааст (ниг. ба ҷад. №1). Дар ҷумҳурӣ агар дар соли 2017 – 815муассисаҳои клубӣ, соли 2018 – 789, соли 2019 – 776, соли 2020 – 785, соли 2021 – 774, соли 2022 – 772 ва соли 2023 – 750 фаъолият мекарданд, ин адад сол то сол кам гардида, дар тӯли ҳафт соли охир қариб 65 адад муассисаи клубӣ фаъолияти худро қатъ карданд. Албатта, сабабҳои ин ҳолат гуногун бошанд ҳам, аммо аз бисёр ҷиҳат аз роҳбари дилсӯзу ғамхор ва фарҳангпарвари худи ин муассисаҳо вобастагии калон дорад.

Дар шаҳрҳо муассисаҳои клубӣ дар соли 2017 – 97 адад, соли 2018 – 160, соли 2019 – 182, соли 2020 – 204, соли 2021 – 194, соли 2022 – 140 ва соли 2023 – 132 адад расид. Мутаассифона дар тули 7 сол, яъне аз соли 2017 то 2023 – 72 адад муассисаҳои клубӣ фаъолияти худро қатъ карданд.

Дар деҳотҷойҳо бошад, соли 2017 – 718 адад, соли 2018 – 629, соли 2019 – 594, соли 2020 – 581, соли 2021 – 580, соли 2022 – 632 ва соли 2023 - 618 адад

муассисаҳои клубӣ фаъолият доранд. Дар тули ҳафт соли охир, яъне аз соли 2017 то соли 2023 шумори муассисаҳои клубӣ дар деҳотҷойҳо низ кам гардидааст. Агар, дар соли 2017 – 718 адад муассисаҳои клубӣ амал мекарданд, пас дар соли 2023 ин шумор ба 618 адад расид.

Дар маҷмуъ, новобаста аз кам гардидани муассисаҳои клубӣ нисбати солҳои пешин муассисаҳои амалкунанда фаъолияти худро тибқи талаботи Вазорати фарҳанг ба роҳ монда, баҳри баланд бардоштани маънавиёти аҳолӣ ҷидду ҷаҳд менамоянд.

Таҳлилҳои педагогӣ ва омӯзиши вазъи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нишон доданд, ки дар аксари қасрҳою хонаҳои фарҳангии ҷумҳурӣ ансамблҳои тарона ва рақси ҳаваскорӣ амал мекунанд. Ин гуна ансамблҳо аз ҳофизон, навозандагони асбобҳои халқӣ ва гурӯҳҳои рақсӣ иборат мебошанд.

Маҳфилҳои мусиқӣ дар шароити имрӯза оммаи васеи дӯстдорони мусиқиро дар ҳайати дастаҳое, ки дар назди клубу хонаҳои фарҳанг амал мекунанд, ҷалб намудааст. Ҳоло дар муассисаҳои фарҳангӣ-клубии ҷумҳурӣ оркестрҳои асбобҳои халқӣ, оркестрҳои нафасӣ, эстрадӣ ва ғайра амал мекунанд.

Иштирокчиёни ин намуди маҳфилҳои эҷодӣ дар вақтҳои холии худ навохтани ин ё он намуди асбоби мусиқиро аз худ карда, завқи маънавӣ ва фарҳангии худро боло мебардоранд.

Драматурги бузурги Олмон Бертолд Брехт вобаста ба ин гуфта буд: «Санъат воситаи тарбия ба шумор меравад, аммо ҳадафи он лаззат бахшидан ба аҳолӣ мебошад» [31].

Дигар намуди маҳфилҳои эҷодӣ дӯстдорони саҳнаҳои театрӣ ба шумор меравад. Дӯстдорони ин намуди санъати эҷодӣ песаҳои драматургони ватанию хориҷиро ба саҳна мегузоранд.

Шакли олии ҳаваскории театрӣ - театрҳои касбӣ ба ҳисоб мераванд. Ҳоло дар ҷумҳурӣ 26 театри касбӣ фаъолият мекунанд. [200, с.178]. Театрҳои касбӣ новобаста аз мушкилоти ҷойдошта ба аҳолӣ бо тамоми иқтидори эҷодӣ хизмат расонида истодаанд. Хусусияти характернокии фаъолияти театрҳои касбӣ дар

он дида мешавад, ки фаъолияти онҳо тибқи нақша ва кори доимӣ-эҷодӣ ва таълимӣ-тарбиявӣ ба роҳ монда шудааст.

Баъди омӯзиш ва таҳлилҳои педагогӣ бояд гуфт, ки дар ин самт бисёр норасоиву камбудиҳо низ ҷой доранд. Инро, пеш аз ҳама, дар ҷараёни ташкили маҳфилҳои эҷодӣ, имконияти ташкили маҳфил, мушкилиҳои амалӣ намудани раванди эҷодӣ ва педагогӣ, интихоби репертуар ва муайян намудани нақшаҳои минбаъда дидан мумкин аст.

Норасоии дигар дар шароити имрӯза ин аз ҷиҳати моддӣ на ҳама маҳфилҳои эҷодӣ дастгирӣ карда мешаванд. Аз ин рӯ, шумораи маҳфилҳои эҷодӣ то як андоза кам шуда истодааст.

Барои беҳтар намудани фаъолияти маҳфилҳои эҷодӣ ва таъмини иштироки ҷавонон дар фаъолияти фарҳангию фароғатӣ ба чунин ҷанбаҳо аҳамияти ҷиддӣ додан зарур аст:

1. Дастгирии маҳфилҳои эҷодӣ аз ҷиҳати моддӣ.
2. Ташкили дастаҳо дар назди ширкатҳо ва муассисаҳои тиҷоратӣ.
3. Барои ташкили дурусти фаъолияти маҳфил баланд бардоштани масъулияти марказҳои эҷодиёти халқӣ.
4. Сари вақт таъмин намудани маҳфилҳои эҷодӣ бо маводҳои методӣ.
5. Дуруст фаҳмониданида додани масъалаҳои пеш омада.
6. Имконияти бештар додани мустақилияти маҳфилҳои эҷодӣ.
7. Шароит фароҳам овардан барои иштирок дар чорабиниҳо.

Бояд гуфт, ки баъди ба инобат гирифта ва эътибор додани ин ҷанбаҳо мо ба ҳадафҳои худ, яъне ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ноил гардида метавонем.

Маврид ба зикр аст, ки дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон клубҳо, яъне клубҳои ҷавонон ба мисли клубҳои ҳозирҷавбон нақши босазое мегузоранд. Ин шакли клубҳо ҷаҳонбинӣ, зиракӣ, ҳушёрӣ, фикррони, эҷодкорӣ ва зеҳну заковатӣ ҷавононро хеле баланд мебардоранд. Диққатҷалбкунии тамошобинон, махсусан ҷавонон аз тарафи чунин клубҳо дар он аст, ки дар ин ҷо ду ва ё зиёда даста ба ҳам қувва меозмоянд. Дар ин раванд

ҷиҳати тафаккури шахс ташаккул ёфта, фаҳмишҳо ғанӣ мегарданд.

Барои ҳадафрас гардидан ба мақсадҳои гузошташуда бояд мазмуни чорабиниамонро пурзур намоем. Нақши аввалияро барнома ё сенария, баъди он, маълумот дар бораи чорабинӣ аз тариқи овезаҳо, афишаҳо, даъватномаҳо, радио, телевизион ва ғайра бозӣ мекунанд. Бояд инро низ фаромуш накард, ки тарғибу ташвиқ яке аз роҳҳои ба даст овардани аудуторияи ҷавонон ба ҳисоб меравад [104, с.34].

Тавре ишора кардем нақши аввалияро сенария ё худ барномаи чорабинӣ таъмин мекунад. Сенария ин раванди банақшагирии педагогӣ, равонӣ, иттилоотӣ ва бадеӣ-эстетикӣ мебошад. Сенария инъикосгари таъсиррасонии зеҳнӣ ва ҳиссии барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ ба шумор меравад. Шавқовару гуворо гузаштани чорабинӣ аз сенарист ва шахси мутасаддӣ вобастагии калон дорад. Дар ин маврид бояд имкониятҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва клубиро низ аз madди назар дур нагирифт.

Мазмуни чорабинӣ бояд мавзуи мубрами рӯз ва хости ҷавобгӯи талаботи ҷавонон бошад.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон доданд, ки дар шароити имрӯзаи иқтисоди бозоргонӣ мазмуну мундариҷаи фаъолияти муассиаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ куллан тағйир ёфтааст. Ҷавонон дар як ҳолати ногувор карор доранд. Шахсони калонсол ҳоло ҳам дар ҳамон ақидаҳои пешини худ қарор доранд ва наметавонанд ба ҷавонон кумак расонанд. Вале, ба замми ин нигоҳ накарда ҷавононро зарур аст, то худ пуёи роҳи худ гарданд. Аз ин лиҳоз, муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ки ба саволҳои пайдошудаи замон ҷавобҳои мушаххас пайдо карда, талаботи маънавии ҷавононро қонеъ гардонанд.

Аз тарафи дигар ахбороте, ки мо ба тамошобин пешкаш мекунем, бояд диққатҷалбкунанда бошад. Ахборот бояд возеҳ, равшан, содда ва оммафаҳм бошад. Истифодабарии гуфтаҳои бузургон, зарбулмасалҳо ва пандномаҳо аз манфиат холӣ нест.

Мусаллам аст, ки дар шароити муосир ахборот дар зиндагии ҳаррӯзаи мо яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол кардааст. Компютер ва Интернет ба зуди

ҳамқадами ҳаёти мо гаштаанд. Ин ба зиёдшавии талаботи ҷавонон оварда расонид. Аз як тараф ахбороти зиёд ба мафкурраи ҷавонон таъсири манфӣ расонад ҳам, аз тарафи дигар рушду нумӯи ҳар як давлати дунё аз он вобастааст. Дар ҳамбастагӣ бо ин, муассиаҳои фарҳангиро зарур аст, ки фаъолияти худро дар ин самт ҷоннок намуда, талаботи маънавии ҷавононро бо истифода аз технологияҳои муосир қонеъ гардонанд.

Мушкилии дигари ҷавонон дар он аст, ки онҳо вақти бисёри худро дар назди компютерҳо, телефонҳои мобилӣ ва сайри дунёи компютерӣ мегузаронанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки телефонҳои мобилӣ, компютерҳо ва дигар асбобҳои барқӣ ҳамқадами бемайлони ҳаёти мо гаштаанд. Дар шароити кунунӣ компютерҳо мавқеи телевизионҳоро оҳиста-оҳиса танг карда истодаанд, ки то як андоза ташвишовар ба назар мерасад.

Шахс ҳангоми дохили ҷаҳони Интернетӣ ба тамоми саволҳои худ ҷавоб ёфта метавонад. Ин аз як ҷиҳат хуб аст, аммо дар Интернет маводҳое низ вуҷуд доранд, ки ба рӯҳияи шахс таъсири манфӣ мерасонанд.

Хулоса, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро зарур аст, ки ба ҷавонон, барои мутобиқ кунонидани онҳо дар ин «дунёи нав», ёрӣ расонанд. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро такмил ва ташаккул бояд дод. Роҳҳову усулҳои навро бояд кашф кард. Роҳҳое ҷустан лозим аст, ки ҷавонон мисли солҳои пешин шавқ ба клубу хонаҳои фарҳангӣ дошта бошанд. Талаботи маънавии ҷавононро бояд қонеъ кард. Ва дар ин раванд аз мадди назар тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳоро низ нодидагирӣ насозем. Ҳар қадаре, ки ҷаҳони маънавии шахс ғанӣ бошад, ҳамон қадар рафтору кирдор, одоби муоширағ, ҳисси зебоиписандӣ, меҳру садоқат ба Ватан ва амсоли инҳо дар ӯ дида мешавад.

## 1.2. Моҳият ва хусусиятҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

Душворӣ ва норавшании рушди фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ, набудани муайянкунандаи илман асоснокшуда, ба вазифаҳо ва хусусиятҳои асосии фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ таъсири манфии худро мегузоранд.

Дар муҳити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ-фароғатӣ шаклҳои фаъолият гуногунанд, ки ин хусусият мавқеи муассисаҳои фарҳангиро дар баробари дигар муассисаҳои таълимӣ баланд бардошта, моҳияти иҷтимоӣ-тарбиявӣ доштани худро ба воситаи чорабиниҳо муаррифӣ месозанд.

Хусусияти асосии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар он аст, ки раванди эҷодӣ ва тарбиявӣ дар як радиф меистанд.

Дар раванди ташкили чорабиниҳо ва баргузории онҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ иштирокчиён ба ҳам таъсир расонида, ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба амал меоянд.

Тазаккур бояд дод, ки самаранокии раванди тарбия дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз педагог-ташкилотчӣ ва аз қобилиятҳои педагогӣ-равонии ӯ вобастагии калон дорад. Чунки педагог-ташкилотчӣ бевосита бо ҷавонон, ки ташрифоварандаи фаъоли муассисаҳои мазкур мебошанд, сару кор дорад. Ва хислату рафтори онҳо(ҷавонон) низ гуногунанд.

Педагог В.Г. Белинский гуфта буд: «Мақсади тарбия ин инсондӯстӣ ва инсонгароӣ, воситаи он бошад, муҳаббат аст. Дар раванди фаъолият сахтгир будан хуб, меҳрубонӣ хубтар ва одилона муносибат кардан беҳтарин мебошад» [258, с.4].

Мақсади фаъолияти педагогӣ ташаккули шахсият мебошад. Ва ҳар як фаъолияти педагогӣ ҳамчун воситаи расидан ба ин ҳадафҳо хизмат мекунад.

Муҳити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои бардошти маънавиёт, фаҳмишҳо ва таҳлили ахбороте, ки дар ҷомеа ба вуқуъ мепайвандад, заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Ҳангоми воридшавӣ ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шахс ба муҳити тамоман нав, ки ҳама бо як мақсад ҷамъ шудаанд, бармехӯрад. Дар ин ҳангом

шахс меъёрҳо ва арзишҳои ҳуқуқӣ, маънавӣ, иҷтимоӣ, оилавӣ ва шахсиро пайдо мекунад.

Дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ иштирокчиён ҳангоми муоширaт ба ҳамдигар таъсир расонида, ба саволҳои худ ҷавобҳо пайдо мекунад. Калонсолон ба ҷавонон аз таҷрибаҳои ҳаётии худ дар бобати ягон масъала маслиҳатҳо дода, сатҳи тарбия, ҷаҳонбинӣ, фаҳмиш ва маҳорат дар онҳо меафзояд.

Бояд гуфт, ки идроки арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши муҳим дорад. Дарки арзишҳо барои ташаккули рафтор, гуфтор, амал, ҳаракат ва хислати ҷавонон замина мегузорад.

Устувории эҳсосот ва таҳлили тафаккурӣ пойгоҳ барои ташаккули эътиқод ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон месозанд.

Яке аз хусусияти дигари муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин аст, ки раванди тарбияро ҳангоми фароғат ба худтарбиякунӣ табдил медиҳад. Бояд қайд кард, ки омӯзиш нишонаи кӯшиши худтакмилдиҳӣ ва мукаммалӣ намебошад. Ҷавонон ҳамон вақт ба камолот мерасанд, ки таҳлил, ҷустан ва фикр карданро ёд гиранд.

Яке аз методи самараноки тарбия ин мустақил фаъолият кардан дар вақти фароғат мебошад.

Умуман, фароғат вақти холие мебошад, ки дар он талаботи фарҳангии шахс қонеъ гардонида мешаванд. Дар баробари фаҳмиши фароғат донистани фарҳанг ҳам аз манфиат холӣ нест. Ба маънои асосиаш вожаи «фарҳанг» ин дастовардҳои сарҷамъонаи моддию маънавии инсоният мебошад, ки дар раванди тараққиёти таърихии худ офаридааст[161,с.4]. Фарҳанг фаъолияте ҳисобида мешавад, ки инсон мақсадҳои дар пеш гузоштаи худро пайгир мешавад.

Фарди муосир ҳангоми дарк намудани худ, ҳис мекунад, ки вақти ба тақдири умумиинсони рӯ овардан расидааст. Ва ӯ на танҳо дар бораи ватану миллати худ, балки оид ба ҳаёти инсоният низ фикр мекунад. Ин фикрронихо ӯро ба боз ҳам пурратар фаҳмидани фарҳанг равона месозад. Фарҳанг шахсро

ба арзишҳои умумибашарӣ, ба қабули рафторҳои нек ва парҳез аз кирдорҳои ношоям оварда мерасонад. Хусусияти дигари фарҳанг ин ташаккулдиҳии фарҳанги шахс ба шумор меравад. Дар ин ҷо вай вазифаи шахсро аъзои ҷомеа кардан ва дар ҳаёти ҷамъияти иштирок кардани ӯро таъмин мекунад.

Маҳз, ба шарофати фарҳанг шахс ҷаҳонро дарк мекунад ва манбаи таҷрибаҳои ба даст омада маҳсуб меёбад [18, с.8].

Хусусияти дигари муҳими фарҳанг ин донистани маънои ҳаёт мебошад. Дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти ҳаётӣ дар назди шахс чунин саволҳо пайдо мешаванд: чӣ кор бояд кард? ва чӣ натиҷаро ба даст орем? Ба воситаи фарҳанг инсон худро рушд дода, арзишҳои стратегӣ месозад ва амалҳои ҳаррӯзаи худро аз рӯи он тарҳрезӣ мекунад.

Ҷойи асосӣ ва нисбатан дастрас барои ҷавонон ва эшонро ба фарҳанг ҷалб намудан ин муассисҳои гуногуншакли фарҳангӣ мебошанд. Маҳз, дар ҳамин ҷо инсон имкониятҳои фарҳангӣ-фароғатии худро истифода бурда, бо дастовардҳои фарҳангии ватанию хориҷӣ метавонад шинос шавад, ки ин амал барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо кумакҳои ҳамаҷониба менамояд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ мо ба дигаргуниҳои чуқури сифатан, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фароғатӣ гузаштаанд ё гузашта истодаанд эътибор надодем.

Аз он ҷумла, дар вохӯрии навбатии худ бо зиёиёни кишвар дар соли 2001 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд карда гузаштанд, ки дар ҷумҳурӣ гӯё ҳазорҳо китобхона ва коргарони он кор ва фаъолият мебаранд, аммо дар асл ягон кас намедонад, ки ин муассисаҳо дар кадом вазъ қарор доранд ва умуман мутахассисони ин соҳо аз иҷрои вазифаҳои худ мебароянд ё на [74, с.32].

Китобхонаҳои имрӯза дар кадом кишвари мутараққие, ки бошанд ин маркази иттилоотӣ-равшаннамоӣ буда, дар он ҷо аз хотираи компютерҳо ва аз воситаҳои таҷҳизотҳои муосири овозӣ ба таври васеъ истифода мебаранд.

Барои ҷалби ҷавонон ба китобу китобхонӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз ҳамаи методҳои педагогӣ истифода намудан, кори педагог-

ташкилотчиро дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба маротиб метезонад.

Мутахассисони америкоӣ мегӯянд: «Муҳим нест, ки мо чӣ фикр дорем. Муҳим он аст, ки хонандагони мо чӣ мехоҳанд. Мо дар хизмати ҷомеа ҳастем ва мо бояд талаботи ҷамъиятро қонеъ гардонем» [304, с.134].

Дар солҳои пешин китобхона танҳо ҷойи хондани рӯзномаю маҷала ва китобҳо буд. Имрӯзҳо бошад, ҷойи қонеъ кардани талаботи маънавӣ ва ба фароғат машғулу ҷалб кардани аҳолӣ мебошад.

Мутахассисони америкоӣ мегӯянд: «Имрӯзҳо муштариёни китобхонаҳо на танҳо барои гирифтани китоб ва хонадани он меоянд, балки барои дидан ва дохил шудан ба почтаҳои электронӣ..., саҳифагардон кардани маҷалаҳо ва нушидани қаҳва ташриф меоранд» [304, с.134].

Таваҷҷуҳ ба муштариёни китобхона ин шакли нави корӣ дар фаъолияти китобхонаҳо мебошад. Бо ин принсип на танҳо дар Америка, балки дар Олмон низ фаъолият ба роҳ монда шудааст.

Мутахассисони Олмонӣ чунин мегӯянд: «Барои ташрифоварандагони китобхонаҳо ҷойи бароҳат, шароит барои дастрасии ҳама намуди ахборот, ба муҳит ва ҳаёти китобхона ворид намудани муштариён ташкил кардан зарур аст» [304, с.134].

Дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ талабот ба мундариҷаи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ миқдоран тағйир ёфтааст. Одамон маърака ва чорабиниҳои пуршуру ғавғоро, ки ба муносибати муваффақиятҳои меҳнатӣ барпо мегарданд ва дар онҳо лексияҳо ва дигар ахбороти дилгиркунанда баргузор мегардад, катъиян рад мекунанд. Одамони имрӯза аз муассиаҳои фарҳангӣ на танҳо тарбияи оддӣ ва таълимоти иқтисодӣ, инчунин шароити мусоид барои истироҳати хуб, муоширати бофарҳанг, гирифтани ахбороти мароқангез, бархурд бо санъат барои ташаккули маҳорати эҷодӣ ва таъмин кардани талаботи фарҳангиро интизоранд. Тамоми ҷомеаи солим онро тарғиб менамояд, ки таълиму тарбия дар ҳамаи муҳити фаъолияти рӯзмарра талқин

карда шавад, аз он ҷумла, дар муассисаҳои фароғатӣ низ ин раванд ба таври хоси худ сурат мегирад.

Таҳти таъсири муҳит, фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ, ки онро худи шахс меофарад, тағйир ёфта метавонад. Аз ин лиҳоз, аҳамияти фаъолияти маърифатии инсон ҳангоми фароғат меафзояд. Хусусияти фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ин иштирок дар амалҳои аниқ, ки муайянкунандаи самти афзалиятнок мебошад, зоҳир мегардад. Дар ин ҷо муносибати «шахсият-ҷамъият» ҳамчун низоми истеҳсолот мебошад, ба мисли кор дар корхона ё дар соҳибкорӣ ва ғайра. Яъне, дар фаъолияти ҳамбастагӣ ин раванд пайдо мешавад. Аз ин рӯ, фаъолияти фарҳангӣ- фароғатӣ ин яке аз роҳҳои мустаҳкам намудани муносибатҳои шахс – коллектив - ҷомеа мебошад [104, с.34].

Ба сатҳи баланд бардоштани ин равандро мо он вақт ба даст меорем, ки агар чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ гуногуншакл бошанд, яъне шахс аз як шакли фаъолият ба дигар шакл гузаронида шуда, қувваю нерӯи худро барқарор карда тавонад.

Хусусияти фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ҳам маҳз, дар ҳамин мебошад, ки чунин гуна ҳолати шахс, барои пешрафти имкониятҳои ӯ, яъне вазифаҳои рушдкунии вай таъмин карда шаванд.

Ҳамаи гуфтаҳои дар боло зикр гардида хусусиятҳои фаъолияти фарҳангӣ-фароғатиро муайян карда, дар шакли барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ татбиқ мегарданд.

Таҳлили фаҳмиши хусусиятҳои фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ онро нишон медиҳад, ки ин вожа дар худ чунин хислатҳоро ба монанди ташаббускор, худфаъолият будан ва такя кардан ҳангоми ташкили фароғат ба мутахассиси ин соҳаро дар бар мегирад. Дар фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ мутахассисоне бояд рӯйи кор оянд, ки онҳо таҷрибаи бо ҷавонон муносибат кардан ва дорои принсип, восита, метод ва тарзҳои дурусти корӣ бошанд.

Бояд дар назар дошт, ки фаъолияти фароғатӣ, ки ба таври стихиявӣ пайдо мешавад, ҳеҷ гоҳ худро пурра ва мукаммал ҳамчун омили фарҳангӣ татбиқ

карда наметавонад. Маҳз, аз ҳамин сабаб таъсири муайяни ташкилӣ-педагогӣ зарур аст [312, с.3].

Мушкилии мутахассиси ин соҳа дар он аст, ки дар шароити фароғат шахс аз ҳар тараф таъсирҳои манфиро ҳис мекунад. Аз ин рӯ, аз таҷрибаи мутахассис вобастааст, то кадом андоза барои рафъи ин омилҳои пайдо шуда ва таъсир расонидан ба ҳиссиёти шахсро доро мебошад. Мутахассиси муассисаи фарҳангӣ роҳҳо ва воситаҳоеро бояд пайдо кунад, ки шахсро ба фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ҷалб карда, талаботи маънавии ӯро қонеъ гардонад, яъне дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо саҳми босазое дошта бошад.

Ҳар як шахс бо ҳар мақсад ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташриф меорад. Ва ҳар як иштирокчӣ хислат ва рафтору амалҳои худро дорад. Аз ин лиҳоз, мутахассиси соҳаро зарур аст, ки аз методҳои педагогии муносибат бо иштирокчиён бархурд бошад. Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки фарғати ҷавонон аз дигар гурӯҳҳои синну солӣ бо ҷиҳатҳои маънавӣ ва ҷисмонӣ ба куллӣ фарқ мекунанд. Ба ин хусусиятҳо чунин нишонаҳоро ба мисли аз ҳад зиёди эмотсионалӣ, серҳаракат будан, тағйири авзо, зуддарккунӣ ва амсоли инҳо дохил мешаванд. Диққати ҷавононро ба худ ҳамаи он чизе ки номаълум ва номуайян аст, ба зудӣ ҷалб мекунад. Дар ин ҷо, вазифаи асосии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз он иборат аст, ки барои қобилияти эҷодии ҷавонон шароитҳои муносиби педагогӣ фароҳам оранд.

Ба фарҳанг рӯй овардани ҷавонон чунин ҷанбаҳои маърифатии онҳоро вусъат мебахшад:

- таҷрибаи азхудкунии технология, яъне қобилияти маҳорати ҳаракатҳои саҳнавӣ(таъсирбахшона);
- аз сар гузаронӣ ва муносибат;
- таҷрибаи эҷодӣ дар саҳна, яъне мақсади нақши дар саҳна офаридаро ба тамошобин расонидан;
- аз худ кардани навгониҳо;
- фаҳмишҳо дар соҳаи фарҳанги бадеӣ, равоншиносӣ, донистани меъёрҳои ахлоқии ҷомеа;

- ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва зебоиписандӣ.

Фароғатшиносони америкоӣ ҷанбаҳои фароғати иҷтимоиро таҳлил карда, дар ин бораи чунин ақида доранд: «Фароғат, талаботи маънавии инсонро таъмин карда метавонад. Бо туфайли фароғат шахс муносибати эҳтиромонаро нисбат ба худ ташаккул медиҳад. Ҳатто, ба воситаи фароғат ноқисиҳои худро шахс ислоҳ карда метавонад. Фароғат барои ташаккули хулқу атвори шахс масъул буда, чунин сифатҳоро ба мисли ахлоқи ҳамида, боварӣ ба худ, мардонагӣ, пуртоқатӣ, самимӣ ва ростқавлиро ба вуҷуд меорад.

Арзиши махсуси фароғат дар он аст, ки вай метавонад сифатҳои беҳтарини шахсро такмил диҳад. Агар онро ба ҳисоб гирем, ки аз 70 соли ҳаёти инсон 27 солаш дар фароғат (вақти холӣ) мегузарад, он гоҳ имконияти воқеии онро дарк мекунем» [104, с.37].

Пешбарандаи асосӣ барои фаъолияти фарҳангӣ ин озодӣ мебошад, ки вай аз ҷониби мо ҳамчун дарки ҳатмии амалҳои инсонӣ мутобиқи қонунҳои ҷомеа, имкониятҳо ва маҳорати интихоби хусусиятҳои амал фаҳмида мешавад. Интихоби озод дар фароғат чунин интихоберо меноманд, ки интихобкунанда на танҳо як намуди фаъолиятро пайгир мешавад, балки имкониятҳои ӯ дар ин раванд хеле меафзоянд. Барои ҳамин озодии шахс дар интихоби мақсадҳо ва воситаҳо дар шароити фароғат барои рушди арзишҳои маънавӣ- ахлоқӣ аҳамияти калон дорад.

Ташкили шароит барои гузаронидани корҳои фарҳангӣ – фароғатӣ аз ҷониби муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ як қатор талабот дорад, аз ҷумла: мавҷуд будани сарчашмаи моддӣ-техникӣ ва захираҳои дохилӣ дар муҳити ноҳия ва ё шаҳр, инчунин мавҷуд будани мутахассисони тахассуснок ва амсоли инҳо. Барои равшану возеҳ намудани ҳолату иқтидори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ муҳимтараш он аст, ки ҷавононро ба корҳои фарҳангӣ-фароғатӣ, ки асоси тарбияи шахсиятро ба уҳда дорад, ҷалб намудан лозим аст.

Рушд намудани хизматҳои пулакӣ, фаъолияти тиҷоратию кооперативӣ, ҷорӣ намудани ҳисоби хоҷагӣ, гузаштан аз идоракунии маъмурӣ ба низоми фармоишҳои иҷтимоӣ ва муносибатҳои шартномавӣ ҳамаи ин ба таври қатъӣ

вазъиятро дар фаъолияти амалии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дигаргун намуд. Феълан, тамоюли нисбатан ташвишовар ин поён рафтани нуфузи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар байни ҷавонон мебошад, чунки фоизи ками онҳо ба ин намуд ҷойҳо меоянд.

Яке аз сабабҳои асосии коста гардидани обрӯи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин барои гузаронидани чорабиниҳои хусусияти оммавӣ дошта ва баргузор намудани консертҳои ҳофизони касбӣ мебошад. Зеро, чунин намуди чорабиниҳо аз мутахассисони соҳаи фарҳанг меҳнати начандон зиёдро талаб мекунад. Яъне, талаботи маънавии ҷавононро ин намуд чорабиниҳо ба пуррагӣ қонеъ карда наметавонанд.

Имрӯзҳо низоми асоснокшудаи моддӣ, ҳуқуқӣ, психологию педагогӣ ва таъмини ташкилию методии азнавсозии кори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, банизомдарории ташаббусҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳо кам ба чашм мерасанд.

Табадулот ва тағйироте, ки дар ҳамаи соҳаҳо ва сохторҳои ҷомеа сурат гирифта истодаанд, таъсири худро ба фаъолияти ҷавонон натанҳо ба ҷиҳати мусбӣ балки ба тарафҳои манфӣ ҳам расонид.

Хусусият ва вазифаҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ-фароғатӣ аз он иборат аст, ки корҳои ахборотӣ-равшаннамоӣ дар байни ҷавонон гузаронида, барои фароғати онҳо корҳои назаррасе ба анҷом расонанд. Бо ҳамин мақсад ташкил ва гузаронидани шабнишиниҳо, консертҳо, озмунҳо, ширкатҳои тарғиботию ташвиқотӣ дар мавзуъҳои, «Фарҳанг ва ҷомеа», «Анъана ва урфу одатҳои миллӣ», «Тоҷикистон – Ватани ман» ва ғайра аз манфиат холӣ нест. Мо ҳамон вақт ҳадафарас мешавем агар худи ҷавононро дар ташкил ва гузаронидани чунин чорабиниҳо ҷалб созем, яъне чорабинӣ дар якҷоягӣ бо коркунони муассисаи фарҳангӣ ва ҷавонон гузаронида шавад.

Проблемаи дигаре, ки мо мехоҳем дар диссертатсия ҷой диҳем ва роҳҳои ҳалли онро ҷустуҷӯ намоем ин қонуншиканиҳо аз тарафи бархе ҷавонон мебошад, зеро ин раванди номатлуб аз тарафи ҷавонон дар шароити имрӯза хеле зиёд гардида, ҷомеаро ба ташвиш овардааст. Барои ҳалли ин масъала, пеш аз ҳама, донистани сабабҳои он зарур аст. Ин ҳам бошад зиёдшавии сафи

бекорон, ноҳақии иҷтимоӣ, рӯзгори носолими баъзан оилаҳо, фарҳанги паст, нобоварӣ ба имкониятҳои худ, надонистани қонун, надоштани маънавиёт ва ғайра мебошанд.

Барои тарбияи ҷавонон бояд ҳамаи сохторҳои ҷамъиятӣ ҷалб карда шаванд. Яке аз воситаҳои тарбияи ҷавонон ин ҷалб кардани онҳо ба фаъолияти меҳнатӣ ва ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ба корҳои иҷтимоӣ- фарҳангӣ мебошад.

Бисёри ҷиноятҳо аз тарафи ҷавонон аз надонистани қонун сар мезананд. Ва надонистани қонун ягон касро аз ҷавобгарӣ озод наменамояд. Аз ин лихоз, ба тарбияи ҳуқуқии ҷавонон тамоми институтҳои иҷтимоӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ равона карда шаванд.

**Ҷадвали 2. Нишондодҳои содир кардани ҷиноят аз тарафи наврасон ва ҷавонон**[242,с.196]

| Солҳо | Аз рӯйи синну сол дар ҳолати содир кардани ҷиноят | | | |
|---|---|---|---|---|
| | 14-15 сола | 16-17 сола | 18-24 сола | 25-29 сола |
| 2017 | 97 | 596 | 2463 | 2823 |
| 2018 | 209 | 588 | 2145 | 2820 |
| 2019 | 167 | 549 | 2329 | 2927 |
| 2020 | 160 | 597 | 2495 | 2692 |
| 2021 | 138 | 611 | 2386 | 3018 |
| 2022 | 99 | 643 | 2076 | 2320 |
| 2023 | 125 | 521 | 2189 | 2315 |

Баъд аз омӯзиши маълумоти оморӣ ба мо маълум шуд, ки аз соли 2017-ум то инҷониб чӣ қадар ҷиноятҳо аз тарафи наврасон ва ҷавонон дар ҷумҳурӣ содир карда шудаанд (ниг.ба ҷад.№2). Агар, дар соли 2017-ум наврасони синни 14-15 сола 97 ҷиноят содир карда бошанд, пас ин рақам дар соли 2018-ум ба 209 нафар, дар соли 2019 – 167 нафар, соли 2020 – 160, соли 2021 -138, соли 2022-юм ба 99 нафар ва соли 2023 ин шумора 125 нафар ба рост меояд. Бояд қайд кард, ки аз соли 2017 то соли 2023-юм наврасони синни 14-15 сола ҷиноятҳои характери гуногундошта содир карданд. Аз чӣ бошад, ки соли 2018 ва 2019-ум

аз тарфи онҳо 209-167 ҷиноят ба қайд гирифта шудааст, ки ин боиси ташвиш мебошад.

Ҷавонони синни 16-17 сола бошанд, дар соли 2017 – 596, соли 2018 – 588, соли 2019 – 549, соли 2020 – 597, соли 2021 – 611, соли 2022 – 643 ва соли 2023 – 521 нафар ҷиноят содир кардаанд. Бешак, ин рақамҳо бори дигар моро ҳушдор месозад, то дар талош ва пайдо кардани роҳҳои нави таълиму тарбия бошем. Ҷавонони синни 16-17 сола хонандагони синфҳои 10-11 мебошанд. Ин айёмест, ки шахс ташаккул ва такмил меёбад. Тавре ки дар урфият мегӯянд химчаи тарро ҳар навъ шакл додан мумкин аст. Ҷавонон ҳамон химчаеро мемонанд, ки дар ин синну сол тарбия кардани онҳо нисбати солҳои баъдӣ осонтар мебошад.

Вазъи ҷавонони синни 18-24 сола ҳам на он қадар хуб аст. Агар, аз тарафи онҳо дар соли 2017 - 2463 нафар, соли 2018 – 2145, соли 2019 – 2329, соли 2020 – 2495, соли 2021 – 2386, соли 2022 – 2076 ва соли 2023 – 2189 нафар ҷиноят аз тарфи онҳо ба қайд гирифта шудааст. Бешубҳа, ин айём вақте мебошад, ки шахс мактаби миёнаро хатм намуда, бояд ҷуёи роҳи оянда худ бошад. Яъне, лаҳзаҳои ҳассостарини ҳаёт гӯем ҳам хато намекунем. Чунки ҷавононояндаи худро, маҳз, аз ҳамин айём муайян менамоянд. Нақшаҳо ва дурнамои фаъолияти минбаъдаи худро тарҳрезӣ мекунанд.

Вазъият дар гурӯҳҳои синни 25-29 ҳам қаноатбахш нест. Агар, аз тарафи онҳо дар соли 2017 - 2823 нафар ҷиноят содир карда бошанд, пас дар соли 2023 ин шумора ба 2315 ҷиноят мерасад.

Бояд қайд кард, ки сатҳи камбизоатӣ ва бекории аҳолӣ сол то сол дар ҷумҳурӣ кам гардида, масъалаи мазкур ҳалли худро ёфта истодааст. Ва дар ин радиф саволе ба миён меояд, ки чаро ҷавонон даст ба ҷинояту ҷинояткорӣ ва бекориву майзадагӣ мезананд? Ҳол он ки таҳлилҳои оморӣ нишон дода истодаанд, ки ҳам сатҳи иҷтимоии аҳолӣ ва ҳам ҷойҳои нави корӣ сол то сол рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст.

Тавре Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми имсола (2023) ба Маҷлиси Олӣ иброз доштанд: «Дар ин давра даромади пулии аҳолӣ 3,3 баробар афзоиш ёфта, аз 37,2 миллиард сомонии соли 2017 ба 112,7 миллиард сомонӣ

дар соли 2023 расид. Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд. Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаи сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999-ум то 62 банди фоизӣ дар соли 2023 паст карда шуд» [249, с.4].

Яке аз мушкилии қисми дигари ҷавонон даст задан ба нашъамандӣ мебошад. Ба андешаи мо мубориза бар зидди ин таззод ба чунин роҳҳо ҳалли худро меёбад:

- маълумот дар бораи маводи мухаддир, таъсири вай ба инсон баъди истифодабарӣ;
- омӯхтан ва ба ҳисоб гирифтани хусусиятҳои инфиродии ҷавонон;
- донистани сабабҳои нашъамандӣ;
- расонидани ёрии амлии педагогӣ;
- ташкили дурусти ҳаёти солим;
- пешқадам будани худи шахс;
- муносибати дурусти волидайн, тарбиятгар, равоншинос, духтурон, ташкилотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва ҷамъиятӣ;

Асоси равонии нашъамандро пайдо кардани таассуроти нав, тақлид кардан ба калонсолон, талаботи худидоракунӣ ва нодонӣ ташкил медиҳанд.

**Оқибатҳои нашъамандӣ:**

- таҳдиди аз ҳад зиёди истифодаи маводи мухаддир;
- вобастагии химиявӣ;
- таҳдиди аз шахсият маҳрум шудан;
- аз ҷамъият дур мондан;
- даст ба ҷиноят задан;
- зарар ба дигарон ва ҳамшарикон.

**Самти асосии кори педагогҳои иҷтимоӣ инҳо мебошанд:**

1. Корҳои ташкилӣ.
2. Тавсияҳои равонӣ-иҷтимоӣ.

3. Кор бо ҷавонон: равшаннамоӣ, иҷтимоӣ, профилактикаи равонӣ-педагогӣ.
4. Кор бо оила.
5. Ташкили фароғати ҷавонон.

Дар марказҳои фароғатӣ ташкил кардани кабинетҳои иҷтимоӣ- педагогӣ барои дастгирии ҷавонони аз маводи мухаддир вобаста, ки дар он ҷо бо чунин ҷавонон корҳои фаҳмондадиҳӣ, ҷамъомадҳои падару модар гузаронида, гурӯҳҳои машваратӣ ташкил карда шаванд. Аз воситаҳои ахбори умум ба таври васеъ истифода бурдан аз манфиат холӣ нест.

**Вазифаи гурӯҳҳои машваратӣ:** ташаккулдиҳии шахсият, пайдоиши арзишҳо, тарзи муносибат, ташаккули тарзи ҳаёти солим ва навгониҳо дар рафтор мебошад.

Чунин корҳои дар боло номбурдаро коргарони ихтиёрӣ, омӯзгорон, волидайн ва коркунони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба анҷом расонида метавонанд.

**Давраҳои кор чунинанд:**

- тайёр кардани мутахассисон;
- кор бо ҷавонон ва волидайн.

**Методҳои корӣ:** таъсир расони ба асаб, суҳбатҳо, лексияҳо, бозиҳо, вокуниши ангезаҳо, машваратҳои алоҳида ва гурӯҳӣ.

Дар ҷамъбаст, бояд мо ба роҳҳои мубориза бар зидди нашъамандӣ истода, онҳоро тарҳрезӣ кунем. Пеш аз ҳама, барнома тартиб додан лозим аст. Мақсади он ташкил кардани шароити пешгирии паҳншавии маводи мухаддир, таъсиррасонӣ ба муҳити хонандагон - ҷавонон ва ёрӣ расонидан ба шахсони дар ин вабо гирифторшуда мебошад.

**Самтҳои асосии корҳои профилактикӣ чунинанд:** муқобилият нишон додан бар зидди нашъамандӣ; ташвиқоти педагогӣ дар байни волидайн; машваратҳо бо ҷавонон; истифодабарии методҳои гуногун ва ташкил кардани ҷамъиятҳои зидди нашъамандӣ; ташкили фароғат; корҳои махсус бо шахсони

нашъаманд; ёрии суроғавии мутахассисон, педагогҳои иҷтимоӣ ва равоншиносон.

Муҳим он аст, ки ба воситаҳои ахбори умум корҳои фаҳмондадиҳӣ гуфта ва нишон дода шаванд. Таъсир ва зарари онро ҳаррӯз аз тариқи марказҳои фарҳангӣ, консертҳо, фестивалҳо, марказҳои варзишии ҷавонон, раёсати фарҳанг, варзиш ва сайёҳӣ хабаррасон карда шавад.

Ҳамин тариқ, ба хулосае омадан мумкин аст, ки нашъамандӣ дар байни ҷавонон ба мисли бадбахтист ва ба генафонди миллат хатаровар аст.

Бо нашъамандӣ чунин бемориҳо мисли БНМО (СПИД) алоқаманд аст. Дар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ин вабои аср, нисбати дигар давлатҳои дунё кам ба чашм мерасид.

Роҳҳои гирифторшавӣ ба бемории БНМО, асосан, инҳо мебошанд: алоқаи ҷинсӣ бо шахсоне, ки гирифтори вируси ин беморӣ ҳастанд; ҳангоми хунгузаронӣ ба воситаи хуне, ки дар таркибаш вируси БНМО вуҷуд дорад; ҳангоми истифодаи сӯзандоруҳои тамъизнашуда, бо ин роҳ бештар нашъамандон гирифтор мешаванд ва аз модари дорандаи ин вирус ба кӯдак ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва маконидани навзод мегузарад.

Мувофиқи маълумоти Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Тоҷикистон, дар кишвар 7067 нафар мӯътодони маводи мухаддир ба сар мебаранд. Шумораи нашъамандони аз 18 то 34-сола 2241 нафарро ташкил медиҳад [218].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки асосан, ин вабо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи муҳоҷирони меҳнатӣ меояд. Муҳоҷирон, ки дар кишварҳои ҳамсоя зиндагӣ мекунанд, аксар вақт ба хизматрасониҳои тиббӣ ва воситаҳои пешгирии БНМО дастрасӣ надоранд. Дар бораи ин вабо маълумот низ надоранд. Мутаассифона занҳои муҳоҷирон бештар аз БНМО осеб мебинанд.

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бар зидди нашъамандӣ ва БНМО дар байни ҷавонон метавонанд нақши ҳалкунанда бозанд. Бо ин мақсад муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ корҳои тарғиботӣ дар ин самт, яъне зарари

нашъамандӣ ба саломатӣ, ташкил кардани аксияҳои фарҳангӣ, консертҳои мақсаднок, тарғибот дар радио, матбуот ва телевизион ташкил мекунанд.

Вале, воситаи беҳтарин бар зидди нашъамандӣ ин ташкил кардани фароғат дар байни ҷавонон, ҷалб кардани онҳо ба дастаҳои ҳаваскорон ва машғул шудан ба тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мебошад.

Роҳҳои мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, нашъамандӣ ва майзадагӣ дар байни ҷавонон якхелаанд. Шахсони ҷинояткор, нашъаманд ва майзада мехоҳанд «ба таври худ» зиндагӣ кунанд, яъне онҳо ба меъёрҳои маънавӣ-ахлоқӣ эътибор намедиҳанд ва ин монеаҳоро онҳо ба ду роҳ метавонанд паси сар кунанд: якум, шиносоӣ бо шахсони ҷолиб ва машғулияти нав. Дуюм, шиносоӣ бо рафиқони нав, ҳамсуҳбат шудан бо дустони нав, ки тарзи ҳаёти солим мебаранд, локин ягон кас аз гузаштаи носолим ба ёд намеорад.

Дар ҳардуи ин ҳолат натиҷаи хуб он вақт ба даст меорем, ки агар худи он ҷавон ба мо бароиислоҳи худ, дар ҳамкорӣ бошад. Ин исбот ҳам аз тарафи табибон ва ҳам аз тарафи педагогҳо муайян карда шудааст.

Файласуф, педагог ва табиби машҳури дунё Абуалӣ Ибни Сино гуфта буд: «Мастии доимӣ ҷигар ва майнаро вайрон карда, боиси бемории асаб ва марги ногаҳонӣ мегардад» [111].

Роҳҳо ва методикаи таъсир ба ҷинояткор, нашъаманд ва майзада бояд ба таври инфиродӣ бо нишондодҳои иҷтимоӣ - равонӣ ва физиологӣ гузаронида шавад. Ҳамаи ин кори мушкил ва гуногунпаҳлӯ бояд пай дар пай ва дар чорчубаи муайян гузаронида шавад. Баъди ҳамин амалҳо мо ба натиҷаҳои дилхоҳ, яъне ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон расида метавонем.

Педагог А.С. Макаренко гуфта буд: «Ҳамаи рафторҳои инсонро тарҳрезӣ бояд кард ва педагог вазифадор аст, ин амалро иҷро кунад» [181].

Ҳамин тариқ, оид ба моҳият ва хусусиятҳои фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон чунин гуфтанӣ ҳастем, ки ин раванд дар муассисаҳои мазкур ба таври хоса сурат мегирад. Ва самаранокии ин ҷараён аз бисёр ҷиҳат аз иқтидори педагогии кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобаста мебошад. Агар, педагог ва

мутахассиси соҳаи фарҳанг кори худро донад, вале хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, хушмуомилагӣ ва хушрафторӣ надошта бошад, аз шогирди ӯ чиро интизор шудан мумкин аст.

Педагог ва муҳаққиқ В.Г. Белинский дар ин бора чунин гуфта буд: «Тарбия ин кори бузург аст ва ба воситаи он тақдири инсон ҳал карда мешавад» [38].

Рафтори педагог, сифатҳои меҳнатие, ки ӯ дар фаъолияти касбӣ истифода мебарад, тарзи муносибат ба шогирдону ҳамкорон ҳамаи ин барои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва тарбияи насли наврас аҳамияти калон дорад. Ҳеҷ барномаи таълимӣ натиҷаи назаррас намедиҳад, агар педагог барои шогирдон намунаи ибрат набошад.

## 1.3. Нақши муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

Муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши бориз доранд. Театрҳо, ки барои ташкил кардани фароғати ҷавонон корҳои муҳиммеро иҷро мекунанд ва дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо саҳмгузоранд, мисол шуда метавонанд.

Нақши **театрҳо** дар ташаккули шахсият ва таъсир расонидан ба хислату амалҳои он хеле калон аст. Дар урфият мегӯянд, ки театр оинаи зиндагӣ аст. Сюжети ҳар як намоиши театрӣ аз ҳаёт ва зиндагии ҳамарӯзаи ҷомеа гирифта шудааст.

Айни замон, дар ҷумҳурӣ 17 театри касбӣ, 23 театри халқӣ, аз ҷумла 6 театр дар шаҳри Душанбе, 6 театр дар вилояти Суғд, 3 театр дар вилояти Хатлон, 1 театр дар ВМКБ фаъолият доранд [242, с.179].

Тибқи ҳисоботи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар тӯли ҳафт соли охир шумораи тамошобинони театрҳо дар ҷумҳурӣ чунин (ниг. ҷадвали №2) мебошад [242, с.176].

**Ҷадвали 3. Шумораи тамошобинони театрҳо дар ҳафт соли охир**

| Солҳо | Дар маҷмуъ | ВМКБ (ҳаз.нафар) | Вил. Хатлон (ҳаз. наф.) | Вил.Суғд (ҳаз.нафар) | ш.Душанбе (ҳаз.нафар) |
|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | 386 | 4 | 70 | 102 | 210 |
| 2016 | 446 | 5 | 86 | 157 | 198 |
| 2017 | 365 | 4 | 84 | 120 | 157 |
| 2018 | 426 | 8 | 105 | 143 | 170 |
| 2019 | 522 | 5 | 110 | 175 | 249 |
| 2020 | 496 | 4 | 83 | 182 | 227 |
| 2021 | 463 | 5 | 77 | 169 | 212 |

Шумораи тамошобинони театрҳои ҷумҳурӣ дар мачмуъ: соли 2015 -386 ҳазор нафар, соли 2016 – 446 ҳазор, соли 2017 – 365 ҳазор, соли 2018 – 426 ҳазор, соли 2019 – 522 ҳазор, соли 2020 – 496 ҳазор ва соли 2021 – 463 ҳазор нафарро ташкил доданд. Теъдоди тамошобинони театрҳои ҷумҳурӣ агар соли 2015 – 386 ҳазор нафарро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин шумора ба 463 ҳазор нафар баробар гардид, ки нисбати соли 2015 77 ҳазор нафар зиёд мебошад.

Мавқеи муассисаҳои театрӣ ва тамошобинони онҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҳар сол беҳтар гардида истодааст. Мо инро дар ҳисоботи оморӣ мушоҳида карда метавонем. Агар дар солҳои 2015 ва 2016 театрҳои минтақаро ҳамагӣ 4-5 ҳазор тамошобин тамошо карда бошанд, пас дар соли 2017 – 4 ҳазор, соли 1018 – 8 ҳазор, соли 2019 – 5 ҳазор, соли 2020 – 4 ҳазор ва соли 2021 – 5 ҳазор баробар гардид. Дар вилояти Хатлон шумораи тамошобинони театрҳо дар соли 2015 ба 70 ҳазор, соли 2016 – 86 ҳазор, соли 2017 – 84 ҳазор, соли 2018 – 105 ҳазор, соли 2019 – 110 ҳазор, соли 2020 – 83 ҳазор ва соли 2021 – 77 ҳазор нафар баробар гардид.

Дар вилояти Суғд бошад, агар соли 2015 шумораи тамошобинони театрҳо ба 102 ҳазор, соли 2016 – 157 ҳазор, соли 2017 – 120 ҳазор, соли 2018 – 143 ҳазор, соли 2020 – 182 ҳазор ва соли 2021 – 169 ҳазор нафар баробар гардид.

Вазъ дар шаҳри Душанбе метавон гуфт, бетағйир монд. Агар дар соли 2015 театрҳои шаҳри Душанберо 210 ҳазор, соли 2016 - 198 ҳазор, соли 2017 - 157 ҳазор, соли 2018 - 170 ҳазор, соли 2019 - 249 ҳазор, соли 2020 – 227 ҳазор ва соли 2021 – 212 ҳазор нафар тамошобин тамошо карданд. Яъне, дар тули ҳафт соли охир шумораи тамошобинони театрҳои шаҳри Душанбе қариб бетағйир монд.

Дар раванди пажуҳиш барои боз ҳам беҳтар ва хубтар таҳлил кардани фаъолияти театрҳои ҷумҳурӣ мо бо муовини директор оид ба корҳои эҷодии театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А.Лоҳутӣ - Сафаров Қурбоналӣ Намозович ҳамсуҳбат гардидем. Зимни суҳбат аз бурду бохт ва нақшаҳои минбаъдаи театр аз наздик маълумот пайдо кардем. Сафаров Қ. қайд карданд, ки театри ба номи А.Лоҳутӣ фаъолияти худро сол аз сол беҳтар намуда, ҳунармандони ин даргоҳи фарҳангӣ баҳри баланд бардоштани маънавиёт ва маърифати мардум пайваста ҷидду ҷаҳд менамоянд. Ӯ қайд кард, ки театр бо як қатор муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва корхонаҳои алоҳида робитаи зичи ҳамкорӣ дошта, дар намоишномаҳои омодакарда онҳоро даъват менамоянд. Дар намоишномаҳо ва спектаклҳо асарҳои ватанию хориҷӣ ба мисли: «Ишқи ватан»-и Ҳабиб Юсуфӣ, «Рӯдакӣ»-и С.Улуғзода, «Ромео ва Ҷулиетта»-и В.Шекспир, «Гунаҳкорони бегуноҳ»-и А.Н.Островский ва ғайра ба саҳна гузошта мешаванд. Дар театр устодони варзида ва таҷрибадор ба мисли: Майрам Исоева, Лутфулло Давлатов, Зулхумор Иброҳимова, Абдукарим Машраб, Дилбар Умарова ва даҳо ҳунармандон фаъолият доранд, ки бо санъати беҳамтои худ дар дилу дидаи мардум ҷо гардидаанд. Инчунин, Қ. Сафаров қайд кард, ки новобаста аз пешравию муваффақиятҳо дар ин самт мутаассифона мушкилот низ вуҷуд доранд, ки дар баъзан маврид садди роҳ

мегарданд. Масалан, ба кор ҷалб нагардидани мутахассисони ҷавон, ба таври кофӣ тарғибу ташвиқ накардани соҳаи театрӣ дар байни ҷавонон ва ғайра.

Мушкилоти дигар дар соҳаи санъати театрӣ он аст, ки имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамагӣ 4-5 коргардони тахассус фаъолият доранд, ки онҳо аз синни шаст боло ҳастанд. Яъне, ҷавонон ба ин соҳа кам таваҷҷуҳ медиҳанд.

Ҳар сол Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзодаро 15-20 нафар донишҷӯёни ихтисоси актёри театр ва кино хатм мекунад, ки дар байни онҳо, албатта, ҷавонони боистеъдод низ ҳастанд. Аммо, бинобар маоши кам, набудани манзил ва як қатор мушкилоти дигари иҷтимоӣ, онҳо маҷбуранд касбро тарк кунанд ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ ба Русия ва дигар кишварҳо раванд.

Мавқеи театрҳо дар музофотҳои кишвар нисбат ба театрҳои пойтахт хеле мушкилтар аст, зеро мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияҳо ва вилоятҳо ба масъалаҳои театр аҳамияти зарурӣ намедиҳанд. Базаи моддию техникии муассисаҳои театрӣ, алахусус театрҳои музофотӣ, то ҳол бо тақвияти муосири овоз, равшанӣ ва таҷҳизоти компютерӣ муҷаҳҳаз нестанд.

Маблағи ҷудошуда барои ин театрҳо нокифоя мебошад ва аксар вақт танҳо барои пардохти музди кормандони театр мерасад.

**Боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ** қисми дигари муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошанд.

Боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ иншооти табиӣ ба ҳисоб меравand, ки на танҳо алоқаи шахсро бо табиат таъмин мекунад, балки барои рушди маънавиёт, солимии ҷавонон ва дар маҷмуъ ташрифоварандагон шароити мусоид фароҳам меоранд.

Яке аз вазифаҳои боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ аз замонҳои қадим то имрӯз ин барқарорсозии саломатӣ, рушди фарҳангии ҷавонон ва гузаронидани вақти холии онҳо дар ҳавои кушод мебошад.

Боғҳо тарғибгари фарҳангӣ-равшаннамоӣ ва варзишӣ-солимгардонӣ ба аҳолӣ хизмат мекунанд. Дар маҷмуъ, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ барои таъмин ва хушу гуворо гузаронидани вақти холии аҳолӣ ва таъмини талаботи маънавии онҳо сохта ба истифода дода мешаванд[226, с.23].

Худи номи «боғи фарҳанг ва истироҳат» ғояи асосии онро ифода мекунад. Як қисми ин ибора, яъне «боғ» ба мо маълумот медиҳад, ки сухан дар бораи обекти табиӣ меравад. Ифодаи «фарҳанг» хусусияти кори боғро нишон медиҳад, яъне маънои онро дорад, ки он ба корҳои тарбиявӣ, фаҳмондадиҳӣ, равшаннамоӣ равона карда шудааст ва дар охир калимаи «истироҳат» ба мо мефаҳмонад, ки боғ имкониятҳо барои бозиҳои шавқовар ва аттраксионҳо барои фароғат ва рафъи хастагиро доро мебошад [104, с.19].

Дар марҳилаи кунунӣ, дар фаъолияти боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ аҳамияти вазифаи экологӣ меафзояд, ки дар навбати худ дар ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон дар бораи экология нақши назаррас дорад. Хусусияти дигари боғҳои фарҳангӣ ва фароғатии муосир аз он иборат аст, ки вай ба ташрифоварандагон имконият медиҳанд, ки ҳар амал ва роҳҳои истироҳате, ки онҳо мехоҳанд, пайдо кунанд ва машғул шаванд. Истироҳат ва вақти холии ташрифоварандагон дар фазои кушод ва дар иҳотаи табиат мегузарад, яъне дар шароити табиат инсон метавонад, одатҳои худро озодона тағйир диҳад ва амалҳои худро дар нисбат ва қиёс бо дигарон ба танзим дарорад. Умуман, боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ ҳиссиёт ва муҳаббати ҷавононро ба табиат, муҳити атроф ва эҳтиром ва самимият доштан ба табиат даъват мекунанд. Ҳар як маросим, ҷашн ва дигар чорабиниҳо, ки дар ин боғҳо баргузор мешаванд, танҳо ба хотири баланд бардоштани сатҳи фарҳанг, ахлоқ ва маърифати ҷавонон ва меҳмонони дигар ташкил карда мешаванд. Дар баробари ин, сатҳи маънавиёти инсон низ баланд мегардад.

Дар шароити имрӯза, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 48 боғи фарҳангӣ ва фароғатӣ, аз ҷумла 13 дар вилояти Суғд, 19 дар вилояти Хатлон, 1 дар ВМКБ

ва 15 боғи фарҳангӣ ва фароғатӣ дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ мавҷуданд [361, с.37].

Тибқи таҳлилҳои оморӣ, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳолати фаъолияти боғҳои фарҳангӣ ва фароғатӣ ҳанӯз дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва ин мушкилотро дар вақти кутоҳ бо мақсади баланд бардоштани маънавиёт ва гузаронидани вақти холии аҳолӣ ҳал кардан зарур аст.

**Осорхона** ҳамчун як институти иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, дар айни замон, ҳамчун категорияи илмӣ, фарҳангӣ ва нигоҳдорандаи осори гаронбаҳои миллӣ ҳисобида мешавад.

Дар тӯли асрҳо осорхонаҳо ба куллӣ тағйир ёфтанд. Аз нигоҳдоандагони маводҳои хусусӣ онҳо оҳиста-оҳиста ба муассисаҳои таҳқиқотӣ-илмӣ ва сипас ба марказҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ табдил ёфтанд. Осорхонаи муосир таҷассумгари гузашта ва ояндабинона ба фардои нек мебошанд.

Аҳамияти педагогии муҳити осорхона дар он аст, ки ташрифоварандагон бо фарҳанг, асарҳо ва ашёҳои таърихӣ шинос шуда, ба олами тахаюлоти худ ғарқ мешавад. Тамошобин арзишҳои осорхонаро ба тарзҳои гуногун дарк ва қабул мекунад, яъне тавассути донишу фаҳмишҳои худ онро эҳсос мекунад. Ба муҳити осорхона ворид шудан аз шахс ҷасорат ва дар бисёр ҳолатҳо рафъи баъзе монеаҳои дохилиро талаб мекунад. Осорхона, дар навбати худ, на танҳо манбаи иттилоотиро фароҳам меорад, шавқу ҳавасҳои инсонро афзун мекунад, балки барои ташрифоварандагон ва меҳмонон шароити хуб фароҳам меорад.

Вазифаи осорхонаҳо танҳо бо ҷамъоварии экспонатҳо маҳдуд намешавад, балки дар самти маърифатноккунии аҳолӣ ва шинос намудани онҳо бо дастовардҳо ва шоҳасарҳои гузашта ва муосир ҷараён мегирад.

Осорхонаҳо дар ҳаёти сиёсӣ ва фарҳангии ҳар як кишвар вазифаи тарғибгарӣ ва ташвиқкунонии таърих, тамаддун ва фарҳанги миллӣ ба шумор рафта, ҳамзамон, муассисаҳои илмӣ ва фарҳангӣ пазируфта шудаанд [234, с.15].

Вобаста аз самти фаъолияти худ, осорхонаҳо ба чанд намуд ҷудо карда мешаванд. Ба мисли: осорхонаи таърихӣ, минтақавӣ, илмӣ, санъатшиносӣ, соҳавӣ ва ғайра.

Дар осорхонаҳо маҷмуаи ашёи фарҳангие ҷамъоварӣ карда мешаванд, ки аз таърихи ин сарзамин ва ватан ба ташрифоварандагон маълумот медиҳанд. Бояд зикр кард, ки осорхонаҳои халқӣ имрӯзҳо дар ҳолати хуб қарор надоранд. Экспонатҳои дар онҳо ҷамъоваришуда инъикосгари таърихи пуршарафи корхонаҳо, коллективҳои меҳнатӣ ва наслҳои гузашта мебошанд. Инчунин, нақши осорхонаҳо дар ташвиқу тарғиби таърих ва фарҳанги миллӣ, урфу одатҳо ва анъанаҳои мардумӣ бағоят калон аст.

Осорхонаҳо дар тарбияи насли наврас ва махсусан ҷавонон саҳми беандоза доранд. Онҳо (осорхонаҳо) метавонанд, ҷавононро ба гузаштаи аҷдодони худ ба воситаи нигораҳое, ки дар осорхонаҳо маҳфуз ва ба марази тамошо бароварда шудаанд, ошно созанд. Ва онҳо аз гузаштаи худ ифтихор намуда, барои боз ҳам гул гулшукуфоии ҷумҳурӣ ва диёр ҷидду ҷаҳд намоянд.

Бояд қайд кард, ки мардуми тоҷик таърих ва тамаддуни қадима дошта, барои пешрафти фарҳанги ҷаҳони хизматҳои шоиста намудааст.

Масалан, 17 апрел соли 2020 дар Иҷлосияи 221-уми Шурои иҷроияи ЮНЕСКО бо ташаббуси Комиссияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ЮНЕСКО-и Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид, то номинатсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба 2500 солагии Шаҳраки қадимаи Тахти Сангин ва номинатсияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Ўзбекистон ва Ҷумҳурии Исломии Эрон дар бораи 1050 солагии Абурайҳон Берунӣ ба руйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО шомил гарданд [385].

Албатта, барои мо тоҷикон ин руйдод боиси фахр ва шарафмандист, ки дар қатори дигар миллатҳои дунё тамаддуни тоҷикон қадр ва ҷонибдорӣ карда мешавад.

Аз ин рӯ, ҷавононро шинос намудан аз таъриху тамаддун, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ба нафъи кор буда, дар ин росто, тарбия намудани онҳо, ки яке аз вазифаҳои осорхонаҳо ба шумор меравад, мавриди дастгирӣ ва пуштибонист.

Дар шароити имрӯза ба осорхонаҳо, асосан, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёна, донишҷӯён, меҳмонони хориҷӣ ва сайёҳон ташриф меоранд.

Дар фаъолияти осорхонаҳо корҳои фарҳангию маърифатӣ низ ҷойгоҳи махсусро ишғол мекунанд. Дар осорхонаҳо лексияҳо, экскурсияҳо, ташкили намоишгоҳҳо, муаррифӣ ва рӯнамоии адабиёти дорои мазмуни фарҳангӣ гузаронида мешаванд.

**Ҷадвали 4. Шумораи осорхонаҳо дар ҷумҳурӣ** [242, с.177].

| Солҳо | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Адади осорхонаҳо дар ҷумҳурӣ | 59 | 60 | 67 | 67 | 68 | 70 | 70 |

Агар ба ҷадвали №4 назар кунем, мушоҳида мешавад, ки адади осорхонаҳо дар ҷумҳурӣ сол аз сол зиёд шуда истодааст. Агар дар ҷумҳурӣ соли 2017 – 59 осорхона, соли 2018 – 60, соли 2019 – 67, соли 2020 – 67, солҳои 2021-68 ва соли 2022 ва 2023 – 70 адад арзи ҳастӣ доштанд.

Бо мақсади ҷалби аҳолӣ ба тамошои Осорхонаи миллӣ ҳамасола бо ташаббуси роҳбарияти муассиса дар санаҳои таърихӣ воруди ройгон эълон карда мешавад. Ва тамошобинону ҳаводорони осорхона аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ метавонанд, бе ягон мушкилӣ аз Осорхонаи миллӣ дидан намоянд.

Умуман, агар ба фаъолияти осорхонаҳо таваҷҷуҳ намоем мебинем, ки онҳо дар баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ, дарки ҳуввияти миллӣ, зебоиписандӣ ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми назаррас доранд.

Тибқи маълумоти оморӣ, шумораи тамошобинони осорхонаҳо сол аз сол меафзояд ва бо мавҷудияти худ ин муассисаҳо дар самти маърифаткунонии аҳолӣ хизмати калон мерасонанд.

**Ҷадвали 5. Шмораи тамошобинони осорхонаҳо [242, с.177].**

| Солҳо | Дар умум (ҳазор наф.) | ВМКБ (ҳазор наф.) | Вилояти Хатлон (ҳазор наф.) | Вилояти Суғд (ҳазор наф.) | ш.Душанбе (ҳазор наф.) | НТМ (ҳазор наф.) |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2017 | 532,5 | 12,6 | 139,6 | 91,1 | 173,9 | 115,3 |
| 2018 | 539,2 | 8,3 | 162,9 | 96,9 | 175,4 | 96,6 |
| 2019 | 562,4 | 9,9 | 164,2 | 126,3 | 177,8 | 84,2 |
| 2020 | 410,0 | 6,6 | 148,4 | 70,3 | 80,0 | 104,7 |
| 2021 | 573,0 | 7,0 | 207,7 | 87,2 | 145,0 | 126,1 |
| 2022 | 3090,3 | 33,2 | 267,0 | 131,3 | 155,1 | 92,7 |
| 2023 | 574,2 | 9,7 | 189,6 | 128,8 | 152,5 | 93,7 |

Агар дар солҳои 2017 - 532,5 ҳазор, соли 2018 - 539,2 ҳазор, соли 2019 - 562,4 ҳазор, соли 2020 - 410 ҳазор, соли 2021 - 573 ҳазор нафар баробар гардида бошад ҳам, ин шумора соли 2022 ба 3090,3 ва соли 2023 ба 674,2 гафар расид.

Тадқиқоти омории гузаронидашуда ва натиҷаҳои онҳо нишон медиҳанд, ки дар тӯли солҳо танҳо шумораи тамошобинони осорхонаҳои вилояти Хатлон ва вилояти Суғд афзудааст. Агар дар соли 2017 шумораи ташрифоварандагони осорхонаҳои вилояти Хатлон ба 139,6 ҳазор нафар расида бошад, пас ин рақам дар соли 2018 – 162,9 ҳазор, дар соли 2019 – 164,2 ҳазор, дар соли 2020 – 148,4 ҳазор, дар 2021 – 207,7 ҳазор, соли 2022 - 267,0 ва соли 2023 ба 189,6 ҳазор нафар баробар гардид.

Дар вилояти Суғд бошад, агар соли 2017 шумораи тамошобинони осорхонаҳои вилоят ба 91,1 ҳазор нафар расида бошад, пас ин шумора дар солҳои 2018 - 96,9 ҳазор, соли 2019 - 126,3 ҳазор, соли 2020 - 70,3 ҳазор, соли 2021 - 87,2 ҳазор, соли 2022 - 131,3 ҳазор ва соли 2023 ба 128,8 ҳазор нафар расид.

Вазъият дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, метавон гуфт, бетағйир монд. Танҳо шумораи ташрифоварандагони осорхонаҳои шаҳри Душанбе ва ноҳияиҳои тобеи марказ дар ҳафт соли охир коҳиш ёфтааст. Дар шаҳри Душанбе аз 173,9 ҳазор нафар ба 152,5 ҳазор нафар ва дар ноҳияиҳои тобеи марказ аз 115,3 ҳазор ба 93,7 ҳазор нафар баробар гардид.

Албатта, аз таҳлили омори осорхонаҳои ҷумҳурӣ ошкор мегардад, ки вазъият дар баъзан шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ то андозае қаноаткунанда нест. Шахс ҳангоми вориди осорхона гардидан ва аз нигораҳое, ки дар он ҷо маҳфузу нигоҳ дошта мешаванд, дунёи тахайюлӣ, маънавӣ ва эмотсионалии худро ғанӣ гардонида, талаботи маърифатиро қонеъ мегардонад. Ва дар ин раванд, дар шахс тафаккури таҳлилӣ, ҳиссиёти нуҳуфта ва ангезаҳои ботинии ӯ ташаккул меёбанд, ки чунин муҳит ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо оварда мерасонад.

Яке аз рӯйдодҳои муҳим ва назаррас дар ҳаёти фарҳангии ҷумҳурӣ кушодашавӣ ва оғози фаъолияти Осорхонаи миллӣ дар соли 2001 ҳисобида мешавад. Дар маросими ифтитоҳи Осорхонаи миллӣ Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон иброз доштанд, ки ин осорхона экспонатҳои қадимаи давраи ҷамъияти ибтидоӣ то асрҳои миёнаро, ки аз тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ пайдо шудаанд, дар бар мегирад. Баъзеи онҳо шоҳкориҳои беназири дорои аҳамияти ҷаҳонӣ дошта, аз таърихи гузашта ва тамаддуни бостонии мо шаҳодат медиҳанд. Ин муҷассамаҳо аз ҷониби олимон ва бостоншиносони маъруф дар Саразм, Ховалинг, Тахти Сангин, Аҷинатеппа, Истаравшан, Панҷакент, Ҳулбук, Бадахшон, Ҳисор, Зарафшон ва Рашт ёфт шуданд [60, с.132].

**Китобхонаҳо.** Дар раванди ҷаҳонишавии фарҳанг тағйироти назаррас дар арзишҳои миллӣ ва маънавии ҷавонон дида мешавад. Дар ин раванд рушди анъанаҳои мардумӣ аз қабили «Хонишҳои хонагӣ», «Шабҳои оилавӣ», «Шоҳномахонӣ», «Бедилхонӣ», «Саъдию Ҳофизхонӣ» ва ғайра кам ба чашм мерасанд. Чунин урфу одатҳо, аз қабили гузоштани китоб дар зери болини кӯдак, гузоштани китоб ба ҷои баландтарин, тақдим кардани китобҳо ба

ҳамдигар, савганд ёд кардан бо китобҳои муқаддас ва истифодаи китоб ҳамчун воситаи табобат (библиотерапия) тадриҷан аз байн рафта истодаанд.

Бояд қайд кард, ки имрӯзҳо миқдори барномаҳои радио ва телевизион, ки ба мавзуъҳои хондани китоб ва тарзи истифодаи он, хонишҳои бадеӣ, барномаҳо дар бораи фарҳанги сухан, қироати порчаҳо аз осори классикон ва қироати шеърҳои ифоданок аз тарафи ҷавонон то ҳадде коҳиш ёфтааст.

Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ дар харитаи ҷаҳон боз 15 давлати соҳибистиқлол пайдо шуд, ки ҳар яке дар сатҳҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангӣ буданд. Баъзеи онҳо бидуни мушкилот истиқлолиятро ноил гаштанд, барои баъзеи дигарон ба даст овардани истиқлолият хеле мушкилотро ба бор овард. Инфрасохтори китобӣ ва иттилоотӣ, аз ҷумла фонди китобхонаҳои ин кишварҳо, ки мероси замони Шуравӣ буданд, эътимод, орзуҳо ва умедҳои мардумро, ки ба сӯи қуллаҳои Коммунизм равона шуда буданд ва такягоҳи боэътимоди ПКИШ буд, ташкил медод. Дар робита бо барҳамхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ захираи чунин китобҳо ва истифодаи онҳо қадру манзалати худро аз даст дода буданд. Миллионҳо нусха китобҳои давраи Шуравӣ мисли сарвати «мурда» ва бо умедҳои иҷроношуда дар рафҳои китобхонаҳо дар канор монданд. Имрӯзҳо беш аз 70 фоизи фонди китобхонаҳои Тоҷикистонро чунин адабиёт ташкил медиҳад. Теъдоди хонандагони ин гуна адабиёт ба таври назаррас коҳиш ёфтааст, қисми дигар ба онҳо бидуни шавқ ва хоҳиши хондан менигаранд. Ҳарчанд тибқи тавсияҳо ва стандартҳои ЮНЕСКО, фонди китобхонаҳо бояд дар ҳар даҳ сол азнав карда шавад [348, с.37].

Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз оғози давраи истиқлолият то имрӯз ба масъалаҳои насли наврас ва ҷавонон, системаи маорифу фарҳанг, ки раванди маърифатноккунии ҷомеа яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати онҳо дониста мешавад, диққати ҳамаҷониба медиҳад.

Баъди ба даст овардани истиқлолият дар ҳаёти мардуми тоҷик тағйироти куллӣ ба вуҷуд омад. Аз ҷумла: андешаҳо ва ғояҳои нав барои гул гулшукуфии

Тоҷикистони азиз, пайдоиши арзишҳои миллӣ дар ниҳоди ҷавонон, арҷгузори ба таърих ва тамаддуни аҷдодӣ ва ғайра.

Яке аз дастовардҳои дигари даврони истиқлолият сохта ва ба истифода додани Китобхонаи миллӣ мебошад, ки китобхона 20-уми марти соли 2012 дар шаҳри Душанбе аз ҷониби Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон кушода шуд. Бояд гуфт, ки Китобхонаи миллӣ дар Осиёи Миёна яке аз калонтарин китобхонаҳо ба шумор меравад. Китобхона дорои 25 толори хониш буда, бо таҷҳизоти замонавӣ муҷаҳҳаз гардонида шудааст.

Фонди Китобхонаи миллиро зиёда аз 6 миллион нусха китоб, рӯзнома, маҷалла, маводҳои электронӣ ва дигар нашрияҳо ташкил медиҳад [141].

Тақвияти муносибатҳои гуногунҷанба бо кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла рушди ҳамкориҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ ба Тоҷикистони соҳибистиқлол имкон дод, ки ба равандҳои ҷаҳони муосир ҳамроҳ шуда, таъсир ва навгониҳои фарҳангиро ба фонди фарҳанги умумибашарӣ ворид созад.

Аз тарафи дигар, ба суръати кайҳонӣ рушд кардани технология, инфрасохтор, телекоммуникатсия ва ҷахонишавии фарҳанг ба фарҳанги миллӣ бетаъсир намонда, дар ин раванд, боз ҳам муҳим ва зарурӣ будани фарҳанги миллиро ба сафи пеш гузошта истодааст.

Аз ин лиҳоз, тарбия ва таълими насли наврас ва ҷавонони тоҷик, баланд бардоштани симои маънавии онҳо рӯз аз рӯз муҳимтар шуда истодаанд ва муассисаҳои иҷтимоӣ, алахусус китобхонаҳо, ки вазифаи маърифаткунонии ҷомеаро ба ухда доранд, дар ин масъала пешоҳангии худро нишон диҳанд. Ҷавоноро дар рӯҳияи созандагӣ, ободкорӣ, омӯхтан ва дарк кардани арзишҳои миллӣ, оилавӣ, маҳаллӣ ва шахсӣ, аз худкардани технологияи замонавӣ тарбия кардан зарур аст.

Тавре ки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми соли 2017 гуфта буд: «Моро зарур аст, ки фаъолияти муассисаҳои таълимии санъат, осорхонаву китобхонаҳо, театру хонаҳои фарҳангиро беҳтар намуда, аҳли ҷомеаро ба ин муассисаҳо бештар ҷалб намуда, ба ин васила барои баланд

бардоштани фарҳангу ахлоқи ҷомеа, бахусус ҷавонон такони ҷиддӣ бахшем» [195].

**Ҷадвали 6. Шумораи китобхонаҳо дар ҷумҳурӣ [242, с.179].**

| Солҳо | Дар умум | Ҳамагӣ китобу маҷаллаҳо (ҳаз.нусх) | Ҳамагӣ хонандаҳо (ҳаз.наф) | Китобу маҷаллаҳои додашуда (ҳаз.наф) | Теъдоди китобу маҷалаҳои додашуда ба як хонанда ба ҳисоби миёна |
|---|---|---|---|---|---|
| 2017 | 1370 | 11809 | 1484,4 | 6375 | 4 |
| 2018 | 1353 | 11644,6 | 1520,8 | 7106,3 | 5 |
| 2019 | 1358 | 11627 | 1499,7 | 6151,9 | 4,1 |
| 2020 | 1363 | 11636,7 | 1109,9 | 6216,9 | 5,6 |
| 2021 | 1361 | 11684 | 1367,5 | 6409,6 | 4,7 |
| 2022 | 1366 | 11684,8 | 1331,4 | 6349,1 | 4,8 |
| 2023 | 1367 | 11793 | 906,1 | 6374,7 | 7 |

Агар ҷадвали навбатиро (ниг.ба ҷадв.№6) таҳлил намоем ошкор мегардад, ки агар соли 2017 шумораи китобхонаҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ ба 1370 расида бошад, пас ин шумора дар соли 2018 – 1353, соли 2019 – 1358, соли 2020 – 1363, соли 2021 – 1361, соли 2022 – 1366 ва соли 2023 ба 1367 адад расидааст.

Агар шумори хонандагонро аз ҷадвал мушоҳида намоем мебинем, ки соли 2017 – 1484,4 ҳазор, соли 2019 – 1520,8 ҳазор, соли 2019 – 1499,7 ҳазор, соли 2020 – 1109,9 ҳазор, соли 2021 – 1367,5, соли 2022 – 1331,4 ва соли 2023 ба 906,1 ҳазор нафар баробар гардидааст.

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки танҳо дар соли 2023 шумораи хонандагони китобхонаҳои ҷумҳурӣ то андозае коҳиш ёфтааст. Албатта, омилҳо барои чунин ҳолат гуногун ҳам бошанд, аммо сабаби асосии кам гардидани хонандагони китобхонаҳо, ба андешаи мо, ин кам тарғибу ташвиқ кардани хонандагони деҳотҷойҳо ба китобхонаҳо мебошад. Ин масъала дар шаҳрҳои ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд ҳалли худро ёфтааст. Аммо, дар баъзан

манотиқи кишвар то андозае сатҳи китобхонӣ ва рӯй овардани ҷавонон ба китобхонаҳо кам ба назар мерасад.

Бояд гуфт, ки китоб сарчашмаи дониш, малака, маҳорат ва эҷод ба шумор меравад ва дар ташаккули ҷаҳони маънавии инсон, алахусус ҷавонон ва наврасон аҳамияти беандоза дорад. Ҷавонони имрӯза, ки аксарияти ҷумҳурии моро ташкил медиҳанд, асосгузорони ояндаи миллатанд. Аз чӣ гуна рушд кардани маънавиёти онҳо ҷомеаи ояндаи мо, нуфуз ва эътибори ҷумҳурӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ вобастагӣ дорад. Бо дарназардошти аҳамияти бузурги китоб дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас ва ҷавонон, Давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тадбирҳои муассирро амалӣ карда истодааст. Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти китобхонаҳо», се барномаи давлатӣ дар соҳаи китобхонаҳо бо маблағи умумии 12 миллиону 885 ҳазор сомонӣ ва ғайра далели равшани гуфтаҳои боло дар ин самт ба шумор меравад [348, с.58].

Агар чӣ китобхонаҳо дар тарбияи маънавӣ-хлоқии ҷавонон саҳми назаррас дошта бошанд ҳам, аммо омилҳое ҳастанд, ки ба ин раванд таъсири манфӣ мерасонанд. Ин омилҳо сатҳи пасти касбӣ, надоштани дараҷаи тахассусӣ дар самти кори китобхона, мутобиқ набуди диплом ба ҷойи кор ва ғайра мебошанд.

Ба андешаи мо омили дигар ин ҳамкории заиф доштан (дар баъзе ҳолатҳо, набудани пурраи ҳамкорӣ) -и китобхонаҳо бо дигар сохторҳои иҷтимоӣ, оилаҳо, мактабҳо (аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ), муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, васоити ахбори омма мебошад.

Дар ҳақиқат бояд гуфт, ки дар шароити имрӯза корҳои ташвиқотию тарғиботии китобхонаҳо, маводҳо ва хизматрасонии онҳо каме беҳбудиро талаб дорад.  Дар фазои иттилоотӣ китобхонаҳо на танҳо талаботи муайянеро қонеъ мекунанд, балки онҳо бояд ба воситаи тарғиботу ташвиқот дар ниҳоди хонандагон ҳисси китобу китобхониро бедор созанд.

Набудани шароити зарурӣ дар китобхонаҳо барои хонандагони маъюб (маъюбон, нобиноён ва ғ.) боиси коҳиш ёфтани шумораи шахсоне, ки имкониятҳои маҳдудӣ доранд, гардидааст. Ташкил кардани тифлокабинетҳо, утоқҳои махсус, шароит фароҳам овардани имкониятҳои моддӣ ва маънавӣ барои категорияҳои дар боло номбаршуда, инчунин, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои пулакӣ талаботи тақозои замон мебошанд.

Ҳамин тариқ, муассисаҳои фарҳангии ҷумҳурӣ баҳри баланд бардоштани сатҳи маънавияти аҳолӣ, махсусан ҷавонон, як қатор корҳои назаррасро анҷом дода истодаанд. Аз оғози истиқлолият то ба имрӯз фестивалҳо ва озмунҳои «Андалеб», «Парасту», таҷлили рӯзҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳо (3000-солаи Ҳисор, 2700-солаи Кӯлоб, 90-солагии Душанбе ва ғ.), «Тоҷикистон – Ватани азизи ман», «Фурӯғи субҳи донои китоб аст», «Илм – фурӯғи маърифат» ҳамасола дар ҷумҳурӣ бо шукуҳу шаҳомати баланд баргузор мегардиданд. Албатта, баргузории ин ҷашнҳои таърихию миллӣ ҷанбаҳои тарбиявии худро доро буда, ҷавоноро ба роҳи рости зиндагӣ, дӯстӣ, рафоқат, меҳрубонӣ, ҳисси хайрхоҳӣ, дилбастагӣ ба арзишҳои миллӣ, инсонгароӣ, меҳнатдӯстӣ, покдилӣ ва ғайра водор мекунад.

## Хулосаи боби 1

Дар шароити имрӯза муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ давраи ҳассосеро аз сар гузаронида истодаанд. Бухрони иқтисодӣ то андозае дар ҳамаи ҷабҳаҳои ҳаёт дида мешавад. Мутаассифона таъсири ин омилҳо ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ расидаанд. Дар чунин ҳолати ба амал омада, аз оддитарин рафторҳои инсонгароӣ ба мисли: иҷро кардани қарзи шаҳрвандӣ, виҷдон, нанг, номус, дилсӯз, ғамхор, меҳрубон ва амсоли инҳо фаромуш мекунем. Бе чунин сифатҳои дар боло оварда шуда ҷомеа рушд ва тараққӣ намеёбад. Одам он вақт шахси ҳақиқӣ мегардад, ки қарзи инсонгароии худро дар назди дигарон иҷро намуда, тамоми қувваю нерӯи худро баҳри ободу зебо ва гулгулшукуфонии

ватану меҳани худ равона созад. Маҳз, вазифаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳам дар ҳамин аст, ки имкониятҳои ҷавононро ба инобат гирифта, онҳоро ба роҳи созандагӣ ва ободкорӣ раҳнамоӣ созанд.

Тағйироти дар ҷомеаи имрӯза сурат гирифтаистода таъсири худро ба фаъолияти ҷавонон натанҳо аз ҷиҳати мусбӣ, балки ба тарафҳои манфӣ ҳам расонид. Даст задании ҷавонон ба корҳои ношоям аз қабили майзадагӣ, нашъамандӣ, ғоратгарӣ, шомил шудан ба гурӯҳҳои ифротӣ рӯз аз рӯз беш гардида истодааст.

Тавре ки дар ин боб қайд намудем, агар дар соли 2017 аз тарафи ҷавонони синну соли аз 18 то 29 сола 5286 нафар ҷиноят содир карда бошад, пас ин шумора дар соли 2023 ба 4504 нафар расидааст. Яъне, дар муддати 7 сол ин шумора, то андозае коҳиш ёфта бошад ҳам, вале то ҳол масъалаи ҳалношуда боқӣ мондааст. Ин рақамҳо бори дигар моро водор месозанд, ки сабабҳои ин равандро аз нуқтаи назари илмӣ ва бо роҳҳои ҳалли педагогӣ дида бароем.

Омили дигаре, ки моро ба ташвиш меорад ин ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ рӯ наовардани ҷавонон мебошад. Албатта, дар ин ҷо сабабҳои ин раванд гуногунанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки имкониятҳои ҷавонони деҳот нисбати шаҳр маҳдуттаранд. Агар, барои ҷавонони шаҳр сафи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ зиёдтар бошанд, барои ҷавонони деҳот танҳо клубу китобхонаҳо амал мекунанду халос. Намудҳо ва шаклҳои фароғат ҳам дар деҳот начандон зиёданд.

Дар назди ҷавонон ҳамеша проблемаи интихоби маънавӣ ва ба кадом самт равона кардани нигоҳҳои маърифатӣ меистод. Ва ин мушкилӣ рӯз аз рӯз аз худ дарак дода истодааст. Агар дар замонҳои Шуравӣ сар карда аз воситаҳои ахбори омма то муассисаҳои томактабию миёна ба хонандагон тарғибу ташвиқ менамуданд, ки онҳо дар ватани аз ҳама хушбахтарин ва бойтарин зиндагӣ доранд, пас ин раванд ҳоло ба таври дигар сурат гирифта истодааст. Ба ҷавонон ба воситаи васоити ахбороти омма, Интернет ва дигар шабакаҳои иттилоотрасон маълумоти ҳузнангез ва пучу холӣ аз маърифат баррасӣ мешавад, ки ин ҳолат ба мафкураи ҷавонон бе таъсир намемонад.

Яке аз вазифаҳои муосири муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз он иборат аст, ки рафтори ҷавононро ба воситаи чорабиниҳои фарҳангӣ-маърифатӣ ба танзим дароварда, барои рушди маънавӣ-ахлоқии онҳо дастгириҳои ҳамаҷониба намоянд. Дар ин раванд аз усулҳои педагогӣ истифода бурдан аз манфиат холӣ нест. Чорабиниҳоро тавре омода ва таҳия намуд, ки фарогири масоилҳои мубрами рӯз ва хости ҷавобгӯи талаботи ҷавонон бошанд. Маҳз, дар ҳамин сурат метавонем ҷавононро ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷалб намуда, дар ниҳоди онҳо ҳисси ғамхори нисбати якдигар, бетафовут набудан, дастёри ҳамдигар ва тамоми он хислатҳои ҳамидаи инсониро тарбия намоем.

Барои дуруст ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин корҳоро ба анҷом расонад:

- тарғибу ташвиқи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо мақсади ҷалби бештари ҷавонон ба роҳ монда шавад;

- шаклҳои фаъолиятро дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон барои қонеъ кардани талаботи онҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷоннок кард;

- сатҳи тарбияро ҳангоми эҷодкорӣ аз ҳисоби истифодабарии воситаҳои техникӣ баланд бардошт;

- диққати асосӣ ба шаклҳои инфиродии кор бо мақсади муайянкунӣ ва рушди қобилиятҳои эҷодии ҷавонон бояд дод;

- шавқу завқи талаботи ҷавононро барои ҳамроҳшавӣ ба муҳити фарҳангӣ таҳқиқ бояд кард;

- доимо сатҳи касбияти кормандони муассисаҳои фарҳангиро, ки бевосита бо ҷавонон сару кор доранд, бояд баланд бардошт;

- кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд ба конфронсҳо, семинарҳо ва корҳои лабораторӣ, ки ҷанбаи тарбиявӣ доранд, равона карда шаванд;

- тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд дар як қолаби муайян роҳандозӣ нагардида, балки бо истифода аз таҷрибаи ҳаётӣ ва намунаи шахсӣ рӯйи кор оянд;

- ҳангоми ташкили фароғати ҷавонон бештар ҷиҳатҳои озодӣ ва демократӣ ҷонибдорӣ карда шаванд;

- худидоракунии ҷавононро ҳангоми фаъолияти фарҳангӣ ва иҷрои супоришҳои ҷамъиятӣ бо муҳайё кардани равандҳои педагогӣ ва корҳои раҳнамоии касбӣ ҷонибдорӣ кард;

- ба танзим даровардани рушди эҷодии ҷавонон ҳангоми иштирок дар конкурсҳо, виктаринаҳо, фестивалҳо ва ғайра;

- баланд бардоштани сатҳи ватандӯстии ҷавонон ба воситаи чорабиниҳои муҳими иҷтимоӣ, ҳаракатҳо, иқдомҳои хайрхоҳона ва корҳои фоиданоки ҷамъиятӣ.

# Боби 2. Ташхиси муҳити педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

## 2.1. Тавсифи мафҳумҳои арзиш, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ дар асоси ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Муайян ва баррасӣ сохтани арзишҳо, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ дар бисёр илмҳо ба мисли педагогика, психология, фалсафа, этика, эстетика, сотсиология, фарҳангшиносӣ таҳқиқ карда шудаанд. Моҳияти ин мафҳумҳо дар он дида мешавад, ки онҳо танзимгари маромнокӣ ва ҷаҳонбинии инсон мебошанд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Д.М. Русакова арзишҳо дар ҳаёти инсон нақши бузург доранд, онҳо ташаккули дохилии шахсиятро муайян мекунанд ва инчунин, ба рафтори ӯ дар ҷомеа таъсир мерасонанд [285].

Арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар идеалҳо, талабот, орзую ҳавас, меҳру муҳаббат, ки ҷанбаҳои инфиродӣ ва дастаҷамъона доранд, ифода меёбад.

Дар илми педагогика ва педагогикаи мардумии тоҷик омӯзишу таҳқиқи арзишҳо, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ ҳанӯз аз солҳои пешин ба мушоҳида мерасанд. Дар осори худ Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Саъдии Шерозӣ, Ҳофизи Шерозӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Умари Хайём, Бедил ва дигарон ба арзишҳои инсонӣ, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардаанд.

Инчунин, дар бораи ин мафҳумҳо бисёр олимони ватанӣ ва хориҷӣ ба мисли Амиров Р., Сафаралиев Б., Латифзода Д., Қодиров Қ.Б., Хоҷаев Қ.Т., Холова И., Луфуллозода М., Шарифзода Ф., Наимов З., Сухомлинский В.А., Каменский Я.А., Макаренко А.С. асарҳои зиёд офаридаанд. Олимони номбурда сифатҳои арзишҳо, фарҳанг, маънавиёту ахлоқро дар таҳлили сохторҳои ҷаҳонӣ ва тамаддунҳои тағйирёбанда муайян сохта, нақши онҳоро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон баррасӣ кардаанд. Ба қавли олимони дар боло зикр гардида эътиқод ва боварӣ дар тамоми давру замон нигоҳдорандаи арзишҳо, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ мебошанд. Аз ин лиҳоз, барои омӯхтани маънавиёти ҷомеа, пеш аз ҳама, донистану дарки арзишҳо,

фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ, ки асоси ҳаёти иҷтимоӣ маҳсуб меёбанд ва дар ин замина, тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро ба роҳ мондан зарур аст.

Бояд ишора кард, ки пешрафт ва танзими фаъолияти инсон тавассути низоми арзишҳо сурат мегирад. Дар муқоиса бо меъёрҳои риояшаванда зери мафҳуми арзишҳо объект, ҳолат, талабот ва ҳадаферо фарогир аст, ки мавҷудият ва сатҳи баландтар доранд.

Арзишҳо ба инсон барои дарк кардани некиро аз бадӣ, ҳақиқатро аз гумроҳӣ, зебоиро аз зиштӣ, инсофро аз ноинсофӣ кумак мерасонад.

Мафҳумҳои дар боло зикргардида дар худ «манфиат», «талабот», «хоҳиш», «ҷойгоҳ», «идеал», «тамоюл» ва «ҳавасмандӣ»-ро дар бар мегиранд. Аммо доираи ин мафҳумҳо одатан аз мафҳуми «арзиш» тангтар аст. Манфиат ё эҳтиёҷот, одатан, ҳамчун омилҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ шартшуда фаҳмида мешавад, ки бо вазъи иҷтимоию иқтисодии табақаҳо, гурӯҳҳо ё шахсони алоҳида алоқаманданд ва дар ин ҳолат арзишҳои боқимонда (идеалҳо) танҳо инъикоси абстрактии манфиатҳо мебошанд.

Дар ҳақиқати кор арзишҳо барои инсон ба мисли маромнокӣ (мотиватсия) хизмат мекунанд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Г. Хофстеде: «Омӯзиши арзишҳо шарти зарурии дарки рафтори воқеии шахс ва фаъолияти гурӯҳҳои одамон аст, зеро фарҳанг ва ақидае, ки онҳоро муттаҳид мекунад, ба монанди барномаи коллективона ё инфиродӣ маҳсуб ёфта, аъзоёни як гурӯҳи одамонро аз дигар тафовут медиҳад. Дар ин раванд фарҳанг як низоми арзишҳоест, ки ҳамзамон, ба бисёр шахсон дар гурӯҳ наздик аст» [83, с.28].

Педагогика ҷиҳатҳои моҳияти фарҳанг, дараҷа ва сатҳи фарҳанги ҷамъиятро инъикос мекунад. Дар фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ иқтидори эҷодии ҷомеа, гурӯҳҳо ва шахсони алоҳида инъикос меёбанд.

Бояд қайд кард, ки дар раванди ҷанбаҳои педагогии фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мухолифатҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба назар мерасиданд. Ин мухолифатҳо ҳангоми пайдо шудани

маълумоти нав, ки бо назария ва амалияи илми педагогика мувофиқат намекарданд, дида мешуданд.

Мухолифатҳои педагогӣ дар ҳолати нопурра ё надоштани дониш оид ба ҳалли масъалаи ба миён омада, ба ҳолати сифатӣ гузаштани падида, дар бархурди пешравӣ, навоварию анъанаҳо, ҷорӣ намудани усулҳо ва технологияҳои нави фаъолият пайдо мешаванд.

Мухолифатҳо дар раванди фаъолияти педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳо, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқи ҷавонон чунин арзёбӣ гардиданд:

- номукаммалии низоми педагогӣ ба тағйирот дар ҷомеа;
- надоштани иқтидори педагогии истифодаи маълумоти фарҳангӣ дар фаъолият;
- таҷрибаи нокофӣ доштани муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳо маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.

Дар раванди фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо истифода аз методҳои педагогӣ ташаккули арзишҳои ҷавонон самарабахш мегарданд.

Асосан, зери мафҳуми арзишҳо тамоми паҳлуҳои муҳими ҳаётии шахс, ки бевосита барои манфиат, муваффақият, рушд ва эҷоди ӯ истифода мегарданд, дониста мешаванд.

Ҳар як миллат дар тули мавҷудияти худ ба дигаргуниҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ дучор гардида, арзишҳои пешинро тағйир медиҳад ва ё арзишҳои маъмулшударо ба талабот ва рӯҳияи ҷамъияти нав мувофиқ мегардонад [217, с.90].

Дар ҷомеаи инсонӣ фарҳангҳои гуногун вуҷуд доранд, ки онҳо дорои арзишҳо ва маънавиёти хоси худ мебошанд. Ва дар раванди муомила ва муошират арзишҳо ташаккул меёбанд.

Ба арзишҳои инсонӣ дохил мешаванд:

- ҳикмати ҳаётӣ ва доштани ақли солим;
- саломатии ҷисмонӣ ва рӯҳӣ;
- кори ҷолиб;

- зебогиҳои табиат ва санъатро дарк карда тавонистан;
- муҳаббат доштан ба наздикон;
- рафиқони ҷонӣ;
- эҳтироми дигаронро соҳиб шудан дар коллектив ва одамони гирду атроф;
- озодӣ;
- таълим гирифтан ва рушд додани зеҳни худ;
- аз ҷиҳати молиявӣ норасогӣ надоштан ва сатҳи зиндагии муносибу шоиста;
- ҳамсар ва фарзандони хуб доштан;
- ба худ боварӣ доштан;
- тарбия ва одоби хуб.

Расми 1. **Сохтори арзишҳо**



Тағйироти ҷиддие, ки бо таъсири роҳҳои инноватсионӣ дар ҷомеаи имрӯза сурат мегиранд, на танҳо ба соҳаи технологӣ, балки дар ҷаҳони ҳаёти шахсии инсонҳо низ дигаргуниҳои назаррасе ворид намуданд. Буҳрони маънавӣ, стресс, нодуруст дарк кардани воқеият, номуайянии имрӯзу оянда, нафаҳмидани маънои ҳаёт, озодӣ, мустақилият ва ғайра изи манфии худро ба арзиҳои инсонӣ расонида истодааст. Шахсони имрӯза аз бисёр ҷиҳат субъектеро мемонанд, ки мисли виртуализатсияшудаи био-иҷтимоӣ-электронӣ мебошад. Онҳо қудрати ташхиси воқеият ва диди имрӯзаро надоранд. Чунки вақти холигии худро дар фазои шабакаҳои иҷтимоӣ ва Интернетӣ мегузаронанд. Дар навбати худ, арзишҳои шахсӣ ба мисли: ҳаёт, саломатӣ, оила, таъмини дурусти моддӣ, таҳсилот, мансаб, озодӣ, эҷодкорӣ ва ғайра дигаргуниҳои муайянеро аз сар гузаронида истодаанд. Зеро, онҳо бо раванди виртуализатсияи тарзи зиндагӣ ва муошират алоқамандананд.

Бояд қайд кард, ки дар ҷаҳони муосир танзими тарзи ҳаёт ва рафтори хоси фарҳанги анъанавидошта вуҷуд надорад. Дар ин раванд, қобилияти мустақилона ба нақша гирифтани ҳаёти худ ва ба дӯш гирифтани масъулият барои қабули қарорҳои ҳаётан муҳим аҳамияти бештар пайдо мекунад. Дар шароити кунунӣ, ки имкониятҳои моддӣ-техникӣ ва даст ёфтан ба ҳамаи воситаҳои ахборотӣ аз қабили Интернет ва сомонаҳои гуногуни иҷтимоӣ осон гардидааст, интихоби озоди арзишҳо ба мушоҳида мерасад.

Ба андешаи мо ду таърифи арзишҳо вуҷуд дорад:

1. Арзишҳо ҳамчун ҳадафҳое, ки шахсро барои расидан ба мақсадҳои худ дар ҳаёт роҳнамоӣ мекунад, фаҳмида мешаванд. Арзишҳо ба фаъолияти шахс таъсир расонида, маромнокии ӯро тақвият мебахшанд.

2. Арзишҳо ҳамчун мавқеъ ва нигоҳи шахс ба моҳияти падидаҳо ва воқеият дониста мешаванд.

Баъди таҳлили мафҳуми «арзиш» моҳияти фарҳангро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дида мебароем.

Асосан, фарҳанг низоми арзишҳои шахсро муайян месозад. Рафтори инфиродӣ ва иҷтимоии ӯро ба танзим медарорад ва барои амалӣ намудани

фаъолияти маърифатӣ ҳамчун асос хизмат мекунад. Ба таври дигар, арзишҳо натанҳо дониш, балки муносибатҳое мебошанд, ки дар робитаҳои ҳаётии инсон ба олами беруна ба вуҷуд меоянд. Арзишҳо интихоб намешаванд, онҳо бояд дар худ кашф карда шаванд [306].

Ҳар як шахс зинанизоми хоси арзишҳои худро дорад, ки пайвандгари фарҳанги маънавии ҷомеа ва ҷаҳони ботинии ӯ ба шумор меравanд. Барои ташаккули шахсият арзишҳо вазифаи ҳадафҳо ва стратегияи дарозмуддати ҳаётиро иҷро мекунанд, ки татбиқи онҳо аз худи шахс вобаста аст. Ташаккули низоми арзишҳо дар раванди рушди фард тавассути арзишҳои гурӯҳҳои хурду калони иҷтимоӣ ва табдил додани онҳо ба манбаи ҳавасмандии инфиродӣ сурат мегирад.

Бартарияти арзишҳо дар қисматҳои зерин инъикос мегарданд:

- арзишҳои маҳсули маънавиёт буда, ҳавасмандӣ ва рафтори шахсро баён месозанд;

- арзишҳо бо фазилатҳои умумибашарӣ алоқамандӣ доранд;

- дар доираи шуури ахлоқӣ, амалҳо ва хосиятҳои ахлоқии шахсӣ зохир мешаванд;

- рушди тамоюлҳои арзишҳо нишонаи камолоти шахсият ва иҷтимоишавии ӯ ба шумор меравад.

Ба андешаи мо «интихоб» ва «баҳодиҳӣ» асоси раванди бавуҷудойии арзишҳои шахсӣ ба шумор мераванд. Дар баъзан ҳолатҳо арзишҳо ба мисли маромнокӣ ва маромияти шахс зуҳур мекунанд. Маромнокӣ водор месозад, ки шахс амалеро ба сомон расонад [244, с.59].

Маромнокӣ дар шахсон ҳар гуна рушд кардааст. Рафтори инсон дар лаҳзаҳои муайян на бо ягон маромнокие, ки ҳамагон онро қабул кардаанд, айён мегардад, балки бо маромияти шароити ҷойдошта барои расидан ба мақсад алоқаманд аст, бармеангезад.

Бояд гуфт, ки маромнокӣ дар ҳолати дар боло овардашуда мисли «интихоб-баҳодиҳӣ-амал» ва дар ин замина пайдоиши арзишҳо дониста мешавад.

Дар раванди ҳаёт такя ба арзишҳои анъанавию фарҳангӣ кафолати оромии ҷомеа мегардад. Дар ҳамаи давру замон педагогон бо истифода аз арзишҳои фарҳангӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонданд [92].

Арзишҳо дар шинохт ва азхудкунии донишҳо нақши марказӣ доранд. Онҳо барои донистани рафтори шахсон, новобаста аз заминаи фарҳангии онҳо, замина фароҳам меоранд. Пайвастагӣ ва нақши марказии арзишҳои сохтории шахсият имкон медиҳад, ки омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни рафтори онҳоро дида бароем.

Дар ҳолатҳои гуногун шахсон арзишҳои худро аз системаҳои арзишҳои иҷтимоӣ ё дигар, ки бо онҳо дучор мешавад, интихоб мекунад. Гарчанде ба инсон арзишҳои оилавӣ, доираи рафиқон, фарҳанг ва ғайра таъсир расонанд ҳам, вале ҳар як шахс арзишҳои худро ташаккул медиҳад.

Арзишҳо эътиқоди қатъии шахс буда, рафтор ва амалҳои ӯро дар ҷомеа нишон медиҳад. Ба таври дигар, арзишҳо он чизҳое мебошанд, ки барои шумо дар ҳаёт муҳиманд [126].

**Нақша 1. Нақшаи арзишҳо (ҳолатҳои шахс) ва муносибатҳои ӯ дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ**

| Арзишҳо (ҳолатҳои шахс) | Муносибати рафтор |
|---|---|
| Зиндагии оромона | Шӯҳратпарастӣ |
| Ҳаёти ҷолиб | Назари фаррох |
| Муваффақият | Истеъдод |
| Зебогӣ | Тозагӣ |
| Баробарӣ | Ҷасурӣ |
| Оила | Якдигарфаҳмӣ |
| Озодӣ | Ёрӣ |
| Хушбахтӣ | Росқавлӣ |
| Оромиши қалб | Тахаюл |
| Муҳаббат | Истиқлолият |
| Бехатарии давлатӣ | Зеҳн |

| Идомаи нақшаи 1 | |
|---|---|
| Лаззат | Мантиқ |
| Наҷот | Меҳр |
| Худэҳтиромкунӣ | Итоат |
| Эътироф | Боодобӣ |
| Дӯстӣ | Масъулият |
| Хирад | Худидоракунӣ |

Бояд қайд кард, ки нақшаи дар боло оварда шуда барои муайян кардани арзишҳои шахс ва таҳияи симои психологии ӯ кумак мекунад.

Арзишҳо вазифаҳое мебошанд, ки бидуни вазъият вуҷуд доранд ва манфиатҳои шахсони алоҳида ё гурӯҳҳоро ифода мекунанд.

Донистани арзишҳо имкон медиҳад, ки шахс ҷавобҳо ба саволҳои худ ба мисли: «Оё ман ба ҳадафҳои худ ноил мешавам?» ё «Оё ин амали ман дуруст аст?» ҷавоб ёбад. Аз ин лиҳоз, арзишҳо маромнокии устуворе мебошанд, ки барои расидан ба ҳадафҳо дар ҳаёт кумак мерасонанд. Донистани маънои ҳаёт ҳам, маҳз, аз дарк ва муайян кардани арзишҳо сурат мегирад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд: «Дар замони муосир баъзе аз омилҳои манфии ҷаҳонишавӣ ва таъсири сиёсати пешнамудаи давлатҳои абарқудрат моро водор менамояд, ки баҳри ҳимоя намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд тадбирҳои судмандро роҳандозӣ намоем. Зеро, омезиш ёфтани арзишҳои миллию байналмилалӣ ва сиёсати ғарбиву шарқӣ инсониятро дучори мушкилоте гардонидааст....» [185, с.90].

Тарзи ҳаёт яке аз ҷанбаи асосиест, ки ҳангоми омӯзиши фаъолият, афкор, рафтор ва амалҳои ҷавонон истифода мешавад. Тарзи ҳаёт мафҳуми умумӣ буда, ҳамчун образи зиндагии шахс ва дар маҷмуъ чӣ гуна сарф кардани вақту истироҳати ӯ муайян карда мешавад. Бо ёрии донишҳои тарзи ҳаёт ҷавонон

воқеаҳои дар атрофи онҳо ба амал омадаро шарҳ дода, арзишҳои худро бо рӯйдодҳо ҳамоҳанг месозанд.

Бояд ёдовар шуд, ки тарзи ҳаёт дар ҳоли тағйирёбист. Тағйири тарзи ҳаёт барои мувофиқат бо арзишҳои шахсӣ зарур аст. Чунки арзишҳо нисбат ба тарзи зиндагӣ устувортаранд. Ин ҳолатро бо ёрии методи психографика омӯхтан мумкин аст.

Психография ин тавсифи психологии хислат, рушд, хусусият ва рафторҳои шахси мушаххас ё гурӯҳои алоҳида мебошад [273].

Психографика як усули омӯхтани тарзи зиндагӣ мебошад, ки бо ёрии он метавон маълумоти миқдориро дар бораи шахс ба даст овард. Инчунин, психография дар усулҳои таҳқиқотӣ ба монанди фокусгурӯҳҳо ва мусоҳибаҳо истифода мешавад.

Психография истилоҳест аксар вақт ҳамчун синоними мафҳуми «меъёрҳо» истифода мешавад, ки амалҳо, шавқ ва ақидаю андешаҳоро тавсиф мекунанд. Дар ин ҷо амал - тарзи рафтор ба монанди хондани рӯзнома, суҳбат бо дӯстон ё гуфтугӯ бо телефон мебошад. Бояд гуфт, ки ҳамаи онҳо мушоҳидашавандаанд, аммо муайян кардани сабабҳои ин амалҳо душвор аст. Шавқ - дараҷаи бедоршавии ҳиссиёте мебошад, ки бо таваҷҷуҳи махсус ва устувор ба объект, ҳодиса ё мавзуъ нигаронида шудааст. Андеша - посухи шахс мебошад, ки ба савол ба таври шифоҳӣ ё хаттӣ баён шудааст.

Дар назди ҳар як шахсе, ки дар дунё зиндагӣ мекунад, ҳамарӯза ҳодиса ё воқеаҳои муҳим рӯх медиҳанд. Баъзеи онҳо шинос ё ғайримуқаррарӣ ва ҳатто ҳамарӯза мебошанд. Баъзеи дигар ба қонунҳои тамоман ғайриоддӣ итоат мекунанд.

Ҳар як рӯз ҳодиса ва ҳолатҳои истиқболкунандаи худро дорад, ки қоидаҳои нави «бозӣ» пешниҳод мекунанд. Дар чунин сурат арзишҳои ҳаётии инсон аҳамияти бузургро касб карда, ҳамчун роҳнамо дар фазои гуногунии интихоб ва қарорҳо хизмат мекунанд.

Моҳияти эътиқод ва мавқеи худро дар ҷомеа дарк кардан омили бартараф кардани душвориҳои ба миёномадаро осон мегардонад. Эътиқодҳо ва арзишҳо намегузоранд, ки шахс аз роҳи дурусти зиндагӣ барканор шавад.

Ҳар як шахс дар зиндагӣ арзишҳои худро доро мебошад. Арзишҳо хислату рафтори шахсро сайқал дода, нақшаҳои минбаъдаи ӯро самаранок ташаккул медиҳанд.

Бояд гуфт, ки қонунҳои универсалӣ вуҷуд надоранд, ки барои ҳама татбиқ шаванд. Мо ҳама гуногун ҳастем. Бо ҳамин далел, ҳақиқати баъзе барои мо ҷилваи дигар медиҳад. Ва ё баръакс он чизе, ки барои мо арзиш дорад, дар назари дигарон муҳим қабул карда намешавад.

Асосан, аришзҳо дар ду ҷанбаи фаъолияти шахс: маромнокӣ ва ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмии ӯ ҷилвагар мешаванд [68, с.206].

Яке аз қисматҳои фарҳанги шахс муҳаббат ба ҳисоб меравад.

Муҳаббат. Ин шояд мафҳуми маъмултарин барои ҳам зан ва ҳам мард бошад. Бояд гуфт, ки зери мафҳуми муҳаббат мо дигар ҷанбаҳои онро низ дар назар дорем. Сухан дар ин ҷо дар бораи муҳаббати оилавӣ намеравад. Манзури мо дигар паҳлӯҳои муҳаббат аст.

Ишора бояд кард, ки ин эҳсосоти илҳомбахшро ҳар як шахс бо гузашти айём аз сар мегузаронад. Эҳсоси муҳаббатро дар робита бо хешовандон, дӯстон ё ҳамкорон дидан мумкин аст. Яъне, эҳсоси муҳаббат доштан ба одамони дигар, ба онҳое, ки шумо ҳеҷ гоҳ имкони вохӯрдан бо онҳо надоред.

Муҳаббат доштан ба дигарон имкон медиҳад, ки таҳаммулпазирӣ, тоқатпазирӣ ва дилсӯзиро дар худ тарбия кунем. Ва ҳангоме ки, бо тамоми вуҷуд ин эҳсосотро дарк мекунем як ҳолати некбинона ва поктинатӣ пайдо мешавад. Ин раванд меҳру шафқатро ба вуҷуд меорад, ки инҳо яке аз арзишҳои инсонӣ ба шумор мераванд.

Шахсе, ки эҳсосоти муҳаббат дорад, ба таври самимӣ нисбати дигарон рафтор карда, камбудӣ ва норасогиҳои онҳоро сарфи назар мекунад. Муҳаббат ҳиссӣ хайрхоҳиро тақвият мебахшад. Ба маънои дигар муҳаббат эҳсоси ахлоқӣ ва эстетикӣ мебошад.

Муҳимтарин омиле, ки инсонро ба саодати ҳақиқӣ мерасонад, дӯстӣ ва муҳаббати тарафайни одамон мебошад. Ҳар ҷое, ки муҳаббат аст, иззату эҳтиром, адлу инсоф ва ғамхорӣ вуҷуд дорад [130, с.85].

Ҳар қадар, ки шахс ба дигарон муҳаббат дошта бошад, ҳамон қадар дигарон ба ӯ чунин эҳсосро арзонӣ медоранд.

Бояд тазаккур дод, ки мутафаккирони тамоми ҷаҳон дар асарҳои худ, мавзуи муҳаббат ва ҳисси хайрхоҳӣ доштан ба дигаронро ҷой додаанд. Муҳаббат, пеш аз ҳама, дар рафтору амалҳои ҳар як шахс таҷассум ёфта, ба чунин арзишҳо ба мисли некӣ, ҳақиқат ва зебогӣ алоқаманд аст. Ин эҳсосот қудрати тағйир додани ботини шахс ва табиатро доро буда, ибтидои созанда барои ташаккули арзишҳои волои инсонӣ мебошад.

Ба андешаи мо роҳи муайян кардани арзишҳои ҳаётан муҳим вуҷуд дорад ва онҳо чунинанд:

1. Рӯйхати амалҳо ва рафторҳоеро тартиб диҳед, ки дар ҳаёт муҳим ба назар мерасанд. Рӯйхат метавонад хеле дароз бошад. Ин хуб аст ва метавонед онро бо гузашти вақт тағйир диҳед.

2. Рӯйхатро аз назар гузаронед ва аз худ бипурсед: Оё воқеан бе инҳо дар зиндагӣ хушбахт буда наметавонам? Агар ягон шубҳа пайдо шавад, метавонед онро аз рӯйхат хориҷ кунед.

3. Ин равандро то он замоне такрор кунед, ки дар рӯйхат то даҳ арзиш боқӣ монад. Инак, рӯйхати арзишҳои муҳимтарини ҳаёт тартиб дода шуд. Ва дар асоси онҳо метавонед ҳаёти худро ба роҳ монед.

Арзишҳои зиндагӣ аломатҳои муҳими нишондод дар раванди ҳаёт мебошанд. Ҳар як шахс дорои арзишҳои худ мебошад. Ва онҳо барои бартараф кардани вазъиятҳои ногувор кумак мекунанд.

Психологҳо чунин ақида доранд, ки арзишҳои кӯдак дар заминаи муносибатҳои оилавӣ ташаккул меёбанд. Мисол, волидоне, ки ба тиҷорат машғуланд, фарзандон меҳр ба пул ва арзиши инсониро дар он мебинанд ё фарзандони корманди боғи ҳайвонот мефаҳманд, ки барои чӣ муҳофизати

табиат ва ёрӣ расондан ба ҳайвоноти бехонаву ҷой зарур аст. Яъне, дар онҳо меҳр ва арзишҳо ба табиату ҳайвонот пайдо мешавад.

Пас, саволе пайдо мегардад: Оё дуруст аст, ки арзишҳои худро ба кӯдакон таҳвил кунем? Дар аввал ин роҳи дурусти масъала аст ва монеи ин раванд шуда наметавонем. Чунки фарзандон ин амалҳои волидонро пай дар пай мушоҳида мекунанд. Ва онҳо бо арзишҳои волидон зиндагӣ карданро оғоз мекунанд.

Тавре профессор С.Н. Мартишенко қайд мекунад: «Арзишҳои маънавӣ-ахлоқии шахс аз хурдӣ дар оила пайдо гардида, баъдан дар раванди тарбия ташаккул меёбанд» [190, с.119].

Дарвоқеъ, чунин ҳам ҳаст, тағйири зоҳирӣ ва ботинии ҳар як шахс дар муассисаҳои таълимӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ сурат мегиранд. Дар он ҷо шахс дарк ва мефаҳмад, ки аз ҳаёт чӣ мехоҳад ва барои ӯ чӣ муҳиму зарурӣ аст. Ва дар ин замина арзишҳои шахсӣ ташаккул меёбанд. Арзишҳо дар тӯли солҳо бо таъсири шароиту вазъият тағйир меёбанд.

Инсон метавонад дар тули ҳаёт арзишҳое, ки дар овони кӯдакӣ барои ӯ муққадас буданд, дигар кунад. Дар баъзан ҳолатҳо арзишҳо метавонанд, якдигарро иваз намоянд. Маслан, гоҳе муҳаббат дар зиннаи аввали арзишҳои шахс ҷой дорад, гоҳе саломатӣ ва гоҳе пулу мансаб.

Ҳаёт ва саломатӣ арзиши муҳим барои инсон аст. Аммо аскарон ва афсарони солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ дар ин бора фикр мекарданд? Албатта не, онҳо танҳо барои Ватан, модар ва наздиконашон ҷонфидоию ҷоннисорӣ мекарданд. Яъне, дар он солҳо арзишҳои муҳимтару зарурӣ – ҳифзи Ватан ва ягонагии он дар зинаи аввал меистод. Ё марде, ки дур аз диёру зану фарзандон барои таъмини рӯзгор дар кишварҳои дигар аз пайи ризқу рӯзӣ аст. Дар навбати аввал барои ӯ на саломатӣ, на муносибатҳои оилавӣ балки, таъмини оила, қонеъ кардани талаботи онҳо ва ба по хезонидани фарзандон меистад. Аз ин ҷо бармеояд, ки муҳимтар барои шахс арзишҳои наздикон мебошанд.

Дар ҳама гуна вазъият муносибатҳои инсониро набояд фаромуш кард. Дар баъзан ҳолатҳо шахс бо дӯсташ муноқиша мекунад, норизо мегардад, дод

мезанад. Аммо дар лаҳзаҳои душвор бояд ба ӯ кумак кард. Рисолати инсонгароӣ ҳам дар ҳамин асос меёбад.

Муҳаққиқ А.С. Бureломова дар ин бора чунин гуфтааст: «Яке аз вазифаҳои асосии арзишҳо танзими рафторҳои шахс дар ҳолатҳои муайяни иҷтимоӣ мебошад» [55, с.44].

Бояд қайд кард, ки зери мафҳуми арзишҳо муносибатҳое ифода меёбанд, ки сохтори шахсиятро намоён мекунанд. Ҳамзамон, муносибатҳо дар сохтори шахсият ҳамчун меъёрҳои рафтор, ки интихоби шахсро инъикос мекунанд, дониста мешаванд. Ду навъи арзишҳо вуҷуд доранд: арзишҳои иҷтимоӣ ва фардӣ. Арзишҳои иҷтимоӣ ҳамчун арзишҳои гурӯҳҳои алоҳида ва ҷомеа фаҳмида мешаванд. Арзишҳои фардӣ бошанд, арзишҳое мебошанд, ки ба шахси мушаххас тааллуқ дошта, рафтору амалҳои ӯро инъикос мекунанд.

Арзишҳо барои шахс он чизҳое мебошанд, ки ӯ ба онҳо огоҳона ё ноогоҳона даст мезанад. Ва дар асоси онҳо талаботи худро қонеъ мегардонад. Инсонҳо ҳама гуногунанд. Аз ин ҷост, ки арзишҳо низ барои ҳар кас инфиродӣ ва мухталифанд. Аммо арзиҳое низ вуҷуд доранд, ки барои ҳамагон ва дар ҳама давру замон, новобаста аз нажод, миллат ва ҷинсият умумӣ арзёбӣ мегарданд. Ба мисли: некӣ, накукорӣ, зебоӣ, ростқавлӣ, хушбахтӣ, хушахлоқӣ, хушгуфторӣ, худшиносӣ, ватандӯстӣ, худогоҳӣ, маънавиёти баланд, қобилиятнокӣ, эҷодкорӣ, масъулиятнокӣ, меҳр, садоқат, самимият, лутф ва ғайра.

Низоми арзишҳои ҷавонон бояд дар асоси арзишҳои абадии умумибашарӣ ва арзишҳои миллӣ бунёд карда шавад [99].

Дар ниҳоди ҷавонони муосир тарбия кардани сифатҳои дар боло оварда шуда ба мавриду зарурӣ буда, рушди ҷомеаи муосир низ аз онҳо вобастагии калон дорад.

Дар баробари арзишҳо фарҳанг низ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ҷойгоҳи хоса дорад. Фарҳанг ин маҷмуи қоидаҳоест, ки танзимкунандаи рафтори шахс маҳсуб ёфта, ба ин васила ба ӯ таъсири

идоракунӣ мерасонанд. Фарҳанг ҳамчун меъёрҳои рафтор дониста шуда, дар ҷомеа ё муассисаҳои мушаххас мавриди амал қарор мегирад. Вай метавонад, бо мурури замон тағйир ё ташаккул ёбад.

Фаъолияти фарҳангӣ ба мисли фаъолияти эҷоди офаридани чизи нав, чизе, ки дар табиат вуҷуд надошт ва мувофиқи қонунҳои худ ба вуҷуд омада наметавонист, зоҳир мешавад. Ба ибораи дигар, фарҳангро метавон ҳамчун эҷодкорӣ муайян кард [162, с.21].

Имрӯзҳо таснифи вожаи «фарҳанг» мафҳумҳои зиёдро дар бар мегирад. Мафҳуми маъмултарини фарҳанг «култура» - парвариш кардан мебошад. Дар Энсиклопедия вожаи «култура» ба маънои кишт ва нигоҳубини замин омадааст. Ба маънои маҷозӣ, фарҳанг ин ғамхорӣ, такмил ва ташаккули майлу қобилиятҳои маънавӣ ва эҷодии инсон аст. Фарҳанг ин дараҷаи таърихан муайяншудаи рушди ҷомеа, қувваҳо ва қобилиятҳои эҷодии шахс, ки дар намудҳову шаклҳои ташкили ҳаёт ва фаъолияти одамон, инчунин дар арзишҳои моддӣ ва маънавии аз ҷониби ҷомеа эҷодшуда ифода меёбад.

Ба андешаи дигар фарҳанг маҷмуи шаклҳои устувори фаъолияти инсон аст, ки бидуни онҳо арзи вуҷуд карда наметавонад.

Тавре қайд кардем фарҳанг аз калимаи лотинӣ «cultura» гирифта шуда, маънояш парвариш мебошад ва баъдтар ба маъноҳои тарбия, таълим, рушд, эҷод дониста мешавад. Ин мафҳум дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти инсон дорои маъноҳои зиёд мебошад.

Фарҳангро метавон асоси рушди инсон ҳамчун мавҷудоти иҷтимоӣ дар шаклҳои мушаххаси фаъолият, ки натиҷаҳои он ашё ва арзишҳо мебошанд, муаррифӣ сохт.

Фарҳанг маҷмуи ҳама намудҳо ва натиҷаҳои фаъолияти дигаргунсозии инсон ва ҷомеа мебошад, ки дар арзишҳои моддӣ ва маънавӣ таҷассум ёфта, меъёрҳои рафтор, муносибати одамонро нисбат ба ҳамдигар, ҷомеа ва табиат инъикос мекунад [36, с.20].

Бояд гуфт, ки меҳнат манбаи пайдоиши фарҳанг буда, тамоми муносибатҳои ҷамъиятиро ба вуҷуд меорад.

Фаъолияти шахс танҳо дар ҳамон вақт манбаи фарҳанг дониста мешавад, ки маҳсули эҷодшуда на танҳо барои ӯ, балки барои дигарон низ манфиатовар бошад.




Расми 2. **Сохтори маънавиёт**

Агар ба ин сохтор назар кунем ба маънавиёт дохил мешаванд: эҳсосот, аз сар гузаронӣ, ҷидду ҷаҳд, дониш, эътиқод, мақсад ва маҳорат. Яъне, маънавиёт тавлидкунандаи сифатҳои дар боло оварда шуда мебошад.

Мафҳуми маънавиёт асосан дар худ се маъно: маърифатӣ, ахлоқӣ ва эстетикиро ифода мекунад. Маънавиёт дараҷаи олии рушди фарҳанги шахс буда, тавлидкунандаи арзишҳои волои ҳаётӣ маҳсуб меёбад. Маънавиёт чунин сифатҳоро дар масири шахс ба мисли виҷдон, нанг, номус, қарзи шаҳрвандӣ, инсонгарой ва зебоиписандӣ тақвият медиҳад.

Маънавиёт ба роҳи дурусти зиндагӣ шахсро роҳнамоӣ карда, дар ташаккули ҷомеаи устувор саҳмгузор мебошад.

Дар бораи консепсияи инкишофи олами маънавии инсон ақидаи ягона вуҷуд надорад. Ҳар як шахс ҷаҳони маънавии худро бо истифода аз таълимот ва усулҳои гуногуни шинохти худ тақвият мебахшад.

Ба андешаи муҳаққиқ Л.А. Коневских «Маънавиёт хусусияти умумии инсон ва шакли фаъолияти хаётии ӯ буда, дар ҷараёни инкишоф дар шуур ба тагйироти систематикӣ оварда мерасонад» [150, с.15].

Маънавиёт ин майл ба камолоти ботинӣ расидан, дарки қонунҳои ҷомеа, донистани ҷаҳон, ҳадафҳои ҳаётӣ, ташаккули сифатҳое, ки баҳри ободии ҷаҳон мусоидат мекунанд, мебошад. Маънавиёт моликияти таркибии инсон буда, дар корҳои созанда, эҷодкорӣ, зебоиписандӣ, шинохти сатҳи муносибатҳои инсонӣ, меҳр, муҳаббат, шафқат ва амсоли инҳо таҷассум меёбанд.

Ба раванди рӯҳӣ-равонии шахс муҳит, муносибатҳои одамон, оила, рафиқону дигар омилҳои беруна таъсир мерсонанд ва аз эҳтимол дур нест, ки дар ӯ мондашавии асаб ва дилсарди аз дунё пайдо шавад. Дар ин маврид чӣ гуна аз ҳолати пайдо шуда раҳоӣ ёфтан аз тарбияи маънавӣ вобастагии калон дорад.

Маънавиёти баландро меҳру муҳаббат, шафқат, ростқавлӣ, адолат, таҳаммулпазирӣ муайян мекунанд. Камолоти шахс на дар сатҳи ҷисмонӣ ва қудратмандӣ, балки дар сатҳи маънавиёти ӯ дида мешавад. Иқтидори маънавии шахс ҳар қадар баланд бошад, ҳифзи бадан ҳамон қадар тавоногар мешавад.

Пас, маънавиётро метавон як талаботи идеалии инсонӣ барои донистани моҳияти ҳаётӣ, талош барои рафъи монаҳои мавҷуда ва барқарор кардани муносибатҳо дар асоси принсипҳои муҳаббат, меҳрубонӣ, зебоӣ ва эҷодкорӣ арзёбӣ кард. Аз ин лиҳоз, барои рушди маънавиёт шароити мусоид, ташкилу амалӣ намудани тарбияи маънавӣ ва таълим зарур аст.

Маънавиёт дар шахс тавассути инкишофи дониш, фаъолияти фикрӣ ва бо роҳи рушди фарҳанг тарбия карда мешавад.

Асарҳои адабиёт ва санъат ҳиссиёти гуногуни шахсро ташаккул дода, барои дарк кардани маънои ҳаёт ёрӣ расонида, фаъолияти эҷодиро инкишоф медиҳанд. Шахсе, ки маънавиёти баланд дорад, роҳу равиши зиндагии худро аз рӯйи қонунҳои зебоӣ сохта, бо як завқи баланд ба оянда менигарад.

Ба андешаи файласуф Л.П. Буева: «Арзишҳои маънавӣ мазмун, сифат, симо ва самти мавҷудияти инсонро муайян мекунанд» [241, с.65].

Барои муайян ва ошкор сохтани мутолиаи китоб ва таъсири китоб ба ҷаҳони маънавии шахс мо бо иштирокчиёну ташрифоварандагони муассисаҳои фарҳангии шаҳри Душанбе пурсишнома гузаронидем. Ва ба онҳо чунин савол пешниҳод намудем: «Кадом намуд китобҳо дар хонадони шумо мавҷуд ҳаст?» Мо ба пурсишшудагон 6 варианти ҷавоб пешниҳод намудем.

**Ҷадвали 7. Натиҷаи саволи «Кадом намуд китобҳо дар хонадони шумо мавҷуд ҳаст?»**

| Жанри китобҳо | Шумора | Фоиз |
|---|---|---|
| Илмӣ | 21 | 11,6% |
| Бадеӣ | 68 | 37,8% |
| Ихтисосӣ-касбӣ | 36 | 20% |
| Бачагона | 27 | 15% |
| Лирикӣ | 16 | 8,9% |
| Мазҳакавӣ | 12 | 6,7% |
| Ҷамъ | 180 | 100 |

Агар, ба ҷадвали дар боло овардашуда назар афканем мебинем, ки дар ҷойи аввал мутолиа ва нигоҳдории китобҳои бадеӣ меистад. Аз 180 нафар пурсишшудагон 68(37,8) нафари онҳо ин варианти ҷавобро интихоб намудаанд.

Дар ҷойи дуюм китобҳои ихтисосӣ-касбӣ, ки ин вариантро 36(20%) нафар, 27(15%) нафар пурсишшудагон мутолиа ва нигоҳдории китобҳои бачагона, 21(11,6%) нафар китобҳои илмӣ, 16(8,9%) нафар китобҳои лирикӣ ва 12(6,7%) нафар китобҳои мазҳакавиро интихоб намудаанд.

Аз таҳлили озмоиши гузаронидашуда бармеояд, ки дар хонадони ҷавонон бештар китобҳои бадеӣ нигоҳдорӣ карда мешаванд. Албатта, китобҳои бадеӣ ба маънавиёт ва тафаккури ҷавонон таъсири худро мерасонанд. Аммо ёдовар бояд шуд, ки бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Қарор «Дар бораи бистсолаи омӯзиш ва рушди илмҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ эълон намудани солҳои 2020 - 2040» қабул гардид, ки дар партави ин тарғибу ташвиқи китобҳои илмӣ, касбӣ-техникӣ дар байни ҷавонон аз манфиат холӣ нест.

Масъалаи рӯй наовардани ҷавонон ба китобу китобхонӣ яке аз проблемаҳои муҳимтарини имрӯза мебошад. Пӯшида нест, ки ҷавонони имрӯза мутолиаи рӯзнома, маҷалла ва китобҳоро дӯст намедоранд. Дар асри технологияи компютерӣ, ҷаҳони зудтағйирёбанда ва ташккули арзишҳо қадру манзалати китоб, то андозае коҳиш ёфта, сомонаҳои иҷтимоию Интернетӣ мавқеи онро маҳдуд карда истодааст. Ин раванд ба маънавиёти ҷавонон таъсири манфӣ худро мерасонад, зеро онҳо қобилияти таҳлили воқеиро надоранд.

Маънавиёт ҳамчун падидаи иҷтимоӣ аз шуури як фард вобаста нест, балки рушди он тавассути таҷрибаи умумибашарии инсонӣ ва фаъолияти ҳаррӯзаи шахс сурат мегирад.

Маънавиётро бо як калима ифода кардан душвор аст. Вай мафҳуми фарогири тамоми паҳлуҳои ҳаётии шахс мебошад. Маънавиёт чунин падидаи мураккаби иҷтимоист, ки ҳамоҳангии ақлу зеҳни шахс ва рафторҳои ӯро инъикос мекунад. Моҳияти амалии маънавиёт дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ, ки тақдир ваояндаи инсониро муайян мекунанд, дида мешавад. Яъне, маънавиёти

баланд ҷаҳолатро аз байн бурда, муносибат, рафтор, гуфтор, амал, кирдор ва ахлоқи шахсро дар ҷомеа ба танзим медарорад.

Ахлоқ як ҷузъи мураккаби иҷтимоӣ-психологӣ мебошад. Он аз эътиқоди зеҳнию эмотсионалӣ шахс ташаккул меёбад, ки мустақилона инкишоф ёфта, ангезаҳоро идора мекунад ва дар ин замина, фаъолияти шахс, симои зоҳирию тарзи ҳаёти ӯро муайян месозад.

Ахлоқ маҷмуи қоидаҳо ва меъёрҳои рафторест, ки одамон ҳаёти худро дар ин замина ба роҳ мемонанд. Ахлоқ муносибати одамонро нисбат ба ҳамдигар ифода мекунанд. Асоси муносибатҳои ахлоқиро баҳодиҳии падидаҳои иҷтимоӣ аз нигоҳи вожаҳои неку бад, вазифаю масъулият, ҳақиқат ва адолат ташкил медиҳад.

Ахлоқ дар сохтори худ унсурҳои зеринро дар бар мегирад:

- муносибат ва меъёрҳои рафтори одамон, ки хислати устувор ва моҳияти умумӣ доранд;
- баҳодиҳии арзишҳо ва гояҳо;
- хосиятҳо ва қобилиятҳои шахс.

Бояд гуфт, ки ин қисматҳо асосҳои урфу одат, ахлоқ ва расму оинҳои ҷамъиятиро ташкил медиҳанд. Одамон дар сатҳҳои гуногуни ҳаёт майли қабули арзишҳои муайяни ахлоқиро доранд, вале барои ҳама зарурати бечунучарои риояи меъёру қоидаҳои аз тарафи умум қабулшуда, ки шарти зиндагии муштарак дар ҷамъият мебошанд, ба миён меояд.

Ба андешаи муҳаққиқ П. С. Нематов: «Тарбияи ахлоқии шахсият аз омилҳои муайяне вобастагӣ дорад, ки ба онҳо воситаҳои иҷтимоӣ, тарбияи ахлоқӣ, ширкати шахсият дар фаъолият ва муошират шомил ҳастанд. Тарбияи ахлоқӣ бояд ба ташаккули шуур ва рафтори ахлоқӣ равона карда шавад, ки дар ҳисоби ниҳоӣ рушди ахлоқии шахсият, дараҷаи фарҳанги ахлоқии онро муайян месозад» [223, с.232].

Ба унсурҳои ахлоқ дохил мешаванд:

- **накӯкории оқилона** ҳангоми таълим дар шахс пайдо мегардад. Ба вай дохил мешавад: донишмандӣ, худнишондиҳӣ ва хирадмандӣ;
- **накӯкории ахлоқӣ** аз одат манша мегирад. Ба вай дохил мешавад: бомулоҳизакорӣ, мардонагӣ, адолатпешагӣ;
- **саховатмандӣ.** Муносибати шахсро ба боигариҳои моддӣ инъикос мекунад;
- **азамат, бузургӣ.** Муносибати шахсро ба шарафмандӣ ва бошарафӣ инъикос мекунад;
- **баробарӣ.** Муносибати шахсро ба чизҳо ва ашё ифода мекунад;
- **ҳақиқат.** Муносибати самимонаро инъикос мекунад;
- **зеҳни тез, закӣ**. Ишора ба ақли расо;
- **рафоқат.** Муносибати меҳрубонона нисбати якдигар;
- **шарму ҳаё.** Ишора ба доштани иффат.

Файласуфи бузурги Юнони қадим Арасту ду самти самарабахши рушди ахлоқии шахсиятро нишон додааст, ки барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии муосир низ мувофиқанд:

- ташаккули қобилиятҳо, таҳлил ва азхудкунии донишҳо дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ;
- беихтиёр риоя кардани меъёрҳои ахлоқӣ. Яъне, рафторҳое, ки ба дараҷаи одат гардидаанд [128].

Тарбияи ахлоқӣ чунин сифатҳоро дар шахс рушд медиҳад:

- ташаккули шуур дар муносибат бо ҷомеа;
- ҳамоҳангсозии рафтори худ бо дигарон;
- пайдоиши идеалҳои ахлоқӣ;
- ташаккули донишҳои ахлоқӣ;
- пайдоиши эътиқодҳои ахлоқӣ;
- эҳтиром ба одамони гирду атроф;
- эҳтироми арзишҳои меъёрии рафтори ҷомеа;
- фарҳанги рафтор;

- ташаккули одатҳои ахлоқӣ.

Тавре дар боло қайд кардем, сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс дар рафтору фаъолияти инсон зохир шуда, муносибатҳои ӯро бо олами беруна ва одамони дигар муайян месозанд. Ҳама гуна сифатҳои ахлоқии шахс ҳамчун ягонагии фардии ӯ донистa шуда, дар хусусиятҳои сохторӣ ва мундариҷаи он ифода меёбанд.

Ахлоқ ин арзишҳои маънавие мебошад, ки амал, рафтор, тарзи тафаккур ва ҷаҳонбинии шахсро муайян мекунанд.

Ахлоқ ҳудуди маънавии шахсист, ки ба донистани рафтори қобили қабул ва ғайри қабул, тасаввуроту дарки некӣ ва бадӣ, ки аз ҷониби виҷдон идора мешаванд, ифода мегардад [85, с.7].

Моҳияти ахлоқ хусусияти рафтори инсон, тарзи амал, кирдор ва гуфтори ӯ мебошад. Рафторҳои ахлоқӣ муайянкунандаи маънои тамоми фаъолияти шахс ба шумор мераванд. Асосан педагогҳо дар бораи ду намуди рафтор бештар сухан меронанд:

- рафторҳо зери фишори омилҳои беруна ва дохилӣ;
- рафторҳои бошуурона, ки дар асоси ақидаҳои ҷаҳонбинӣ дар бораи меъёрҳои ахлоқӣ арзи ҳастӣ доранд.

Рафторҳои бошуурона ин шакли озодии рафтор ба шумор меравад. Зеро на бо василаи маҷбуркунии беруна, балки бо ақидаҳои ботинии бошуурона дар асоси некӣ, виҷдон ва адолат рӯйи кор меоянд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ яке аз қисматҳои тарбия ба шумор рафта, барои ташаккули арзишҳо ва сифатҳои инсонӣ нигаронида шудааст. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ аз рӯзи таваллуди инсон оғоз ёфта, дар идомаи умр тавассути муошират, муомила ва фаъолияти рӯзмарра идома меёбад. Низоми арзишҳои маънавӣ-ахлоқии шахс дар тӯли асрҳо ташаккул ёфта, зери таъсири таърих, табиат, шароити зиндагӣ, эҷодиёти фарҳангӣ таҷрибаи наслҳоро дар худ маҳфуз медорад.

Муҳаққиқ И.В.Михалетс чунин мешуморад: «Маҳз ахлоқ аст, ки шахсро аз ҷиҳати қобилияти зиндагӣ дар ҷомеа тавсиф мекунад. Ба андешаи профессор А.А.Гусейнов барои он, ки ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамчун тарзи мавҷудияти инсонӣ ба амал ояд, ахлоқро мисли арзишҳои ибтидоӣ ва бечунучаро қабул кардан лозим аст» [204, с.40].

Дуруст аст, ки оила ҳам дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши бузург дорад. Анъанаҳои оилавӣ низ падидаи маънавие мебошанд, ки ба раванди риояи меъёрҳо ва арзишҳои ҷомеа нигаронида шудаанд. Анъанаҳои оилавӣ ва иҷтимоӣ унсурҳои асосии раванди тарбияи ахлоқии ҷавонон ба ҳисоб мераванд. Бо вуҷуди ин, набояд дар бораи муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва фарҳангӣ, ки шахс вақти худро дар он ҷойҳо сарф карда, ҳамчун шахсият ташаккул меёбад, фаромӯш созем.

Ба андешаи мо, меъёрҳои тарбияи ахлоқӣ инҳо мебошанд:

- сатҳи дониш ва эътиқод;
- риояи меъёрҳои ахлоқӣ;
- ташаккули сифатҳои ахлоқии шахс;
- рафторҳои мувофиқ дар ҳолатҳои гуногуни зиндагӣ.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон тавассути ҳамкориҳои муштарак бо оила, муассисаҳои таълимӣ, марказҳои ҷавонон ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ амалӣ карда мешавад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун фаъолияти мақсаднок баҳри баланд бардоштани фарҳанги ҷавонон тавассути иштироки онҳо дар озмунҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ сурат мегиранд.

Мафҳуми тарбияи ахлоқӣ таҷассумгари ҳам тарбияи шаҳрвандӣ ва ҳам тарбияи ватандӯстӣ мебошад. Аз ин рӯ, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ инъикосгари муносибати шахс ба худ ва ҷаҳон дониста мешавад.

Муҳаққиқ З.И. Саласкина тарбияи маънавӣ-ахлоқиро раванди педагогие мешуморад, ки ба азхуд кардани меъёрҳо, қоидаҳои ахлоқӣ, ташаккули

ҳиссиёти маънавӣ-эстетикӣ, шуур, эътиқод, ҳисси равонӣ, малака ва одатҳо нигаронида шудааст [384, с.86].

Раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ бояд арзишҳо ва сифатҳои инсонгароёнаи ҷавононро барои ҳаёти минбаъдаи муваффақонаи онҳо ташаккул диҳад. Ҷавонон бояд барои рафтор ва амалҳои худ дар ҷомеа масъул бошанд. Барои ин онҳо бояд меъёрҳои иҷтимоиро эҳтиром ва риоя намоянд. Шахсони калонсолро иззату эҳтиром намуда, ба насли наврас дасти ёрӣ дароз кунанд.

Айни замон проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар баробари масъалаҳои рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва таъмини амнияти миллӣ яке аз ҷойи намоёнро касб кардааст.

Ҳамин тариқ, баъди тавсифи мафҳумҳои арзиш, фарҳанг, маънавиёт ва ахлоқ дар асоси ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба чунин хулоса омадем:

- дар чорабиниҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ унсурҳои педагогикаи халқиро ҳамчун воситаҳои самарабахши тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ истифода бурдан лозим аст;
- гузаронидани чорабиниҳои хислати тарбиявӣ дошта ба мисли: тарбияи ҳисси шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, эҳтиром ва риояи ҳуқуқҳо, меҳнатдӯстӣ, зебоиписандӣ ва амсоли инҳо;
- ҳангоми омодагии чорабиниҳо ҷавононро ҷалб намудан;
- истифодаи панду андарзҳо дар чорабинӣ;
- тарғибу ташвиқи ҳунарҳои мардумӣ;
- мувофиқи талаботи ҷавонон чорабиниҳоро омода намудан;
- чорабинӣ ифодагари мавзуйи доғи рӯз ва мубрамият дошта бошад;
- дар вақти омодагӣ ба чорабинӣ рукнҳои анъанаҳо ва сунатҳои мардумӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Маҳз, баъди ба эътибор гирифтани қисматҳои дар боло зикр гардида муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули шахсияти созанда, ободкор,

ватандӯст, таҳаммулпазир, масъулиятшинос ва амсоли инҳо саҳмгузорӣ карда метавонанд.

## 2.2. Муносибатҳои муосир ба раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Дар шароити кунунӣ низоми маорифу фарҳанг беш аз беш мавқеи меҳвариро дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба худ касб кардаанд. Зеро, маҳз ин муассисаҳо ҳамчун «кафил» баромад карда, заминаи мусоид баҳри ташаккул ва рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон фароҳам оварда, вақти холию фароғати онҳоро самаранок мегузаронанд. Комилан равшан аст, ки ягон лоиҳаи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷумҳурӣ бидуни шахсияти маънавиёти баланддошта, масъулиятшинос, дорои арзишҳои волои инсонӣ ва амсоли инҳо бомуваффақият амалӣ карда намешавад. Аз ин лиҳоз, яке аз масъалаҳои мубрами муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ раванди ташаккулу инкишофи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба шумор меравад.

Проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар тамоми марҳалаҳои тараққиёт ва сохторҳои иҷтимоӣ инсониятро баҳри беҳтару хубтари ҳалли ин масъала беташвиш намонда буд. Дар ҳар давру замон равиш ва усулҳои хоси тарбия, арзишҳо ва идеалҳо вуҷуд доштанд, ки хоси он замона маҳсуб меёфтанд. Агар дар ҷомеае, ки ҳадафҳои таҳрифшуда танҳо бар пояи арзишҳои моддӣ ташаккул ёфта бошанд ва ба масъалаҳои маънавиёту ахлоқ таваҷҷӯҳи кофӣ дода нашавад, дар ин асно, идеалҳои ботил ба миён омада, ҷомеа ба буҳрони маънавӣ-ахлоқӣ дучор мегардад.

Ба андешаи олим ва мутафаккири тоҷик С. Ятимов: «Илм, фарҳанг, маориф ва тарбия пойдевори аслии таъмини амнияти давлати миллӣ мебошанд» [375, с.260].

Бояд зикр кард, ки дар замони имрӯза низ ин проблема моҳияти худро гум накардааст. Имрӯзҳо аз ҳарвақта дида таваҷҷуҳи худро ба тарбияи маънавӣ-

ахлоқии ҷавонон равона кардан лозим аст. Зеро, бе тарбияи дуруст ва ҳадафрас ҷавононро ба шоҳроҳи зиндагӣ роҳнамоӣ кардан ғайриимкон аст.

Новобаста аз он, ки дар зиндагӣ, истеҳсолот, фароғат, таълим ва фаъолияти ҳаррӯза воситаҳои муосири техникӣ ба амсоли компютер, планшет, Интернет ва телефонҳои мобилӣ ворид гардида бошанд ҳам, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар ташаккули шахсият ҳамчун омили асосии инкишоф ва худмуайянкунии иҷтимоӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунад [230, с.7].

Ҷавонон ин қисмати иҷтимоӣ-демографие мебошанд, ки дар асоси вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва тарзи рафтор аз дигар қишрҳои ҷомеа ба куллӣ фарқ мекунанд. Ҷавонон ҳамчун нерӯи бузурги зеҳнӣ на танҳо истеъмолкунандаи арзишҳои моддию маънавӣ, балки истеҳсолкунандаи онҳо низ маҳсуб меёбанд. Аз ин рӯ, ҳадафи асосии муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангӣ ба ҳаёти ҷамъиятӣ ворид намудани онҳо мебошад. Зеро, насли ҷавон қодир аст, азнавсозӣ ва тағйироти ҷиддӣ дар ҷомеа ворид созад.

Мутаассифона ба бархе аз ҷавонони имрӯза сатҳи пасти дониши таърихи кишвари худ, тасаввуроти заиф дар бораи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва худшиносии миллӣ хос аст.

Таҳқиқоти педагогӣ нишон доданд, ки аксари ҷавонон кӯшиш намекунанд, ки шахсият бошанд, дар ҷомеа мавқеъ пайдо намуда, зиндагии худро мустақилона созанд. Онҳо мехоҳанд ва дар талоши онанд, ки шабеҳу монанди ҳаммаслаконӣ худ бошанд.

Шахс бояд худро мувофиқи имкониятҳои маънавӣ, моддӣ ва ҷисмонӣ инкишоф диҳад. Дуруст аст, ки ҳамсолон бояд, маслиҳат диҳанд, роҳнамоӣ кунанд, аммо шахс набояд, ба ҳамаи гуфтаҳои рафиқон агар хилоф ва бар зиддӣ арзишҳои ӯ бошанд, ризо гардад.

Баъзан ҷавонон ба роботҳое монанд ҳастанд, ки шуури онҳо қобилияти таҳлил кардани ҳолатро надоранд. Хубро аз бад фарқ карда наметавонанд. «Ман»-и худро надоранд, онҳо наметавонанд ба таъсири омилҳои ҷаҳони беруна муқобилият нишон диҳанд.

Дар аксари ҷавонон ҷиҳати пасти ахлоқ, рафтор, кирдор ва амалҳо ба чашм мерасад. Сатҳи зеҳнӣ ва маърифатии онҳо, то андозае коҳиш ёфта, ҷинояткорӣ, майнӯшӣ миёни ноболиғону ҷавонон афзуда истодааст.

Дар замони муосир бисёр арзишҳо аз тарафи ҷавонон ба қадри кофӣ ҷиддӣ қабул карда намешаванд. Масалан: эҳтиром ба калонсол, устодон, муҳаббат ва ғамхорӣ нисбати якдигар, ба табиат ва ғайра. Аз тариқи барномаҳои криминалии телевизион чандин маротиба шоҳиди он гардидаем, ки бархе аз ҷавонон даст ба ҷинояту ҷинояткорӣ зада, авбошӣ мекунанд, аз дарсҳо гурехта ба бозиҳои компютерӣ машғул мешаванд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Б. Нуров сар задани чунин амалҳо аз тарафи ҷавонон ин ноогоҳ будан аз урфу одат, анъанаҳои фарҳанги суннатӣ, санъат ва арзишҳои миллӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, ҷой додани арзишҳои миллӣ дар зеҳни насли наврас ва ҷавонон кори мунтазам ва мудавоми фарҳангиёну зиёиёни ватанӣ мебошад [235, с.28].

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки баъзе ҷавонон дар ҷойҳои ҷамъиятӣ дағалона рафтор карда, суханҳои носазо мегӯянд ва бо овози баланд ҳарф мезананд. Мутаассиф дар он ҳастем, ки барои чунин рафтор, то ҳол ягон шахсро ҷарима ва ба корҳоиислоҳотӣ равона накардаанд. Дар Европа барои рафтори дағалона ва гапҳои носазо ҷарима пешбинӣ шудааст. Аз ин ҷост, ки сатҳи маърифат, рафтор ва гуфтори шаҳрвандони малакатҳои Европа нисбати дигар минтақаҳои ҷаҳон баланд мебошад.

Масалан, дар Олмон барои таҳқир кардан аз 150 то 1500 Евро, ки ҳаҷми маоши якмоҳаро ташкил мекунад (ҳайвон – 250 Евро, масхарабоз – 300 Евро), ҷарима ситонда мешавад [320]. Аз ин рӯ, дар чунин мамлакатҳо сатҳи маърифат ва эҳтиром нисбат ба шахсони дигар баланд мебошад.

Сабаби дигари паст будани маърифати ҷавонон дар он аст, ки аз таърихи фарҳанги пурғановату нигоштаҳои адибону нависандагон, шоирону олимони мардуми хеш ноогоҳанд. Ба андешаи мо шаҳрванди асил ҳамоне дониста мешавад, ки ба урфу одат ва суннатҳои мардумӣ арҷ гузошта, дар ҳаёти ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзад.

Бояд қайд кард, ки дар даврони Шуравӣ низоми таълиму тарбия дар як маҷрои муайян тарҳрезӣ мешуд. Ва натиҷаи назаррас ҳам пайдо карда буд. Мусаллам аст, ки ҳар як низоми давлатдорӣ ҷиҳатҳои мусбат ва манфии худро дорад. Агарчи муваффаққиятҳо, то андозае пойдор буданд, вале ҷанбаҳои манфӣ низ ҷой доштанд. Ба мисли: ҳуҷҷатгузорӣ бо забони тоҷикӣ дар сатҳи паст қарор дошт, ҷашнҳои миллӣ ба таври пуршукуҳ гузаронида намешуданд ва ғайра. Ҷонибдори низоми Шуравӣ нестем, вале бояд иқрор шуд, ки дар он давраҳо низоми тарбия ва сатҳи таълим, то андозае роҳи ҳалли худро ёфта буд. Чунки ҷавонон дар рӯҳияи созандагӣ, ободкорӣ, ҳисси масъулиятшиносӣ, меҳрубонӣ, шафқат, ғамхорӣ ва амсоли инҳо тарбия меёфтанд. Сохтори имрӯза то андозае қаноаткунанда ҳаст, аммо ҷиҳатҳои таълимию тарбиявӣ на ба таври лозима ба роҳ монда шудаанд. Яъне, озодӣ дар фаъолияти ҷавонон бештар дида мешавад. Ин хуб аст, вале бояд ишора кард, ки на ҳамаи ҷавонон ин озодиро ба таври зарурӣ истифода мебаранд. Ҳар ҷавон бароиояндаи худ масъул мебошад. Ва бархе аз ҷавонон аз ин масъулият меҳаросанд.

Ояндаи ҳар як давлату миллат дар дасти ҷавонон аст. Аз ин ҷост, ки праблемаҳои ҷавононро ҳамчун проблемаи умумибашарӣ унвон дод. Андешаҳои ҷавонон дар бораи арзишҳо моро дар ҳайрат ва дар баъзан ҳолат ба тааҷҷуб меорад. Бархе аз ҷавонони имрӯза мисли ҷавонони солҳои қаблӣ қобилияти баҳо додан ба арзишҳоро надоранд. Бояд қайд, кард, ки дар ин маврид гуноҳи онҳо ҷой дошта бошад ҳам, аммо дигар паҳлуҳо ва омилҳои ҳаётиро нодидагирӣ насозем. Яъне, ба ҳаёти ҳаррӯза ворид гардидани гаджету телефонҳо, планшету смартфонҳо таъсири манфии худро ба ҳаёту фаъолияти ҷавонон гузошта истодаанд.

Ахлоқ дараҷаи доимист. Яъне, ахлоқ новобаста аз вақт, муҳит, идеалогия ва сатҳи технология ҳамавақт дар зинаи аввал меистад.

Тавре ки дар илми педагогика қайд карда шудааст: тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ раванди мақсадноки байни педагог ва тарбиятгиранда буда, ба ташаккули рушди сифатҳо ва арзишҳои шахсият нигаронида шудааст.




**Расми 3. Муассисаҳо ва ниҳодҳое, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон машғул мебошанд**

Тавре аз расми дар боло оварда шуда аён мегардад, ҳамаи муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, фарҳангӣ, марказҳои ҷавонон, клубу сексияҳои варзишӣ, ҷамъиятҳои хайрхоҳона, оила ва дигар ташкилот метавонанд, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми арзанда дошта бошанд. Чунки тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар ҳамаи давру замон актуалӣ арзёбӣ карда мешуд.

Имрӯзҳо дар назди ҳар як педагог, кормандони муассисаҳои фаоҳангӣ ва онҳое, ки ба тарбияи ҷавонон машғуланд, чунин вазифаҳо меистанд:

- ҷавононро дар рӯҳияи созандагӣ, ободкорӣ, ҳуввияти миллӣ, арҷгузорӣ ба арзишҳо, Ватандӯстӣ ва амсоли инҳо тарбия кардан;
- ҳангоми тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ хусусиятҳои синну солиро ба назар гирифтан;
- ҷиҳатҳои ҷисмонӣ ва саломатии онҳоро ба инбоат гирифтан;

- дар ниҳоди онҳо ҳисси боварӣ ва эътиқодро парвариш кардан;
- худмустақилӣ ва худтарбиякуниро ба онҳо фаҳмонидан.

Муҳаббат ба Ватан ва зебогиҳои диёр яке аз самтҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон маҳсуб меёбад. Ин раванд меҳри ҷавононро нисбат ба диёр ва маҳалли хеш афзун намуда, бароиояндаи он масъул буданро парвариш медиҳад.

Дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ истифода бурдан аз порчаҳои фильмҳои ҳуҷҷатӣ, санъат, рассомӣ, ҳайкалтарошӣ ва ғайра ҳангоми машғулиятҳо, семинарҳо, тренингҳо, шабҳои вохӯрӣ, чорабиниҳои мавзуӣ раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро ба маротиб дучанд мегардонад. Яъне, истифодаи чунин филмҳо ба мисли: “Марги судхур”, “Достони Рустам ва Сӯҳроб”, “Қисмати шоир”, “Қитъаи назоратӣ” ва ғайра самаранокии раванди тарбияро тақвият мебахшад.

Маҳаки асосии ин филмҳо маҳз тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба ҳисоб меравад.

Беҳтарин асарҳои рассомон, нависандагон, шоирон барои боз ҳам беҳтари фаҳмидани ҳаёт ва муносибатҳои ҷамъиятӣ ба шахс ёрӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, истифода кардан аз онҳо низ дар раванди фаъолият ба манфиати кор хоҳад буд.

Дар ташкили чорабиниҳо истифодаи асарҳои бадеӣ, ки онҳо ҳаёт, фикру андеша ва хиссиёти одамонро инъикос менамоянд, дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон таъсири калон доранд.

Санъат нигоҳи шахсонро ба зебоӣ, назокат ва нафосат дар соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, маънавӣ-ахлоқӣ ва меҳнат тағйир дода, ҷаҳонбинию хислатҳои ҳамидаи инсониро ташаккул медиҳад.

Истифодаи навъҳои гуногуни санъат дар чорабиниҳо ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мусоидат намуда, ҳисси хештаншиносӣ, масъулиятшиносӣ, хушмуомилагӣ, хоксорӣ, иззату эҳтиром ва амсоли инҳоро тақвият мебахшад.

Яке аз вазифаҳои муҳими муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ин бо истифода аз воситаи санъату адабиёт баҳри дарк ва фаҳмиши асар мебошад.

Адабиёти бадеӣ манбаи бебаҳои дониш дар бораи воқеияти ҳаётӣ, таърихи гузаштаи халқу миллати хеш, олами маънавӣ, ҷаҳонбинӣ ва тафаккур буда, барои дарёфти лаззати эстетикию ахлоқӣ хизмат мекунад.

Корҳои мақсадноки фаъолияти педагогӣ дар бораи истифодабарии адабиёт аввалан талаботи маънавии ҷавононро қонеъ гардонида, баъдан инкишофи қобилияти эҷодии онҳоро фаъол мегардонад.

Ҳангоми мутолиа шахс бо қаҳрамонҳои асар ва тарзи ҳаёти онҳо шиносоӣ пайдо карда, ҳиссиёт ва нигоҳҳои ҳаётан муҳими маънавию ахлоқӣ пайдо мегарданд.

Агар ҷавононро ба китобу китобхонӣ тарғиб накунем ва шавқу завқи онҳоро ба адабиёт бедор насозем ҳолати бепарвою суст инкишоф ёфтани қобилиятҳои эҷодӣ-эстетикӣ пайдо мегардад.

Дар бораи шавқу рағбат ба китоб драмматург, шоир ва тарҷумони бузурги даврони Шуравӣ С.Я. Маршак гуфта буд: «Ҳар коре мекунед ва ба ҳар коре машғул бошед, ҳамеша ба ёрдамчии оқилу вафодор - китоб ниёз доред» [366].

Яъне, самти асосии фаъолияти педагогӣ дар ин раванд баланд бардоштани шавқу завқи ҷавонон ба мутолиаи китоб ва рағбат доштан ба он мебошад. Фароҳам овардани чунин муҳит дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ танҳо ба дӯши педагог ва китобдор нест. Ин масъаларо бояд тамоми коллектив ва мутассадиёни самти тарбия роҳандозӣ кунанд.

Дарку қабули адабиёт раванди мураккабест, ки тахайюл, тафаккур ва эҳсосро ба ҳам меорад. Аз ин рӯ, сатҳи таъсири маънавӣ-ахлоқии асар бештар ба дараҷаи фарҳанги эҷодии хонанда ва таҷрибаи ҳаётии ӯ вобаста аст.

Бояд ишора кард, ки муҳокимаи коллективонаи китоб ба возеҳу равшан кушода шудани масъалаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии он замина гузошта, ҷавоноро ба роҳи созандагию ободкорӣ роҳандозӣ менамояд.

Мубоҳиса, баҳсу мунозира воситаҳои ташаккули афкори ҷавонон гардида, ба баланд гардидани сатҳи маънавиёти онҳо шароит муҳайё месозад. Баҳсу мунозира ҷавононро барои қабули қарорҳои дуруст, баҳодиҳӣ ба рафтору амалҳо, исбот ва ҳимоя кардани мавқеи худ дар масъалаи ба миён омада ҳидоят мекунад. Ин раванд эҳсосоти ҷавононро ба мисли ҳамдардӣ, ҳамфикрӣ ва дарки дарду ғами рафиқон бедор карда, шахсони ғайрифаъолро низ ҷалб месозад. Иштирокчиёни чунин маҳфилҳо баромад накунанд ҳам, имконият доранд, ки ақидаю андешаҳои худро бо фикру мулоҳизаҳои рафиқон ва шахсони калонсол муқоиса созанд. Дар баҳсҳо кобилияти шунидани суханҳои дигарон, эҳтиром кардани нуқтаи назари онҳо ва қабул кардани эродҳои танқидӣ ба унвонии худ ташаккул меёбад.

Бо диққат мутолиа намудани китоб бошуурона дарк намудани масъалаҳои ахлоқиро таъмин намуда, диққатро ба олами ботинии одами дигар, аҳволу ҳамдилию ҳамдардӣ нисбат ба ӯ тарбия намуда, донишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва психологии хонандаро ғанӣ мегардонад.

Дар самти тарбияи маънавӣ-ахлокии ҷавонон нақши санъати тасвирӣ низ бағоят калон мебошад. Дар шароити муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ раванди тарбияро ба воситаи санъати тасвирӣ тавре ба роҳ мондан лозим аст, ки ном ва эҷодиёти рассомону хайкалтарошони барҷаста ба ҳар як хонанда мисли ном ва эҷодиёти шоирону нависандагони машҳур, ба мисли Садриддин Айнӣ, Мирзо Турсунзода, Гулназар Келдӣ, Лоиқ Шералӣ ва дигарон наздик ва азиз гардад. Санъати тасвирӣ ба воситаи гуногунҷанба будани худ, аз дигар санъатҳо фарқ мекунад. Он ҳиссиёти эстетикӣ, завқ, ғояҳо, эътиқод ва ҷаҳонбинии шахсро ташаккул медиҳад.

Фаъолияти самаранок дар муассисаҳои таълимию фарҳангӣ ва истифода намудани педагог аз асарҳои бадеию рассомӣ шавқу ҳаваси маънавии

ҷавононро афзун намуда, раванди таълимро пурмазмун, эҷодкорона ва таъсирбахш мегардонад.

Тарбияи маънавӣ яке аз шаклҳои рушди шахсият ба шумор рафта, ҷанбаи зарурии ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон мебошад. Вай ба фаъол гардондани қобилиятҳои эҷодии шахс ва баланд бардоштани фарҳанги ӯ нигаронида шудааст. Аз ин рӯ, имрӯзҳо тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ аҳамияти хоса пайдо кардааст.

Тарбияи маънавӣ ин ташаккули эҳсосоти эстетикӣ ва ахлоқии шахсият тавассути санъати мусиқӣ, театрӣ, рассомӣ, меъморӣ, ҳайкалтарошӣ, суннатҳои мардумӣ ва ғайра мебошад. Маънавиёти баландро меҳру муҳаббат, шафқат, поквиҷдонӣ, адолат, раҳмдилӣ, поктинатӣ, таҳаммулпазирӣ ва амсоли инҳо муайян месозанд.

Арзишҳои ахлоқӣ ва мазҳабӣ низ яке аз қисматҳои тарбия ба шумор рафта, ба ташаккули маънавиёти ҷавонон мусоидат мекунанд.

Фарҳанги тоҷик ҳамеша бо маънавиёти волои хоси худ, ки дар анъанаҳо ва суннатҳои мардумӣ зоҳир мегардад, баҳри баланд бардоштани тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорду то ба имрӯзҳо оварда истодааст. Нодида гирифтани ин раванд аз ҷониби муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва фарҳангӣ боиси аз байн рафтани эътиқод, муносибатҳои иҷтимоию фарҳангӣ ва меъёру қоидаҳои ахлоқӣ мегардад. Ҳифзу нигоҳдории арзишҳои мардумӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ғояҳои миллӣ имрӯзҳо вазифаи рӯзафзуну муҳими соҳаи маориф ва фарҳанг мебошад.

Фарҳанги маънавии шахс ин як тарзи дигаргунаи тафаккур, паҳлӯи махсуси маърифатию эҳсосии шахсият, ҷаҳонбинӣ ва муносибати хос буда, дар ҷанбаҳои гуногуни фарҳанги шахс зоҳир мегардад. Ба ҷанбаҳои фарҳанги маънавии шахс: фарҳанги маърифатӣ, ахлоқӣ, миллӣ, тарзи ҳаёти солим ва ҷаҳонбинӣ дохил мешаванд.

Маврид ба ёдоварист, ки хислатҳои олии инсонӣ ин ахлоқ, зебоиписандӣ ва доштани зеҳнӣ баланд мебошанд. Хислатҳои дар боло овардашуда инсонро

водор месозанд, то амалҳои солеҳ ва қобили қабули ҳамагон созанд. Ишора бояд кард, ки амалҳои созгор ба таври кулл ба инсон ҳадя карда намешаванд ва бо ин хислатҳо тавлид ҳам намешавад. Тарбияи рафторҳои инсонӣ аз рушди зеҳни худи одам дар муносибат бо муҳити иҳотакардашуда вобастагии калон дорад [92, с.213].

Институтҳои асосии иҷтимоӣ, ки онҳо маънавиёти шахсро ташаккул дода метавонанд, ин мактаб, оила ва муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ мебошанд. Бояд гуфт, ки низоми таълиму тарбияи муассисаҳои номбурда шаклу воситаҳои мувофиқро баҳри маърифаткунии ҷавонон истифода намуда, дар ин замина, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва сатҳи маънавиёти онҳо мусоидат мекунанд. Ба шаклҳо ва воситаҳои кори тарбиявӣ дар муассисаҳои дар боло зикр гардида: лексияҳо, семинарҳо, мизҳои мудаввар, шабҳои эҷодӣ, чорабиниҳои идона, экскурсияҳо, вохӯриҳо ва ғайра дохил мешаванд. Ташкили дурусти чорабиниҳои тарбиявӣ, ки ба мавзуъҳои ахлоқӣ, зебоиписандию маърифатии ҷавонон бахшида шудаанд, имкониятҳо ва таъсири бузурги тарбиявӣ доранд. Инчунин, дар муассисаҳои таълимӣ ва фарҳангӣ бояд системаи муоширати ҷавонон баҳри рушди минбаъдаи онҳо муайяншуда бошад. Яъне, ҷавонон имконият, майлу рағбат ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ба марказҳои ҷавонон рафтанро дошта бошанд. Дар ин раванд муассисаҳои таълимӣ ҳамчун маркази роҳнамоисози ҷавонон баромад карда, барои бедор кардани ҳисси масъулиятшиносӣ ва ташкили дурусти муоширати байниҳамдигарии онҳо замина фароҳам меоваранд. Муоширати дуруст ва мунтазам ташкилшуда ба ҷавонон имконият медиҳад, ки таҷрибаи худро ғанӣ гардонида, арзишҳои судмандро ташаккул диҳанд. Дар ин ҷо муошират чунин муоширати педагогӣ фаҳмида мешавад, ки унсурҳои таъсири тарбиявиро дар бар мегирад.

Ба қавли дигар, муоширати педагогӣ ин муошироте дониста мешавад, ки педагог ба шахс таъсир расонида, дар раванди он вазифаи таълимӣ, тарбиявӣ ва рушди ҷаҳонбинӣ ҳалли худро меёбанд [212, с.21].

Ишора бояд кард, ки ба ҷавонон дар раванди таълиму тарбия озодии аз ҳад зиёд дода мешавад. Ба онҳо вазифаи хонагӣ ва корҳои беруназаудиторӣ ба қадри кофӣ дода намешаванд. Ёдовар бояд шуд, ки ташаккули маънавиёт ва ахлоқи шахсият тавассути арзишҳои фарҳангӣ ва таърихӣ сурат мегирад. Аз ин рӯ, роҳи дуруст ва созандаи рафъи буҳрони маънавӣ-ахлоқии ҷавонон маҳз ошноӣ пайдо кардани онҳо ба меъёрҳои маънавӣ, ахлоқӣ, анъанаҳо, урфу одат ва арзишҳо мебошад. Вазифаи педагог низ дар ҳамин замина бояд сурат гирад. Яъне, тавре ҷавононро тарбия кардан лозим аст, ки дар ҳолатҳои интихоби муносибатҳои ахлоқӣ қарори дуруст қабул карда тавонад ва барои ин қарорҳо дар назди оила, рафиқон, коллектив, Ватан ва инсоният масъул бошанд.

Албатта, масъулият ва уҳдадорӣ низ яке аз унсурҳои рушди ҷавонон маҳсуб ёфта, дар ин замина тарбия кардани онҳо самаранокии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқиро тақвият мебахшанд.

Масъулият ва уҳдадорӣ қисматҳои асосии хислатҳои шахсият буда, муайянкунандаи озодӣ ва рафторҳои ӯ дар ҳолатҳои гуногун ба шумор меравand. Мутахассисони соҳаи педагогика тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ ва уҳдадориро дар зинаи аввали раванди тарбия мегузоранд. Чунки ҳисси масъулиятшиносӣ ва уҳдадорӣ шахсро водор месозад, ки барои амалу рафторҳои худ дар ҷомеа, коллектив ва назди рафиқон масъул бошад.

Масъулият ин маҳорат ва хоҳиши сарф кардани вақт, маблағ ва саломатӣ барои расидан ба мақсадҳои дар пеш гузоштаи худ, мебошад. Масъулият хислати шахсии ҳар як инсон буда, барои қарорҳои қабулкардашуда дар ҳолатҳои гуногун рӯйи кор меояд. Масъулият ин қобилияти ба дӯши худ гирифтани қарорҳои қабулгардида ва ҷавобгар будан барои корҳои супоридашуда мебошад.

Нависанда ва мутафаккир Ф. Достоевский гуфта буд: «Ҳар як инсон дар назди дигарон барои ҳамаи инсонҳо ва ҳама чизҳо масъул мебошад» [95].

Дар бораи масъулият ҳолатеро ёдовар шудан ба маврид хоҳад буд. Рӯзе шахсе ба рафиқаш мегӯяд: «Ман дар зиндагӣ бадбахт ва нокомам». Рафиқаш ба ӯ мегӯяд: «Бадбахтӣ ва нокомиро дар чӣ мебинӣ?» Ӯ дар ҷавоб мегӯяд: «Дар

ҳама чӣ. Масалан, дирӯз ба кор дер мондам ва аз сардори корхона танбеҳ шунидам». Рафиқаш мегӯяд: «Чаро дер кардӣ?» Ӯ дар ҷавоб мегӯяд: «Ба кор сари вақт ҳозир мешудам, вале аз сабаби танбашавӣ дар роҳ ба кор дер мондам». Ва суханашро идома дода гуфт: «Айби ман дар инҷо чист?» Рафиқаш мепурсад: «Боз дар чӣ кор номуваффақӣ?» Ӯ мегӯяд: «Ду рӯз пеш бо мошинам аз сабабе, ки роҳ ноҳамвор буд, ба садама дучор шудам. Худат гӯй гуноҳи ман дар инҷо чист? Роҳ агар ноҳамвор бошад айби ман чӣ?» Рафиқаш мепурсад: «Боз дар кадом кор номуваффақӣ?» Ӯ мегӯяд: «Дар ҳаёти оилавӣ низ ноком ҳастам. Занам пайваста бо ман ҷанг мекунад. Магар ман гунаҳкорам, ки занам хислати бад дорад?» Ҳамааш фаҳмо – гуфт рафиқаш ва идома дода гуфт, ки дар ҳама нокомиҳои худ, шумо вазъият ва шахсони дигарро гунаҳкор ҳисоб мекунед. То он даме, ки масъул будан ба амалҳои худро ёд нагиред, ба муваффақият ноил шуда наметавонед.

Тарбияи масъулиятшинос аз шахс заҳмати зиёдро талаб дорад. Пеш аз ҳама он камбудиҳо ва норасогиҳое, ки дар раванди фаъолияти шахс рух медиҳанд, масъул будани худро эътироф кунад ва аз нокомиҳо хулосаҳои зарурӣ барорад.

Масъулият ин қобилияти таъсир расонидан ба раванди ҳодисаҳо мебошад. Аз рӯйи хислати мавзуъ ва ҳолат масъулият ду намуд мешавад: позитивӣ ва негативӣ. Масъулияти позитивӣ аз уҳдадории муфид барои ҷомеа ва коллектив бармеояд. Масъулити негативӣ бошад, дар ҳолати содир кардани ҷиноят ва рӯйпӯш кардани он.

Яъне, ба таври дигар масъулият ин маҷмуи амалҳо ва тадбирҳо барои расидан ба мақсаду маром ва ниятҳои худ мебошад.

Психологи машҳур Зигмунд Фрейд гуфта буд: «Дар ҳақиқат бисёри шахсон озод буданро намехоҳанд, чунки озодӣ масъулиятро талаб дорад ва аз масъулият одамон меҳаросанд» [100, с.166].

Шахсе, ки масъулиятро дарк мекунад, инсони бовариноку эътимоднок дониста шуда, дар коллектив обрӯ, мартабаи баланд ва ҳама ӯро эҳтиром

мекунанд. Шахси масъулиятнок барои амалҳои оянда ва нокомиҳои худ ҷавобгар мебошад. Вай муаллифи зиндагии худ ба ҳисоб меравад. Масъулият имконият медиҳад, ки шахс иқтидори эҷодии худро дар заминаи муносибатҳои байниҳамдигарӣ ба роҳ монад.

Бояд гуфт, ки масъулият ин фаъолияти бошууронаи шахс буда, рафтори инсонро ба танзим медарорад. Ҳар як шахс тавассути муносибати худ ба дигарон, табиат ва равандҳои гирду атроф масъулият нишон медиҳад. Тарбияи масъулиятшиносӣ, эҳтиром ва арҷ гузоштан ба арзишҳои инсонӣ яке аз сифатҳои шахси комил ба шумор мераванд. Ва тарбия кардани чунин сифатҳо барои ташаккули шахс заминаи мусоид фароҳам меоваранд. Дар ҳақиқат шахсе, ки ҳисси масъулиятшиносӣ дар ӯ рушд кардааст, нисбат ба Ватан, модар, марзу бум ва дар муносибат бо дигарон бо арзи эҳтиром назар меафканад.

Педагоги бузург К.Д. Ушинский гуфта буд: «Ватандӯстӣ, инсонгароӣ, шавқу завқ ба меҳнат, ирода, ҳақиқат ва зебоиписандӣ асоси ғояҳои тарбия ба шумор мераванд» [194, с.50].

Инсонҳо қодиранд, масъулиятро барои кору амалҳо дар нисбат бо дигарон ба дӯш гиранд. Вақте ки рафтори масъулона нисбати коре анҷом медиҳем подоши мусбӣ моро интизор аст. Шахсе, ки масъулият дорад, эътимод ва озодӣ нисбати ӯ бештар мегардад. Чунки шахсони дигар ба ӯ дар ҳолатҳои гуногун метавонанд, боварӣ зоҳир кунанд.

Масъулият ба шахс кумак мерасонад, то вай:

- ростқавл ва поквиҷдон бошад. Вақте ки шахс ба қавли худ устувор бошад ва онро иҷро кунад, боварии шахсони дигар нисбат ӯ бештар мегардад;
- мустақилона амал намояд. Қарорҳое, ки мустақилона дар раванди амал ва корҳо қабул мекунад имконият медиҳанд, натиҷаи мусбат ба даст орад;
- сазовори боварии дигарон бошад. Одамон ба шахсе, ки масъулиятро сазовор аст, бештар такя мекунанд.

Дар ҷавонон ҳисси масъулиятшиносиро аз хурдӣ тарбия кардан зарур аст. Яъне, боғчаи бачагон сипас, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангӣ мувazзафанд, арзишҳои масъулиятшиносиро дар ниҳоди ҷавонон тарбия

кунанд. Дарвоқеъ, ҳар як шахс мехоҳад, рафиқи ӯ, ҳамкори ӯ ва дигарон дар муносибат масъулиятшинос бошанд. Чунки ҳузури чунин шахсон эҳсоси боварӣ ва амният мебахшад.

Формулаи ягонае, ки чӣ тавр ҳисси масъулиятшиносиро тарбия намуд, вуҷуд надорад. Вале масъулиятро дар худ «тамрин» кардан имконият дорад. Барои он, ки шахс ба мақсадҳои дар пеш гузошта ҳадафрас шавад, пеш аз ҳама, ба аҳд ва қавли додаи худ бояд, устувор бошад.

Муҳим он аст, ки барои чӣ шумо кореро мехоҳед, амалӣ намоед. Донистани маъно ва моҳияти коре, ки мехоҳед амалӣ созед, зарур аст. Агар мақсадҳои шумо дар муддати дуру дароз амалӣ гарданд, пас метавонед, онро ба мақсадҳои хурд-хурд тақсим кунед. Дигар вариант ин аст, ки мақсадҳои худро дар дафтар қайд кунед ва аз рӯйи он амал намоед. Мақсадҳо метавонанд, масъулиятнокиро афзун намоянд.

Ба ҳолатҳое, ки садди роҳи мақсадҳо мегарданд, объективона назар бояд кард. Рӯйхати корҳое, ки аз шумо вобаста ва новобастаанд, дар дафтар қайд кардан лозим аст. Бештар корҳоеро назорат кунед, ки аз шумо вобастагӣ доранд. Чунки дар анҷоми ин корҳо шумо масъул ҳастед.

Ҳисси масъулиятшиносӣ аз синну сол вобаста нест. Ҳолатҳое во мехӯранд, ки кӯдак масъулиятро дарк мекунад: суханҳои падару модарро гӯш мекунад, баъди аз хоб хестан рахти хобашро батартиб медарорад, ба модар ёрӣ мерасонад ва ғайра. Ва баръакс ҳолатҳое низ ҷой доранд, ки шахси калонсол ба кор бемасъулиятона муносибат мекунад: дар назди хурдсолон дағалона ва бо овози баланд сухан мегӯяд, дар ҷойҳои ҷамъиятӣ тамоку мекашад ва ғайра.

Тарбияи масъулиятшиносӣ дар он зоҳир мегардад, ки шахс худро барои кор ё амале уҳдадор меҳисобад. Бояд қайд кард, ки барои иҷрои амал ё уҳдадорӣ қобилият ҷойгоҳи махсуси худро дорад.

Қобилият ин хусусияти фардӣ-равонии инсон аст, ки дар ҷараёни ҳаёт, ҳангоми дуруст ба роҳ мондани фаъолияти ташкилӣ зери таъсири таълимот ва тарбия ташаккул ва камол меёбад [347, с.136].

Аз равандҳои психологӣ низ масъулияти шахс, то як андоза вобаста мебошад. Дар ҳолати изтироб, тарс ва фишори психологӣ қарор доштан шахс масъули амалҳои худ буда наметавонад. Яъне, ӯ аз тарс, ки мабодо интихоби ман нодуруст бошад, амали ман ба касе осеб расонад ва ғайра амал мекунад.

Агар шумо дар фаъолият ба натиҷаи дилхоҳ ноил нагардидед, ин маънои онро дорад, ки уҳдадориҳои худро ба таври зарурӣ иҷро накардед. Дар ин маврид, шахси оқил танҳо худро гунаҳкор меҳисобад.

Аз рӯйи хислат масъулиятро ба чанд навъ ҷудо кардан мумкин аст:

- сатҳи баланди масъулият. Ба ин навъ шахсонеро дохил кардан мумкин аст, ки барои ҳар амали худ масъул буда, қобилияти арҷгузорӣ ба арзишҳоро доранд;
- сатҳи миёнаи масъулият. Нақшаҳои фаъолияти ин гуна шахсон дар зиндагӣ ба таври лозима тарҳрезӣ нагардидаанд ва барои иҷрои онҳо масъулияти начандон баланд доранд;
- сатҳи пасти масъулият. Ба ин гуна шахсонеро шомил кардан мумкин аст, ки барои иҷрои амалҳои худ, хунукназарона рафтор мекунанд. Асосан онҳо бисёр шахсони эҳсосотӣ буда, иҷрои амалҳои худро аз рӯйи авзо ва ҳолат амалӣ месозанд;
- бемасъулиятӣ. Дар ду ҳолат шахс бемасъулият мешавад. Якум, қобилияти доро ва дарки арзишҳо дар ӯ дида намешавад. Дуюм, дар мавриди аз иҷрои коре набаромадан аз дигарон танбеҳ мешунавад ва ин боис мегардад, ки ӯ масъулиятро ба дӯш нагирад. Яъне, вай аз масъулият меҳаросад.

Дигар омиле, ки ба раванди ташаккули шахс таъсир мерасонад, уҳдадорӣ мебошад. Уҳдадорҳо ин маҷмуи амалҳое мебошанд, ки ба дӯши шахсе ё шахсоне вогузор карда мешаванд ва иҷрои онҳо ҳатмӣ мебошанд. Уҳдадориҳо асосан аз талаботи ҷомеа ё хоҳиши шахсӣ барои иҷрои амал ба вуҷуд меоянд. Уҳдадориҳо қисмати асосии мақоми ҳуқуқии шахс буда, бо ҳуқуқу озодиҳо зич алоқаманд мебошанд. Уҳдадорӣ воситаи таъмини ҳуқуқ, шароит ва

самаранокии фаъолият буда, муайянкунандаи меъёрҳои рафтори одамон дар ҷомеа мебошад.

Аз рӯйи хислат уҳдадорӣ ба чанд навъ ҷудо мешавад:

- уҳдадориҳои шартномавӣ;
- уҳдадориҳои ғайришартномавӣ;
- уҳдадорҳои яктарафа;
- уҳдадорҳои тарафайн;
- уҳдадорҳои ихтиёрӣ;
- уҳдадорҳои алтернативӣ.

Уҳдадории шахс дар назди ҷомеа, оила, рафиқон, коллектив низ дар баробари дигар уҳдадориҳо ҷойгоҳи худро дорад. Ҳар як шахс вазифадор аст, ба ҷомеа нафъ расонад, муомилаи хуб ва эҳтиром ба аъзоёни он зоҳир намояд. Дар вақтҳои лозимӣ дасти ёрӣ дароз кунад, ҳамдардӣ, дилсӯзӣ ва меҳру муҳаббат шиори ҳаррӯзаи ӯ бошад. Вазифа ва уҳдадориҳои худро дар баробари дигар шахсон эҳтиром ва қадрдонӣ кунад.

Уҳдадориҳои шахс дар ҷомеа ду қисмати асосиро дар бар мегиранд: уҳдадориҳои шахс дар коллектив ва уҳдадорӣ дар назди дигар одамон.

Тавре таҷрибаҳои педагогӣ собит кардаанд, шахс бидуни коллектив рушд ва афзоиши эҷодӣ карда наметавонад [86].

Коллектив ин гурӯҳи одамон мебошад. Суоле ба миён меояд, ки оё ҳама гурӯҳи одамон коллектив ҳисобида мешавад? Дар илми педагогика коллектив ин шакли ташкил ва ҷамъи одамон дар асоси фаъолияти мақсади муайян дониста мешавад. Коллектив шароит фароҳам меоварад, то шахс худро аз лиҳози эҷодӣ нишон диҳад. Қудрату қобилиятҳои худро рушд диҳад ва ба ин васила ба дигарон таъсири мусбат расонад.

Уҳдадориҳои шахс дар ҷомеа ин:

- ҷонибдорӣ кардани сулҳу субот дар тамоми ҷаҳон. Асоси ин гуфтаҳо дар Оинномаи Созмони Милали Муттаҳид дарҷ гардидааст. Дар он омадааст: «Таҳаммул ва бо ҳам зиндагӣ кардан, муттаҳид кардани қувваҳо барои пойдории сулҳ вазифаи ҳар як шахс мебошад»[239];

- худдорӣ кардан аз таблиғу ташвиқи нажодӣ, миллӣ ва динӣ. Яъне, даст кашидан аз тарғибу ташвиқӣ ҷанг, ҷонибдорӣ ва суханронӣ кардан бар нафъи гурӯҳҳои мухолиф, барангехтани кинаю адоват, ки натиҷаи он душманӣ ва зуроварӣ мебошад;

- эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон. Ҳар як шахс вазифадор аст, ҳуқуқу озодиҳои дигаронро эҳтиром ва ҷонибдорӣ намояд;

- риояи қонунҳо. Ин уҳдадорӣ принсипи асосии ҳар як давлат буда, таъминкунандаи тартиботи қонунӣ ва кафолати оромии ҷомеа маҳсуб меёбад.

- ҳимояи муҳити атроф. Ҳар як шахс вазифадор аст, ки табиат ва муҳити атрофро ҳифз кунад, муносибати эҳтиёткорона ба сарватҳои табиӣ дошта бошад. Ғамхорӣ нисбат ба табиат талаботи ахлоқии ҷомеа ба шумор меравад.

Уҳдадориҳои шахс дар назди дигарон ин:

- нисбати аъзоёни ҷомеа эҳтиром доштан. Бояд қайд кард, ки тамоми одамон, сарфи назар аз нажод, ранг, ҷинс, миллат, дин, вазъи иҷтимоӣ дар муносибат бо дигарон баробарҳуқуқ мебошанд. Аз ин рӯ, эҳтиром ва поймол накардани шаъну шарафи дигарон зарур аст. Эҳтиром муносибати мутақобила мебошад. Бе эҳтироми дигарон эҳтиромро ба даст овардан номумкин аст. Моҳияти фаҳмиши эҳтиром ин ба инобат гирифтани эҳсосот, хоҳиш, ҳуқуқу урфу одат ва анъанаҳо мебошад.

Ҳар як шахсро дар коллектив барои кор ё барои кадом амали хуб эҳтиром мекунанд. Албатта, ҳар як шахс «кодекси шараф»-и худ, андешаҳо дар бораи «чӣ хуб асту чӣ бад»-ро дар муносибат бо дигарон бояд донад. Таҳқир ва беэҳтиромӣ нисбат ба шахси дигар муносибати моро дар оянда носоз сохта, мухолифатҳо дар муносибат пайдо гардиданаш аз эҳтимол дур нест. Аз ин лиҳоз, эҳтироми шахси дигар асоси муваффақият ба шумор меравад;

- риояи меъёрҳои ахлоқӣ дар ҷомеа. Меъёрҳои ахлоқӣ ин маҷмуи қоидаҳои рафторест, ки дар дохили як ҷомеаи муайян вобаста ба ақидаҳои

одамон дар бораи некиву бадӣ, адолат ва беадолатӣ муқаррар шудаанд. Меъёрҳои ахлоқӣ аз принсипҳо, ғояҳо, арзишҳо ва анъанаҳое, ки дар ҷомеа вуҷуд доранд, ташаккул меёбанд.

Дар тӯли таърихи башарият шумораи зиёди меъёрҳои гуногуни ахлоқӣ ташаккул ёфтаанд, ки аксарияти онҳо дар тамоми динҳо ва таълимоти муосир сабт гардида, инсоният аз рӯйи ин меъёрҳо фаъолияти худро ба роҳ монда истодааст. Ба мисли:

1. Мулоҳизакорӣ. Шахс бояд дар ҳолатҳои гуногун худро идора карда тавонад ва ба эҳсосот дода нашавад.

2. Худдорӣ кардан. Рад кардани амалҳои номатлуб. Худдорӣ аз ҳар кор дар муддати муайян ё тамоми умр.

3. Адолат. Адолат муҳимтарин мафҳуми афкори ҷамъиятию фалсафӣ, шуури ахлоқӣ, ҳуқуқӣ ва сиёсӣ мебошад. Ҳар як шахс дар ҷомеа бояд мисли дигар аъзоёни он ҳуқуқҳои баробар дошта бошад ва дар ин сурат адолат дар ҷомеа ҳукумфармо мегардад.

4. Хушмуомилагӣ. Ин тарзи рафтор ба шахси таълимгирифта ва тарбиятдида мансуб аст.

5. Меҳнатдӯстӣ. Меҳнатдустӣ хислати шахсист, ки дар муносибат ба кор зоҳир мегардад. Меҳнатдӯстӣ ин дӯст доштани раванди меҳнат ва ба ин васила муаррифӣ кардани худ дар ҷомеа мебошад.

6. Фурӯтанӣ. Фурӯтанӣ ин нигоҳ ва диди солим ба рафтору амалҳои худ мебошад. Фурӯтанӣ нисбат ба одамони дигар маънои онро дорад, ки ҳатто ба шахси бадрафтору бадгуфтор тараҳҳум кардан ва хашму ғазаби худро дар фурӯ нишондан инъикос мегардад.

Тавре дар боло зикр кардем уҳдадории шахс дар назди оила низ барои рушди ҷомеа нақши муҳим дорад. Оила дар тарбияи шахс нақши калидӣ дорад. Дар оила арзишҳо, эътиқод ва ғояҳои шахс ташаккул ёфта, барои рушди минбаъдаи ӯ замина фароҳам меоваранд. Проблемаҳое, ки дар раванди зиндагӣ пайдо мегарданд, маҳз дар оила ва бо машварати аъзоёни он ҳалли худро пайдо

мекунанд. Бояд гуфт, ки оила ҷанбаҳои тарбиявии пурзур дорад. Дар оилаҳое, ки фазои мусоид ва падару модар бо якдигар самимона муносибат мекунанд, фарзандон хуб ба воя мерасанд.

Педагоги бузург А.С. Макаренко ба маврид қайд кардааст, ки: «Падару модар бояд барои рушди кӯдак диққати ҷиддӣ зоҳир намоянд. Аз кӯдак ягон чизро пинҳон надоранд. Ва бо ӯ муносибати созгор намоянд» [182, с.274].

Бояд гуфт, ки якчанд намуди сохти оила вуҷуд дорад. Ба мисли: матриархалӣ, падриархалӣ, эголитарӣ ва ғайра.

Уҳдадориҳои шахс дар назди оила аз чунин қисматҳо иборат мебошад:

- уҳдадории шахс барои интихоби ҳамсар. Дар интихоби ҳамсар шахс бояд эътибори ҷиддӣ диҳад. Чунки оянда ва фаъолияти минбаъдаи ӯ аз ҳамсар вобастагии калон дорад;
- таъмини оила. Таъмини оила ба озуқа ва дигар ашёи рӯзгор дар ҳамаи давру замон ба дӯши мард буд ва мемонад. Тақсимоти 50 ба 50 барои таъмини оила дар байни зану шавҳар ноодилона аст, чунки зан масъулияти тарбияи фарзандон, инчунин, фароҳам овардани осудагии фазои хонаро ба дӯш дорад;
- таълиму тарбияи фарзандон. Ба таълим фаро гирифтани фарзандон ва монеъ нагардидан ба таҳсили онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ҳатмист.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2011 Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба тасвиб расид [168].

Мақсади Қонуни мазкур пурзур намудани масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд ва дар рӯҳияи инсондӯстӣ, ифтихори ватандорӣ, эҳтироми арзишҳои миллӣ, умумибашарӣ ва фарҳангӣ, инчунин, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои фарзанд мебошад.

Бояд гуфт, ки падару модар дар баробари тарбияи дурусти фарзанд, уҳдадоранд ба фарзанд номи нек гузоранд. Гузоштани номи нек ба фарзанд, ки яке аз фазилатҳои инсонӣ мебошад, дар баробари хатнасур ва таҳсили илм қарзи падару модар ба ҳисоб меравад.

Фазилати инсонӣ ду қисмат аст: ақлӣ ва ахлоқӣ [359, с.57].

Уҳдадории дигари падару модар ин омода кардани фарзанд ба ҳаёти мустақилона мебошад. Яъне, то пайдо кардани қобилияти пурраи амалкунӣ ва фаъолияти корӣ фарзанд бояд, дар оилаи солим бо ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ба камол расад. Падару модар уҳдадоранд фарзандони худро ба корҳои хавфнок ва вазнини ҷисмонӣ, ки ба саломатии ояндаи онҳо таъсир мерасонанд, ҷалб насозанд.

Ахлоқи оилавӣ аз аъзоёни оила иҷрои вазифаҳои ахлоқӣ, ҳуқуқӣ, эстетикӣ, иқтисодиву маишӣ, ҳамкорӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, сабру таҳаммул ва тарбияи фарзандонро талаб мекунад [88, с.66].

Ҳамин тариқ, тарбияи масъулиятшиносӣ ва уҳдадорӣ аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки таъсири худро дар раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии шахс расонида, дар ин замина, самаранокии фаъолиятро низ дучанд мегардонанд.

Тарбияи масъулиятшиносӣ ва уҳдадорӣ ин дар навбати аввал тарбия кардани лаёқат, қобилият ва хоҳиш мебошад. Яъне, шахс дар ҳолатҳои гуногун лаҳзаҳои душвори зиндагиро ба дӯши худ гирифта тавонад.

Хулоса, тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон раванди пурпечу тоб ва мураккаб буда, аз маҳорати педагогии тарбиятдиҳанда вобастагии калон дорад. Ҷавононе, ки муассисаҳои таълимиро хатм мекунанд ва соҳиби аттестат мегарданд, бояд ба ҳаёти мустақил омода бошанд. Ҷавононро ба шоҳроҳи зиндагӣ роҳнамоӣ кардан ва омода намудани онҳо ба ҷаҳони зудтағйирёбанда маҳз муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангӣ муаззаф мебошанд. Бояд малака ва маҳорати ҷавононро тақвият бахшид, то онҳо аз монеаҳои зиндагӣ ба осонӣ баромада тавонанд. Инчунин, қобилияти зуд тағйир додани нақшҳои иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро дошта бошанд. Зеро, талаботи замони муосир аз ҷавонон чунин афкори зеҳни босуръатро интизор аст, ки бидуни ташаккули он рушди минбаъдаи шахс имконнопазир мегардад.

## 2.3. Таъсири омилҳо ба раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Вазъи имрӯзаи раванди тарбия аз ҳамаи муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷустани роҳҳои навӣ кориро тақозо менамояд. Дар ин раванд, истифода бурдан аз ҳамаи роҳҳои нави корӣ самаранокии фаъолиятро таъсирбахш намуда, ба ноил шудан ба ҳадафҳо, яъне тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон оварда мерасонад.

Тавре муҳаққиқ И.Н. Кузнетсов қайд менамояд: «Ахлоқ қисмати таркибии фарҳанги зоҳирии шахс ва ҷомеа мебошад» [157, с.3]. Аз ин рӯ, рушди минбаъдаи ҳар як давлату миллат, новобаста аз омилҳои пешомада дар раванди таълиму тарбия, аз тарбия дурусти маънавӣ-ахлоқии ҷавонон вобаста мебошад.

Бояд зикр кард, дар раванди таълим ва тарбия омилҳое вуҷуд доранд, ки ба шахс таъсири манфӣ расонида, ҳолати равонии ӯро носоз мегардонанд.

Аз ҷумла:

- сатҳи зиндагии шахсӣ. Оила таҳти таъсири истеҳсолот, муносибатҳои ҷамъиятӣ, дараҷа ва инкишофи фарҳанг тағйир ёфта, ин омилҳо ба ташаккули шахсият таъсири худро мерасонанд.

Иқтисодиёти ҳар оила аз буҷет, даромад ва хароҷоти он вобаста буда, сатҳи зиндагии аъзоёни оиларо инъикос мекунад.

Чунин ақидае вуҷуд дорад, ки дар оилаҳои муваффақ проблемаҳои психологӣ вуҷуд надошта, Онҳо танҳо дар оилаҳои носолим ва камбизоат дида мешаванд. Аммо аксар ҳолатҳоеро мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар оилаҳои муваффақ низ ин мушкилот ба чашм мерасанд;

- урфу одат ва анъанаҳо. Ҳар як халқият урфу одат ва анъанаҳои хоси худро доро мебошад. Ва ин омилҳо ба тарбияи шахсони алоҳида ва гурӯҳӣ таъсири худро мерасонанд ва дар ниҳоди онҳо тарзи муносибат, масъулият, меҳр, якдигарфаҳмӣ, самимият, бахшида тавонистан ва ташаббускориро парвариш медиҳанд;

- воситаҳои ахбори умум. Таъсири воситаҳои ахбори умум ба ташаккули шахс бисёр калон аст. Асосан дар зери мафҳуми воситаҳои ахбори умум маҷалла, рӯзнома, телевизион, радио, интернет дониста мешавад.

Бояд қайд кард, ки таъсири тарбиявии воситаҳои ахбори умум ҳам ҷиҳатҳои мусбӣ ва ҳам ҷиҳатҳои манфӣ доранд. Ҷиҳатҳои мусбати ВАО дар он зоҳир мегардад, ки моро аз ахбороти имрӯзаи ҷаҳон ошно месозанд, фазои холиро пур мекунанд, бо барномаҳои шавқовар ва маърифатӣ вақти истироҳатро хушу гуворо мегузаронанд ва ғайра.

Таъсирҳои манфии ВАО асосан ба психикаи инсон бештар аст. Масалан, дар шахс нутқи сухан коста гардида, муошират кам мешавад, аз ҳақиқати ҳаётӣ инсонро дур месозад, шахс дигар китобро ба даст намегирад, бефарқӣ ва таваҷҷуҳ ба таълим кам ба чашм мерасад, фаъолияти заиф ва пайдоиши вобастагӣ ба интернет дар ӯ зиёда мегардад;

- хусусият ва сифатҳои фардии шахс. Хусусиятҳои шахс дар тули ҳаёт ташаккул ёфта, моҳияти фардии ӯро ҷилвагар месозанд. Ба онҳо: хислат, табъ, рафтор, гуфтор, имову ишора, тафаккур, қобилият, маҳорат ва ғайра дохил мешаванд.

Агар ба ҷаҳони имрӯза дар самти таълиму тарбия назар афканем сатҳи одамони камсавод дар ҷаҳон афзуда истодааст, зеро суръати афзоиши аҳолӣ нисбати сохта ба истифода додани муассисаҳои таълимию фарҳангӣ зиёд гардидааст. Аз ин рӯ, бештари наврасон ва ҷавонон аз таълиму чорабиниҳои фарҳангӣ бар канор гаштаанд.

Барои сохтани ҷомеаи мутараққӣ раванди таълиму тарбияро дар ҳамаи муассисаҳои таълимию фарҳангӣ дуруст ба роҳ мондан басо созгор мебошад. Ба воситаи тарбия сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, зебоиписандӣ, ватандӯстӣ, ғамхорӣ, меҳр дар шахс пайдо мегарданд. Тавре дар боло зикр гардид, мавқеъ ва ҷойгоҳи тарбия барои иҷтимоикунонии шахс басо муҳим буда, ояндаи ӯ аз тарбияи дуруст вобаста аст.

Тарбияи ҷисмонӣ ва равонӣ қисматҳои асосии тарбияи шахс маҳсуб меёбанд. Беҳуда нагуфтаанд, ки дар тани солим ақл ва рӯҳи солим аст. Шахси солим ба меҳнату заҳмат тобовар буда, дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат меварзад. Ба мақсадҳои дар пеши худ гузошта ҳадафрас мешавад.

Дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон завқи тарбияи эстетикӣ нақши муҳим мебозад. Зеро, ба воситаи завқи эстетикӣ шахс зебогиҳои табиат, мусиқӣ ва рассомиро дарк мекунад. Ҳар қадаре шахс завқи зебоиписандӣ дошта бошад, ҳамон қадар дар ӯ ҳиссиёти латофат, нафосат ва амсоли инҳо дида мешавад.

Вобаста ба ин масъала чунин ақида низ вуҷуд дорад: «Қобилияти дарки зебоӣ, лаззат бурдан аз асарҳои санъат ва баъдан ба эҷодиёт даст задан оҳиста-оҳиста дар шахс пайдо мешавад» [370].

Тарбияи зебоиписандӣ - чунин раванди педагогие мебошад, ки дар натиҷаи он ташаккули муносибатҳои зебоиписандии одам ба ҷаҳон, табиат, меҳнат, муносибатҳои байни одамон ва санъат пайдо мешаванд. Муҳаббат доштан ба зебоӣ, истифода кардани зебоӣ дар ҳаёт ва лаззат бурдан аз он яке аз вазифаҳои тарбияи зебоиписандӣ мебошанд.

Бояд қайд кард, ки тарбияи зебоиписандӣ ҳиссиёти олии инсонро бедор ва рушди онро таъмин мекунад. Тарбияи зебоиписандӣ ба ахлоқ, рафтор, тарзи фикрронӣ ва меҳнат таъсири худро мерасонад.

Шахси дорои хусусиятҳои эстетикидошта малакаи ҷаҳонфаҳмию маҳорати хоси пешгӯйӣ ва дорои қобилиятҳои гувоҳи дил (интуитсия) мебошад [347, с.121].

Муҳаббат ба табиат, адабиёт, театр, мусиқӣ, назм, рассомӣ ва дигар намудҳои санъат воситаҳое мебошанд, ки рушди ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин мекунанд. Тарбияи зебоиписандӣ барои ташаккули маънавиёт ва ахлоқ аҳамияти калон дорад. Ин нокофист, агар шахс аз офаридаи асарҳои зебо истифода бурда, худ зебоиро эҷод накунад. Барои ҳамин вазифаи дигаре назди педагогон ва мутахассисони муассисаҳои таълимию фарҳангӣ меистад, яъне тарбия кардани шахсияте, ки барои зебоии атроф кӯшиш ва эҷод кунад.

Дарки зебоиписандӣ дар шахс эҳсосоти муайянеро тавлид мекунад, ки барои ташаккули онҳо шароит фароҳам овардан лозим аст [267].

Дар ҷавонон чунин ҳиссиётро ба монанди муносибати дилсӯзона нисбат ба фарҳанг, оин, анъанаҳои миллӣ ва умуман тарзи дурусти ҳаёти солим густариш бояд дод.

Натиҷаи мусбати раванди тарбияи зебоиписандии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар асоси шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ бо дарназардошти омилҳои дохилӣ ба мисли таҷҳизоти моддӣ-техникӣ, ороишӣ ва аёниятҳо ба даст овардан мумкин аст.

Ба андешаи А.П. Чехов: «Дар одам бояд ҳама чиз зебо бошад: ҳам симо, ҳам либос, ҳам қалб ва ҳам фикр» [236]. Воқеан, вақте инсон аз ҷиҳати этетикӣ комил аст, ӯ метавонад дар ҳама соҳа муваффақ бошад. Тарбияи зебоиписандии ҷавонон ҳангоми намоишномаву намоишгоҳҳо, осорхона, консерт ва шоу-барномаҳо баланд гардида, дар ин раванд, воситаҳои ахбори омма: матбуот, радио, синамо, телевизион нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Дар илми педагогика зери мафҳуми тарбияи зебоиписандӣ таъсири мақсаднок барои ташаккули шахсият дониста мешавад [322].

Ёдовар бояд шуд, ки санъат дар тарбияи эстетикии ҷавонон мавқеи хоса дорад. Суханҳои адабӣ-бадеӣ, рангҳои омехта, овози форам ба шахс рӯҳияи тоза мебахшанд. Бадеияти мукаммал ва иқтидори баланди соҳаи санъат ба ҷаҳони маънавӣ, зебоиписандӣ ва завқи бадеии ҷавонон таъсири калон мерасонад.

К. Маркс гуфта буд: «Фурӯшандаи сангҳои қимматбаҳо танҳо ба нархи онҳо таваҷҷуҳ мекунад, на ба зоҳири дурдонаҳо [101, с.143].

Бешак ҳамин тавр ҳам ҳаст. Ҳангоми тамошои мусаввара ва асарҳои рассомон бояд, ба маънои аслии он таваҷҷуҳ намоем ва донем, ки муаллиф чӣ мақсад ва чӣ маълумот медиҳад.

Шахсе, ки тарбияи зебоиписандӣ дорад тарҳи либос, рафтор, гуфтор, кирдор, муомила бо калонсолон, дар ҷомеа, бо падару модар ва умуман ҳама кораш зебо мебошад.

Омили дигаре, ки ба раванди тарбия таъсир мерасонад ин дар баъзе ҳолат норозигӣ баён кардани волидон аз фарзандони худ мебошад. Падару модар ҳамаи шароити фарзандро таъмин намудааст ва сабаб чист, ки ин ҳолат рӯх медиҳад?

Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар муҳиту шароит ва ҷое, ки онҳо тарбия ёфтаанд, зоҳир мегардад. Яъне, ҳисси шафқат, меҳрубонӣ, дӯстиву рафоқатро нисбати худу атрофиён кам зоҳир намудаанд ва иродаи заиф ҳам доранд.

Дар мавриди ахлоқ ва аҳамияти он дар тарбияи равонии шахс муҳаққиқ И.Л. Зеленкова чунин қайд намудааст: «Вазифаи ахлоқ дар раванди ҳаёт ва барои ба танзим даровардани низоми фаъолияти шахсони алоҳида зиёд аст. Фаҳмонидан душвор аст, ки чаро ахлоқ вуҷуд дорад, вале барои чӣ вуҷуд доштани вай баръало равшан аст» [108, с.85].

Рафтори шахсони иродаи заифдоштаро дар ҳолатҳои гуногун донистан хело душвор аст. Ин гуна ашхосро «беирода» ва «бемасъулият» ҳам мегӯянд. Ба қавли дигар онҳо ба рафтору кирдори худ ҷавобгӯ набуда, дар зиндагӣ ягон мавқеъ надоранд. Ва дар раванди зиндагӣ нақшаи ба танзим даровардани роҳи ояндаи худро низ доро нестанд.

Бояд гуфт, ки «Ахлоқ ин одатҳое мебошанд, ки аз тарафи одамон бо меъёрҳои гуногун қабул карда шудаанд» [97, с.14].

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо истифода аз иқтидори тарбиявии худ, ки дар асоси ташкили чорабиниҳо зоҳир мегарданд, бояд ҷавононро дар рӯҳияи ободкорӣ, худшиносӣ ва масъулиятшиносӣ тарбия намоянд, ки дар натиҷа бо гузашти вақт чунин хислатҳо дар онҳо пайдо мешаванд:

Боварӣ – аз мушкилиҳо баромада тавонистан;

Ҷасурӣ – дар ҳолатҳои ҳаяҷоннокӣ худро идора карда тавонистан;

Меҳнатдӯстӣ – бекор нанишастан;

Истодагарӣ – сабр ва худдорӣ кардан барои мақсадҳои худ;

Уҳдадорӣ – ба қавли худ истодан, масъулиятшинос;

Некбинона – боварӣ ба муваффақият ва ҳиссиётҳои ботинӣ;

Мақсаднокӣ – ба мақсад ва нияти худ ҳадафрас шудан.

Тавре ки мушоҳида мешавад ҷавонони имрӯза мехоҳанд ҳама корро худашон баанҷом расонанд. Худмустақилӣ ин хуб ҳаст ва ҷавононро рӯҳбаланд ҳам месозад. Вале, на ҳамаи ҷавонон ин худмустақилиро ба таври лозимӣ мефаҳманд ва аз он истифода мебаранд.

Талош кардан ба худмустақилӣ дар овони ҷавонӣ нишонаи он аст, ки дар ӯ орзую ҳавас, баркамолрасӣ ва расидан ба мақсадҳо пайдо гардидааст.

Бояд гуфт, ки роҳи осон барои тарбия ва худтарбияткунӣ вуҷуд надорад. Ин раванди бениҳоят мушкил ва дуру дароз аст. Ҷавононро дастгирӣ кардан дар ин айём дар аввал мушкилиро ба ор орад ҳам, вале натиҷааш самарабахш буда, барои пешбурди шахс ва ҷомеа аз манфиат холӣ нест.

Дар марҳалаи имрӯза мақсадҳои таълимиву тарбиявӣ ба ташаккул ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти эҷодкор, инкишофи малакаи мустақилона аз худ намудан ва татбиқ кардани донишҳо, омода намудани онҳо ба фаъолияти минбаъдаи меҳнатию ҷамъиятӣ равона карда шудааст. Дар раванди тарбия инсон бо арзишҳо ошно мешавад, онҳо тавассути дохилсозӣ ба мазмуни ботинии маънавӣ табдил меёбанд [298].

Рушди босуръати илму техника ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон таъсир расонида, дар назди ӯ як қатор талаботро мегузорад. Танҳо тавассути таълиму тарбия донишҳои махсуси технологӣ ва гуманитариро ба даст овардан мумкин аст. Ҷомеа аз муассисаҳои таълимӣ, тарбиявӣ ва фарҳангӣ шахсони соҳибмаълумот, эҷодкор, дорои принсипҳои ахлоқӣ ва қобилияти ҳалли проблемаҳои иқтисодию иҷтимоиро доранд, интизор аст.

Тавре мегӯянд: «Бо адаб дилҳо обод мешавад ва бо дониш орзуҳо устувор мемонад» [359, с.118]. Аз ин рӯ, барои пешрафти ҷомеа тарбия кардани насли наврас ба манфиати кор буда, баҳри ояндаи онҳо замина фароҳам овардан лозим аст.

Бояд гуфт, ки низоми муосири маорифу фарҳанг на танҳо таълим, балки тарбия ва инкишофи эҷодии ҳар як шахсро дар бар гирифта, он омилҳое, ки дар самти тарбия монеаҳо эҷод мекунанд, бартараф месозанд. Ин масъала дар

ҳамбастагӣ бо коллективи омӯзгорон, кормандони соҳаи фарҳанг ва худи ҷавонон амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, корҳо дар самти ташкили муҳити созгор барои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон зарур буда, заҳмати зиёдро аз мутахассисони соҳа талаб дорад. Чунки рушду ояндаи ҳар як давлату миллат аз ҷавонони бонангу номус ва дар ин замина, аз тарбияи дурусти онҳо вобастагии калон дорад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар ҳамаи давру замон бартарияти худро нишон дода, дар маркази диққати давлату ҳукумат қарор дошт ва дорад.

Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷомеа хизмат мекунад. Тарбия ҷанбаи муҳими фаъолияти инсон маҳсуб меёбад. Зарурати тарбияи махсуси муташаккили шахс аз он иборат аст, ки дар раванди он ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, ҳамроҳшавӣ ба мероси фарҳангӣ, мавқеъ пайдо кардан дар ҷомеа, инкишоф додани майлу қобилиятҳо ва иҷтимоишавии босуръат амалӣ мегардад [299, с.4].

Бояд қайд кард, ки олимони соҳаҳои педагогика, фалсафа, психология, сотсиология ва фарҳангшиносӣ мундариҷаи моҳияти қисматҳои таълим, яъне дониш-тарбия-рушдро то ҳол баҳс карда истодаанд. Онҳо муайян накардаанд, ки дар раванди таълим кадом қисмтаҳои дар боло овардашуда афзалият ё бартарият доранд.

Бояд зикр кард, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангӣ ба роҳ монда мешавад.

Маънавиёт ва ахлоқ сифатҳои муҳими инсон буда, дар фаъолият ва рафтори ӯ, эҳтиром ба арзишҳои умумибашарӣ, талош ба корҳои муфид зоҳир мегарданд. Шахсе, ки меъёрҳои ахлоқиро эҳтиром мекунад, ба арзишҳои маънавӣ ва ҳадафҳои муайяни ҳаётӣ бештар такя мекунад. Ва дар амалҳои ӯ поквиҷдонӣ, хайрхоҳӣ, шафқат ва меҳрубонӣ нисбат ба дигарон мушоҳида мешавад.

Мутаффакири барҷаста ва файласуф И. Кант дар бораи ахлоқ ва тарзи муносибат асарҳо ва андешаҳои зиёд боқӣ гузоштааст. Кант рафтореро ахлоқӣ меҳисобид, ки агар инсон нисбати меъёрҳои ахлоқ дорои ҳурмату эҳтиром бошад. Ба андешаи ӯ, аз рӯи меъёрҳои ахлоқӣ зиндагӣ кардан – мақсади мавҷудияти инсон ва башарият мебошад[165,с.21].

Маънавиёт ва ахлоқ муносибатро ба ҳаёт, тарзи гуфтору кирдор дар ҷомеа муайян месозад. Асосҳои ахлоқии ҷамеа ин анъана, урфу одат ва ғояҳо мебошанд. Ҷалб кардани ҷавонон ба корҳои хайрхоҳона, дасти ёрӣ расонидан ба шахсони пиронсол ва дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона ширкат варзидан заминаҳои асосии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба шумор мераванд.

Маънавиёт тавассути адабиёт, санъат, фолклори халқӣ, урфу одат, анъанаҳои миллӣ ва амсоли инҳо дар шахс пайдо мегарданд. Шахсе, ки маънавиёти олӣ дорад, бо сифатҳои инсондӯстию инсонгарой аз дигарон тафовут дорад.

Тарбияи маънавии инсон дар муносибат бо одамони дигар ва рафторхои ӯ зоҳир мегардад. Асоси сифатҳои ахлоқии шахс маънавиёт ба ҳисоб меравад. Ва дар раванди ташаккули шахсият тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нақши назаррас дорад.

Моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ин ташаккули шуури ахлоқӣ, ҳисси ахлоқӣ, маҳорату малакаҳои рафтори зебо ва амсоли инҳо мебошад[80, с.29].

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон тарзи махсуси тафаккур, сатҳи маърифатию эҳсосии шахсият, ҷаҳонбинӣ ва муносибат буда, дар паҳлӯҳои гуногуни фаъолияти онҳо зоҳир мегардад. Ба ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон тарбияи маърифатӣ, ҷаҳонбинӣ, ахлоқӣ, фарҳанги миллӣ, тарзи ҳаёти солим, ва ғайра дохил мешаванд.

Дар илми педагогикаи имрӯза методҳои педагогиро восита ҳам мегӯянд. Яъне, воситаҳо ё роҳҳоеро пайдо кардан лозим аст, ки ташкили фаъолияти педагогӣ дар он вуҷуд дошта бошад.

Вазифа ва функсияҳои педагогика ба воситаи методҳо муайян карда мешавад. Мисли методҳои омӯзишию таълимӣ методҳои тарбия низ ба қисмҳо

ҷудо мешавад. Онҳо ба ҳамдигар алоқаи зич дошта, дар баъзан ҳолатҳо метавонанд якдигарро иваз намоянд. Масалан, дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва чорабиниҳои мавзуие, ки онҳо барои ҷавонон ташкил мекунанд, суҳбат метавонад, ҳамчун метод истифода гардад. Ё ин ки дар чорабинии ташкилкарда метавонад, як бозӣ нақши калидӣ дошта бошад.

Дар раванди тарбия омӯзгор метавонад, аз ҳама методҳои педагогӣ баҳри рафъи омилҳои манфии пайдошуда истифода намояд. Ба мисли бозӣ, фаъолияти меҳнатӣ, китоб, филмҳои характери тарбиявидошта, шоҳасарҳои мусиқӣ, санъати меъморӣ, рассомӣ, воситаҳои ахбори умум ва ғайра. Ҳарқадар методҳо ё воситаҳои педагогӣ дар раванди тарбия фаровон бошанд, ҳамон қадар таъсири тарбия дучанд мегардад.

Бояд ишора кард, ки аз педагоги ботаҷриба раванди тарбия дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобастагии калон дорад.

Педагоги машҳури рус В.А. Сухомлинский саҳми устодро дар раванди тарбия бениҳоят баланд арзёбӣ кардааст. Ба ақидаи ӯ бояд устод барои шогирд мисли модараш азиз бошад. Шогирдон дар устоди худ мехоҳанд, инсони поквиҷдон, меҳрубон, кумакрасон ва амсоли инҳоро бинанд. Инчунин, дар ашъори худ, В.А. Сухомлинский ба ҳалли муҳимтарин вазифаҳо, яъне дар шахс ташаккул додани ҳисси масъулият барои амалҳои худ дар назди ҷомеа, оила ва рафиқон диққати ҷиддӣ додааст [113, с.27].

Тарбия ин раванди дуҷониба, яъне ҳам аз ҷониби педагог ва ҳам аз ҷониби хонанда сурат бояд гирад. Аз ин лиҳоз, дар баробари методҳо, воситаҳо низ шаклҳои ташкили тарбиявӣ ҳамчун фаъолияти мақсадноки коллективӣ ва фардӣ вуҷуд доранд.

Методҳои тарбия бо хусусият ва қонуниятҳои раванди тарбия доимо ҳамоҳангӣ доранд. Рушди зебоиписандии шахс дар дигар хел қонуният, рушди ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва маънавии ӯ буда метавонад. Афзалноктарин қонуният ин рушди ақлонии шахс маҳсуб меёбад. Дар ин раванд, хусусиятҳои синну солӣ ва инфиродиро низ бояд ба инобат гирифт.

Барномаҳои тарбиявӣ, ки дар он вазифа, метод, восита ва мундариҷа дарҷ гардидаанд, бояд хусусиятҳои синну солию ҷисмонӣ ба эътибор гирифта шаванд. Ин кумак мерасонад, то аз қобилиятҳои ҳар як наврас ё ҷавон аз наздик ошноӣ пайдо карда, методҳои дурусти педагогиро барои тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ роҳандозӣ намоем. Методҳои педагогӣ ҳамон вақт самаранок мегарданд, ки ба гурӯҳи муайяни ҷавонон равона карда шуда бошанд.

Тафаккур, фаҳмиш, дониш дар вақти мулоқот ё ҳамсуҳбат ташаккул меёбад. Сухани зиндаи педагог-ташкилотчӣ яке аз методи самарабахши кори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба шумор рафта, дар ин замина, тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон низ ҳалли худро меёбад.

Илми педагогика бисёр воситаҳо, усулҳо, шаклҳои таълиму тарбияро дар худ ҷамъ овардааст, вале натиҷаи татбиқи онҳо на ҳамеша самарабахш мегарданд.

Бояд гуфт, ки методи суҳбат-савол-ҷавоб самаронокии раванди тафаккур, дониш ва тарбияро ба маротиб баланд мегардонад. Истифодаи он ба бисёр масъалаҳо равшанӣ меандозад.

Суҳбат ҳамчун усули мустақил, махсусан, дар психологияи амалӣ, аз ҷумла, дар кори машваратӣ, ташхисӣ ва психокоррексионӣ васеъ истифода мешавад. Дар фаъолияти равоншиносии амалӣ суҳбат аксар вақт на танҳо усули ҷамъоварии маълумоти психологӣ, балки воситаи огоҳкунӣ, эътимод ва тарбиявиро низ иҷро мекунад [41, с.5].

Суҳбат ҳам хусусиятҳои худро дошта, дорои мавуъҳои гуногун мебошад. Ба мисли: суҳбат дар бораи ахлоқ, яъне дар ин ҷо сухан дар бораи меъёрҳои рафтор ва муносибати шахс дар ҷомеа меравад; суҳбат дар бораи зебоиписандӣ, ки ба ҷанбаҳои нигоҳ ва беҳдошти ҳиссиёти дохилии шахс нигаронида шудаанд. Дар ин ҷо сухан дар бораи зебогиҳои муҳит ва муошрати байниҳамдигарӣ меравад; суҳбат дар бораи маърифат, яъне донистани коинот, зиндагии олами зинда ва тамоми мавҷудот.

Мундариҷаи суҳбат бояд мушаххас ва ба объекти муайян нигаронида шуда бошад. Яъне, мавзуи суҳбат таҳлили фаъолияти шахси мушаххасро

пайгир ва хислату хусусиятҳои он шахси шунавандаро ба фикр водор созад. Натиҷаи суҳбат омӯхтан ва донистани сифатҳои ҳамидаи инсонӣ ва фазилати ин ва ё он шахс мебошад.

Тавре Суқрот мефармояд: «Фазилат аз сарват ҳосил намешавад, балки сарват ва тамоми неъматҳои дигаре, ки одамон доранд, аз фазилат бармеоянд» [365].

Барои ташкили дурусти суҳбат дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ педагог чунин қисматҳоро бояд ба инобат гирад:

- мавзуи суҳбат муайян бошад;
- нақшаи суҳбат тарҳрезӣ шуда бошад;
- аёниятҳо ба мавзуи суҳбат омода бошанд;
- саволҳои асосӣ ва ёрирасонеро, ки ҳангоми суҳбат ба миён меоянд, тартиб дода шаванд;
- методика ва ташкили суҳбат фарогири ҷанбаҳои педагогӣ бошад.

Дар суҳбату муколама ва мубоҳисаҳо муносибатҳои одамон ба мавзуи пешниҳодшуда муайяну ошкор карда мешаванд. Суҳбат ҳамчун усули таҳқиқоти педагогӣ бо мақсади ворид шудан ба олами ботинии хамсуҳбат ва муайян кардани сабабҳои ин ё он амали ӯ равона карда мешавад. Инчунин, дар раванди суҳбат педагог ахборот дар бораи ахлоқ, ҷаҳонбинӣ, маънавиёт ва дигар паҳлӯҳои муносибати онҳо ба проблемаи ҷойдошта пайдо карда метавонад. Методи суҳбат водор месозад, то андешаи дигарон ба андешаи педагог тавъам бошад, ки дар натиҷа иштирокчиён донишҳои навро қадам ба қадам аз худ кунанд.

Ёдовар бояд шуд, ки инсон ба воситаи нутқ муносибат, мубодилаи афкор намудан факрашро бо забон баён мекунад ва мавқеи доштаашро муайян месозад [287, с.31].

Моҳияти суҳбат дар он аст, ки вай тафаккурро то ҳадди имкон бедор мегардонад ва ҳамчун воситаи фаъол кардани тафаккуру инкишофи қувваҳои маърифатии ҷавонон мусоидат мекунад.

Ба андешаи мо самаранокии методи суҳбат дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар чунин қисматҳо таҷассум меёбад:

- ҷавононро ба кор дар гурӯҳ фаъол мегардонад;
- бо маводҳои нав шинос намуда, хотира, нутқ ва дониши ҷавононро кушода мегардонад;
- донишҳоро мустаҳкам менамояд;
- қудрати бузурги тарбиявӣ дорад;
- шароит фароҳам меорад, то азхудкунии дониши ҷавонон назорат ва ташхис карда шавад.

Натиҷаи хуб ҳамон вақт ба даст меояд, ки иштирокчиён дар суҳбат фаъолона ширкат варзанд. Ҳангоми ҷавоб додан ба саволҳо бодиққат ва мулоҳизакорона бошанд. Ҷавобҳои рафиқони худро таҳлил карда, барои баён кардани фикри худ кӯшиш кунанд. Дар ин раванд, муносибат байни ҳам пайдо гардида, ташаккули сифатҳои инсонгароӣ, эҳтиром, рафиқат, ҳамбастагӣ, якдигарфаҳмӣ ва амсоли инҳо сурат мегиранд [149, с.14].

Тавре мебинем методи суҳбат ҳам ҷанбаи маърифатӣ ва ҳам ҷанбаи тарбиявиро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорост. Яъне, дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон истифода бурдан аз ҳама гуна воситаҳо барои ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳисси масъулиятшиносии онҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ин низоми чораҳои пешбинишудае мебошанд, ки онҳо барои таъсир расонидан ба рӯҳу равон, рафтору кирдор ва амалҳои шахс нигаронида шудааст. Ҳар қадар таъсири тарбия пурзур карда шавад, ҳамон қадар самаранокии тарбия чашмрас гардида, дар ин замина, ҷаҳонбинӣ, маърифат, таҳаммулпазирӣ, рафоқат, дӯстӣ ва амсоли инҳо ҳалли худро меёбанд.




**Расми 4. Асосҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон**

Тавре ки аз нақшаи дар боло оварда шуда айён мегардад, сарчашмаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон адабиёту санъат, илм, урфу одат, анъанаҳо, ватандӯстӣ, инсонгарой, меҳнат, сайру гашт дар табиат, оила ва ғайра буда метавонанд. Ва ин сарчашмаҳо дар ташаккули шахсият нақши калидӣ доранд.

Бояд қайд кард, ки ҷаҳони маънавии шахс ба чашм ноаён аст. Дар ботини ҳар як шахс ҳиссиёти гуногун пайдо ва маҳфӯз мегарданд. Шахс аз баъзе амалҳо хурсанд ва аз баъзе рафторҳо ғамгин мегардад. Масалан, дар ҳолати тамошо кардани мусаввараҳои осорхона аз баъзе онҳо чеҳраю авзо болида гардида ва баъзеи дигар фикру тахаюлро ба дуриҳои дури таърихӣ роҳандозӣ мекунанд. Ё ҳангоми дидани намоишноми театрӣ, ки бахшида ба ҳаёту фаъолияти ягон шоир агар бахшида шуда бошад, фикру андешаҳоро ба дуриҳои дури он замона мебарад.

Барои мустаҳкам ва ғанӣ гардонидани маънавиёт, пеш аз ҳама, хотираро пурзур кардан лозим аст. Хотира дар ҳама маврид бояд фаъол бошад. Чунки рушди хотира ба фаъолияти минбаъдаи шахс кумакҳои ҳамаҷониба мерасонад.

Омили дигаре, ки ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон таъсир мерасонад, тахаюл мебошад. Тахайюл маҳсули фикрии инсон ба шумор меравад.

Бе тахайюл ва бе тасвири образҳо зиндагии инсониятро тасаввур кардан номумкин аст. Идеяҳои нав ва фикрҳои ҷолиби диққат асоси пешрафти илму техника мегарданд. Масалан, 20 сол пеш ягон кас намедонист ва тасаввур ҳам намекард, ки телефону планшетҳо мавқеи телевизиорҳоро маҳдуд мекунанд, ё почтаҳои давлатӣ фаъолияти худро то андозае бо сабаби пайдоиши воситаҳои муосири техникӣ коҳиш медиҳанд. Албатта, ҳамаи ин маҳсули тахайюли инсоният мебошанд.

Шахс дар раванди зиндагӣ ва дар ҳама ҳолат бо тахайюл фаъолият мекунад. Ҳаёти шахс бидуни тахайюл вуҷуд надорад ва ояндаи ӯ низ аз он вобаста мебошад. Ҳатто, ҳангоми муносибат шахс ҳамаи чизҳоро бо тахайюл дар мафкура тасвир мекунад. Ҳамзамон, ҷаҳонбинии худро сайқал медиҳад ва ин ҷаҳонбинӣ нишонаи фардияти инсон мебошад.

Дар ҳақиқат, ҳангоми муошират ҳар як шахс қобилияти тағйир додани ақидаҳои дигаронро то андозае дорад. Ҳар қадар муошират рангорангу қобили қабул бошад, ҳамон қадар таъсир ва изи он дар хотира нақш мебандад.

Тахайюли олӣ, асосан, аз тафаккур ва фикрронӣ вобаста мебошад. Ва баръакси ҳол ҳам шуда метавонад. Мисол, ҳолатҳое пайдо мешаванд, ки барои раҳоӣ ёфтан аз баъзан монеаҳо ба шахс тахайюл кумак мерасонад. Бо таъсири тахайюл қобилияти фикрронӣ дучанд мегардад. Яъне, баҳамойии фикрронӣ, хотира ва тахайюл дар ботини шахс пайдоиши ҳиссиёти гуногунро ба бор меорад.

Дигар омиле, ки ба шахс барои рушди маънавиёт ва ахлоқи ӯ кумак мерасонад ин маромнокӣ (мотиватция) мебошад. Ин омил ҳамчун ҳиссиёти ботинии шахс маҳсуб ёфта, барои ба ҳадафҳо расидан таккони ҷиддӣ мерасонад. То кадом андоза ташаккул ёфтани маромнокӣ дар ботини шахс аз корҳои тарбиявӣ вобаста мебошад.

Маромнокӣ ин ҳаракати расидан ба мақсадҳои худ мебошад. Маромнокӣ – ин раванди интихоби бошууронаи шахс аз ин ё он намуди амал бо таъсири ҳиссиёти дохилие мебошад, ки ӯро ба фаъолият кардан водор месозад.

Маромнокӣ раванди таъсир ва амалҳои берунае мебошанд, ки ҳиссиётҳои дохилии шахсро ба шӯр оварда, ӯро барои хостан ва ноил шудан ба мақсадҳо равона месозад.

Ба таври дигар, мафҳуми маромнокӣ ҳамаи намудҳои водорнамоии рафтори одамро дар бар мегирад [210].

Ҳар қадар дар шахс ҳиссиёти маромнокӣ пайдо гардад, ҳамон қадар ӯ барои мақсад ва ҳадафҳои худ мубориза мебарад.

Ҳангоме, ки шахс барои худтакмилдиҳию худшиносӣ руҷӯъ мекунад, дар ӯ маромнокӣ баръало мушоҳида мешавад ва тасаввур мекунад, ин ҳиссиёт то охир ӯро ҳамроҳ мебошад. Аммо, бо гузашти вақт таззодҳо ва такопӯҳои зиндагӣ маромнокиро пахш карда, ин ҳиссиётро заиф мегардонанд. Худтакмилдиҳӣ ва худшиносӣ раванди хеле мушкил буда, бе иқтидори маромнокӣ ин роҳро тай намудан ғайриимкон аст. Ба таври дигар маромнокӣ ҳамчун муҳаррике мебошад, ки шахсро ба иҷрои амал водор месозад.

Агар ду тим ба ҳам рақобат намоянд ва онро аз ҷиҳати психологӣ таҳлил намоем ба осонӣ муайян мегардад, ки тими бозиро бохт намуда дар бозингарони ӯ маромнокӣ кам ба чашм мерасад. Ва онҳо ба тамоми ҳиссёт бозӣ накардаанд. Сабаби бохт, маҳз, рӯҳбаланд ва дилгарм набудани онҳо ба бозӣ буд. Аз ин ҷост, ки дар бозиҳои сатҳи байналмилалӣ ба маромнокӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Бояд қайд кард, ки на дар ҳамаи ҳолат маромнокӣ дар шахс дида мешавад. Мисол, як ҷавон дар даст китоб, дар нақлиёти ҷамъиятӣ нишастааст ва дар истгоҳи навбатӣ шахси калонсол дохили нақлиёт мегардад. Ҷойи нишаст дар нақлиёт нест. Ҷавон сарашро бардошта ба шахси калонсол нигоҳ намуда, хонданашро идома медиҳад.

Чаро ин ҳодиса рух дод? Оё ҷавон ҷойи нишасташро ба шахси калонсол дода наметавонист? Ин ва якчанд саволи дигар дар мавриди гуфта шада, пайдо

мешавад. Агар ҳамин ҳолатро аз нуқтаи назари илмӣ таҳлил намоем ҷавонро шахси бемаърифат ва бетарбия гуфта наметавонем. Чунки ӯ дар даст китоб дошт ва саргарми хондан буд. Сабабҳо ва омилҳо гуногун буда метавонанд. Эҳтимол ҷавон он қадар ба китобхонӣ саргарм буд, ки даромадани шахси калонсолро эътибор надод. Ва ё он қадар ба қаҳрамонҳои асар дилбохта шада буд, ки шахси калонсолро назар карда, пеши чашмонаш чизе намоён нашуд. Вале шахси дар ҳақиқат тарбия дида, ҳамаи ин омилҳоро паси сар карда, дар ҳамаи ҳолат ва дар ҳамаи ҷой хушмуомила, хушгуфтор, некхоҳ, ботамкин, таҳаммулпазир, меҳрубон, ғамхор ва шафиқ мебошад. Ва дар ин ҷо сухан на дар бораи то кадом андоза таълим гирифтаи шахс меравад, балки дар баробари ин ҷаҳони маънавии шахсро низ нодидагирӣ насозем. Ҷаҳони маънавии шахс ҳар қадар бою ғанӣ бошад, ҳамон қадар рафтор, амал ва кирдори минбаъдаи ӯро донистан мумкин аст. Мисолҳои дар боло оварда шуда тасдиқи онанд, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон доимо дар зинаи аввали тарбия истода, рушди ояндаи ҳар ҷомеа аз он вобаста мебошад.

Ба андешаи педагог Н.Л. Худякова: «Тарбия ҳамчун раванди ҳадафмандонаи педагогӣ дар асоси бо таъсири ва мақсаднок ба шахс тавсиф мешавад, ки дар асоси муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва табиӣ бунёд ёфта, барои ноил шудан ба ҳадафҳои ба миён гузошташуда мусоидат мекунанд» [357, с.29].

Яъне, раванди таълиму тарбия ҳамон вақт мукаммал мегардад, ки шахс аз сар гузаронӣ ва мавқеи худро доро бошад.

Мутаассифона дар таҷриба на он қадар ба аз сар гузаронӣ, интихоби қалб ва эҳсосот диққати ҷиддӣ дода мешавад. Бе аз сар гузаронӣ зиндагии шасхсро тасаввур кардан номумкин аст. Яъне, ба танзим даровардани эҳсосот ва қалб асоси муваффақият дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор меравад.

Агар филми «Марги судхӯр»-и Садриддин Айниро тамошо кунем, ҳунармандони ин филмнома он қадар бомаҳорат накш офаридаанд, ки бинандаро ба худ ҷалб карда, симои он замонаро инъикос менамояд. Чӣ тавр Қори Исмат (Қори ишкамба) мардумро фиреб медиҳад. Бо ҳар роҳу восита замини деҳқононро аз дасташон мегирад ва онҳоро мутеи худ мегардонад,

баръало нишон дода шудааст. Бинандаро водор месозад, то онҳо дар фикр ва андеша ғуттавар шаванд. Яъне, бинанда ҳамон ҳодисаҳоро андеша ва аз сар мегузаронад.

Натиҷаи дарк кардан ҳангоми раванди тарбия ҳамон вақт пайдо мегардад, ки агар шахс дорои қобилияти дидан, шунидан тамъ ва завқ дошта бошад. Бо ёрии ҳиссиёти дарккунӣ шахс ба қобилиятҳои худ боварӣ пайдо мекунад.

Ҳангоми баланд будани овози ноформ ва ё равшании аз ҳад зиёд шахс нороҳат мегардад. Вале агар овоз ва равшанӣ дар андозаи мувофиқ бошад, инсон хоҳу ноҳоҳ лаззат мебарад.

Ҷаҳду талош шахсро ба ҳадафҳои дар пеш гузошта ноил мегардонад. Қобилияти тахайюл, тафаккур, фикрронӣ бошад, дар шахс ҳангоми дарк кардан пайдо мегардад. Тасаввурот дар тафаккур образи ашёҳоро дарҷ мекунад, хотира ин образро дар худ маҳфӯз медорад, фикр ва баён бошад, онро ифшо мекунад. Агар шахс қобилияти дарк кардан надошта бошад, ягон чизро омӯхта наметавонад ва намефаҳмад.

Билохира ҳамагуна ҳиссиёт дар зери таъсири эҳсоси дигар ашё тағйир меёбад.

Дигар омил ва ҳиссиёте, ки дар раванди тарбия барои ҳадафҳо, яъне тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон лозим аст, таъсиррасонӣ ба қалби шахс мебошад. Таъсиррасонӣ ба дили шахс ин натиҷаи дарккунӣ дар сатҳи баландтар мебошад. Ҳар шахсе, ки лаҳзаҳои овони кӯдакии худро ба ёд дорад, ҳамон ҳолат ба дили ӯ таъсир расонидааст. Ва ӯ ин ҳолатро то абад азёд намебарорад. Дар раванди тарбия ҳам бояд чунин бошад. Ҷавононро тавре тарбия намудан лозим аст, ки онҳо бетафовут дар муносибат бо якдигар набошанд. Пеш аз ҳама, дар раванди тарбия ба дили онҳо таъсир расонидан лозим аст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар ҷомеа инсонҳо аз якдигар бо хислату донишу дарк тафовут доранд ва қобилияти фаҳмишҳои ҳар кас ҳаргуна аст.

Ба қавли Л.Толстой: «Ҳар як шахс ибтидои тамоми хосиятҳои инсониро дар дохили худ нигоҳ медорад ва дар баъзан ҳолатҳо онҳоро бо ҳар зайл ва дар мавриди худ истифода мебарад, ки аксар вақт комилан ба худ монанд нестанд» [252, с.12].

Бояд гуфт, ки раванди тарбия дуру дароз, пайваста ва ба оянда нигаронида шудааст. Тарбия бо душвориҳои зиёд ба даст омада, кӯшиши зиёд ва сабру тоқатро талаб мекунад.

Ба андешаи мо роҳҳои бартараф кардани праблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ чунинанд:

Якум, _*таъсири равонӣ*_. Таъсири равонӣ ба шахс тавассути шароитҳои беруна: ҷисмонӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ расонида мешавад. Фишори равонӣ бевосита ба майнаи шахс таъсир расонида, дар ӯ ҳиссиёт ва эҳсосоти гуногунро ба вуҷуд меоранд. Аз ин лиҳоз, ташкили шароити хуб барои ташаккули шахсият басо муфид ва созгор мебошад. Шароите омода кардан лозим аст, ки ҳиссиёт ва эҳсосоти мусбат дар шахс пайдо гардида, дар ин замина, тарбияи ӯ низ дуруст ба роҳ монда шавад.

Мушоҳидаҳо нишон додаанд, ки дар он ҷое шароити ҷисмонӣ, ташкили меҳнат дуруст ба роҳ монда шудааст, норасогии мутахассисон дида намешавад. Ва баръакс дар он муассисаҳое, ки шароити меҳнат, буду боши коргарон, ҷиҳозонидани муҳити корӣ бо лавозимоти эстетикӣ на ба таври лозима аст, албатта, норасогии мутахассисони соҳа баръало мушоҳида мешавад.

Масъалаи дигар ин аст, ки барои чӣ шахсони тарбиятдида дар баъзан мавридҳо худро идора карда наметавонад? Ин масъаларо бисёри олимон ба мисли Хоҷаев Қ., Амиров Р., Латифзода Д., Лутфуллозода М., Қодиров М. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор додаанд. Шахс дар ҷомеа зиндагию фаъолият мекунад ва шароит ё омилҳое пеш меоянд, ки ба асаб таъсир расонида, ҳолати рӯҳии ӯро беҷо месозанд. Бешак, нақши муҳит ва таъсири он ба инсон хеле калон аст. Бояд қайд кард, ки муносибат ва муоширати байни одамон омили ташаккули ахлоқии шахс ба шумор меравад.

Дуюм, *<u>шавқу рағбати худи шахс барои дарёфти фаҳмишу донишҳо ва арзишҳои маънавию ахлоқӣ</u>*. Шавқу рағбати шахсӣ ин нишонаи бедории ҳиссиётҳои дохилии одамон буда, барои муносибат кумакҳои ҳамаҷониба менамояд. Гуфтан ҷоиз аст, ки дар ташаккули сифатҳои шахсӣ нақши шавқу рағбат, чеҳра ва муҳити диққатҷалбкунанда бағоят калон аст. Шахс дар муҳити диққатҷалбкунанда руҳу илҳоми тоза гирифта, муносибати вай ба атрофиён беҳтару хубтар мегардад. Дар ин раванд, ӯ барои худ ва дар тахаюли худ, ҷаҳони зебоеро эҷод мекунад.

Сеюм, *<u>шароити мусоид,арҷгузорӣ ба арзишҳои маънавӣ ва шахсони алоҳида</u>*. Раванди ҷомеакунонии шахс дар он сурат тезонида мешавад, ки дар коллектив шароитҳои хуби корӣ вуҷуд дошта, шахс иқтидори қобилиятҳояшро нишон дода, талаботи маънавию ахлоқии худро қонеъ гардонад. Ҳангоми ворид шудан ба чунин муҳит ва аз бурду муваффақиятҳои ҳамроҳон хурсанд шудан омили асосии ба ҷомеа ворид гардидани шахс маҳсуб меёбад. Ин гуна шахсон дар коллектив обрӯи хоса дошта, соҳиби иззату ҳурмат ва фахри дигарон мегарданд.

Дар маҷмуъ, гуфтан мумкин аст, ки тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба рушду ташаккули шахсият таъсир расонида, ҷаҳонбинӣ, сатҳи дониш, тарзи муносибат ва тафаккурро то сатҳи лозима боло мебардорад.

Дар бораи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мутафаккири форсу тоҷик Ҷалолуддини Балхӣ дар ашъори худ, нигоштаҳои зиёд дорад. Масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ асоси низоми ақидаҳои педагогии Мавлоно Ҷалолуддини Балхиро ташкил медиҳад. Ӯ ба масъалаи тарбияи ватандӯстию ватанпарварӣ, дӯстию рафоқат, инсонгарой, хушрафторӣ, хушгуфторӣ, покдоманӣ, меҳнатдӯстӣ, ҳурмати падару модар ва дигар сифатҳои ҳамидаи инсонӣ диққати ҷиддӣ додааст. Мавлонои Балхӣ ба ҷавонон хитоб карда мегӯяд:

Беадаб танҳо на худро дошт бад,
Балки оташ дар ҳамам офоқ зад.

Мавлоно адабро аз ҳама сифатҳои дигари ахлоқӣ афзалтар медонад. Зеро, адаб шахсро поку беолоиш нигоҳ дошта, сазовори ҳурмату эҳтиром мегардонад:

Аз адаб пурнур гаштаст ин фалак,

В-аз адаб маъсуму пок омад малак [32, с.269].

Хулоса, тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон яке аз праблемаҳои асосии ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад. Чунки рушди ҷомеа аз бисёр ҷиҳат марбут ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аст. Дар шароити кунунӣ ин масъала то сатҳи лозимӣ омӯхта нашудааст ва таъсири он барои рушди ояндаи ҷомеа рӯз аз рӯз аз худ дарак дода истодааст.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар тули ҳаёт бо дарназардошти муҳити зист, оила, дӯстон, муассисаҳои таълимӣ, фарҳангӣ ва ғайра амалӣ карда мешавад. Ин равандест, ки ба инкишофи шахсияти комил нигаронида шуда, муносибатҳои ӯро ба Ватан, ҷомеа, коллектив, меҳнат ва рафиқон ташаккул медиҳад.

Натиҷаи тарбия ин шахси тарбиятдидае мебошад, ки аз ҳама паҳлуҳои ҳаёт бохабар буда, меъёрҳои маънавию ахлоқии ҷомеаро риоя мекунад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ метавонад шахсро аз рӯйи нишонаҳои гуногун дар ҷомеа муаллифӣ кунад. Ба мисли рафтори хуб, кирдори нек, муносибати фаъолона доштан дар ҷомеа, арҷгузорӣ ба арзишҳо ва ғайра.

Тавре қайд кардем дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши асосиро соҳаҳои маориф ва фарҳанг иҷро мекунанд. Заминаи асосии рушди ҷомеаи имрӯза низ аз тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон вобастагии калон дорад.

Дар шароити кунунӣ мавҷудияти омилҳои гуногун раванди тарбияро душвор гардонида, таъсирҳои манфии онҳо ба фарҳанги маънавии ҷавонон изи худро гузошта истодаанд. Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ақида ва эътиқоди ҷавононро ташаккул дода, ирода ва хислати онҳоро мустаҳкам менамояд. Таъсири тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ба рӯҳияи шахс якранг бошад ҳам, вале

хислат, рафтор, кирдор ва ахлоқии тарбиятгирандагон гуногун ташаккул меёбанд. Ба воситаи тарбия сифатҳои маънавӣ, ахлоқӣ, зебоиписандӣ, ватандӯстӣ, ғамхорӣ, меҳр дар шахс пайдо мегарданд.

Ҳамин тариқ, системаи муосири маориф ва фарҳанг на танҳо таълим, балки тарбия ва инкишофи эҷодии ҳар як шахсро дар бар гирифта, он омилҳое, ки дар самти тарбия монеаҳо эҷод мекунанд, бартараф месозанд.

## Хулосаи боби 2

Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ҷаҳони ботинӣ ва сифатҳои инсонгароёнаи ҷавонон бештар ба хусусиятҳои муносибати онҳо ба мероси таърихию фарҳангӣ, анъана ва урфу одатҳои миллӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ аз гуногунии воқеии муносибатҳои инсон ба муҳити иҷтимоӣ ва фарҳангие, ки ӯ зиндагӣ мекунад, алоқаманд мебошад.

Муҳити муассисаҳои фарҳангӣ ягонагии фарҳанг ва маорифро ҳамчун соҳаҳои мукаммалкунандаи ҳаёти иҷтимоӣ ифода мекунад. Нерӯи тарбиявии муҳити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ он вақт судманд мегарданд, ки имкониятҳои педагогии онҳо тавассути мазмун, шакл ва усулҳои кори тарбиявӣ бо ҷавонон амалӣ гарданд.

Имкониятҳои педагогии муҳити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин шароит ва ҳолатҳое мебошанд, ки истифодаи онҳо дар ҷараёни таълиму тарбия метавонанд, ба рушди маънавӣ-ахлоқии ҷавонон таъсир расонанд.

Дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа буҳрони фарҳангӣ ба чашм мерасад, ки пеш аз ҳама таъсири манфии худро ба ҷавонон расонида истодааст. Ба фарҳанг рӯй наовардани ҷавонон боиси он гардида истодааст, ки онҳо қобилияти таҳлил кардан ва дурурст дарк кардани маънои ҳаёт, неку бад, ахлоқу бадахлоқиро надоранд. Олимон,

фарҳангиён ва педагогҳо ба он назаранд, ки ахлоқу маънавиёт асоси рушди шахс маҳсуб ёфта, дараҷаи камолоти ӯ низ аз ҳар ҷиҳат аз он вобаста мебошад.

Аз ин лиҳоз, ҳангоми ҳалли мушкилоти баланд бардоштани сифати таълиму тарбия фаҳмидан ва дарк кардан лозим аст, ки яке аз сабабҳои буҳрони иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ин паст гардидани сатҳи маънавиёту ахлоқ, арзишҳо, ғояҳои инсонгароёна дар байни қишрҳои гуногуни ҷомеа, алалхусус дар байни ҷавонон мебошад.

Ҷомеа ҳалли масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро бештар ба дӯши муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва фарҳангӣ мегузорад. Маъмулан муассисаҳои таълимӣ барои азхуд намудани донишҳо ва сатҳи ҷаҳонбинию зеҳнии ҷавонон нақши бориз дошта бошанд ҳам, вале муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин равандро тақвият бахшида, маънавиёт ва эҷоди онҳоро мукаммал мегардонанд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ҳамеша ва дар ҳар ҳолат заминаи асосии рушди ҷомеа буда, яке аз воситаи муассири ташаккули шахсият боқӣ мемонад.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ин урфу одатҳо ва анъанаҳое мебошанд, ки ба рушди шахсият ва ҷомеа, эҷоди арзишҳои моддӣ ва маънавии ҳаёт нигаронида шудааст. Ин вожа ҷаҳонбинӣ, худшиносӣ, маълумотнокӣ, доираи васеи шавқу завқ, некхоҳӣ, хушмуомилагӣ, масъулият ва уҳдадориро инъикос мекунад.

Дар рӯҳияи маънавӣ-ахлоқӣ тарбия кардани ҷавонон асоси рушди босуботи ҷомеа ба ҳисоб меравад. Ба ҷавонон бояд фарҳанги муошират ва тарбияи дурусти маънавӣ-ахлоқӣ омӯзонида шавад. Мутаассифона, аксари ҷавонон аз ин раванд бархурдор набуда, эҳтиром ба калонсолон, одоби муошират ва қудрати баҳо додан ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро надоранд.

Бо туфайли тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ метавонем насли солиму созанда, дорои нерӯи бузурги зеҳнӣ ва арзишҳои инсонӣ ба воя расонем.

Рафторҳои маънавӣ-ахлоқӣ рафторҳои инсон тибқи меъёру қоидаҳое мебошанд, ки бо мурури замон аз ҷониби ҷомеа эътироф гардида, дар асоси онҳо насли наврас, махсусан, ҷавонон ба воя ва тарбия мeёбанд. Меъёрҳои

рафторҳои маънавӣ-ахлоқӣ маҷмуи қоидаҳое мебошанд, ки шахсро водор месозанд, то муносибатҳои худро дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба танзим дароварда, эҳтиром нисбат ба калонсолон, урфу одат, анъанаҳо ва суннатҳои миллӣ дошта бошанд. Аз ин рӯ, рафторҳои маънавӣ-ахлоқӣ ҷузъи муҳими заминаи рушди ҷавонон ва ҷомеа ба шумор меравал.

Барои он ки шахс рушдёфта, мукаммал ва босавод дар ҷомеа эътироф гардад, бояд меъёрҳои фарҳанги рафтор, муоширaт, гуфтор, одобу ахлоқро дарк кунад. Ҳаммаи ин сифатҳо имконият фароҳам меоранд, то шахс фикрашро озодона баён созад, бо шахсони ношинос ба осонӣ тамос гирад ва аз вазъиятҳои душвори ҳаётӣ моҳирона баромада тавонад.

Дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз усули муносибатҳои инфиродӣ истифода намуда, натиҷаи дилхоҳро ба даст овардем. Бояд гуфт, ки ҷавонон эҳсоси баланди зеҳни қабулкунанда дошта, хеле фаъол, чусту чолок ва аз ҷиҳати ҷисмонию эмотсионалӣ обу тоб ёфта мебошанд. Дар муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷавонон ба якдигар таъсир расонида, таҷрибаҳои рафтор, гуфтор ва кирдорҳои худро тақвият мебахшиданд.

Наврасону ҷавонон аз рӯйи хусусиятҳои синну солӣ ва равонӣ ба фарҳанг нигоҳҳо ва муносибатҳои эмотсионалӣ доранд. Онҳо кӯшиш мекунанд, рафтору кирдорҳои худро бо қаҳрамонони асарҳо ва персонажҳои филмҳо ҳамоҳанг созанд.

Равандҳои маърифатӣ дар давраи ҷавонӣ ба нуқтаи баланди камолот расида, аксари сифатҳои ҳаётан муҳими шахс ва маҳорату қобилиятҳои ӯ зоҳир мегарданд.

Айёми ҷавонӣ мухолифатҳо ва низоъҳои дохилӣ-эмотсионалии зиёде дорад, ки ба ин синну сол хос аст. Яъне, аз як тараф, рушди зеҳнии наврасон, ки онҳо ҳангоми ҳалли масъалаҳои таълиму тарбия баррасӣ мешаванд, аз тарафи дигар, ҳангоми муҳокимаи проблемаҳое, ки ба касбу роҳи оянда, тарзи муносибат, масъулият ва ахлоқу рафтор нигаронида шудааст.

Барои ҷавонон иштирок дар маҳфилҳои гуногун ва озмунҳою бозиҳо, ки ба ин васила фароғату истироҳати онҳо ба роҳ монда мешаванд, як ҷузъи бузурги рушди қобилият, маҳорат ва эҷоди онҳо ба ҳисоб меравaнд. Маҳз, бо туфайли маҳфилҳо ва дастаҳои эҷодӣ-бадеӣ шавқу завқ ва майлу рағбати ҷавонон ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баланд гардида, хусусиятҳои инфиродии онҳо дар асоси эҷодиёт ва ихтироъкорӣ зоҳир мегарданд.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар шароити кунунӣ насли наврас, хусусан, ҷавонон дар бораи фарҳанги рафтор, гуфтор ва тарзи муомила тасаввуроти мукаммал надоранд. Аз як тараф тағйирёбии арзишҳо боиси ин мушкилӣ гардад ҳам, аз тарафи дигар, надоштани мутахассисони соҳаи фарҳанг, ки самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар чорабиниҳо роҳандозӣ намоянд, ин равандро то андозае мушкилтар мегардонад.

Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта шароит фароҳам овардан барои фарорғату истироҳати ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ лозим аст. Чунки вақти холӣ воситаи муҳими ташаккули шахсият ба шумор меравад. Чӣ гуна гузаронидани вақти фароғат бештар аз худи шахс вобаста буда, аз фарҳанги баланди ӯ дарак медиҳад.

Омӯзиши арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва талаботи маънавии онҳо ҳангоми фароғат зарур буда, сатҳи мутобиқшавӣ ба шароит ва арзишҳои ҷадиди иҷтимоии онҳо муайян карда мешаванд.

Айни замон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро пайгир мебошанд, як қатор омилҳои таъсиррасон ба назар мерасанд. Ба мисли: кам гардидани чорабиниҳое, ки ҷанбаҳои тарбиявӣ доранд; рӯй наовардани ҷавонон ба муассисаҳои фарҳангӣ; сатҳи пасти хизматрасонӣ; таъминоти нокофии молиявии муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ғайра.

Вақти фароғат бо интихоби озод ва ихтиёрӣ, шаклҳои гуногун, қобилияти ба ҳам пайвастани фаъолияти ҷисмонӣ ва зеҳнӣ, эҷодӣ ва тафаккур, истеҳсолот ва бозӣ сурат мегирад.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки барои ҷавонон шаклҳои аз ҳама писандида дар раванди бароҳмонии чорабиниҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин мусиқӣ, рақс, шаклҳои гуногуни бозиҳо ва намоишҳои ҳазломез мебошанд. Барои самаранок гузаронидани фароғати ҷавонон, пеш аз ҳама, талаботи онҳоро ба назар гирифт ва чорабиниҳоро тавре омода кардан лозим аст, ки таваҷҷуҳро ҷалб сохта, ихтиёран хоҳиши иштирок карданро пайдо кунанд.

Муҳити фароғатро ҳам сарфи назар кардан лозим нест. Баъзан ҳолат ҷавонон намехоҳанд вақти холии худро дар хона бо ҳамроҳии аҳли оила гузаронанд. Дар ҳалқаи дӯстон ва ҳамшарикон пайвастан барои онҳо афзалтар менамояд.

Бояд қайд кард, ки проблемаи самаранок ташкил кардани фароғати ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва дар ин замина ба роҳ мондани тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳо ҳалли худро ноёфта боқӣ мемонад. Агар ин ҳолатро таҳлил карда бароем дар вазъияти баамаломада на худи ҷавонон балки, кормандон ва мутахссисони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, таълимӣ, ҷомеа, оила ва марказҳои ҷавонон то андозае айбдоранд. Чунки аз сабаби сатҳи пасти касбият ва надоштани таҷрибаҳои ташкили босифати фароғат ҷавонон майл ва рағбат ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ надоранд.

Ҳамин тариқ, дар ҳалли масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ раванди ташаккули арзишҳои шахсӣ, оилавӣ ва миллиро тақвият бахшидан лозим аст. Дар баробари инҳо самаранок ташкил ва гузаронидани вақти фароғати ҷавононро нодидагирӣ кардан лозим нест. Зеро, дар раванди фароғат низ ҷанбаҳои тарбиявӣ вуҷуд дошта, ба ин васила, масъалаҳои тарбия, ташаккули сифатҳои шахсӣ, ғоявӣ, зебоиписандӣ ва эҷодӣ ҳалли худро меёбанд.

## Боби 3. Самтҳои афзалиятноки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

### 3.1. Урфу одат ва анъанаҳои миллӣ омили муҳимми ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Дар марҳалаи имрӯзаи тараққиёти ҷамъиятӣ анъана, расму оин ва идҳои миллӣ ҳамчун муҳимтарин қисмати педагогикаи халқӣ, ки таърихи чандинасра дорад, дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аҳамияти калони тарбиявӣ доранд.

Тавре ки мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, анъанаҳои миллӣ, ки дар ҳар ҷашну маросимҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди истифода қарор мегиранд, дорои неруи бузурги педагогӣ буда, метавонанд ҳамчун воситаи муассири тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон хизмат кунанд. Аз ин лиҳоз, муҳимтарин вазифаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин нигоҳ доштани анъанаҳои халқӣ, ки аз насл ба насли дигар интиқол дода мешаванд ва дар заминаи онҳо фароғати шаҳрвандон бароҳ монда мешавад, мебошад.

Мусаллам аст, ки асоси идомаи наслҳо арзишҳои маънавиё мебошанд, ки тамоми унсурҳои миллиро дар худ таҷассум мекунад. Зери мафҳуми арзишҳои маънавӣ мо он анъанаҳо, расму русум ва оинҳоеро дар назар дорем, ки масъалаҳои муносибатҳои байни одамон, ба ҷамъият, оила ва ҳар он чизе ки танзимгари рафторҳои шахсони алоҳидаро дар ҷомеа роҳандозӣ мекунад, шомил мекунем.

Тавре ишора кардем истифодаи анъана, расму оин дар ҷашну идҳои миллӣ ҷанбаҳои тарбиявиро доро буда, рафтор, кирдор, амал, ҳаракат, муносибат ва гуфтори ҷавононро ҳам аз нуқтаи назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ батанзим медароранд.

Ба андешаи педагог Г.У. Аҳророва: «Мақсади тарбия дар ҳар як давру замон баланд бардоштани сатҳи маънавиёти халқу миллат ва ба ҳаёти мустақилона тайёр намудани насли наврас ба ҳисоб меравад»[32,с.165].

Омӯзиши ҷойгоҳ ва нақши расму русум ва оинҳои миллӣ дар ҳамаи давру замон муҳим арзёбӣ мегарданд. Зеро, онҳо ҳамеша ба олами маънавии инсон таъсирҳои гуногун расонида, руҳу равон ва ҳиссиёти ботиниро рангорану гуворо мегардонанд. Дар тӯли асрҳо ва ҳазорсолаҳо наслҳои гузашта кӯшиш кардаанд, ки суннатҳо, расму оин ва маросимҳои мардумиро ҳифз ва ба мерос гузоранд.

Таҳлили ҳаматарафаи таҳқиқот дар ин самт нишон медиҳад, ки масъалаҳои таъсири тарбиявии анъана, расму оин ва маросимҳои миллӣ дар корҳои олимони ватанию хориҷӣ ба мисли, Латифзода Д., Сафаралиев Б., Амиров Р., Аминзода А., Бӯриев Қ., Хоҷаев Қ., Турсунова М., Мирахмедов Ф. ва дигарон ба таври шоиста дарҷ гардидааст.

Ба андешаи олимони номбурда, вижагии анъана ва ҷашнҳои мардумӣ дар он аст, ки онҳо дар шароити ҷаҳони зудтағйирёбанда садсолаҳо беолоиш боқӣ монда, хирад, таҷриба ва арзишҳои ахлоқиро дар тӯли садсолаҳо дар худ ҳифз кардаанд. Муҳаққиқон яке аз шартҳои муҳимтарини пойдории давлату миллат ва дар ин замина ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар шиносоӣ бо расму оинҳо ва анъанаҳои мардумӣ медонанд.

Ба андешаи педагог М. Турсунова: «Рушди ҳар як давлати соҳибистиқлол ба фарҳанг ва анъанаҳо халқӣ, дарки ҳар як фард аз асолати миллии худ, дастовардҳои беназир ва беҳамтои фарҳангӣ, ки бо таърихи як қавми мушаххас, муҳити табиии он, хусусияти геополитикӣ, дастовардҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти маънавӣ ба вуҷуд омадаанд, асос меёбад» [339, с.3].

Ба андешаи муҳаққиқон эътиқод, расму оин ва суннатҳои мардумӣ аз рӯйи табиати худ, набояд ҳамдигарро истисно, балки дар ҳамбастагӣ якдигарро такмил ва пурра намоянд.

Мавриди зикр аст, ки гарчанде анъана ва расму русми халқӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши бориз доранд, ин мафҳумҳо дар шароити кунунӣ мазмун ва табиати нав пайдо карда, на танҳо арзишҳои маънавии

гузаштагонамонро эҳё мекунанд, балки он унусурҳои ҷадиди замони имрӯза, ки ба таври илова (микс) тавлид ва ташаккул меёбанд, инъикос менамоянд.

Таҷрибаи амалии халқҳои ҷаҳон собит гардидааст, ки анъанаҳо ва суннатҳои миллӣ дар раванди муносибат бо воқеияти нав тағйир ёфта, баъзан ба психологияи иҷтимоӣ табдил меёбанд.

Чуноне ки ҳаёти имрӯза собит месозад, анъанаҳо ва суннатҳои миллӣ омили эҷодии амалияи мавҷудияти имрӯза, ифодаи олами объективии муносибатҳо ва фаъолияти одамон мебошад. Моҳияти ба амалия нигаронидашудаи анъанаҳо дар он аст, ки онҳо дар раванди фаъолияти шахсони алоҳида ва аҳли ҷомеа татбиқ ва такмил меёбанд. Анъанаҳо ва оинҳои халқӣ тавассути фаъолияти объективӣ андозаи имконпазири инсонро нисбат ба гузашта, ҳозира ва оянда муайян мекунад.

Анъана ва расму оинҳои миллӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун эҷодиёти педагогикаи халқӣ шаклу усулҳои гуногуни таъсирҳои тарбиявиро ба ҳиссиёт, ирода, шуур ва рафтори ҷавонон доранд. Анъанаҳо ва расму оинҳои миллӣ падидаҳои ичтимоӣ буда, дорои принсипҳо, меъёрҳо ва қоидаҳое мебошанд, ки муносибатҳои одамонро дар ҷомеа ва ҳаёт танзим мекунанд.

Табиати тамоми расму оин ва анъанаҳои миллӣ дар худ, сурудҳо, афсона, зарбулмасал, тезгӯяк, чистон, мақол, шугун, рубоёт, дубайтиҳои халқӣ ва дигар жанрҳои фолклори мардумиро дар бар мегирад. Мардуми тоҷик осори пурмазмуну пурмуҳтавои фолклорӣ, аз ҷумла афсона, зарбулмасалу мақолро, ки воситаи тавонои тарбияи ахлоқӣ мебошанд, то имрӯз нигоҳ доштааст.

Хусусияти характерноки достонҳои халқӣ дар он аст, ки дар онҳо ғояҳои инкишофи ахлоқӣ, эстетикӣ, ақлӣ ва ҷисмонӣ таҷассум гардидаанд.

Ба андешаи олимоне, ки дар боло номи онҳоро зикр кардем розӣ ҳастем. Яъне, онҳо чунин андеша доранд, ки функсияи тарбиявии анъанаҳо ва суннатҳои миллӣ дар ҷомеа накши муҳим дошта, дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми беандоза доранд.

Урфу одат ва анъанаҳои миллӣ инсонро тамоми умр ҳамроҳӣ карда, зери таъсири онҳо қарор дорад. Маҳз, бо туфайли урфу одатҳои мардумӣ хислатҳои шахсӣ аз хурдсолӣ ташаккул меёбанд.

Дар ҳаёти ҳар як халқу миллат урфу одат ва анъанаҳои миллӣ мавқеи муҳимро ишғол карда, дар таҳкими ҳамбастагӣ, якдилӣ, дастаҷамъӣ ва ягонагӣ мардумро ба ҳам меоранд.

Инчунин, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ ба таҳкими робитаҳои оилавӣ мусоидат карда, тамоми хешовандон ва он шахсони наздик ба оиларо гирди ҳам меоранд.

Бояд гуфт, ки дар байни ҳамаи ҷашну идҳои сершумори мардуми тоҷик ҷашни «Наврӯз», «Сада», «Меҳргон» ва «Тиргон», ки таърихи зиёда аз 6000 сола доранд, мавқеи хосаро касб кардаанд.

Ин ҷашнҳо шаклҳои анъанавии худро то ба ҳол нигоҳ дошта, руҳияи мардумро баланд бардошта, муносибатҳои нави ҷамъиятиро инъикос мекунанд.

Ба андешаи муҳаққиқ Лутфуллозода Парвина: «23 феврали соли 2010 бо ташаббуси як қатор кишварҳои шарқи хориҷи наздику дур: Тоҷикистон, Эрон, Афғонистон, Озарбойҷон, Туркманистон, Туркия, Қирғизистон, Ӯзбакистон ва бо дастгирии Созмони Милали Муттаҳид ҷашни бостонии кишоварзии халқҳои форсизабон Наврӯз ҳамчун ҷашни байналмилалӣ эътироф ва ба Феҳристи мероси фарҳангии ғайримоддии башарият шомил карда шуд» [179, с.3].

Ҷашнҳои миллии «Наврӯз», «Сада», «Меҳргон» ва «Тиргон» дар таҳкими робитаҳои байни халқҳо, ки дар асоси эҳтироми ҳамдигар ва ғояҳои сулҳу ҳамсоягии нек ҷилвагар мешаванд, нақши муҳим доранд. Урфу одат ва анъанаҳои миллие, ки дар ин ҷашнҳо мавриди истифода қарор дода мешаванд ва пули фарҳангие, ки тамаддуни Шарқу Ғарбро дар заминаи табодули арзишҳои инсонӣ паҳн мекунанд, инъикос месозанд. Таҷлили ин ҷашнҳо маънои тасдиқи ҳамбастагии зиндагӣ бо табиат, шинохти пайванди

ногусастанӣ байни эҷодкорӣ ва давраҳои табиии таҷдид, муносибати ғамхорона ва эҳтиромона ба сарчашмаҳои табиии ҳаётро дорад.

Махсусан, ҷашни Наврӯз, ки ҳар сол дар ҷумҳурӣ бо шукуҳи шаҳомасти хоса таҷлил мегардад, дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши муассиру созгор дорад.

Дар ривоятҳои мардумӣ пайдоиши Наврӯз ба Шоҳ Ҷамшед марбут аст. Аз ин ҷост, ки дар миёни зардуштиён номи фаровони ин ҷашн – «Наврӯзи Ҷамшед» мебошад.

Таҷлили ин ҷашн дар «Шоҳнома»-и А.Фирдавсӣ низ ба таври хоса дарҷ гардидааст. Масалан, Фирдавсӣ чунин қайд мекунад:

Ба фарри каёнӣ яке тахт сохт,

Чӣ моя бад-ӯ гавҳар андар нишохт.

Ки чун хостӣ, дев бардоштӣ,

Зи ҳомун ба гардун барафрохтӣ.

Чу хуршеди тобон миёни ҳаво,

Нишаста ба ӯ шоҳи фармонраво.

Ҷаҳон анҷуман шуд бари тахти ӯй,

Фурӯ монда аз фасрраи бахти ӯй.

Ба Ҷамшед – бар гавҳар афшонданд,

Мар он рӯзро рӯзи нав хонданд.

Сари соли нав Ҳурмузи фарвардин,

Бaросуда аз ранҷ тан, дил зи кин.

Бузургон ба шодӣ биёростанд,

Маю ҷому ромишгарон хостанд.

Чунин рӯзи фаррух аз он рӯзгор,

Бимонда аз он хусравон ёдгор [349, с.64]

Наврӯз барои мардуми тоҷик оғози сол ба шумор рафта, мавсими кишту кор ва зиндашавии табиатро низ мемонад.

Мавриди зикр аст, ки ҷашни «Наврӯз» хислати тарбиявиро низ доро мебошад. Дар арафаи ин ҷашн ҳама якдигарро дар оғӯш мегиранд, камӣ ва костагии якдигарро фаромӯш мекунанд ва ба ҳамдилию ягонагӣ иттифоқ мекунанд.

Наврӯз мероси гаронбаҳои аҷдодони гузаштаи мо тоҷикон ба шумор рафта, рӯзгори мардум бо ҳама рангҳояш инъикос мегардад. Дар ин айём деҳқонон бо умеди фардои рӯзгор донаи умед ба замин мекоранд, бехи дарахтонро нарм мекунанд ва ниҳолҳои навбарро барои ҳосили фаровон гирифтан қайчӣ мезананд.

Тавре ишора кардем Наврӯз таърихи чанд ҳазорсола дорад. Дар тӯли чунин давраи азим баъзе анъанаҳо, урфу одам ва суннатҳои халқӣ то андозае тағйири шакл карданд ва баъзеи дигар дар гузашта боқӣ монда, аз хотирҳо фаромуш гардиданд.

Бо ҳама ҷаззобияташ ин ид барои аҳли мардум фараҳу шодӣ меорад. Дар ин айём аввалин гулҳои барфӣ (бойчечак) аз замин майса мезанад. Ва кӯдакон онро ҷамъоварӣ намуда, ба аҳли деҳа ва ба якдигар чун рамзи расидан ба давраи гармӣ, ғалабаи равшанӣ ба торикӣ, серӣ ба гуруснагӣ ва умед ба ноумедӣ  тақдим мекунанд, ки ин амали онҳо аввалан, меҳр ба табиат доштани онҳоро ифода созад ҳам, баъдан завқи зебоиписандиро ташаккул медиҳад.

Дар рӯзҳои ҷашни Наврӯз ҳаргуна мусобиқаҳо аз ҷумла, бузкашӣ, аспдавонӣ, гуштингирӣ, бандкашӣ, сангбардорӣ (гир) ва амсоли инҳо баргузор мегарданд. Мусобиқаҳое, ки дар боло зикр кардем бозиҳои миллии тоҷикӣ мебошанд. дар раванди ин мусобиқаҳо ҷавонон бо ҳам рақобат карда, ҳар яки онҳо мехоҳанд, ҳунару маҳорат, чолокию бозӯйи худро нишон диҳанд.

Бешубҳа, дар чунин муҳити идона, ки ин фазоро муассисаҳои гуногуни иҷтимоӣ-фарҳангӣ муҳайё карда метавонанд, ҷавонон бо майлу хоҳиши том мехоҳанд иштирок намуда, маҳорату малакаҳои худро нишон диҳанд.

Духтарон низ либосҳои идонаро ба бар карда, ба майдони базмгоҳ ҳозир шуда, бо сурудхонӣ ва байдбарак фароғати худро ташкил мекунанд. Дар рӯзҳои Наврӯзӣ озмуни сарояндагон - ҳофизон низ баргузор мешавад. Ҷавонон сурудҳои идона сароида, хотири якдигарро болида мегардонанд.

Тибқи анъана ва суннатҳое, ки то ба имрӯз боқӣ мондааст, қариб дар ҳамаи минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки Наврӯз ҷашн гирифта мешавад, дар хони Наврӯзӣ рамзҳои ин ҷашн ба мисли, «ҳафт син», «ҳафт шин» ва «ҳафт мим» гузошта мешаванд.

Дар ҷашни Наврӯз кӯдакон таронаи расмие бо номи «Бойчечак» дар байни аҳолӣ маъмул ва махсусан, рамзи баҳор аст, месароянд. Калонсолон ҳамдигарро бо фарорасии Наврӯз табрику таҳният гуфта, ба ҳамдигар саломатӣ, хушбахтӣ, хонаи обод ва оромиши қалбро таманно мекунанд.

Бояд қайд кард, ки бо фаро расидани ин ҷашн дар ҳар як хонадон таомҳои миллӣ омода карда, сари як дастархон бо ҳам ҷамъ меоянд, хушию хурсандӣ мекунанд ва дилҳоро аз кинаҳо озод месозанд.

Тавре ки педагог П. Лутфуллоева қайд мекунанд: «Ҳангоми омодагӣ ба ҷашни Наврӯз, ки ифодакунандаи рӯзи нав, бедоршавию эҳёи табиат, замин ва ҳаёт аст, мардум аз қадимулайём манзилу хонаҳо, кӯчаву ҳавлиҳои худро ба тартиб оварда, таъмиру тармим, рӯбучин карда, дарахту гулҳо мешинонанд» [179, с.5].

Мардуми тоҷикон дар тӯли ҳазорсолаҳо талош кардаанд, ки ин ҷашни аҷдодӣ, ки саршор аз шодию фараҳ аст ва мардумро ба сарҷамъӣ даъват месозад, барои наслҳои оянда ҳифз намуда.

Ба ҳамин минвол метавон гуфт, ки Наврӯз мактаби бузурги тарбия ба шумор меравад. Наврӯзро қариб дар тамоми муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, фарҳангӣ-фароғатӣ бесаброна интизорӣ мекунанд. Тавассути ин ҷашн ҷавонон дар бораи инсондӯстӣ, ифтихори миллӣ, хайрхоҳиву накӯкорӣ, меҳнатдӯстӣ, худшиносиву ватандӯстӣ, нигоҳдорӣ ва ҳифзи табиат, мардонагӣ ва шуҷоат,

зебой ва поктинатӣ донишҳоро дастрас карда, минбаъд онҳоро дар ҳаёт татбиқ месозанд.

Дуруст аст, ки асри 21 –ро асри илму технология ва инкишофи зеҳни сунъӣ унвон медиҳанд. Технологияҳои муосир, ки дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсоният мавриди истифода қарор дода мешаванд, муносибатҳои байни шахсони алоҳидаро то андозае тағйир додаанд.

Агар, ба таври дигар андешаҳои худро шарҳ диҳем ҷаҳони муосир чунон динамикӣ, зудтағйирёбанда ва ҳассос гардидааст, ки баъзан ҳолат ҷудо кардани моҳияти аслии падидаҳо, ҳақиқати ҳол ва пайдо кардани асоси воқеии он мушкил аст.

Воқеан, дастовардҳои илмию техникӣ, ки бо тағйироти куллӣ ба соҳаи маориф ва фарҳанг робитаи ногусастанӣ доранд, симои нави воқеият ва худи нигоҳҳои инсонро, ки ба доираи эҳтимолан номаҳдуди алоқа ва мубодилаи иттилоотро бавуҷуд меоранд, ташаккул медиҳанд. Ҳамзамон, ҷаҳонишавӣ, ки тамоми соҳаҳоро фаро мегирад, сарҳадҳоро аз байн мебарад, ғояву тасвирҳоро ҳамвор мекунад ва ҳамчун раванди навсозию азнавсозӣ муаррифӣ мешавад.

Тавре профессор Д. Латифзода қайд мекунанд: «Ҷаҳонишавӣ, ки бо тасдиқи арзишҳои умумибашарии инсонӣ алоқаманд аст, дар назди ҷомеаи мо як масъалаи муҳим – омода намудани шахсонеро мегузорад, ки дар асоси ягонагии аҳамияти миллӣ ва умумибашарӣ, ба ҷорӣ намудани ғояҳо, дастовардҳо ва сохторҳои нави муносибатҳои иҷтимоӣ омода бошанд» [171, с.4].

Навсозию азнавсозӣ ба маънои васеъ раванди гузариш аз ҷомеаи анъанавӣ ба ҷомеаи муосирро дорад. Навсозию азнавсозиро, ки дар заминаи он чизе, ки дар пешин арзи ҳастӣ доштанд, аз нав ҷорӣ карда мешавад. Вале, нодида гирифтани он арзишҳои пешин, ки ҷомеа онҳоро пазируфта буд, натиҷаи дилхоҳ намедиҳад.

Дар баробари дастовардҳо ва технологияҳои нав фарҳанги дигар, амсилаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва сохторӣ ба миён меоянд. Ҷомеаи муосир дар

шароити кунунӣ кӯшиш дорад, ки дар тамоми фаъолиятҳо ҳисобҳои рақамӣ, зеҳни сунъӣ ва технологияҳои пешрафтаро ҷорӣ намояд. Дар ин росто, назарҳо дар бораи урфу одатҳо каме тағйири шакл карда, таҳрифҳо нисбати онҳо пайдо мегардад.

Набояд фаромуш кард, ки таърихан ҳар як ҷамъият дар ягонагии диалектикии анъана ва навоварӣ инкишоф ва рушд мекунад. Анъана, урфу одат ва суннатҳои миллӣ инъикоси фарҳанги волои ҳар як давлату миллат ба шумор меравад. Анъана, урфу одат ва суннатҳои миллӣ он чизҳое мебошанд, ки фарҳангро нигоҳ медорад ва моҳияту аслияти ҳар як халқиятро собит месозанд.

Маҳз, дар асоси урфу одат ва анъанаҳо танзими муносибатҳои иҷтимоӣ дар шакли меъёрҳо, мамунаҳо ва қоидаҳо ташаккул ёфтаанд. Дар ин маврид фаромуш набояд кард, ки урфу одат ва анъанаҳо хоҳу нохоҳ ба ҷавонон таъсирҳои гуногуни ақлӣ, маърифатӣ, зеҳнӣ ва маънавию ахлоқӣ мерасонанд.

Ҷавонон ҳамеша дорои неруи тавонои серҳаракатӣ, манбаи зеҳнӣ, насли навовар, қодир ба эҷод, бунёдкор ва қодир ба тағйир додани ҷаҳони гирду атрофро доро мебошанд. Насли ҷавон на танҳо як гурӯҳи иҷтимоӣ, балки сармояи инсонии ҳар ҷомеа маҳсуб меёбанд. Ҷавонон бунёдкунандаи имрӯзуояндаи ба шумор меравад. Маҳз, ҷавонон ҳамон қишри ҷомеае мебошанд, ки қувваи пешбаранда ҷиҳати тағйир додани ғояҳо, андешаҳо ва намунаҳои иҷтимоӣ дониста мешаванд.

Ҳар як ҷомеаояндаи худро ба наслҳои наву созанда яъне, бо ҷавонон мепайвандад. Ва то кадом андоза ҷавонон анъана ва суннатҳои маънавӣ, ахлоқӣ ва фарҳангии халқии худро меомӯзанду азхуд мекунанд, оянда, пешрафт ва гулгулшукуфоии давлату миллат вобастагии калон дорад[25].

Ҷавонон таҷассумгари имрӯзу оянда маҳсуб ёфта, ҳамчун пайвандгари наслҳо хизмат мекунанд. Аз назарҳо, нигоҳҳо ва андешаҳои онҳо нисбати арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ авзои ҷомеа ва ҳифзи фарҳанги миллӣ вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, ҳангоми бунёди ҷомеаи нав, тарзи зиндагии ҷадид ва

арзишҳои фарҳангӣ вазифаи муҳимми аҳли ҷомеа ин ташаккули шахсияти созанда, ободкор, масъулиятшинос ва уҳдабаро мебошад.

Урфу одат ва анъанаҳо қисми таркибии фарҳанги ҳар як халқият дониста мешаванд. Урфу одат ва анъанаҳои халқӣ арзишҳо ва суннатҳои мардумиро ҳифз ва ба насли оянда интиқол ва дар ташаккулу нигоҳ доштани ҳувияти он саҳм мегузорад. Илова бар ин, урфу одат ва анъанаҳои мардумӣ манбаи илҳомбахши санъат ва фарҳанги муосир дониста шуда, роҳи ҳифз ва тарғиби мероси фарҳангӣ маҳсуб меёбанд.

Тавре ки мушоҳидаҳо ва таҳлилҳои педагогӣ собит месозанд, бархе аз ҷавонон кӯшиш мекунанд, ки ба хурдафарҳанге, ки худи онҳо барои худ офаридаанд, ба «меъёрҳои байналмилалӣ» ҷавобгӯ бошанд ва дар ин замина аз анъана, урфу одат ва фарҳанги мардуми худ даст кашанд. Аз ин ҳолат бармеояд, ки тарғиби арзиш ва зебогиҳои фарҳанги суннатии мардумӣ бо нишон додани хилофи равияҳои муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Ба андешаи мо, муносибати ҷавононро ба урфу одат ва анъанаҳои халқӣ шартан ба ду гурӯҳи ба ҳам мухолиф ҷудо кардан мумкин аст.

Гурӯҳи якум он ҷавононе мебошанд, ки аз анъанаҳои миллии худ фахр карда, онҳоро дастаҷамъона меомӯзанд ва ба онҳо пайравӣ мекунанд. Ин гуна ҷавонон дар чорабиниҳое, ки бахшида ба ҷашнҳои миллӣ ҳастанд, ширкат меварзанд, рақсу сурудҳои мардумиро бо тамоми шартҳояш иҷро мекунанд ва меросу фарҳанги ниёгони худро ҳифз медоранд.

Ба гурӯҳи дуюм он ҷавононе шомил карда мешаванд, ки ба урфу одат ва анъанаҳои миллӣ шавқу завқи зиёд надоранд. Онҳо бештар мусиқию сурудҳои хориҷиро ташвиқ ва мепарваранд. Инчунин, пойбанди муди мамолики хориҷӣ буда, ба филмҳои ғарбӣ ва рақсу оҳангҳои онҳо таваҷҷӯҳи беандоза медиҳанд. Ба андешаи чунин ҷавонон урфу одат ва анъанаҳои миллӣ падидаҳои кӯҳна шуда буда, дар ҷаҳони муосир маъное надоранд.

Бархе аз ҷавононе, ки фарҳанги суннатии миллиро омилҳои монеа барои рушду пешрафти ҷомеа мешуморанд, дар нигоҳҳои онҳо ба ҷойи навоварӣ ва

созандагӣ қабои муҳофизакорӣ вуҷуд дорад. Чунин ҷавонон ба он назаранд, ки дастрасӣ ба фарҳангҳое, ки ҷаҳон онҳоро эътироф кардааст, рӯй овардан дуруст аст.

Ба андешаи муҳаққиқ А.Б. Кошкина: «Анъанаҳо на ҳамчун монеа, балки ҳамчун асос ва зина барои бавуҷуд овардани навоварӣ хизмат мекунанд. Гузашта аз ин, бидуни анъана, урфу одат ва суннатҳои халқӣ навовариҳо наметавонанд бо ҳама рангорангии худ, ҷилвагар шаванд. Арзиш ва моҳияти анъанаю суннатҳо, ки ба навоварӣ табдил меёбанд, бартарияти худро аз даст намедиҳанд» [156, с.4].

Воқеан, технологияҳои муосир ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои муоширaт ва табодули иттилоот имкониятҳои нав фароҳам овардаанд. Ва ҷавонон ба воситаи чунин майдон бояд аз мансубияти худ огоҳии бештар пайдо намоянд. Тарзи истифодаи дурусту бамавриди шабакаҳои иҷтимоӣ барои ҷавонон имконият фароҳам меорад, то онҳо бо анъанаҳои ҷадиди фарҳанги ҷаҳонӣ ошноӣ ва дастрасӣ пайдо намуда, табодули афкор, омӯхтани арзишҳо ва бартарияти онҳоро таҳлилу баррасӣ намоянд.

Ҳамин тавр, ба хулосае омадан мумкин аст, ки анъана, расму оин ва суннатҳои миллии тоҷикӣ муҳимтарин манбаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб рафта, дар тағйири андешаҳо, нигоҳҳо ва назарҳои онҳо нисбати он падидаҳои беҳтарини тарбиявӣ, ки дар ҳар як ҷашну маросим дар шаклҳои гуогун ҷилвагар мешаванд, саҳми беандоза доранд.

Вазифаи муҳимми муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин тарбия намудани шаҳрванди асиле мебошад, ки арзишҳои фарҳангӣ, урфу одат ва суннатҳои миллии халқияти худро ҳифз, нигоҳ ва ба насли минбаъда ба мерос гузорад. Зеро, анъана, ойин ва урфу одатҳои миллӣ, ки таърихи чандинасра доранд, ҳамчун муҳимтарин ҷузъи педагогикаи мардумӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши бузург доранд.

## 3.2. Фароғат ҳамчун соҳаи ташаккулдиҳандаи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Вақти фароғат қисми вақти ғайрикорӣ, ки барои шахс пас аз иҷрои вазифаҳои ҳатмии ғайриистеҳсолӣ ба мисли, сафарҳои хизматӣ рафтан ва баргаштан аз он, хоб рафтан, хӯрокхӯрӣ ва дигар намудҳои худхизматрасонӣ мебошад. Фаъолиятҳои ба фароғат дохилшавандаро, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ истифода мегарданд, шартан ба якчанд гурӯҳҳои ба ҳам алоқаманд, ки дар ин раванд ҷанбаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон таъмин карда мешаванд, тақсим кардан мумкин аст. Якум, фароғат ба маънои васеъ омӯхтан ва худомӯзӣ карданро дар бар мегирад. Яъне, дар ин маврид фаъолиятҳои гуногуни фарҳангии азхудкунии инфиродӣ ва гурӯҳӣ бароҳ монда мешаванд. Дуюм, иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ, ба мислӣ, рафтан ба осорхонаҳо, қасрҳои фарҳангӣ, китобхонаҳо, боғҳои фарҳангӣ-истироҳатӣ, шунидани радио ва тамошои барномаҳои телевизиониро дар бар мегирад. Сеюм, тавассути фаъолияти эҷодӣ иштирок дар озмунҳо, маҳфилҳо, ташкили бозиҳои гуногуни истироҳатӣ ва ғайра бароҳ монда мешавад.

Фарҳангшиносони муосир фаъолияти фарҳангӣ ва фароғатиро ҳамчун раванди фароҳам овардани шароит барои интихоби ҳавасмандии фаъолияти субъекти инфиродӣ медонанд. Гузашта аз ин, раванди фаъолияти фароғатиро ниёзҳои шахс ва манфиатҳои ӯ муайян мекунанд[122, с.13].

Дар фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ алоқа бо шахсони дигар ҷойи муҳимро ишғол мекунад. Дар ин раванд ҷавонон ба ҳам таъсирҳои гуногун расонида объекти фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ мегарданд.

Аксар вақт вақти фароғатро бо вақти холӣ ва бо вақти берун аз мактабӣ алоқаманд медонанд. Аммо, оё вақти холиро бо фароғат муайян кардан мумкин аст? Алббата, не, зеро ҳама вақти холӣ доранд, аммо на ҳама онро ба таври самаранок мегузаронанд.

Шарҳи зиёди вожаи «истироҳат» вуҷуд дорад. Амма, вақтхушӣ ин фаъолият, муносибат ва ҳолати рӯҳии шахс мебошад.

Тавре ки олимони соҳаи фарҳангшиносӣ ба мисли, С.Н. Артановский, М.М. Бахтин, С.Н. Иконникова, Э.А. Орлова, М.А. Ариарский, А.В. Соколов ва дигарон фароғатро мавриди таҳқиқ қарор додаанд, якчанд тавсифи фароғатро ошкор сохтаанд. Вале, ба андешаи мо дар байни онҳо чунин ҷанбаҳо ҷойи махсусро ишғол мекунанд:

- фароғат ҳамчун инкишофи тафаккур, ки бо дарназардошти рушди шуурнокӣ алоқаманд мебошад, тавсиф кардан мумкин аст;

- фароғат ҳамчун фаъолият, ки дар ин раванд шахс бидуни кор амалеро иҷро мекунад ва аз он лаззати маънавӣ мебарад, ба шумор меравад;

- арзишҳои фароғат дар он зоҳир мегардад, ки дар он шахс ҷаҳони ботинии худро ғанӣ гардонида, ба худшиносӣ талош меварзад;

- донистани фароғат ҳамчун вақти холӣ ва вақти интихоб. Ин вақтро шахс метавонад бо тарзҳои гуногун истифода карда, барои фаъолиятҳои вобаста ба кор ё ғайри кор истифода барад. Вақти фароғат аз ҷониби шахс тавре истифода мегардад, ки ӯ амалеро иҷро менамояд, ки вазифаи ӯ нест;

- фароғат дар байни кор ва бекорӣ қарор дошта, ҳолатҳои равонӣ, эмотсионалӣ ва руҳии шахсро муътадил нигоҳ медорад. Ва коршоям будани ӯро таъмин месозад;

- фароғат метавонад ҳам истироҳат ва ҳам корро муттаҳид созад. Қисми зиёди вақти фароғати шахсон дар ҷомеаи муосир ба намудҳои гуногуни истироҳат сарф мешавад.

Бояд қайд кард, ки фароғат барои ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорад, то ниёзҳои муҳимми ҳаётии онҳо таъмин карда шавад. Ҳангоми фароғат ҷавонон қударуту тавони худро ошкор карда, муносибатҳои эҷодкорона менамоянд.

Инчунин, фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ҷиҳати иҷтимоишавии шахс заминаҳои мусоид фароҳам меорад.

Ба андешаи Н.Г. Гончарова: «Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ барои рушди хислатҳои ҷавонон муҳим арзёбӣ гардида, ҷиҳати ташкил кардани

вақтхушии самаранок ва ба ин васила иҷтимоишавии гурӯҳҳои гуногуни онҳо муҳити созгорро муҳайё месозад» [81, с.15].

Вақти фароғатро ҷавонон барои рафъи стресс ва ташвишҳои хӯрду бузург, ки фаъолияти минбаъдаи онҳоро халалдор месозанд, истифода мебаранд. Фароғати самаранок дар ягон маврид ҷавононро аз ҳаёти воқеӣ дар канор намонда, муносибатҳои ҷамъиятии онҳоро ташаккул медиҳад. Қимати фароғат дар он дида мешавад, ки он метавонад ба ҷавонон ёрӣ расонад, то ҳиссиёти нуҳуфтаи худро дарк кунад.

Фароғат якчанд намуд мешавад. Фароғате, ки барои манфиат ташкил карда мешавад, суди зиёд барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дорад. Ва баръакс, фароғате, ки аз ӯ суде нест, аввалан, ба худи шахс таъсирҳои манфӣ мерасонад, дуюм, ахлоқи ӯро коста мегардонад ва билохира, ба ҷомеа зараровар мегардад.

Дар шароити имрӯза талаботи маънавӣ ва маърифатии ҷавонон доимо тағйир ёфта, меафзояд ва сохтори вақти фароғати онҳо мураккабтар мегардад.

Дар вақти фароғат шахс натанҳо қувваи ҷисмонӣ, балки тарзи фикрронӣ ва ҳиссии худро низ инкишоф медиҳад.

Фароғат ин вақти холии одамон буда, барои барқарор намудани қувваи ҷисмонӣ ва амалӣ намудани талаботи фарҳангӣ зарурат дорад[260,с.96].

Мавриди зикр аст, ки фароғати қишрҳои аҳолӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таври гуногун гузаронида мешаванд. Ба ин раванд хусусиятҳои синну солӣ, баромади иҷтимоӣ, вазъи саломатӣ ва амсоли инҳо низ таъсир мерасонанд. Ҷанбаҳои дар боло зикргардидаро муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷиҳати самаранок ташкил кардани фароғати аҳолӣ ҳангоми омодасозии чорабинӣ, ки аз лаҳзаҳои истироҳатӣ иборат мебошанд, бояд ба назар гиранд.

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд ба аҳолӣ дар ҳар як ҳолати мушаххаси фароғатӣ машғулиятҳои истироҳатӣ, озодии интихоб ва имконияти тағйир додани намудҳои гуногуни фаъолиятро пешниҳод кунанд.

Мушоҳидаҳои педагогӣ ошкор мекунанд, ки ҷавонон бештар мехоҳанд на дар иҳотаи оила балки, дар ҳалқаи дӯстон бошанд. Ин хусусияти фарққунандаи онҳо аз насли калонсол аст.

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, ки ин раванд тамоми соҳаҳои фаъолияти ҷавононро фаро гирифта аст, гузаронидани фароғати ҳар як табақаи ҷомеа ба таври хоса сурат мегирад. Яъне, барои шахсони доро ҳамагуна муассисаҳои фароғатӣ дастрас ва барои шахсони камбизоат бошад, маҳдудиятҳо бачашм мерасанд. Барои афроди мансабдор ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо ба тарзи дилхоҳ ва бо як ҳашамати бузург баргузор мегарданд. Барои камбизоатон бошад, қаҳвахонаҳои арзон, бо дастдиҳии вақт, машғулиятҳои оддӣ дар боғҳои истироҳатӣ, клубҳо ва китобхонаҳо сурат мегиранд.




**Нақшаи 2. Сохтори эҳтиёҷоти ҷавонон ба фароғат дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ**

Истироҳат – ин як ҳолати рӯҳии шахс ба шумор рафта, ки дар натиҷаи аз як машғулият ба машғулияти дигар гузаштани вай сурат мегирад. Иштироки

ҷавонон дар фаъолияти фароғатии берун аз таълим - муҳити фароғатро ташкил медиҳад. Ҷавонон дар чунин муҳит аз меҳнати фикрӣ ба меҳнати ҷисмонӣ ва машғул шудан ба машғулиятҳои шавқовар, яъне иштирок дар шабҳои истироҳатӣ, бозиҳо, шабҳои рақс, барномаҳои фароғатӣ ва карнавалҳо мегузаранд.

Вазифаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз он иборат аст, ки ба ҷавонон омӯзанд, то онҳо вақтҳои фароғати худро дар як қолаби муайян ва манфиатовар гузаронанд.

Фарғат барои иҷтимоишавии шахсияти ҷавонон хеле арзишманд ба шумор рафта, дар ин замина қобилиятҳое ташаккул меёбанд, ки имкон медиҳанд, то ҷавонон дар ҷомеа муносибатҳои созандаро роҳандозӣ кунанд [199, с.12].

Ҳуқуқ ба истироҳат ҳамчун ҳуқуқ ба таълимро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тамоми шаҳрвандон, алалхусус, ба ҷавонон кафолат медиҳад. Аз ин лиҳоз, лагерҳои истироҳатӣ, базаҳои варзишӣ-сайёҳӣ, пансионатҳо, майдончаҳо, варзишгоҳҳо ва аттраксионҳо арзи вуҷуд доранд. Аммо, муносибатҳои бозоргонӣ дар гузаронидани фароғати ҷавонон таъсирҳои худро гузоштаст. Дар зери таҳдиди муфлисшавӣ бисёри муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолияти худро қатъ карданд. Бар замми ин, бисёри муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои ҷавонони камбизоат аз сабаби баланд будани қимати он дастнорас ҳастанд.  Ҳалли ин мушкилиро танҳо сарпарастон ва худи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бартараф карда метавонанд.

Бояд гуфт, ки истироҳат мақсадҳои гуногуни иҷтимоӣ дорад. Мақсади асосии истироҳати ҷавонон ин барқароркунии қувваи ҷисмонӣ ва маънавӣ мебошад. Ин мақсад ҳангоми сайру гаштҳо, дар вақти варзиш, шабҳои истироҳатӣ ва ҳангоми машғулияти бозиҳои шавқовар амалӣ мегардад. Қонеъсозии талаботи маънавӣ бошад ҳангоми мутолиаи китоб, тамошои филм, рафтан ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, сайёҳатҳо, сайругаштҳо дар табиат ва тамошои манзараҳо сурат мегирад.

Асосан, фаъолияти фикрӣ ҳангоми таълим дар мактаб пайдо мешавад. Аз ин лиҳоз, мондашавии тафаккур ва ҳолатҳои эмотсионалӣ аз эҳтимол дур нест. Раванди самараноки истироҳати ҷавонон ин гузаштан аз як шакли машғулият ба шакли дигар мебошад, ки барои ба танзим даровардани майнаи сар ва коршоям будани шахсро таъмин мекунад. Ин хел машғулиятҳоро дар мактаб корҳои берун аз мактабӣ ва фаъолияти берун аз мактабӣ-фароғатӣ таъмин карда метавонад. Тағйири муҳит ва машғул гардидан ба варзиш ин беҳтарин воситаи рафъи мондашавӣ ва баланд бардоштани рӯҳия мебошад. Дар баробари раванди истироҳат вазифаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ низ ҳалли худро меёбанд. Ба мисли хонандагони муассисаҳои таълимӣ ҷавонони ба фароғат машғул буда, фаҳмишҳои нав дар раванди он пайдо мекунанд. Яъне, ҳангоми тамошои филм ё ягон саҳнаи театрӣ ҷавонон дар як вақт ғизои маънавӣ ва аз дигар тараф ахборот ва маълумоти навинро дастрас мекунанд.

Ҳангоми ташкили истироҳат, ки дар ин раванд тарбия низ то андозае ҳаллӣ худро меёбад, ба ҷиҳатҳои синну солии ҷавонон, қобилияти ҷисмонӣ, хусусиятҳои рӯҳӣ ва ба хислати фароғат диққат додан лозим аст.

Чунин андешаро низ педагог П.С. Нематов ҷонибдорӣ намуда мефармояд: «Дар раванди тарбия ба эътибор гирифтани хусусиятҳои синну солӣ муҳим арзёбӣ мегардад» [224, с.116].

Хусусияти истироҳати ҷавонон дар он аст, ки хонандагон - ҷавонон баъди машғулияти дарсӣ ба истироҳат мепардозанд, ҷавонони ба кор машғул буда бошад, баъди соатҳои корӣ ба истироҳат машғул мешаванд. Аз ин лиҳоз, онро бояд ба инобат гирифт, ки ба кадом шакли машғулият ин ва ё он гурӯҳ пештар машғул буд. Аз ин рӯ, ба ҷавононе, ки ба машғулиятҳои маърифатӣ банд буданд, истироҳати ғайрификрӣ ва ба ҷавононе, ки ба кор машғул буданд истироҳати барқароркунии қувваи ҷисмонӣ ташкил карда шавад. Хислати машғулияти фароғатӣ низ дигаргун бояд бошад. Барои хонандагон чорабиниҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, барои ҷавонони ба кор машғул буда бошад, озмунҳои хислати фикрронидошта ташкил ва гузаронида шавад. Аммо, истироҳат ин истироҳат аст. Аз ин сабаб барои ҳамаи гурӯҳҳои ҷавонон

фоидаовар ва манфиатбахш ташкили бозиҳои шӯху ҳазломез ва машғулиятҳои шавқовар мебошад. Бесабаб нест, ки барномаҳои шавқовари ҷавонон чӣ дар телевизион ва чӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, то ҳол қадру манзалати худро аз даст надодаанд.

Ҷанбаи дигари ташкили истироҳати ҷавонон ин аст, ки хислат ва шаклҳои машғулияти онҳо тағйир меёбанд. Ба ин тағйирот на танҳо ба камолрасии онҳо, балки ҳолати имрӯзаи ҷомеа низ таъсир мерасонанд. Дар ин раванд якчанд омилҳоро низ мисол овардан мумкин аст:

Якум, вақти истироҳати ҷавонон дар шароити имрӯза яку якбора кам гардидааст. Сабаби ин, пеш аз ҳама, дар он аст, ки ҷавонон барои фаъолияти худро дуруст ба роҳ монанд онҳо бояд дар якчанд муассиса кор кунанд ва ё ҳам кор ва ҳам хонанд.

Дуюм, дар зиндагии ҳаррӯзаи мо ворид гардидани воситаҳои муосири барқӣ ба монанди компютер, ки ҷавонон ба воситаи онҳо истироҳати худро ба бозӣ ва гӯш кардани мусиқӣ мегузаронанд.

Сеюм, дар ҳамбастагӣ бо ин яку якбора паст гардидани сафи ҷавонон ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, яъне ба клуб, қасрҳои фарҳанг, осорхона ва театрҳо мебошад. Гарчанде имрӯзҳо мазмун ва мундариҷаи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ рӯ ба беҳбудӣ оварда истодааст, ҳанӯз ҳам дар ин самт корҳо барои анҷом додан ба мушоҳида мерасанд.

Талаботи илмии ташкили истироҳати ҷавонон ин таҷҳизотонидан ва бадеият даровардан дар ҷои баргузории фароғат ва шароитҳои оддии санитарӣ ташкил кардан мебошад. Он ҷо доимо бояд тоза, озода ва равшан ва аз ҷиҳати эстетикӣ зебо бошад. Ҷевонҳои ҳозиразамон, мусавварахо, расмҳои ба даст кашида дар роҳравҳо гулҳо бояд гузошта шаванд, чунки ин аз як тараф ба тарбияи зебоипарастии ҷавонон кумак кунад ҳам, аз тарафи дигар табъи ҷавононро болида гардонида, рӯҳу равони онҳоро хуш медорад.

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташкили истироҳати ҷавонон аз ҳамаи шаклҳои фаъолият, ки дар барнома ҷой дода шудааст, истифода мебаранд. Ҷавонон қариб дар ҳамаи чорабиниҳо истироҳат мекунанд, махсусан

дар чорабиниҳои варзишӣ-оммавӣ, намоишҳои бадеӣ, сайругаштҳо, гуфтугӯ бо табиат, ҳангоми ҳамсуҳбат шудан бо ҳамсолон ва калонсолон.

Дар раванди муносибатҳо таъсири дучониба рух дода, ташаккули шахсият сурат мегирад. Ташкили ин муносибатҳо ва ташаккули фарҳанги ҷавонон вазифаи педагогҳои иҷтимоӣ ва ташкилотчиён мебошад.

Мусаллам аст, ки дар раванди барқарорсозии муносибатҳо дар муҳити муассисаҳои фарҳангӣ-фарҳангӣ ҷавонон дар бораи проблемаҳои ҷойдошта дар фаъолият баҳсҳо ва суҳбатҳо барпо мекунанд. Албатта, дар ин мусоҳибаҳо ва баҳсҳои созанда ҷавонон ба саволҳои худ ҷавобҳои мушаххас пайдо мекунанд.

Қадами асосӣ дар муносибат ин барқароркунии муоширaт, ҷустуҷӯи манфиатҳои умумӣ, муҳокимаи проблемаҳои гуногун ва ҳалли роҳҳои онҳо мебошад [343, с.87].

Дар раванди ташкили фароғати муташакили ҷамъиятӣ бо ҷавонон педагог-ташкилотчии фароғат бояд чунин қоидаҳоро риоя кунад:

- тарзи дурусти муоширaти созандаро ба роҳ монад;
- аниқ кардани мақсадҳои дигарон;
- ҷанбаҳои тарбиявии фароғатро ба эътибор гирад;
- аз анъанаҳои миллии фароғат истифода намояд;
- озодии эҷодиро фароҳам овардан.

Ба андешаи муҳаққиқ С.Д. Якушева «Таълим ва тарбия кардан санъат ва илм ба шумор меравад. Зеро, ҳар як машғулият нотакрор ва беназир аст. Раванди он аз ҳолатҳои эмотсионалӣ ва воситаҳои истифодашаванда ва аз як қатор омилҳо вобаста мебошад, ки бисёре аз онҳоро пешгӯӣ кардан душвор аст. Ҳар як педагог воқеиятро бо ин ё он тарз дигар мекунад, вале танҳо педагоги эҷодкор барои дигаргунсозиҳои куллӣ фаъолона талош карда, дар ин бобат намунаи равшан мегардад» [398].

Бар замми ин, муносибат бояд эҷодкорона бошад. Хайрхоҳӣ, нармдилӣ, гӯш карда тавонистани дигарон ва тарзи дурусти гуфтугӯ, фарҳанги суханронӣ

ва амсоли ин дар байни ҷавонон талқин карда шаванд, то ки онҳо дар ҷомеа мавқеи худро пайдо карда, дар ҳаёти коллективона зиндагӣ карда тавонанд.

Ташкили истироҳати ҷавонон аз талабот ва шавқи онҳо вобастааст. Дар фароғати ҷавонон ҷои асосиро фаъолияти бозиҳо ташкил медиҳад. Вале, хислати бозиҳо низ гуногун мебошанд. Ҷойи аввалро бозиҳои компютерӣ ишғол мекунанд. Бояд дар ҳамаи муассисаҳои фароғатӣ хонаҳои махсуси бозӣ ташкил карда шавад. Аз ҳисоби худи ҷавонон шахсонеро барои ин амал тайёр бояд кард. Бо ҳамин мо ба чанд ҳадаф нишонрас мешавем, яъне ҳам истироҳати наврасон ва ҳам фароғати ҷавононро бо ин роҳ ташкил мекунем. Илова бар ин, корҳои дастаҷамъӣ ба ҷавонон таъсири мусбат расонида, дар онҳо ҳисси дилсузӣ нисбати кӯдакон, рахмдилӣ, шафқат, меҳр, ҳисси масъулият ва фаҳмиш пайдо мешавад.

Ба андешаи фарҳангшинос ва педагоги тоҷик Сафар Сулаймонӣ ба таври куллӣ бозӣ фаъолияте ҳисобида мешавад, ки дар он  истироҳату саргармӣ мавқеъи марказиро ишғол мекунанд [310, с.88].

Бозиҳо барои ҷавонон як шакли фароғат ба шумор рафта, барои баланд бардоштани зеҳну малакаҳои онҳо кумак мерасонад. Бозӣ амале мебошад, ки шахсро аз овони хурдӣ то ба камолот ҳамроҳӣ мекунад. Ва қисмати ҷудонопазири ҳаёти одам ба шумор меравад. Масъалаи бозӣ ва ҷиҳатҳои тарбиявии он диққати натанҳо педагогҳо, балки фарҳангшиносон, мардумшиносон ва сотсиологҳоро ба худ ҷалб кардааст.

Педагоги машҳури даврони Шуравӣ В.А. Сухомлинский гуфта буд: «Бозӣ ин шарораест, ки аз он алангаи фаҳмиш ва донишҳо бармехезад»[101, с.210].

Аҳаммияти бозиҳо барҳақ хеле калон аст. Ин, пеш аз ҳама, мактаби муносибат ба шумор рафта, барои васеъ гардидани мавқеи муошират, баланд гардидани савияи дониш, маҳорати ҷисмонӣ ва маънавиёт кумакҳо менамояд. Инчунин, бозӣ вақти фароғати ҷавононро босамар гузаронида, рӯҳу равони онҳоро болида мегардонад.

Бозиҳо қариб дар тамоми чорабиниҳои фарҳангӣ истифода мешаванд: дар шабнишиниҳо, идҳо, мусобиқаҳои фарзишӣ ва ғайра. Ҳангоми баргузории

бозиҳо ҳиссиёти хурсандӣ аз ғалаба, лаззат бурдан аз бурдборӣ ва хислати ташаббускорӣ-эҷодӣ дар шахс пайдо мешавад, ки ин бешак воситаи тарбия ҷавонон ба шумор меравад.

Дар назарияи педагогика бозиҳо ҳамчун воситаи тарбия ба ҳисоб мераванд. Бозӣ фаъолиятест, ки шахс ташаккул меёбад, ҷаҳони ботинӣ ғанӣ мегардад ва дар ӯ эҳсосот ба мисли масъулият, ҷаҳду талош кардан барои муваффақиятҳо ва пирӯзӣ ба даст овардан пайдо мегардад.

Моҳияти бозӣ дар он аст, ки вай ба тахаюлот алоқаманд буда, дар шахс қобилияти фаҳмишҳои нав ва аз ҳолатҳои ногувор баромаданро нишон медиҳад.

Гуфтан ба маврид аст, ки бозиҳои анъанавӣ ва халқӣ дар байни мардум ҷойгоҳ ва манзалати худро то ба ҳол гум накардаанд. Бозиҳои халқӣ робитаи байни наслҳои гузашта ва имрӯза маҳсуб ёфта, қонеъкунандаи талаботи маънавӣ ва пурра кардани фазои холии ҷавонон мебошанд.

Аз замонҳои қадим тарзи зиндагии мардум дар бозиҳои халқӣ таҷассуми худро ёфтааст. Меҳнат, шаъну шараф, мардонагӣ, ҷасорат, зиракӣ, тобоварӣ, ихтироти эҷодӣ ва хоҳиши ба даст овардани ғолибият хислатҳое мебошанд, ки ҳангоми бозӣ дар шахс пайдо мегарданд. Ва ин сифатҳои инсонӣ дар ҳамаи давру замон арзиши бебаҳо доштанд ва доранд.

Бозиҳои халқӣ яке аз воситаи педагоги мардумӣ ба шумор меравад. Бозиҳои халқӣ бояд мавқеи хоса дар чорабиниҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дошта бошанд. Шароити имрӯза ва бо суръати кайҳонӣ рушд кардани воситаҳои техникӣ имкон намедиҳанд, ки ҷавонон мисли наслҳои пешин огаҳӣ аз бозиҳои мардумӣ дошта бошанд. Вале, ба ҳар навъе, ки набошад, бояд мо ҷавоноро дар рӯҳияи миллӣ, пос доштани анъанаҳо ва урфу одатҳои гузаштагонамон тарбия намоем.

Истифодаи бозиҳои миллӣ имконият медиҳад, ки ҷавонон ба сарчашмаҳои гузаштагонамон ва ба фарҳанги саршор аз таълиму тарбия рӯ оранд. Дар раванди бозӣ қобилиятҳои эҷодии шахс ҷилвагар шуда, ба фикр

кардан ӯро водор месозад. Дар равади бозӣ муносибати байниҳамдигарӣ пайдо гардида, чусту чолокӣ ва маҳорат дар шахс ташаккул меёбанд.

Дар ҳолате, ки бозӣ ба дигар фаъолиятҳо ба мисли: фаъолияти меҳнатӣ, рассомӣ ва ихтирокорӣ дар якҷоягӣ бошад, таъсири тарбиявии он меафзояд.

Таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ бозиҳо мавқеи худро ба таври кофӣ ишғол накардаанд. Толорҳои компютерӣ ба таври лозима ҷиҳозотонида нашудаанд. Тарзи ташкили гузаронидани бозиҳо ҳам ба таври бояду шояд ба роҳ монда нашудааст.

Бозиҳо натиҷаи хуб он вақт медиҳанд, ки чунин шароитҳоро риоя намоем:

- якум, бозиҳо бояд хислати инсонгароӣ дошта бошанд, мақсади тарбияи башардӯстиро пайгир бошанд;
- дуюм, дар ҳолати ташкили бозиҳо ҷиҳатҳои синну солии ҷавонон ба инобат гирифта шаванд;
- сеюм, таъсири бозиҳо ба тарбия ва таълим аз чигунагии ташкил, метод ва маҳорати касбии ташкилотчӣ вобаста аст.

Ба ҳамин минвол, фаъолияти бозӣ натанҳо фазои холии ҷавононро пур мекунад, балки аҳамияти калони тарбиявӣ ҳам дорад.

Шакли дигари паҳншудаи истироҳати ҷавонон ин шабҳои истироҳатӣ ном дорад. Шаби истироҳат ин номи шартӣ мебошад, чунки тамоми шомҳои фарҳангӣ ҷиҳати истироҳатӣ доранд. Донистани ин ва ё он ҳақиқат дар ин шабҳо аз як тараф асоси мундариҷаи он ҳисоб шавад ҳам, аз тарафи дигар шахс натанҳо истироҳат, балки барои худ ягон чиз фаҳмиш мекунад. Ҳадафи асосии шабҳои истироҳат ин авзои равонии ҷавононро болида гардонидан ва рафъ кардани хастагӣ баъди рӯзи корӣ мебошад.

Шоу барномаҳо имрӯзҳо дар байни ҷавонон маъруфияти хосае ба худ касб кардаанд. Ин барномаҳо рағбати ҷавононро афзун карда, барои нишон додан ва бовари ҳосил кардан ба худро, талқин мекунанд. Ҳамин тариқ, онҳо натанҳо шакли баръалои истироҳат, балки ҷиҳатҳои тарбияи ҷавонон ба ҳисоб

рафта, барои сайқал додани истеъдод ва баланд бардоштани маънавиёти онҳо кумак мерасонанд.

Хулоса, фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ муҳити пурқувват барои рушди шахс гардида метавонад. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз рӯйи табиаташон муассисаҳои бисёрфунксионалӣ ба ҳисоб рафта, қодир ба муттаҳид кардан ва фаъолона бароҳмондани фароғати ҷавонон мегарданд.

Фаъолияти самараноки фароғатӣ ба ҳадафҳои таълиму тарбия ба мисли, маърифаткунонӣ, худтарбиякунӣ ва иҷтимоишавии ҷавонон мусоидат карда, вақти холии онҳоро дар шароити созгор, ки арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул меёбанд, муҳайё мекунанд.

## 3.3. Шароитҳои мусоиди ташкилӣ-педагогӣ ҷиҳати ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

Фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун раванде, ки амалҳо, рафтор, кирдор, эҷодиёт ва ғайраро ба танзим медарорад, бидуни хусусиятҳои ташкилӣ ва педагогӣ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Яке аз қисматҳои он мақсади фаъолият мебошад. Дар он ҷое, ки ҳадаф маълум нест, ҳеҷ гуна фаъолият вуҷуд дошта наметавонад.

Мақсад ва вазифаҳои фаъолияти фарҳангӣ бо мундариҷаи он амалӣ карда мешаванд. Беҳуда ва бемақсад гузаронидани истироҳат дар вақти холӣ бештар аз худи шахс вобаста аст. Аз ин рӯ, омода кардани шароитҳои педагогӣ ҷиҳати ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ муҳим арзёбӣ гардида, заминаҳои мусоид фароҳам овардан самранокии корро тақвият мебахшад.

Бояд қайд кард, ки яке аз заминаҳои мусоиди педагогӣ воситаҳои ахбори омма ба шумор мераванд.

Дар системаи воситаҳои фарҳангӣ маводҳои чопӣ (китобҳо, маҷаллаҳо ва рӯзномаҳо) мавқеи муҳим доранд. Маълумоте, ки дар онҳо нашр мегардад, барои истифодаи инфиродӣ хеле мувофиқ аст. Ҳар як хонанда метавонад онро мутобиқи шароити худ харидорӣ кунад ва дар вақти холӣ мутолиа намояд. Нашрияҳо дар корҳои гурӯҳӣ, коллективӣ ва оммавӣ фаъолона истифода мешавад. Нашрияҳо манбаи ташвиқотӣ, тарғиботӣ ва дар корҳои равшанамоӣ-таълимӣ фаровон истифода бурда мешаванд.

Мувофиқи ҳисоботи омории Вазорати фарҳанг дар соли 2022 98 номгӯйи китоб бо теъдоди 108750 нусха бо маблағи 6055553 сомонӣ адабиёти бадеӣ ва илмӣ-оммавӣ ба табъ расидааст, ки дар ин раванд чунин нашрияҳо саҳми худро гузоштаанд: муассисаи нашриявии «Адиб», «Ирфон» ва «Адабиёти бачагона» [361, с.31].

Бояд қайд кард, ки дар чорабиниҳои фарҳангӣ ҷиҳати ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон намудҳои гуногуни воситаҳои аёнӣ васеъ истифода мешаванд. Дар зери мафҳуми аёният чунин мундариҷаи фаъолияти фарҳангӣ дониста мешавад, ки инсон онро бинад, дарк ва аз худ кунад. Чунин шакли ахборотро одамон тавассути телевизион, филмҳо ва бо тамошои расмҳо ва аксҳо аз худ мекунанд.

Санъат ҳам яке аз ҷузъиёт ва заминаи таркибии воситаи фарҳанг дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад. Доираи истифодаи он хеле васеъ аст. Санъат барои тарбия, таълим ва воситаи баръалои рушди ҷаҳони маънавии шахс маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, ҳусни бадеият тамоми чорабиниҳои фарҳангиро фаро мегирад.

Санъат яке аз шаклҳои азхудкунии ҳақиқати маънавӣ бо мақсади ташаккул ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ мебошад. Санъат бе фарҳанг вуҷуд дошта наметавонад ва яке аз шохаҳои он фарҳанги мусиқӣ мебошад.

Ба андешаи муҳаққиқ С.Д. Якушева хусусияти санъат дар он аст, ки вай қобилиятҳои шахсро инкишоф дода, олами маънавӣ, ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва маърифати ӯро ташаккул медиҳад [399, с.134].

Фарҳанг ба одамон имкон медиҳад, ки ҷаҳонро дарк кунанд, дар бораи ҳастии худ андеша намоянд ва воситаи равшани тарзи муомила, рафтор, гуфтор ва кирдор ба ҳисоб меравад. Фарҳанг қонунҳои асосии пайдоиши инсон ва аз тарафи ӯ офаридани фарҳангро меомӯзонад.

Мусиқӣ ҳамчун як намуди санъат, ки рисолати лаззат, саодат ва тараннуми хушбахтиро иҷро мекунад, барои рушди тафаккур ҳамчун ғизо хизмат мекунад. Мусиқии баландмазмун амалҳои эстетикӣ ва ба инсон илҳоми нав ва ҳолати рӯҳӣ мебахшад.

Нависанда ва педагоги рус Л.Н. Толстой санъатро «воситаи муошират» меҳисобид [331, с.23].

Мусиқии тоҷик низ қисми ҷудонопазири тамаддуни башарӣ ба шумор рафта, таърихи хело куҳан ва бой дорад. Исботи гуфтаҳои боло дар асарҳо ва корҳои илмии як қатор олимон ва таърихнигорони гузашта ва имрӯза дарҷ гардидааст.

Нақши санъати мусиқӣ дар тарбияи маънавии инсон дар асарҳои машшоқон, навозандагон ва мутрибони гузаштаи тоҷик, ки шӯҳрати онҳо ба тамоми дунё паҳн гаштааст, ба мисли Борбади Марвазӣ (585-628) ва пайравони ӯ Саркааб, Нокис, Озодвар, Роматин ва ғайра ба таври шоиста дарҷ гардидааст.

Мусаллам аст, ки дар раванди тараққиёти ҷаҳон баъзан асбобҳои мусиқии халқӣ аз байн рафта, ба ҷойи онҳо асбобҳои ҳозиразамон пайдо мешаванд.

Муҳаққиқ Нурмадзода Ҳасан дар автореферати диссертатсияи худ таҳти унвони: «Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик» қайд мекунад, ки: «Дар натиҷаи фаъолияти самараноки осорхонаҳои Тоҷикистон дар намоишгоҳҳо ва фондҳои онҳо беш 735 сози мусиқии халқи тоҷик ҷамъварӣ шудааст, ки барои омӯзиши таърихи пайдоиш ва инкишофи мусиқии халқи тоҷик сарчашмаи муҳим ва эътимоднок мебошанд» [232, с.24].

Аз ин бармеояд, ки мардуми тоҷик аз қадим, то ба имрӯз нисбати санъат таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамуданд.

Қисмати асосии фарҳанги мусиқӣ ин анъанаҳои эҷодиёти мусиқии мардумӣ мебошад. Асбобҳои халқӣ дар ҳаёти ҳаррӯза ва дар намоишномаҳои консертӣ мавқеи устуворро касб кардаанд. Асбобҳои халқӣ, ки интиқолгари арзишҳои маънавӣ ва иқтидори эҷодиёти мардумӣ буда, дар ҳалли масъалаҳои тарбия, арҷ гузоштан ба фарҳанги халқи худ, хусусиятҳои арзиши онҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ мусоидат мекунанд.

Педагоги моҳир ин мутахассиси бофарҳанг, устои кори худ, ки бо тамоми маҳорат аз уҳдаи ба зиммааш гузошта мебарояд, дорандаи методи таълимӣ ва тарбиявӣ буда, диққати шунавандаро ба худ ҷалб мекунад ва инчунин, донандаи соҳаҳои гуногун илм ва санъат мебошад.

Агар корманди муассисаи фарҳангӣ донандаи хуби ҷаҳони мусиқӣ бошад, таъсири тарбия то андозае меафзояд, яъне:

- самаранокии фарҳанги мусиқӣ аз қобилиятҳои санъатшиносии шахсе, ки мусиқиро таълим медиҳад, вобаста аст, то кадом андоза худи ӯ аз олами санъат воқиф аст ва ӯ то кадом андоза қодир аст, ба ҷавонон бо тамоми маҳорати худ зебогиҳои олами мусиқиро тарбия намояд;

- таъсири муваффақонаи фарҳанги мусиқӣ ба рушди ҳамаҷонибаи шахс бо истифодаи усулҳои педагогӣ алоқаманд аст;

- педагоге, ки олами мусиқиро хуб дарк мекунад, метавонад шогирдро аз таъсири омилҳои манфӣ муҳофизат кунад, яъне ба шогирдон меомӯзонад, то онҳо аз монеаҳое, ки дар зиндагӣ рух медиҳанд, ба осонӣ баромада тавонанд.

Маврид ба ёдоварист, ки бо ташаббуси Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон солҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гардида буд.

Аҳамияти таърихӣ, фарҳангӣ ва иҷтимоии солҳои равон дар он аст, ки он ба рушди минбаъдаи ҳунарҳои мардумӣ, эҳёи ҳунарҳои хонаводагӣ, ҳифзи намудҳои мавҷудаи ҳунарҳои мардумӣ, навсозӣ бо назардошти имкониятҳои муосир, дониши ҳикмати халқӣ, ки дар зери гулҳои ороиши маҳсулоти ҳунармандии миллӣ пинҳон гардидааст, замина гузошт. Ҳамаи ин дар якҷоягӣ барои баланд гардидани нуфӯзи ҳунармандӣ, ҳамчун як намуди на танҳо

фаъолияти эҷодӣ, балки роҳи таъмини зиндагии шоиста, нақши он дар муносибатҳои иҷтимоии муосир дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Вобаста ба ин, дар яке аз пойгоҳҳои таҳқиқот, ки муассисаи фарҳангии ноҳияи М.С.А. Ҳамадонии вилояти Хатлон буд, бо иштироки ҷавонон мо чорабинӣ бо номи «Накши ҳунарҳои мардумӣ дар тарбияи зебоиписандии ҷавонон» баргузор намудем, ки бо майлу хоҳиши том ҷавонон онро қабул карданд.

Бояд гуфт, ки дар чорабинӣ накш, ҷойгоҳ ва аҳамияти ҳунарҳои мардумӣ ба аҳли нишаст фаҳмонида шуд.

Аз раванди чорабинии баргузоргардида бо яке аз иштирокчиёни он Камолова Зебо суҳбатҳо доир намудем. Ва аз эшон хоҳиш кардем, ки таассурот ва андешаҳои худро нисбати чорабинӣ иброз намоянд. Ӯ чунин гуфт: «Ҳунарҳои мардумӣ, мувофиқи мансубияти иҷтимоии худ, вазифаҳои гуногунро иҷро мекунанд, ки яке аз онҳо вазифаи намояндагӣ мебошад. Маҳз, ба шарофати ҳунарҳои миллӣ имконият фароҳам оварда мешавад, ки миллат ва давлат ба ҷомеаи ҷаҳонӣ ба қадри кофӣ муаррифӣ гардад. Ҳар як сайёҳе, ки ба мамлакати мо ташриф меорад, ҳамеша мекӯшад, ки то ягон тӯҳфае бо ороишҳои миллиро инъикоскунанда бо худ ёдоварӣ барад. Як чизи хурд, ки бо дасти косиб сохта шудааст, қодир аст, ки фарҳанг, зиндагӣ, фалсафаи халқи тоҷикро ба оламиён нишон диҳад».

Дарҳақиқат, гуфтаҳои Зебо Камоловаро мо низ ҷонибдорӣ карда изҳор карданӣ ҳастем, ки ҳунарҳои мардумӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии насли наврас, бахусус, ҷавонон нақши назаррас ва беандоза доранд.

Вазифаи дигари ҳунармандӣ ин баланд бардоштани сатҳи иҷтимоии оила, ҳалли бисёр мушкилоти иҷтимоӣ, аз ҷумла бо ҷои кор таъмин кардани мардум мебошад. Инчунин, ҳунарҳои мардумӣ анъанаҳо, маросимҳо ва меъёрҳои муайяни иҷтимоиро инъикос мекунанд, ки барои нигоҳ доштани нерӯи фарҳанги миллӣ дар шароити муосир муҳим мебошанд.

Вазифаи навбатии ҳунарҳои мардумӣ ин рушди робитаҳои иҷтимоӣ дар ҷомеа мебошад. Оилаҳои косибон, ки ба тариқи меросӣ ба намудҳои гуногуни

ҳунарҳои дастӣ машғуланд, худ интиқолдиҳандаҳои таҷрибаҳои иҷтимоӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ мебошанд.

Бояд гуфт, ки тамоми корҳое, ки барои манфиати инсон вуҷуд доранд, аҳамияти тарбиявӣ дар онҳо дида мешавад. Ҳунармандӣ ин тарбиятгари худи ҳунарманд, инъикоскунандаи эътиқод, ҳувияти миллӣ ва фалсафаи ӯ мебошад. Аз ин рӯ, маҳсулоти ҳунармандӣ хосиятҳои хос, ранг ва фазилати худро доранд.

Мақсади ташкил кардани чорабинии мо дар он буд, ки ҷавононро барои меҳнат кардан водор сохта, шавқу завқи зебоиписандиро дар замири онҳо ҷой намоем.

Воситаи муҳими ҷалб кардани ҷавонон ба меҳнат ин шинос кардан ва дар ниҳоди онҳо ҷой намудани меҳр нисбати ҳунарҳои мардумӣ мебошад, ки маънавиёт, эҷодкорӣ ва асолати шахсро инкишоф медиҳанд.

Илова ба ин, ҳунарҳои мардумӣ яке аз роҳҳои муаррифии миллат ва давлат дар арсаи ҷаҳонӣ бошанд ҳам, аз тарфи дигар ҷанбаҳои тарбиявӣ низ доранд. Ва ҳамагон бояд, кӯшиш кунем, ки ин фарҳанге, ки аз ниёгонамон то ба мо мерос мондааст, ҳифз, рушд ва афзоиш ёбад.

Дар шароити имрӯза заминаи фарҳангии шахси бомаърифатро озодӣ, маънавиёт, инсонгароӣ ва қобилиятҳои эҷодӣ ташкил медиҳад. Дар ҷаҳони имрӯза шахс ҳамчун як фарди озод, аз ҷиҳати маънавӣ бой ва масъул барои амалҳои худ фаҳмида мешавад.

Шахсият сифати иҷтимоии инсон ҳисобида мешавад. Сифат, дар навбати худ, дараҷаи рушд дорад: аз ҳадди ақҷал (огоҳӣ аз худи Ман ...) то муаррифии шахси эҷодкор. Шахс тавассути ҳаракат ва фаъол будан рушд мекунад, яъне қобилияти интихоби роҳи дурусти зиндагӣ, амалҳои иҷтимоӣ ва барои онҳо масъул буданро дорад.

Ба ақидаи муҳаққиқ А.Н. Леонтев шахс на танҳо лаҳзаи фаъолият, балки натиҷаи онро низ инъикос мекунад. Шахс шахсият тавлид намешавад, балки дар раванди ҳаёт ташаккул меёбад. Қобилиятҳои шахс асосан аз муҳит ва атрофиён вобастааст [326].

Шахсияти инсон таҳти таъсири омилҳои гуногун ташаккул ва рушд мекунад. Ба ин омилҳо обективӣ ва субективӣ, табиӣ ва иҷтимоӣ, дохилӣ ва берунӣ, худсарона ва ғайриихтиёр дохил мешаванд. Аз ин лиҳоз, ҳар як шахс бояд қобилиятҳои худро донад ва онҳоро сари вақт ба кор барад.

Одам ҳаёти худро тавассути эҳсосотҳояш мегузаронад. Вай медонад, ки чӣ кор кардан лозим аст, кай бояд иҷро кард ва барои чӣ бояд кард. Ҳамаи мо даврони кӯдакиро аз сар гузаронидаем. Кӯдакон дар баъзан ҳолатҳо намефаҳманд, ки чаро як амалро чанд бор такрор мекунанд, аммо хуб дарк мекунанд, ки ин амал ба онҳо писанд аст. Ва кӯшиш мекунад, ки он амалро такроран иҷро намоянд. Бо мурури замон инсон калон мешавад, ҳиссиёт ва эҳсосоти дигар дар ӯ бедор мешаванд. Вай аз рӯи «қонунҳои ҷомеа» амал мекунад, яъне аз шодӣ намеҷаҳад, барои кадом коре гиря намекунад ва садояшро ҳам баланд намекунад. Дар баъзан ҳолатҳо мо чунин мешуморем, ки эҳсосот ва тахаюлот ба мисли даврони кӯдакиямон ба мо лозим нест. Вале чунин нест. Ва беҳуда намегӯянд, ки ҳар як шахс дар дил «кӯдак» аст.

Филмҳо сарчашмае мебошанд, ки орзую хаёлоти худро шахс дар қаҳрамонҳои филмҳо мебинад. Филмҳо ҳам дар баробари дигар унсурҳои фарҳангӣ, ки ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро инкишоф медиҳанд, шароити мусоид ҷиҳати ташаккули арзишҳои онҳо фароҳам оварда метавонанд.

Филмҳо ба ҳаёт ва ҷаҳонбинии инсон таъсири бузург доранд[150]. Ҷаҳони кино тақрибан дар ҳама паҳлӯҳои ҳаётӣ мушоҳида мешавад. Мо филмҳоро аз тариқи телевизион, кинотеатрҳо ва аз ҷаҳони Интернет тамошо ва сабт мекунем. Ҳатто, баъзан шахсон кӯшиш мекунанд, ки хонаҳояшонро мисли хонаҳое, ки дар филмҳо мебинанд оро диҳанд. Агар, ногаҳон дар телевизион як силсилафилм намоиш дода шавад, баъзан шахсон сару либоси қаҳрамонҳои филмномаро дар ҳаёти худ мавриди истифода қарор медиҳанд. Яъне, ҳар як филм хоҳу нохоҳ дар муҳити фаъолияти ҳаррӯза таъсирҳои худро мерасонад.

Аксари қаҳрамонони филмҳо барои ҷавонон намунаи ибрат мешаванд ва мехоҳанд, мисди ҳамон қаҳрамонҳои филм «ҷаҳонро аз дасти золимон наҷот диҳанд». Ин санъат оммавӣ ва аҷиб аст, ба тахаюл, эҳсосот ва маънавиёт ва ахлоқ таъсири худро мерасонад [125].

Ҳар як филми нав, ки дар байни омма маъруфият пайдо мекунад, ба ҳаёти мо бетаъсир намемонад. Бояд гуфт, ки дар ҷои кор ё ҳангоми суҳбат бо дӯстон дар бораи ин филм беихтиёр сухан меравад ва мо хоҳу нохоҳ мехоҳем он филмро тамошо кунем.

Авзои рӯҳии шахс аз он чизе, ки ӯ тамошо мекунем, вобаста аст. Филмҳое, ки характери зӯроварӣ ва даҳшатнок доранд, ба шахсони дорои системаи заъфи асабдошта таъсири манфӣ мерасонанд ва метавонанд ба саломатии онҳо зарар расонанд. Баръакс, филмҳои хандовар ва мазҳакавӣ ҳолати рӯҳии шахсро болида гардонида, ба онҳо рӯҳу илҳоми тоза мебахшанд. Филмҳое, ки анҷомашон хушбахтона хотима меёбанд, диққати шахсро ба худ ҷалб мекунанд, аммо онҳо низ метавонанд дар баъзан ҳолатҳо дилгиркунанда намоянд.

Илова бар ин, авзои рӯҳии шахс дар бисёр ҳолат дар куҷо ва дар кадом шароит тамошо кардани филм вобастагӣ дорад.

Ҳатто 5-6 сол қабл паҳн ва тамошо кардани филмҳо тавассути Интернет, то ба андозаи имрӯза маъмул набуд. Имрӯзҳо мардум метавонанд, тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ филмҳоро тамошо ва сабт кунанд. Ин хуб аст, аммо тарафи дигари ин амал низ вуҷуд дорад. Бояд гуфт, ки дар ҷаҳони Интернет маводҳое низ ҳастанд, ки ба системаи асаби инсон таъсири манфӣ мерасонанд. Шаҳодати ин гуфтаҳо филмҳое, ки хислати зӯроварӣ, ваҳшоният, моҷароҷӯён ва монанди инҳо мебошанд.

Тавре ки мо дар боло қайд кардем, жанр ва мундариҷаи филмҳо хеле гуногунанд.

Дар ҳама ҳолат, филмҳо як хусусияти хос доранд, яъне моро водор мекунанд, ки дар бораи ҳаёти қаҳрамонони филм баҳсҳо кунем. Ҳангоми

тамошои филм аксарияти одамон чунон ба шавқ меоянд, ки ҳатто зиндагии воқеии худро фаромӯш мекунанд.

Муҳаққиқ Ю.М. Лотман чунин гуфта буд: «Олами филмҳо ба симои ҳаёт ниҳоят наздик буда, тахайюл воқеият ва хоси он ба шумор меравад. Бо вуҷуди ин, дар филмҳо ҷаҳон бо як образҳои аҷибе нишон дода мешавад, ки диққати тамошобинро ба худ моил мекунад. Вале, он тамоми воқеият нест, балки танҳо як порчае аз он аст, ки барои мувофиқ ба экран бурида шудааст» [172, с.24].

Ба андешаи мо дар кинематография як самти хос буд, ки инсонро аз воқеият дур намекард. Ҳангоми тамошои чунин филмҳо мо кӣ будани худро фаромӯш намекардем ва дар ин замина аз фардияти худ низ ноогоҳ намемондем. Манзур аз ин гуфтаҳо дар бораи филмҳои даврони Шуравӣ аст. Ин филмҳо тақрибан 99 фоиз дар асоси ҳаёти воқеии замони худ ба навор гирифта шудаанд. Ҳангоми тамошои ин филмҳо, аз як тараф, таассуроти хуб мегирем аз тарафи дигар, инсон аз зиндагии худ канда намешавад.

Хусусияти дигари ин филмҳо дар он буд, ки онҳо инсонро дар рӯҳияи хайрхоҳӣ, инсондӯстӣ, садоқат ба Ватан, пос доштан ва ҳифз кардани арзишҳои давлату миллат, оила ва дигар сифатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия мекарданд.

Дар ҷомеаи имрӯза нафареро ёфтан душвор аст, ки олами синаморо дӯст надорад. Ҳар як шахс метавонад, мувофиқи табъу завқи худ филм ёбад ва онро тамошо кунад.

Кинотеатрҳои муосир ва кинотеатрҳои хонагӣ ба шахс имкон медиҳанд, ки аз тамошои филмҳои шакли 3-D, 4-D ва садоҳои ғайриоддии онҳо лаззат барад. Ин тарзи тамошои филм бинандаро ба муҳити худ ворид намуда, бо эффектҳои махсус диққатро ҷалб месозад.

Ба андешаи муҳаққиқ С.Н. Пензин: «Экрани кино воситаи тарбия ба шумор рафта, барои озодона ва бемаҳдуд истифода бурдани усули репродуктивӣ-фаҳмондадиҳӣ шароит фароҳам меорад. Филмҳо ҳама гуна монеаҳои психологиро бартараф намуда, фазои эътимодбахши эмотсионалӣ эҷод мекунанд. Кинематография ба туфайли иқдидори воситаҳои

ифодакунандаи худ метавонад, тамошобинро ба ҳаяҷон оварда, барои кори пай дар пайи тарбиявӣ шароити мусоид фароҳам орад» [255, с.18].

Бояд гуфт, ки филмҳо тахаюл, ҷаҳонбинии сенариянавис ва коргардонро ифода мекунад. Ҳар як бинанда метавонад ақидаҳо ва диди коргардонро қабул кунад ё қабул накунад. Ин албатта аз хоҳиши бинанда вобаста аст. Агар ба бинанда ягон филм писанд ояд ва аз тамошои он лаззат барад, пас ӯ ба саволҳои худ посухҳои мушаххас пайд мекунад ва он филмро такрор ба такрор тамошо мекунад.

Дар шароити имрӯза бештари одамон филмҳоро аз тариқи дискҳо тамошо мекунанд. Барои касе пӯшида нест, ҳангоми гузаштан аз бозорҳо фурушандаҳо филмҳои пастсифат ва пучу бемаънеро, ки истеҳсоли Туркия, Ҳиндустон ва дигар мамолик мебошанд, тарғибу ташвиқ мекунанд. Дуруст аст, ки тақдири ҳар як маҳсулот аз бозор вобаста аст. Аммо, нигаронкунанда ин аст, ки баъди тамошои он филмҳои пастсифат ва аз ҷиҳати маъни коста маънавиёти шахс то кадом андоза тағйир меёбад. Ҳатто, баъзе одамон фарзандони худро аз номи қаҳрамонҳои он филмҳо номгузорӣ мекунанд. Агар, маънои номҳои фарзандони онҳоро пурсон шавем боварӣ дорем онҳо ҷавоби қаноатбахш дода наметавонанд.

Яке аз роҳҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин намоиши филмҳо ва шиносоӣ бо қаҳрамонони онҳо мебошанд.

Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон пеш аз нахустнамоиши филмҳои ҷадид вохӯрӣ бо қаҳрамонони онҳо баргузор мегардад. Яъне, ҳадаф ва мақсадҳои коргардонҳои филм дар назди тамошобинон баррасӣ карда мешаванд. Қаҳрамонони филм чӣ мехоҳанд, мақсади филм дар чист ва чандин саволҳое, ки ба миён омадаанд, дар ҷараёни чунин вохӯриҳо ҳалли худро меёбанд. Дар чунин ҳолат таъсири филм дучанд мегардад, ки барои олами маънавии инсон аҳамияти калон дорад.

Муассисаҳои фарҳангии ҷумҳуриро мебояд, таҷрибаи пешрафтаи кишварҳои дунёро омӯхта, ин намуди фаъолиятро дар раванди кори худ ҷорӣ намоянд.

Ҳамин тавр, гуфта метавонем, ки филмҳо ба ҳаёт ва фаъолияти ҳаррӯзаи мо таъсири худро мерасонанд. Ҳар филме, ки рӯйи кор меояд, дорои мундариҷа, сюжет ва ҳадафҳои хоси худ мебошад. Ва бинанда онро чӣ тавр қабул мекунад, аз фаҳмиш, ҷаҳонбинӣ ва зиракии ӯ вобастагӣ дорад.

Дар Паёми навбатӣ ба Маҷлиси Олӣ, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, дар бораи рушди кинои тоҷик ҳарф зада, қайд карданд, ки филмҳо бояд тавре ба навор гирифта шаванд, ки онҳо вазифаҳои муҳими ҷомеаро инъикос карда, рафтори шоистаро ба воситаи корнамоиҳо ва анъанаҳои миллӣ тарғиб созанд [247].

Дарвоқеъ, суханони Президенти кишвар метавонад, роҳнамои кори мо бошанд ва дар ин самт бояд филмҳое таблиғ ва намоиш дода шаванд, ки ҷанбаҳои тарбиявӣ дошта бошанд. Бо мундариҷа ва сюжети худ ҷавононро ба роҳи созандагиву ободонӣ, ҳифз ва нигоҳдории осори ниёгон ва дар маҷмуъ, васфи суннатҳои миллӣ ҳидоят намоед. Филмҳо бояд ҷавононро ба арҷгузори ба арзишҳои миллӣ ташвиқ кунанд ва ҳисси ватандӯстии онҳоро баланд бардоранд.

Дигар шароити педагогӣ ташкили воситаҳои гуногуни тарбиявӣ, ки ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул медиҳанд, мебошанд. Ва онҳо чунинанд:

- воситаҳои бадеӣ ва ифодакунанда:
  - сухани зинда;
  - мусиқӣ;
  - рақс;
  - намоишҳои театрӣ;
  - сурудхонӣ;
  - санъат ва эҷодиёт;

- воситаҳои айёнӣ:
    - расмҳо ва аксҳо;
    - мусаввараҳо;
    - адабиёт оид ба тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.

*Сухани зинда.* Сухани зинда ҳусни камолоттарин падидаҳои зиндагии шарифи одамист. Замоне Инсонро ба хотири сухан гуфтан чун шарафи махлуқот медонистанд ва дар таърифи бартариҳои ӯ бар дигар ҷондорон чун ҳайвони нотиқ иктифо мекарданд. Ҳарчанд ки вуҷуди инсон бартариҳои дигареро низ молик аст, вале фазилати аслии ӯ дар қудрат ва малакаву маҳорати сухан гуфтан шинохта мешавад [355, с.4]. Баъзеҳо бар он ақидаанд, ки роҳи аз ҳама мувофиқтари омодагӣ ба суханронӣ бештар мутолиа кардан аст. Вале ин як омили суханварист. Шунавандагон албатта ба ӯ гуш медиҳанд, вале аз он лаззат намебаранд. Бинобар ин, шахс бояд пеш аз гуфтор андеша намояд, ки суханронии ӯ чӣ тавр бояд сурат гирад. Зеро, таъсири сухани зинда ҷиҳатҳои тарбиявӣ дошта, дар ташаккули ақидаҳои дигарон саҳми назаррас дорад.

*Мусиқӣ.* Бешубҳа, таъсири мусиқӣ барои рӯҳу равони инсон бениҳоят бузург аст. Мусиқӣ барои рафъи стресс ва ба эътидол овардани ҳолатҳои эмотсионалии шахс мусоидат мекунад. Оҳангҳои зинда ва дилнишин ҳаракатҳо ва тапиши қалбро ба танзим медароранд,

Тарбияи мусиқӣ раванди мураккаб буда, ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти фарҳангӣ мебошад. Тарбияи мусиқӣ имкон медиҳад, ки тамоми сифатҳои ботинии ҷавонон ба мисли тафаккур, тасаввур, хотира ва ирода ташаккул ёбанд. Навозандагону сарояндагон тавассути мусиқӣ тамоми нафосат, назокат ва зебоиҳои диёрро дар эҷодашон тасвир мекунанд, ки заминаи тарбияи зебоиписандии ҷавонон мегарданд.

Тарбияи эстетикӣ тавассути мусиқӣ барои худшиносӣ, эҷоди арзишҳои маънавӣ, зуҳури эҷодкорӣ имкон фароҳам меорад, ки боиси рушди худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мегардад.

Арасту дар бора таъсири мусиқӣ гуфта буд: «Мусиқӣ ба ахлоқ ва амали инсон ҳамон тавре таъсир мерасонад, ки варзиш ба рушди сифатҳои ҷисмонӣ кумак мекунад. Мусиқӣ барои ташкили истироҳат ва рушди тафаккур хизмат мекунад. Вай инчунин гуфта буд, ки «Санъат ядрои фарҳанги бадеист» [331,с.295].

Иммануил Кант арзиши мусиқиро дар он медид, ки вай фаҳмишҳо ва дарки олами берунаро дар шахс тақвият мебахшад. Ба ақидаи ӯ, ҳар чизе, ки тахаюли инсонро бедор мекунад, маҳсули зебоипарастӣ ҳисобида мешавад. «Зебогиҳои табиат ин хуб аст, аммо зебогӣ дар санъат ин дарки зебоии чизҳо ба шумор меравад» [132].

Дар бораи мусиқӣ ва нақши он дар тарбияи маънавӣ - ахлоқии ҷавонон файласуфон ва мутафаккирони гузашта ва муосир дар асарҳои худ бисёр суханҳо гуфтаанд. Дар бораи моҳияти мусиқи чунин мақоли халқӣ низ вуҷуд дорад: «Он ҷое, ки сухан ба итмомо мерасад, мусиқӣ оғоз меёбад». Ин албатта дуруст аст. Санъати мусиқӣ, ки ба ҳиссиёти мо таъсири калон мерасонад, аз як тараф эҳсосоти моро бедор кунад, аз тарафи дигар, мунтазамии ҳаракатҳо ва оромиро таъмин месозад.

*Рақс.* Санъати рақс низ яке аз воситаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба шумор меравад. Санъати рақс дар ташаккули фарҳанги ботинии шахс таъсири калон расонида, чунин сифатҳоро ба монанди таҳаммулпазирӣ, хоксорӣ, хушмуомилагӣ, некхоҳӣ, дӯстӣ ва рафоқатро ташаккул медиҳад.

Иҷрои ҳар гуна рақс унсурҳои эҷодиёти бадеӣ-халқиро дар бар гирифта, раққос кӯшиш мекунад, ки эҳсосоти худро дар шакли зебо ва аз ҷиҳати эстетикӣ мукаммал ифода намояд. Ин раванд ба ҷанбаҳои равонӣ-эмотсионалии шахси тамошобин таъсир расонида, хастагии рӯҳиро бартараф месозад.

*Санъати театрӣ.* Санъати театрӣ ба тафаккур, шуур, ва эхсосоти инсон таъсир расонида, сифатҳои маънавӣ-ахлоқиро ташаккул медиҳад.

Театр ҳамеша даргоҳи тамошобини боистеъдод буд. Имрӯзҳо, ки ба ҳаёти ҳаррӯза ашё ва воситаҳои муосири техникӣ-электронӣ аз қабили планшет, телефонҳои мобилӣ, ноутбук ворид гардида истодааст, тамошобини театр, то андозае коҳиш ёфтааст. Роҳҳои инноватсионии фаъолиятро ҷусту ҷӯй кардан лозим аст, ки бар муқобили чунин зуҳурот истодагарӣ карда тавонанд. Албатта, тамошобинони чандмиллионнафараи сомонаҳои иҷтимоиро бо тамошобинони хоксоронаи театр аз нигоҳи миқдорӣ муқоиса кардан ҳам нодуруст аст, аммо ба андешаи фарҳангшиносон, равоншиносонва ҷомеашиносон, маҳз, тамошобини театр шахсони тарбиятдида ва комил дониста мешаванд.

*Сурудхонӣ.* Дар тӯли таърихи рушди ҷомеа санъати сурудхонӣ ҳамчун заминаи бунёдии ифодаи ҳолати эмотсионалӣ ва равонии одамон маҳсуб мешуд, ки ба воситаи он шахс талаботи эстетикии худро қонеъ мегардонид.

Дар замонҳои қадим нақши мусиқиро дар идоракунии давлатӣ баҳои баланд медоданд. Афлотун дар низоми таълимоти далатӣ мақоми мусиқӣ ва машқи пагоҳирӯзиро ҷойгоҳи хосае дода буд. Ба ақидаи ӯ солимии равонӣ ба саломатии ҷисмонӣ зич алоқаманд аст. Бинобар ин, вазифаи тарбия ба ҳам овардани мусиқӣ ва тамрини бадан мебошад[57,с.37].

Равоншиносон яке аз воситаҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқиро, маҳз, раванди сурудхонӣ шуморидаанд.

Таъсири суруд, ки бевосита ба ҳиссиёти шахс равона карда мешавад, хислатҳои маънавӣ-ахлоқии ӯро ташаккул медиҳад. Таъсири суруд баъзан аз бовар кунондан ва ё дастуру тавсиа додан ҳам қавитар аст. Сурудҳо дар бораи Ватан, модар, ишқи самимӣ эҳсоси муҳаббатро нисбат ба Ватан, зебоиҳои диёр ва ҷанбаҳои эстетикӣ бедор карда, ба рушди сифатҳои ҳамидаи инсонӣ замина фароҳам меоранд.

*Санъати тасвирӣ.* Тафаккури образнок аз дигар намудҳои тафаккур фарқкунанда мебошанд. Чунки шахсе, ки тафаккури образнок дорад, барои ҳалли масъала на мафҳумҳо, рақамҳо ва хулосаҳо, балки образҳоро ба таври

рамзӣ истифода мебарад. Онҳо аз хотираи ақлӣ ё тахайюл баргардонида шуда, ба таври эҷодӣ дубора эҳё мешаванд [105, с.22].

Санъати тасвирӣ аз рӯйи принсипҳои инъикоси беҳтарин нақшҳои олами атроф манша гирифта, ташаккул меёбад. Вай дар асоси образҳои зебоманзар бинанда, хонанда ва шунавандаро дар рӯҳияи инсонгарой, ватандӯстӣ, меҳанпарастӣ ва дарки арзишҳои зебоӣ тарбия мекунад. Санъати тасвирӣ бадхашмӣ ва бадсириштиро тарғиб намекунад, балки баракс тафаккур ва рӯҳу равони шахсро ором карда, ӯро ба роҳи созандаю ободкорӣ ва корҳои нек даъват менамояд.

Санъати тасвирӣ чунин хислатҳои шахсро ташаккул медиҳад:

- корро то ба охир баанҷом расонидан;
- мақсаднок фаъолиятро ба роҳ мондан;
- пайдоиши ғояҳои нав;
- мушкилиҳоро паси сар кардан;
- таҳаммулпазирӣ;
- зебоиписандӣ.

Воситаҳои фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ – роҳҳо ё усулҳои инъикоси мундариҷа, ғоя, нуқтаи назари илмӣ ва санъат бо мақсади таъсир расонидан ба шуур, эҳсосот ва иродаи ташрифоварандагони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ониста мешаванд. Дар фаъолияти фарҳангӣ воситаҳо роҳҳое мебошанд, ки бо ёрии онҳо мазмуну мундариҷаи фаъолият ошкор карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки ҳамаи воситаҳои фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳам зич алоқаманд буда, бо назардошти обекти муайян ва бо мақсади таъсир расонидан ба он интихоб карда мешаванд. Барои он, ки воситаҳои фаъолият натиҷаи дилхоҳ диҳанд, бояд талаботи зерин риоя карда шаванд:

- интихоби восита бояд ба мақсади чорабинӣ мувофиқат кунад, зеро мақсад воситаро муайян месозад;

- миқдор ва хислати воситаҳои таъсиррасонии интихобшуда бояд ба вазифаҳо мувофиқ бошад. Инчунин, кам ё зиёди воситаҳо ҳусни чорабиниро коста мегардонанд;
- педагог-ташкилотчӣ бояд усулҳои ба корбарии воситаҳои фаъолияти фарҳангӣ-фароғатиро хуб донад.

Баъди омӯзиши роҳҳо, шакл, восита ва усулҳои фаъолияти фарҳангӣ ба чунин хулоса омадан мумкин:

1. Технологияи муосири фаъолияти фарҳангӣ бо гуногунии восита, шакл ва усулҳои ташкили чорабиниҳо дониста мешавад.

2. Бартарияти муассисаҳои фарҳангию фароғатӣ ба таҳияи сиёсати фарҳангии минтақавӣ ва дастгирии мақсадноки навовариҳои фарҳангӣ нигаронида шудааст.

3. Навовариҳои технологии соҳаи фарҳанг дорои иқтидори бузурги педагогӣ буда, дар усулҳои мушаххас ва шаклҳои пурмазмуни фаъолияти фарҳангӣ таҷассум ёфтаанд, ки баҳри рушди маънавиёту ахлоқи шахс мусоидат мекунанд.

Муваффақияти кори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, асосан, ба мазмуни фаъолият ва то кадом андоза шавқовару гуворо гузаронидани чорабиниҳои ташкилкардашудаи онҳо вобастагии калон дорад. Агар хоҳем, ки чорабиниҳои пешкаши ҷавонон намуда натиҷаи дилхоҳ диҳанд, чунин омилҳоро ба инобат гирифтан лозим аст:

- муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чорабиниҳои худро тибқи талаботи ҷавонон ташкил кунанд;

- чорабиниҳоро вобаста ба мавзуъҳои актуалӣ омода созанд;

- ҷанбаҳои педагогии чорабиниҳоро бояд мустаҳкам намуд;

- урфу одат ва анъанаҳоро ҳангоми омодасозии чорабиниҳо ба инобат гиранд;

- санаҳои муҳими таърихӣ ва арҷ гузоштан ба арзишҳои миллиро тарғиб намоянд;

- дараҷаи касбии кормандони муассисаҳои фарҳангиро баланд бардоранд;

- имкониятҳои моддӣ-техникиро тақвият бахшанд.

Ҳамин тариқ, барои он ки ҷавонон вақти холии худро дар фазои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ гузаронанд, ташкил кардани шароитҳои мусоиди ташкилӣ-педагогӣ муҳим арзёбӣ мегарданд.

Мазҳ, заминаҳои мустаҳками ахлоқӣ, тарзи ҳаёти солим, тафаккури интиқодӣ ва мустақил, қобилияти қабул кардани арзишҳои созанда танҳо аз шароитҳои мусоиди педагогӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вобастагии калон доранд.

## Хулосаи боби 3

Боби сеюм, ки ба самтҳои афзалиятноки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бахшида шудааст, дар он тамоми паҳлӯҳои ин раванд ба мисли, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, шароитҳои мусоиди педагогӣ ва таъмини эҳтиёҷоти фароғати ҷавонон инъикос гардидааст.

Дар асри XXI мушкилоти ҳифз, рушд ва эҳёи анъанаҳои мардумӣ, ки дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии насли наврас, махсусан ҷавонон нақши бузурги тарбиявӣ доранд, рӯз то рӯз муҳиммият пайдо карда истодаанд.

Имрӯзҳо равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки дар ҳамаи самтҳои фаъолият дида мешаванд, фарҳангҳои халқҳои гуногунро муттаҳид намуда, меъёрҳои ягонаи ҳаётро муайян месозанд. Аз ин рӯ, дар заминаи анъана, урфу одат ва суннатҳои миллӣ тарбия кардани ҷавонон муҳим арзёбӣ гардида, дар ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, таҳаммулгароӣ, инсонпарварӣ, саховатмандӣ, ватанхоҳиву ватандӯстӣ, ки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин равандро тақвияти дучанд медиҳанд, муҳим шуморида мешавад.

Урфу одат ва анъанаҳо унсурҳои асосии фарҳанги миллӣ ба шумор рафта, дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши муассир доранд.

Тавре дар боло зикр кардем дар асри 21, ки бархӯрди тамаддунҳо ва ҷаҳонишавӣ фарогири фаъолияти ҳамарӯзаи ҷавонон гардидааст, арзишҳои фарҳанги миллиро ба дигар сатҳ мебарорад. Зеро, ягона ҳифозатгару ташаккулдиҳандаи рафтор, гаштор, гуфтор ва хислатҳои ҳамидаи инсонӣ дар асоси фарҳанги миллӣ рушду инкишоф меёбанд.

Мусаллам аст, ки фаҳмишу донишҳо дар бораи анъана, урфу одат ва суннатҳои миллӣ дар иҳотаи оила манша гиранд ҳам, муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ ин равандро тақвият бахшида, ҷавононро ба роҳи рости зиндагӣ, хайрхоҳӣ, меҳрубонӣ ва созандагию ободкорӣ роҳнамоӣ мекунанд.

Дар асоси боби сеюм, ки самтҳои афзалиятноки фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон фарогир аст, чунин хулосаҳо бароварда шуд:

- эҳё ва рушди анъана, урфу одат ва суннатҳои миллӣ дар асоси омодасозии шароитҳои педагогӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ. Фарҳанги халқи тоҷик, ки дар худ таҷрибаи чандинасраро дар унсурҳои санъат, меҳнат, ҳаёти рӯзгордорӣ, анъанаҳо, расму оинҳо ва эътиқодҳо муттаҳид кардааст, таъсири бузурги тарбиявӣ дошта, ҷавононро бо вижагиҳои худ, ҷиҳати иҷтимоишавии онҳо роҳандозӣ менамоянд. Низоми расму оин ва анъанаҳои халқи тоҷик натиҷаи заҳматҳои гузаштагонамон ба шумор рафта, ҳифу нигоҳдорӣ ва ба наслҳои дигар дар шакли беолоиш ва пок ба мерос гузоштан вазифаи ҳар як шахс маҳсуб меёбад. Чунки, бо туфайли расму оин ва анъанаҳои миллӣ насли наврасро дар руҳияи шаҳрвандӣ, уҳдадорӣ, хизмат ба миллату ватан тарбия кардан авлавият дорад;

- ворид кардани ҷавонон ба олами зебоӣ ва дар ин руҳия тарбия кардани онҳо. Шароит фароҳам овардан ҷиҳати тарбияи зебоиписандии ҷавонон ҳамчун фаъолияти арзишӣ-маъноии педагог-ташкилотчии муассисаҳои фарҳангӣ дониста шуда, инкишоф додани ҷанбаҳои эстетикӣ-эҷодии онҳо муҳим шуморида мешавад. Мақсад ва моҳияти тарбияи зебоиписандии ҷавонон дар замири онҳо ташаккул додани ғояҳои эстетикии

ҳаётӣ, ки дар унсурҳои ҷудогонаи фарҳанги миллӣ аён мегарданд, дониста мешавад. Тарбияи эстетикии ҷавонон маънои онро дорад, ки онҳо дар таҷрибаи ҳаётӣ амалу рафтор ва корҳои зебоеро иҷро менамоянд, ки ба дигарон писанд ва қобили қабул бошанд;

- баланд бардоштани фарҳанги муошират, муомила ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ. Фарҳанги рафтор ва амалҳои ҷавонон, ки унсурҳои арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо маҳсуб меёбанд, меъёру қоидаҳое мебошанд, ки дар ҷомеаи таҳия ва риоя карда мешаванд. ва ин равандро муассисаҳои фарҳангӣ дар ҷараёни чорабиниҳо тарғибу ташвиқ намуда, фаъолиятҳои ҷавононро ба низом медароранд. Мафҳуми фарҳанги рафтору гуфтор ва амалу фаъолиятҳо ҷузъҳое мебошанд, ки тамоми сифатҳои шахсро муаррифӣ месозанд;

- фароҳам овардани шароитҳои педагогӣ барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисҳои фарҳангӣ. Яке аз ҳадафҳои асосии муассисаҳои фарҳангӣ фароҳам овардани шароит барои иҷтимоишавии бомуваффақона ва худшиносии самараноки ҷавонон мебошад. Барои ноил шудан ба ин ҳадафҳо бо ҷавонон корҳои тарбиявиро роҳандозӣ кардан, технологияҳои инноватсионии тарбиявиро амалӣ намудан, барои худнишондиҳӣ ва худтакмилдиҳии ҷавонон шароит фароҳам овардан зарур аст. Талабот ба худшиносӣ яке аз ниёзҳои асосии шахсии ҷавон маҳсуб меёбад. Ҷавонон дар раванди худшиносӣ ва худтакмилдиҳӣ, ки дар намудҳои гуногуни фаъолият дар муассисаҳои фарҳангӣ амалӣ карда мешаванд, дарёфти шинохти худ ва барқарорсозии муносибатҳои иҷтимоиро аз худ мекунанд.

Ҳамин тариқ, мақсади муассисаҳои фарҳангӣ рушди ҳамаҷонибаи сифатҳои ҷавонон буда, бо фароҳам овардани шароити мусоиди педагогӣ барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ки онҳо ҳифзу нигоҳдорандаи мероси фарҳангӣ ва интиқолдиҳанда ба наслҳои оянда мебошанд, дониста мешаванд.

Инчунин, муассисаҳои фарҳангӣ дар ташкил кардани фароғати ҷавонон ва самаранок гузаронидани вақти холии онҳо шароитҳои муассирро бароҳ монда метавонанд.  Дар раванди фароғат ҷавонон неруи эҷодӣ ва маънавии худро тақвият бахшида, ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ сурат мегиранд.

Маҳз, дар муҳити фароғат ҷавонон тавассути иртибот дар муоширати ҳамдигар амалҳои худро такмил медиҳанд. Ҷавонон дар лаҳзаҳои фароғат метавонад, худро аз паҳлӯҳои гуногун нишон диҳанд. Дар вақти фароғати коллективона дар ниҳоди ҷавонон ҳиссиёти рафиқона, дӯстӣ, шафқат ва меҳрубонӣ нисбат ба ҳамдигар ба вуҷуд меояд. Яъне, дар ҷавонон арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ташаккул меёбанд.

## Боби 4. Раванди педагогӣ ва технологияҳои ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

### 4.1. Ҷорӣ намудани роҳҳои инноватсионии ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Вазъи имрӯзаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таълимӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ҷустани роҳҳои нави корӣ ва фаъолияти инноватсиониро тақозо дорад. Ин раванд шахсро дар муҳити интихоби озод, яъне шахс метавонад, ҳар амалеро, ки боиси пешрафт ва дарёфти донишҳо мегардад, пайгир бошад.

Азбаски чорабиниҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар асоси ихтиёрӣ ба роҳ монда мешаванд, усулҳои таъсиррасонӣ барои ҷалби ташрифоварандагон имконнопазир аст. Онҳо барои қонеъ кардани талаботи маънавӣ ва мақсадҳои худ ба муассисаҳои мазкур меоянд. Муассисаҳои фарҳангие низ ба мушоҳида мерасанд, ки аз сабаби надоштани тамошобин барномаҳои пешбинишуда гузаронида намешаванд. Проблемаи асосии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ҳамин асос меёбанд. Яъне, аз надоштани тамошобин ё мухлис қисмати зиёди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда наметавонанд.

Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ танҳо дар он сурат тамошобинонро ба худ ҷалб месозад, ки чорабиниҳои омодагардидаи онҳо шавқовар ва диққатҷалбкунанда бошанд. Рисолати ҳар як муассисаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз он иборат аст, ки бояд макони дӯстдоштаи ҷавонон, вохӯрӣ бо дӯстон, шиносон ва самаранок гузаронидани вақти холӣ бошанд. Аз ин лиҳоз, праблемаи номбурда ҳамон вақт роҳи ҳалли худро меёбад, агар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз роҳҳову усулҳои муосири фаъолият, яъне рӯ ба фаъолияти инноватсионӣ оранд.

Ба андешаи муҳаққиқ И.Н. Кнзилова: «Усулҳои инноватсионии идоракуниро ҳамчун усулҳои таъсиррасонии бевосита, инчунин усулхои ҳавасмандгардоние мешуморем, ки ба тамоми сохаи фарҳанг таъсир

мерасонанд. Усулҳое, ки дар системаи идоракунии соҳаи фарҳанг иқтидори бузурги навоварона доранд, инҳо мебошанд:

- усули барнома-лоиҳа;
- усули амали мутақобилаи ташкилӣ;
- усули навсозии ҳамаи сиситемаҳои идоркунанда» [144, с.14].

Барои он, ки фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷолибу диданӣ ва тамошобоб гарданд, мутахассисони он бояд аз тарзи дурусти фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ бархӯрд бошанд. Яъне, онҳо аз методҳо, усулҳо, тарзи дурусти фаъолият ва шаклҳои корӣ ба маврид истифода баранд. Методикаи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ такя ба қонуниятҳои педагогӣ ва психологӣ намуда, вазифаҳо ва хусусиятҳои хоси худро дорад[122,с.2].

Мутахассисони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро лозим аст, ки шавқу завқ ва талаботи фарҳангии ташрифоварандагонро омӯхта, дар асоси он чорабиниҳои худро омода созанд. Ёдовар бояд шуд, ки ин раванд эҷодкорона ва дар баъзан маврид инфиродӣ сурат мегирад.

Дар низоми муосири тарбия, ки ба ташаккули арзишҳои ҷавонон нигаронида шудааст, мавқеи асосиро муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ишғол мекунанд. Ин муассисаҳо барои муошırати ҳамарӯза бо робитаҳои васеи иҷтимоӣ ва интихоби афзалиятҳои гуногуни фароғат имкон фароҳам меоранд. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ як фазои кушоди ҷамъиятӣ барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, рушди нерӯи эҷодӣ ва қонеъ кардани талаботи фарҳангӣ мебошанд. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии муосир як навъ ҷои фаъолияти сеюми шахс, яъне байни хона ва кор ба ҳисоб рафта, барои қонеъ гардонидани талаботи маънавӣ-эстетикии аҳолӣ, хизматрасонии баланди фарҳангӣ ва макони муошırату шиносоӣ шинохта шудаанд.

Ҷорӣ намудани фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ташкили фароғати ҷавонон имрӯзҳо актуалӣ буда, аз чунин раванд оянадаи муассисаҳои мазкур ва рушди минбаъдаи онҳо вобастагии калон дорад. Зеро, дар марҳилаи имрӯзаи навсозӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият дида

мешаванд, ояндаи ҷомеа аз захираҳои зеҳнӣ-маънавӣ ва шахсони дорои муносибати баланди фарҳангӣ-ахлоқӣ вобаста мебошад.

Асоси пешрафти соҳаҳои фарҳанг ва маориф гузариш ба фаъолияти инноватсионӣ мебошад. Ин раванд имконият медиҳад, ки талаботи аҳолӣ ба тарзи дилхоҳ қонеъ гардонида шавад.

Инноватсия – роҳҳои самараноки фаъолият мебошад, ки пештар онҳо истифода нашудаанд.

«…дар ҳар давру замон вобаста ба шароит ва имкон навгониҳо вуҷуд дошта, он аз насл ба насл бо андаке таҷдид интиқол дода мешаванд»[129, с.102].

Маънои важаи инноватсия, асосан, ворид намудан дар фаъолият тарҳ, нигоҳ ва диди нав мебошад. Дар зери мафҳуми тарҳ, нигоҳ ва диди нав сохтору низоми навро фаҳмидан мумкин аст.

Фаҳмиши сохтор ва низоми нав маънои дигар ҳам дорад, яъне дар ин раванд ба даст овардани сифат ва амали ҷадид низ ба чашм мерасад.

Асосан, вожаи инноватсия қариб сад сол қабл дар илмҳои иқтисодӣ пайдо гардида буд. Дар аввали солҳои 30-юми асри гузашта, баъди «депрессияи бузург», ки корхонаҳои Америка рӯ ба рӯ гардида буданд, вожаи инноватсия ба миён омад. Яъне, ба онҳо лозим омад, то роҳҳои нави кориро ҷустуҷу намоянд, ки моли худро дар бозор ба фуруш бароварда тавонанд. Пас аз ин, инноватсия дар солҳои 60-70 дар Европа пайдо гардид. Ширкатҳои бузурги Европа барои талаботи аҳолиро қонеъ гардонидан дар ҷустуҷуи роҳҳои нави корӣ гардиданд. Ҳукумат ҳам асоси пешрафт ва ояндаи худро маҳз дар ворид намудани инноватсия медид.

Маъмулан мафҳуми инноватсия дар охирҳои солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX дар илм ва фаъолияти ҳаррӯза ворид гардида, ин вожа бо калимаҳои «навгонӣ», «навоварӣ» ва «идоракунии нав» дида мешуд.

Ба ақидаи педагог Н.А. Маматова навоварӣ (инноватсия) натиҷаи дар амал истифода бурдани идея мебошад. Мақсади инноватсия қонеъ намудани талаботи аҳолӣ бо маҳсулот, хизматрасонии сатҳи баланд ва сифати он ба шумор меравад, ки дар солҳо пешин дида намешуд [186,с.5].

Мисли дигар соҳаҳои фаъолият инноватсия дар соҳаи фарҳанг ва маориф дар даврони Шуравӣ кам ба назар мерасид. Сабабҳо гуногун хам бошанд, аммо сабаби асосӣ ҳамон буд, ки бештари муҳаққиқон ба дастовардҳои педагогони машҳури дунё дастрасӣ ва аз тарзи корию усулҳои пешрафтаи онҳо огаҳӣ надоштанд. Гуфтан нодурурст аст, ки педагогони даврони Шуравӣ роҳҳои нави фаъолиятро ҷустҷу намекарданд. Вале монеаҳои зиеде вуҷуд доштанд, ки муҳит ва фазои онҳоро маҳдуд мекард.

Тағйироти демократии солҳои охир ба педагогҳо ва кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шароит муҳайё намуда истодааст, то аз дастовардҳои соҳаи педагогика бархурд бошанд. Тарзи кории мамолики пешрафтаро омӯзанд ва дар таҷрибаи амалии худ мавриди истифода қарор диҳанд.

Бароҳмонии инноватсия дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият ба он оварда росонид, ки моҳият ва сохтори ин раванд на танҳо дар соҳаи иқтисодиёт, балки дар дигар соҳаҳо ба мисли идоракунӣ, фарҳанг ва маориф низ мавриди таҳқиқ қарор гирад.

Дар замони муосир бе истифода аз роҳҳои инноватсионӣ фаъолияти худро дуруст ба роҳ монда наметавонем.

Фаъолияти инноватсионӣ фаъолияте маҳсуб меёбад, ки самти асосии он ҷустани ашколи нави корӣ бо мақсади баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ мебошад.

Фаъолияти инноватсионӣ гуфта фаъолияти илмӣ, техникӣ, ташкилӣ, молиявӣ ва тиҷоратиро мегӯянд, ки маҳсулоти навро ба истеъмолкунандагон мерасонад [19, с.23].

Истифодаи фаъолияти эҷодии инноватсионӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ омили пешрафт гардида, бартарияти ин муассисаҳоро нишон медиҳад.

Бартарияти фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамон вақт зоҳир мегардад, ки агар чунин сифатҳои фаъолият амалӣ гарданд:

- фаъолияти озодонаи интихоб, ки омили рушди шахсият мегардад;

- тағйироти куллӣ дар мундарича ва шаклҳои фаъолият;
- дастрасии маълумот барои ҳар як иштирокчӣ;
- мутобиқ шудан ба тағйирот.

Фаъолияти инноватсионӣ имконият медиҳад, ки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ муваффақиятҳои худро нисбати дигар муассисаҳо муайян созанд.

Агар ба таҷрибаи баъзе аз давлатҳои мутараққии дунё назар афканем шоҳиди он мегардем, ки онҳо бо истифода аз методҳои инноватсионӣ то кадом андоза ноил гаштаанд. Мисол: дар Русия осорхонаи виртуалӣ вуҷуд дорад, ки ба воситаи он шахс метавонад бо фаъолияти осорхона ба тариқи Интернет шиносоӣ пайдо намояд. Бояд қайд кард, ки дар Россия миллатҳои гуногун бо урфу одатҳои худ зиндагӣ мекунанд. Ва ин барнома ё худ осорхонаи виртуалӣ имконият фароҳам меорд, ки шахс аз тамоми паҳлуҳои осорхона бо таври намоиш дидан намояд.

Ҳар сол ба воситаи сомонаи осорхона конференсия дар бораи санаҳои муҳими таърихӣ гузаронида мешаванд, ки дар он ҳар гуна бозиҳо, виктаринаҳо баргузор мегарданд. Дар Интернет-конференсия на танҳо шаҳрвандони як маҳали муайян, балки тамоми шахсони шавқманд метавонанд иштирок намоянд.

Гайр аз ин, семинарҳо дар мавзуъҳои гуногун таҳия мешаванд, ки бахри баланд бардоштани савияи дониши иштиродорон нақши калон доранд.

Дар Америка Моллҳо (марказҳои савдо, ки дар он ҷо шахс метавонад ҳам хӯрок хӯрад ва ҳам харид ва ҳам истироҳат намояд) дар ҷомеа мавқеи муайянро касб кардаанд [207].

Дар ин гуна Марказҳо шахс метавонад, бо аҳли оила ва дӯстон омада истироҳат намояд ва аз Интернет ё утоқҳои махсусгардонидашуда, истироҳати худро ба роҳ монад. Мисли муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шахс дар интихоби шуғл озод буда, ҳамзамон, истифодабаранда ва офарандаи фарҳанг буда метавонанд.

Дар Хитой ҳар сол шумораи осорхонаҳо зиёд гардида истодааст. Дар шароити кунунӣ дар Хитой ба 250 ҳазор нафар 1 осорхона хизмат мекунад. Ин

албатта кам мебошад. Ва давлати Хитой нақша дорад, дар оянда шумораи осорхонаҳоро зиёда аз 4140 расонад [60].

Бояд қайд кард, ки Хитой яке аз далватҳои сайёҳӣ маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бо зиёд гардидани осорхонаҳо хизматрасонӣ ба аҳолӣ низ нерӯи тоза касб мекунад.

Нақши осорхонаҳо дар фаъолияти давлатҳои мутамаддин хеле муҳиму назаррас аст. Беҳуда нест, ки тамоми меҳмонону сайёҳоне, ки дохили ҳаргуна мамалакат мешаванд, сараввал аз осорхонаҳо ва ҷойҳои таърихӣ дидан менамоянд [112, с.81].

Дар шароити имрӯза ҷорӣ намудани китобҳои электронӣ боиси якбора кам гардидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти нашри китобҳо гардада истодааст. Ин тамоюл мавқеи китобхонаҳоро то андозае танг карда, ташрифоварандагони он ҳам кам шуда истодаанд.

Нуфӯзи китобхонаҳоро бо чунин роҳҳои инноватсионӣ баланд бардоштан мумкин аст:

- нигоҳдорӣ, хидматрасонӣ ва шуъбаҳои нав. Дафтари хадамоти иттилоотию библиографӣ, синфҳои компютерӣ ва Интернетӣ, китобхонаҳои медиавӣ, гузаронидани тадқиқоти сотсиологӣ ба воситаҳои муосири алоқа – телевизиони интерактивӣ – пурсиш, SMS – пурсиш;

- шаклҳои худбаамалбароии хонандагон - фестивалҳо ва озмунҳои эҷодӣ;

-аксияҳо - таблиғ, хайрия, марафон;

- ярмаркаҳои китоб – ҳамкорӣ бо ташкилоти савдои китоб;

- озмунҳои нависандагони маҳаллӣ - беҳтарин китоб барои хонандагон;

- PR-чорабиниҳо – тарғибу ташвиқи мавзуъҳои актуалӣ;

- микроавтобусҳои иттилоотӣ - намоиш ва фурӯши китобҳо;

- хизматрасониҳо барои хонандагони китобхона - нусхабардорӣ, сканер, ҳарфчинӣ дар компютер ва тарҳрезии матн, навиштани маълумот дар диск, истифодаи почтаи электронӣ, факс, интиқоли электронии китобҳо аз китобхона.

Бояд гуфт, ки муассисаҳои клубӣ низ аз шаклҳои нави фаъолият имрӯзҳо фаровон истифода менамоянд. Шаклҳои нави инноватсионии фаъолияти клубҳо чунин намудҳои чорабиниҳоро дар бар мегиранд:

- аксияҳои гуногун;
- флешмоб;
- батл;
- тимбилдинг;
- рақсҳои гуногун – брек данс, хип-хоп, шафел ва ғайра.

Бояд тазаккур дод, ки барномаҳои шавқовар, шоу барномаҳо, озмунҳо, ки дар тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ нақши назаррас доранд, торафт мавқеи зиёдро дар байни ҷавонон ишғол мекунанд.

Маврид ба зикр аст, ки фаъолияти инноватсионӣ омили рушди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ гардида, дар ин замина, талаботи аҳолӣ ва эҳтиёҷоти онҳо ба пуррагӣ қонеъ гардонида мешаванд. Яъне, инноватсия бешак дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тағйироти мусбӣ ворид намуда, рушду нумуи муассисаҳои номбурда мегардад. Бо шарофати инноватсия лоиҳаҳо ва барномаҳои муаллифӣ (авторские проекты) пайдо гардида, гузариш аз ҳолати вазифавӣ ба ҳолати худидоракунӣ мегардад. Дар ин замина, садҳи корҳои маърифатӣ, тарбиявӣ ва касбияти кормандон ба тадриҷ баланд мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқ Д.М. Булавина «Муҳиммияти барномаҳои муаллифӣ бо шакли универсалӣ ва бо мавҷудияти сохтори равшан сохташудаи он муайян карда мешавад. Истифодаи принсипҳои идоракунии лоиҳа имкон медиҳанд, ки вазифаҳо ва ҳадафҳои пешбинишуда бомуваффақият ҳал карда шаванд» [54, с.13].

Муассисаҳои фарҳангии муосир кушиш ба харҷ медиҳанд, ки бо ташрифоварандагони муассиса ба тариқи озодона муносибат кунанд. Ва дар ин раванд аз усулу шаклҳои гуногуни корӣ, ки аз дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ ва соҳаҳои ҳаётӣ ба даст омадаанд, истифода баранд. Ба мисли: фаъолияти аниматсионӣ, интерактивӣ, лоиҳакашӣ ва тарҳрезӣ, иттилоотӣ ва интернетӣ.

Шаклҳои фаъолияти бар боло овардашуда равандҳои инноватсионие мебошанд, ки татбиқи онҳо ба рушди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ замина гузошта, ба замони нав созгор мебошанд. Таъсиси сомонаи муассисаи фарҳангӣ низ яке аз қисматҳои раванди инноватсионӣ ба шумор меравад. Ва муассиса метавонад, ба тариқи он аз рӯйдодҳо, навгониҳо, чорабиниҳо ва нақшаҳои минбаъдаи худ ба аҳолӣ иттилоот диҳад. Инчунин, ба воситаи сомонаи муассиса метавон ба саволҳо ва пешниҳодҳои аҳолӣ ҷавоби мушаххас дод. Яъне, ин як майдони иттилоотӣ ба шумор рафта, ба ин васила ҷалби аҳолӣ ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ роҳи ҳаллӣ худро меёбад.

Системаи маориф ва фарҳанг – институтҳои давлатӣ ва ҷавмъиятие мебошанд, ки вазифаи асосии онҳо таълим ва тарбияи шахси худогоҳ, хештаншинос, бофарҳанг, кордон, бомасъулият ва амсоли инҳо аст [13].

Пас аз қабули Қонун дар бораи маориф ва фарҳанг ҷустани роҳҳои нави инноватсионӣ тақвияти дучандро касб кард.

Бояд қайд кард, ки дар ин ҷода, барои дуруст ба роҳ мондани фаъолияти касбӣ бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ монеаҳои зиед низ вуҷуд доранд. Ба мисли набудани меъёр ва нишондодҳои ягонаи инноватсия, таҷрибаҳо ва таълифи адабиёт дар ин самт ва амсоли инҳо.

Пажуҳишҳо нишон медиҳанд, ки барои он ки роҳҳои инноатсионӣ натиҷаи хуб диҳанд, бояд онҳо идорашаванда бошанд, дар ин замина аз мадди назар дигар вазифаҳои идорашавандаро ба мисли пешгӯӣ, банақшагирӣ, ташкил, назорат ва ташхис нодидагирӣ кардан лозим нест.

Тарафи дигари масъала ин аст, ки барои дар амал татбиқ намудани дилхоҳ инноватсия сарчашмаи он нақши муҳим дорад, ки ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд, яъне тағйирот дар дохил ё берун аз муҳити фарҳанг ва таълимгоҳ.

Вазъи имрӯзаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамаи соҳаҳои фаъолияти инсон, аз он ҷумла, фарҳанг ва маориф рушди бемайлон дида мешавад. Ин ҳам бошад аз ҳисоби ворид намудани инноватсия дар фаъолият мебошад. Инсонро дар ин маврид на танҳо иҷрокунанда ва ба роҳ монандаи роҳҳои инноватсионӣ, балки эҷодкунандаи шаклҳои нави корӣ дидан мумкин

аст. Навоварӣ омили рушд ва баланд бардоштани сатҳу сифати фаъолият мегардад.

Хушбахтона бо эълон гардидани солҳҳои 2019-2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон рушди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, аз он ҷумла, дар деҳот рӯ ба беҳбудӣ оварда истодаанд. Таваҷҷуҳи ҳукумати кишвар ба соҳаи фарҳанг рӯз аз рӯз бештар ба назар мерасад. Ва беҳуда нагуфтаанд, ки «Фарҳанг ҷавҳари ҳастии миллат аст». Аз ин рӯ, бе рушди фарҳанг, иқтисодиёт ва маориф ягон давлати дунё тараққӣ намекунад.

Бояд қайд кард, барои рушди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ омилҳое вуҷуд доранд, ки монеаҳо эҷод мекунанд. Ба мисли:

1. Надоштани мутахассисони баландихтисос. Дар шароити кунунӣ сатҳи дониши кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хеле паст буда, аз муваффақиятҳо ва роҳҳои нави кории ин соҳа бархӯрд нестанд. Кормандони соҳа шахсони калонсол мебошанд. Синну соли онҳо аз 50 сола боло буда, аз компютер ва таҷҳизотҳои ҳозиразамон огаҳӣ надоранд.
2. Базаи моддӣ-техникии заиф. Надоштани нақлиёт, таҷҳизоти барқии тақвияти овоз, компютерҳои ҳозиразамон, сабти овоз ва ғайра. Асосан ин камбудиҳо дар деҳот зиёд ба чашм мерасанд. Бисёри биноҳо куҳна ва ба таъмир ниёз доранд. Биноҳои истифодашаванда низ таъмири ҷориро талаб доранд. Ҳолати муассисаҳои фарҳангии деҳот паст буда, чорабиниҳои онҳо низ ҷавобгӯи талаби замон нестанд.
3. Тағйирот дар мундариҷа ва амалияи фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Пас аз солҳои 90-уми асри гузашта дар фаъолияти муассисаҳои мазкур дигаргуниҳо пайдо гардиданд. Чорабиниҳои онҳо хислати оммавӣ пайдо карда, ҷанбаҳои равшанноамоии он дуюминдараҷа гардиданд. Яъне, онҳо чорабиниҳои худро тавре омода месохтанд, ки мардум бештар истироҳат кунанд. Ҷиҳатҳои тарбиявии чорабиниҳо ба эътибор гирифта намешуд.

4. Кам гардидани маҳфилҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Агар дар солҳои даврони Шуравӣ маҳфилу гурӯҳҳои худфаъолияти бадеӣ зиёд амал мекарданд, пас аз солҳои 90-ум сафи маҳфилҳо кам гардида истода, шумораи иштирокчиёни он ҳам коҳиш ёфтааст.
5. Ҷалб нагардидани табақаи коргар ва ҷавонон ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Агар ба фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ назар афканем, мушоҳида мекунем, ки иштирокчиёни ин муассисаҳо асосан кӯдакон, наврасон, хонандагони муассисаҳи таълимӣ ва пиронсолон мебошанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҷавонон ва табақаи коргар майлу шавқ ва завқи ба ин муассисаҳо омаданро надоранд. Яъне, чорабиниҳои таҳиягардидаи ин муассисаҳо талаботи фарҳангии онҳоро қонеъ гардонида наметавонанд.

Омилҳои дар боло зикр гардида, садди роҳи рушди муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ гарданд ҳам, вале омили дигар ин аст, ки мутахассисаон ва кормандони муассисаҳои мазкур аз технологияи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ва роҳҳои инноватсионӣ ба таври лозима ошно нестанд. Сатҳи касбияти паст, рақобатпазирӣ карда натавонистан дар баробари муассисаҳои фарҳангии хусусӣ ва дигар омилҳои ба ин баробар ба пешрафти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ монеа эҷод мекунанд.

Бешубҳа, таҳлилҳо нишон доданд, ки омили асосии баланд бардоштани нуфузу эътибори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин дар фаъолияти худ истифода намудани роҳҳои инноватсионӣ ва ҷустани шаклҳои нави корӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки фаъолияти инноватсиониро ба анъана, урфу одат ва суннатҳои мардумӣ омезиш додан таъсири фаъолияти муассисаҳои фарҳангиро дучанд мегардонад.

Анъана меҳвари навоварист. Маҳз хоҳиши нигоҳ доштани заминаи анъанавӣ дар инноватсияҳо имкон медиҳад, ки асолати дигаргуниҳои фарҳанги муосир нигоҳ дошта шавад [156, с.6].

Мафҳуми анъанаро чунин шарҳ додан мумкин аст: анъана гузаштаро ба имрӯз мепайвандад, яъне ҳамчун пул байни гузашта ва имрӯз мебошад. Инчунин, механизми ҳифзкунанда ва интиқолдиҳандаи арзишҳои фарҳангӣ аз як насл ба насли дигар мебошад.

Дар ҳақиқати зиндагӣ инноватсия қолаби анъанаро мешиканад ва тағйир медиҳад.

Дар баъзан холатҳо маънои пурраи калимаҳоро  калимаҳои муқобилмаъно возеҳу равшан ифода мекунанд. Ба мисли анъанаро инноватсия, муҳаббатро бадбинӣ, зиндагиро марг ва гайра.

Асосан илм ба инноватсия такя мекунад.

Дар корҳои илмии олимон низ навгониҳо вуҷуд дорад, аммо ин хато аст агар гӯем, ки ин ва ё он олим аввалин маротиба махсусан кореро ба анҷом расонидааст.

Бо рушду тараққиёт ва пешрафти ҷомеа ихтироот на танҳо дар соҳаҳои илм, балки дар ҳаёти рӯзмараи одамон низ зиёд мегардад.

Баъзан вақт ақидаҳое мушоҳида мешаванд, ки бояд илм саршор аз инноватсия бошад, аммо ин хато аст ва ин хел буда ҳам наметавонад. Дар ин раванд анъана, урфу одат ва таҷрибаи ҳазорсолаи инсониятро ба инобат гирифтан лозим аст. Анъана дар баъзан фаъолият нерӯдиҳандаи зеҳнии инсонҳо мебошад.

Дар раванди ҷаҳонишавии тамаддунҳо баъзан забонҳо, урфу одатҳо ва анъанаҳо низ аз байн рафта истодаанд. Анъана то он замоне арзи ҳастӣ дорад, ки одамон баранда ва аз насл ба насл таҳвилдиҳандаи он бошанд. Анъана бояд ба дигарон омӯзонида шавад, то он аз байн наравад.

Анъана, урфу одат, забон, фарҳанг омилҳое мебошанд, ки ягон халқият ё миллат бе инҳо вуҷуд дошта наметавонад. Муаррифгари ҳар як миллат ва давлат пеш аз ҳама забон, анъана, урфу одат ва фарҳанг мебошад. Бояд қайд кард, ки анъана инноватсияро инкор намекунад.

Алоқамандии анъанаро бо инноватсия чунин шарҳ додан мумкина аст, ки дар ин раванд чизҳо бо тарҳи замонавӣ, бо диди дигар ва сохти нав ба вуҷуд меоянд.

Нишона ва аломатҳои ҳар як инноватсия ин навоварӣ, тағйирот ва натиҷаҳои мусбат дар фаъолият дониста мешаванд [119, с.2].

Агар аз нигоҳи педагогӣ назар афканем ба алоқамандии анъана ва инноватсия мушоҳида кардан мумкин аст, ки ҳар олими донишманди соҳаи информатика аз оддитарин қоидаҳои математикӣ ба мисли ҷадвали ҷамъу тарҳ истифода намудааст.

Дар соҳаи фарҳанг ҳам чунин аст. Барои омода намудани чорабинии фарҳангӣ мутахассиси соҳаи фарҳанг аз анъанаҳои мардумӣ истифода намуда, бо роҳҳои инноватсионӣ чорабинии худро обу тобиши рангоранг дода, пешкаши аҳолӣ менамоянд.

Маврид ба зикр аст, ки 19 ноябри соли 2018 бо қарори Кумитаи байналмиллалии ЮНЕСКО чакани тоҷикон таҳти наминатсияи «Санъати гулдӯзии чакан дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» расман ба феҳрести мероси фарҳанги ғайримоддии ЮНЕСКО ворид карда шуд. Ин бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки санъати чакандӯзии тоҷикон дар арсаи ҷаҳонӣ эътироф гардида, чун ҷашни «Наврӯз» мақоми байналмиллаиро соҳиб гашт. Албатта, барои мо тоҷикон ҳодисаи фараҳбахшу таърихист ва боиси обӯ рую манзалати тоҷикон мебошад. Бояд қайд кард, ки чакан ва чакандӯзӣ, махсусан дар шаҳру ноҳияиҳои ҷануби кишварамон бештар ривоҷу равнақ ёфта, таърихи дерин дорад.

Аҳли ҳунар мекушанд, дар ҳар давру замон зебоиҳои диёрро ба ҳар васила инъикос намоянд. Мардум хонаҳои худро бо ҳар гуна матоъ ва гулдӯзӣ аз қабили чакан оро медиҳанд. Духтарон ҳангоми ҷашну маросим ва анъанаҳо либоси чакан ба бар мекунанд. Писарон бошанд, тоқии дорои нақши чакан дошта ба сар мениҳанд. Дар чакандӯзи нақши гулҳои ҳарнамуда, моҳу ситора, офтобу абр тасвир карада мешаванд. Ин ҳама рамзҳо нишона аз табиати

афсункор ва маъноҳои худро доранд, ки ба бинанда табъи хуш ва ҳисси зебоиписандиро талқин мекунанд.

Дар як қатор ҷашну маросимҳо ва фесивалҳо ба мисли «Чакомаи гесӯ», «Таронаи чакан», «Андалеб» ва ғайра чакан ҷойгоҳи махсуси худро доро мебошад. Имрӯзҳо нақши чакан ва чакандӯзию чаканпӯшӣ дар тамоми манотиқи кишвар ба мешоҳида мерасад. Ин ҳунару санъати зебо аз насл ба насл интиқол ёфта, таҷассумгар ва муаррифгари миллати мо ба ҷаҳониён мебошад.

Атласу адрас ҳам мисли чакан аз ҳунарҳои мардумӣ ба ҳисоб рафта, яке аз анъанаҳои мардумӣ маҳсуб меёбад.

Атласу адрас, ки тайи садсолаҳо ҳуснбахши бонувони тоҷик буд, дар даврони истиқлолият мақому манзалати хешро пайдо карда истодааст. Ин иқдоми воло бо ба роҳ мондани як қатор чорабиниҳо аз тарафи давлат ва ҳукумати ҷумҳурӣ ба дубора эҳё шудани ин санъати мардумӣ замина гузошт.

Сарчашмаҳои таърихӣ гувоҳи онанд, ки Суғд садсолаҳо боз маркази истеҳсоли атласу адрас мебошад. Дар солҳои аввали собиқ Иттиҳоди Шуравӣ корхонаҳои зиёди истеҳсоли ин матоъ ба роҳ монда шуда буданд. Ва дуконҳои зиёди савдои атласу адрас таъсис дода мешуданд.

Атласу адрасро бонувони тоҷик дар чорабиниҳои фарҳангӣ ва сиёсӣ ба бар карда, бо ин либос миллати тоҷикро дар дигар давлатҳо муаррифӣ мекунанд. Оре, атласу адрас ба ҳусни бонувони тоҷик зеб мебахшад, ки ин аз урфу одат ва анъаноти мардумӣ ба шумор меравад.

Кишвари мо бо анъанаҳо, урфу одат ва тарзи либоспӯшӣ аз дигар мамлакатҳо фарқ мекунад. Эҳё шудани қадру манзалати чакан ва атласу адрас замина фароҳам овард, ки ин намуд матоъҳо дар байни ҷомеа пазируфта шаванд. Ва тарғибгари анъана ва суннатҳои мардумӣ бошанд.

Дар намоишгоҳҳои бузурги ҷаҳонӣ дизайнер ва тарроҳон аз матоъҳои чакану атлас дар тарҳи либосҳои муосир истифода намуда, ба ин васила фаъолияти инноватсиониро бо анъана ва суннатҳои мардумӣ мепайванданд, ки дар натиҷа ҳам мақбули шаҳрвандон гардида, ҳам чакану атлас қадру манзалати худро гум намекунанд.

Тавре дар боло қайд кардем муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар фаъолияти худ аз усулу воситаҳои инноватсионӣ истифода бурда, фароғату истироҳати аҳолиро самаранок мегузаронанд.

Пайдо шудани инноватсия дар фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ аз аҳамияти унсурҳои нави фарҳангии ҷомеа шаҳодат медиҳад [120, с.72].

Яке аз вазифаҳои асосии равандҳои инноватсионӣ баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаи иҷтимоӣ-фарҳангӣ тавассути ноил шудан ба натиҷаҳои нави сифатӣ ва самараноки фаъолият мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар раванди пажӯҳиши фаъолияти инноватсионии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мушкилоти зерин ошкор карда шуд:

- аксарияти навовариҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ маҳсули эҷоди муассисаҳои мазкур нестанд. Онҳо аз таҷриба ва фаъолияти кишварҳои хориҷӣ гирифта шуда, дар шакли каме тағйирёфта истифода мегарданд. Ин албатта хуб аст, аммо он шаклҳои интиқолёфтаи инноватсионӣ ба табиати рафтор ва минталитети мо тоҷикон тавъам нестанд. Аз ин рӯ, дар бисёр маврид истифодаи онҳо дар чорабиниҳои фарҳангӣ натиҷаи дилхоҳ надода, ба фаъолияти ин муассисаҳо зарба мезананд;

- дар раванди чорабинӣ аз сабаби қимат будани аксари навгониҳои фарҳангӣ истифода намегарданд;

- бештари навовариҳои фароғат дар шаҳрҳои калон истифода мегарданд. Дар деҳотҷойҳо бошад, истифодаи роҳҳои инноватсионии фаъолият кам ба назар мерасанд.

Бояд қайд кард, ки маълумот ва ахборот имрӯзҳо ба тариқи Интернет дастраси ҳама мегардад. Дар ин раванд муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои ташкил ва тарзи гузаронидани вақти фароғати ҷавонон самти афзалиятнок ба шумор намераванд. Барои тағйир додани вазъияти ба амаломада ислоҳоте лозим аст, ки роҳҳои нави фаъолиятро муайян ва ба вуҷуд оварад. Аз ин рӯ, ба шароити нави доимо тағйирёбанда мутобиқ шуда, барои фаъолияти самарабахш ва дохил шудан ба муҳити фарҳангӣ лозим аст. Бояд аз

чорабиниҳои қолабии даврони Шуравӣ даст кашид ва ба фаъолияти муносибатҳои муосири инноватсионӣ ворид шудан зарур аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули муҳити эҷодӣ, рушди сармояи инсонӣ, ҳифзи мероси фарҳангӣ ва суботи иҷтимоӣ саҳми бузург доранд. Ин тамоюл дар баробари васеъ гардидани таъсири фарҳанг ба ҷомеа боз ҳам пурзур мегардад. Зеро, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ яке аз муассисаҳои иҷтимоӣ ва дастрас буда, барои халли проблемаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ шароити созгор омода карда метавонанд.

Раванди инноватсиониро ба роҳ мондан мумкин аст, агар чунин ҷанбаҳои фаъолият ба эътибор гирифта шаванд:

- кор бо кадрҳо, ки ба фароҳам овардани заминаҳои навоварӣ нигаронида шудааст;
- кор бо ташрифоварандагони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Фароҳам овардани шароит барои мутобиқ кунонидани аудитория ба дигаргуниҳои ҷорӣ;
- такмил додани фаъолият;
- ҷорӣ ва татбиқи робитаҳо ва ҳамкориҳо. Равандҳои ҳамгироӣ бо дигар муассисаҳо барои беҳтар қонеъ гардонидани талаботи ҷомеа ва ҷалби захираҳои иловагии эҷодӣ;
- амалӣ намудани назорат, таҳлил ва танзими фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- татбиқи таъминоти иттилоотии фаъолияти инноватсионӣ.

Чунин тарзи фаъолият таҳияи барномаи нави корӣ ва стратегияи фаъолиятро талаб мекунад, зеро он як раванди мураккаб ва тӯлонӣ ба шумор меравад.

Хулоса, тамоюлҳои муосири рушди ҳамаи соҳаҳо муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатиро низ ором намегузоранд. Дар чунин шароит беҳтар кардани вазъи фаъолияти фарҳангӣ пеш омада, баҳри ташрифоварандагони муассисаҳои

мазкур тадбирҳои судманд андешидан лозим аст. Аз ин рӯ, зарурати навсозии фаъолият ва ҷорӣ намудани технологияҳои наву инноватсионӣ барои ҷалби бештари қишрҳои ҷомеа ба миён меоянд.

Роҳи ояндаи ҳар як ҷомеа аз қонеъ кардани талаботи шахс вобаста мебошад, ки ин шароитҳо дар вақти фароғат ва дар фаъолияти муассисаҳои ичтимоӣ-фарҳангӣ амалӣ карда мешаванд.

Бояд гуфт, ки гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ таъсири худро ба фаъолияти муассисаҳои ичтимоӣ-фарҳангӣ низ гузошта истодааст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ бахши тиҷоратӣ ва фаъолияти инноватсионӣ бо ҳам алоқаманд ва вобастаанд. Фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шароит фароҳам меорад, то онҳо дар қатори дигар муассисаҳо истодагарӣ карда, вақти фароғати аҳолиро таъмин созанд. Дар баробари ин, захираҳои бахши тиҷоратӣ ба пайдоиш ва рушди шаклҳои инноватсионии фароғат мусоидат мекунанд. Бояд гуфт, ки дар ҳама давру замон навовариҳои истироҳат вуҷуд дошта, расму оин, тарзи зиндагӣ, ҷаҳонбинии як давраи муайяни таърихиро инъикос намуда, талаботи аҳолиро қонеъ мегардонданд. Бо мурури замон баъзе навовариҳои фарҳангӣ-фароғатӣ кӯҳна шуда, тамоман аз байн рафтаанд, баъзеи дигар ба сатҳи сифатан нав гузашта, дар шакли тағйирёфта то имрӯз вуҷуд доранд. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ одамон фаъолияти инноватсиониро нобаробар қабул мекарданд ва аксарияти онҳо эътирофи умумиҷаҳонӣ гирифта, зуд паҳн шуда, оммавӣ мегардиданд.

Барои идоракунии фаъолияти инноватсионӣ муайян намудани роҳҳои ташхиси ҳолатҳои инноватсионӣ, таҳияи механизм ва муайян намудани хусусиятҳои татбиқи навъҳои гуногуни инноватсия ва хусусиятҳои таъминоти ташкилию методии он муҳим аст [137, с.39].

Мусаллам аст, ки ҳар як чизи нав диққати моро ба худ ҷалб месозад. Истифодаи фаъолияти инноватсионӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ аз як ҷиҳат хуб аст, аммо дар ҳама маврид танҳо ба шаклу усулҳои инноватсионӣ такя кардан дуруст нест. Аз шаклу усулҳои «куҳна», ки

бартарияти худро борҳо нишон додаанд, дар бисёр мавриди таъсири чорабиниро дучанд мегардонанд. Асосан, методи ягонаи фаъолият, ки аз рӯйи он амал кард, вуҷуд надорад. Танҳо дар сурати истифодаи тамоми воситаю усулҳои инноватсионии таъсиррасонӣ ба зеҳни шахс ва бедор кардани ҳиссиёти эмотсионалӣ ба натиҷаи дилхоҳ, яъне тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон расида метавонем.

## 4.2. Роҳҳо, методҳо ва шаклҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Дар ҳар илм унсурҳои сохтории он аз нуқтаи назари роҳҳо, методҳо, шаклҳо ва намудҳои фаъолият баррасӣ мешаванд. Дар сохтори худ низ фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз низоми таркибии донишҳо бо усулҳо, роҳҳо ва методҳо иборат мебошад.

Усулҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фароғатӣ ҳамаҷониба буда, ҳам унсурҳои фарҳанги «берунӣ» ва ҳам «дохилӣ»-ро дар бар мегиранд. Аз ин рӯ, дар тайёр кардан ва гузарондани чорабиниҳои фарҳангӣ танҳо ҳангоми таҳлил кардани тамоми қисмҳо ва ҷузъиёти раванди омодакунии технологӣ усули лозимаро интихоб кардан мумкин аст.

Барои омода кардани барномаи фарҳангӣ донистани қонунҳои драмавии он кифоя нест. Фаҳмидан ва дақиқ таҳлил кардани имкониятҳои иқтидори усулҳои монтаж, иллюстрация, театрикунонӣ ва бозӣ зарур аст. Бо ёрии ин усулҳо ва воситаҳои гуногуни ифодакунанда барномае сохта мешавад, ки дар он масъалаҳои актуалии иҷтимоию педагогӣ ва психологӣ ҳал карда мешаванд.

Методҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо шаклу воситаҳо алоқаманд буда, дар яуҷоягӣ онҳо ҳамдигарро пурра менамоянд. Метод – роҳи расидан ба

ҳадафи гузошташуда, усулу роҳҳои амалисозии фаъолият дониста мешаванд. Асосан, дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бисёр методу роҳҳои фаъолият мавҷуданд, ки дар байни онҳо ҷойи намоёнро: методи театрализатсия, тасвирӣ-айёнӣ ва бозӣ ишғол мекунанд.

Муҳаққиқ П.Ю. Ежов дар бораи ин методҳо чунин гуфтааст, ки онҳо таъсири эмотсионалӣ ва образӣ, таҳлили бадеӣ ва ҳақиқӣ, инчунин имкониятҳои коммуникативиро доро мебошанд [284, с.2].

Методҳои фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мисли шаклҳо хамеша бо мазмун алоқаманданд, ки бо мақсадҳои дар назди мутахассисон гузошташуда муайян карда мешаванд. Дар баробари истилоҳи «метод» истилоҳи «техникаи методологӣ» низ истифода мешавад. Ҳар як метод маҷмуи тадбирҳоест, ки бо як вазифаи умумӣ ва муносибати ягона муттаҳид мешаванд.

Методҳои педагогӣ дар фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин усулҳои таълимию тарбиявие мебошанд, ки самаранокии иҷрои вазифаҳои тарбиявиро бо тадбирҳои педагогӣ баланд бардошта, ҷанбаҳои психологии онро такмил медиҳанд.

Инак, якчанд методҳои педагогии фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангиро баррасӣ менамоем, ки дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми беандоза доранд.

Муҳокима. Муҳокима ҳамчун метод дар семинарҳо, шабҳои вохӯрӣ ва дар танҳоӣ оид ба ин ё он масъала ё мавзуъ гузаронида мешавад. Дар муҳокима чунин усулҳо ва методҳо ба мисли «ҳамла ба асаб» ва ташхиси ин ва ё он ҳодисаю воқеа истифода мегарданд. Масалан, дар бораи нақши фарҳанг ба тарбияи ҷавонон, проблемаҳои муассисаҳои фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, ҳунарҳои миллӣ дар тарбияи ҷавонон ва амсоли инҳо.

Вожаи «муҳокима(дисскусия)» аз лотинӣ (discussion) гирифта шуда, маънояш баррасӣ ва таҳқиқ мебошад. Ин шакли динамикии баҳс, усул ва

раванди амали мутақобила ҳангоми баррасии ҳама гуна мушкилот ва масъалаҳои баҳснок мебошад [77, с.8].

Муҳокима қариб дар ҳамаи ҳолатҳои зиндагӣ ва ҷабҳаҳои фаъолияти одам дида мешавад.

Дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ ин метод барои ба як хулосаи муайян омадани коллекив ва фикри ягонаро интихоб кардан фаровон истифода мегардад.

Дар раванди муҳокима иштироккунандагон масъалаи баррасишударо аз ҳама тараф дида баролмада, ба як хулосаи муайян меоянд.

Муҳокима имконият медиҳад, ки натанҳо фикри худро баён кардан, балки дар баробари он фикри дигарҳоро низ оид ба масъалаи баррасишуда фаҳмидан мумкин аст. Ва ин ҳолат метавонад, фикру ақидаи шуморо оид ба он масъала тағйир низ диҳад.

Муҳокима яке аз технологияҳои самараноки таъсири мутақобилаи гурӯҳӣ буда, суръат ва самаранокии раванди таълиму тарбияро тавассути ҷалби фаъолонаи иштирокчиён афзоиш медиҳад. Муҳокима барои ошкор ва муайян кардани мавқеъ, баёни фикру зикри иштирокчиён шароит фароҳам оварда, ба муносибатҳои иштирокчиёни он таъсир мерасонад.

Самаранокии муҳокима аз он вобаста аст, ки иштирокчиёни он дониши муайян оиди мавзӯйи баррасишуда доранд ё на.

Технологияи ташкил ва гузаронидани мубоҳиса чунин қисматҳоро дар бар мегирад:

– ҳавасмандӣ (шавқу хоҳиши иштирок дар муҳокима);

– маърифатӣ (дониш дар бораи мавзӯи баҳс);

– зудамалӣ ва коммуникативӣ (қобилияти баҳс кардан ва ҳимояи нуқтаи назари худ);

– эмотсионалӣ-баҳодиҳӣ (аз сар гузаронӣ, талабот, муносибатҳо).

Принсипҳои ташкили мубоҳиса мусоидат ба пайдоиши афкори алтернативӣ, роҳҳои ҳалли масъала, меъёрҳои конструктивӣ, таъмини амнияти равонии иштирокчиён мебошанд. Интихоби масъалаи муҳокима бояд ҷиддӣ

дида баромада шавад. Пеш аз ҳама, масъалаи муҳокима дар рафти мубоҳиса бояд ба синну соли иштирокчиён мувофиқ бошад. Онҳо ба мавзуйи пешниҳодшуда дониш, маҳорат, таҷрибаи ҳаётӣ ва нигоҳҳои эҷодкорона дошта бошанд.

Аз ин рӯ, барои фаъолияти педагогӣ муайян намудани омилҳои дохилии ҳавасмандгардонии ташаккули фарҳанги муоширати муҳокима, инчунин шароити дидактикие, ки ба ин мусоидат мекунанд, муҳим ба назар мебошад [35, с.14].

Баҳс, ки ҳангоми муҳокима ба миён меояд, бояд аз рӯйи масъалаи асосӣ асос ёбад. Яъне, баҳс мухолифати солимро пайгир ва аз рӯйи ҳақиқат бошад. Педагог бояд масъала ва мавзуи мубоҳисаро мураттаб сохта, ангезаи заруриро дар байни иштирокчиён ба вуҷуд оварад. Ба маънои дигар, моҳияти масъаларо ба иштирокчиён баён намуда, фазои дӯстона ба вуҷуд орад. Инчунин, педагог мафҳумҳои масъаларо ба иштирокчиён дуруст фаҳмонида, ба баҳс роҳбарӣ кунад. Барои фаъол гардидани иштирокчиён чораҳои судманд андешида, қоидаҳои муҳокимаро риоя кунад ва иштирокчиёни ғайрифаъолро ба зудӣ ҷалб сохта, фикру мулоҳизаҳои баёншударо таҳлил кунад.

Дар натиҷаи татбиқи усули муҳокима бояд чунин вазифаҳо ба мисли: таҳлили ҳолатҳои воқеӣ, ташаккул додани қобилиятҳои дарки фаҳмишҳои баландпоя ва роҳҳои ҳалли масъала баррасӣ карда шаванд. Муҳокима бояд барои тарҳи нақшаи масъалаҳои мураккаб роҳандозӣ гардида, ҷанбаҳои мушкилот мавриди омӯзиш қарор гиранд. Инчунин, мубоҳиса дар азхудкунии амиқ ва пайдоиши донишҳо саҳми беандоза дорад. Дар муқоиса бо лексия мубоҳиса метавонад таъсири хеле дарозмуддат дошта бошад. Зеро, мубоҳисаи фаъол ва эмотсионалӣ боиси азхудкунии донишҳои нав гардида, шахсро водор месозад, то дар бораи мақсадҳо ва муносибатҳои худ оид ба масъалаи ҷойдошта фикр кунад.

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки мубоҳиса яке аз шаклҳои муҳимтарини муошират, усули пурсамари ҳалли масъалаҳои баҳснок ва тарзи азхудкунии донишҳо мебошад [12, с.5].

Бартарии усули мубоҳиса дар он аст, ки фазои озодонаро барои иштирокчиён фароҳам оварда, малакаҳои муоширатро инкишоф медиҳад ва эътимоду боварӣ ба худро ба вуҷуд меорад. Педагог-ташкилотчӣ ё роҳбари мубоҳиса метавонад, нуқтаҳои ба ҳам зидро тезу тунд карда, ангезаи иштирокчиёнро бо суханҳои «фикри хуб», «сухани ҷолиб», «аҷоиб» ва ғайра баланд бардорад.

Вазифаи педагог ҳам дар ҳамин асос меёбад, ки шароити рушди инкишофи иштирокчиёнро дар заминаи озодӣ ва масъулият дар интихобу қабули қарор ва мустақилияти амалро таъмин намояд [209, с.8].

Педагог бояд андешаҳои иштирокчиёнро ташаккул дода, фикрҳои худро ба онҳо тавъам созад. Дар ҳар гуна баҳс фарзия, далел ва раддияро ҳамчун усулҳои фаъолияти маърифатӣ пешбинӣ мекунад. Фарзия бояд содда ва қудрати исботкунанда дошта бошад. Тахминҳоеро дар бар гирад, ки дар раванди мубоҳиса санҷидашаванда бошанд.

Педагог ҳангоми гузаронидани мубоҳиса ба чунин душвориҳо дучор шуда метавонад:

- мубоҳиса ба муколама(диалог) табдил меёбад;

- мубоҳиса аз сабаби фаъолияти заиф доштани иштирокчиён инкишоф намеёбад;

- танҳо як қисми иштирокчиён дар мубоҳиса иштирок мекунанд;

- тезу тунд шудани муносибати иштирокчиёни мубоҳиса.

Бартарият ва самаранокии муҳокимаро аз рӯйи меъёрҳои зерин арзёбӣ кардан мумкин аст:

- қаноатмандии иштирокчиён баъди мубоҳиса;

- пайдоиши қобилияти дуруст ва мантиқан баён кардани андеша;

- фарҳанги мубоҳисаи иштирокчиён;

- қобилияти иштирокчиён дар истифодаи усулҳои исбот, радкунӣ, интихоб;

- ба даст овардани донишҳои ҷадид ва таҷрибаи нави иҷтимоӣ ҳангоми муҳокима;

- қобилияти истодан дар нуқтаи назари худ;
- дар рафти мубоҳиса мубодилаи пурҷушу хуруши афкор.

Мубоҳиса яке аз навъҳои муоширати байнишахсӣ ба шумор рафта, дар раванди таълиму тарбия мавқеи назаррас дорад. Мубоҳиса на танҳо ҳалли ҳамаҷонибаю амиқи масъалаи ба миён омадаро баррасӣ месозад, балки аз нав дида баромадани мавқеъ ва ақидаҳои худ, дарк кардан ҳуқуқи дигаронро ташаккул медиҳад.

Аз ин рӯ, гуфтан ба маврид аст, ки мубоҳиса як воситаи муассир дар ҳалли масъалаҳои гурӯҳҳо бо усули таҳлил мебошад, Мубоҳиса стресс ва ҳолати равониро бартараф карда, рақибонро дар партави мавқеи сазовор нишон медиҳад [271, с.16].

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар раванди муҳокима иштирокчиён фикрҳои таҳлилгардида ва санҷидашуда ба даст меоранд. Ва он донишҳое, ки иштирокчиён қаблан дар натиҷаи яктарафа омӯхтани масъалаи ба миёномадаро доштанд, ташаккул меёбанд.

Шакли дигаре, ки шабеҳи муҳокима мебошад, ин баҳс аст. Баҳс гуфта баҳсеро дар назар дорем, ки дар натиҷаи он мақсадҳо ва ҳадафҳо равшан мегарданд. Баҳс махсус омода ва ташкил карда шуда оид ба мавзуи муҳими илмӣ ё иҷтимоӣ нигаронида шудааст, ки дар он ду ё зиёда тарафҳо иштирок намуда, мавқеи худро ҳимоя мекунанд.

Моҳияти баҳсро аҳамияти иҷтимоӣ доштани он муайян мекунад. Мавзуи баҳсро саволҳо ё масъалаҳое ташкил медиҳанд, ки хислати оммавӣ, ҷамъиятӣ, давлатӣ ва инфиродӣ доранд. Аксар вақт ҳимояи манфиатҳои гурӯҳо низ мавриди баҳс қарор гирифта, тарафҳо андешаҳои худро ҳимоя мекунанд.

Се навъи баҳс вуҷуд дорад:

- монологӣ. Дар инҷо шахс худ ба худ андеша карда бо худ дар баҳс мешавад;
- диалогӣ. Яъне, баҳсе, ки бо ду нафар сурат мегирад ва мавқеи худро ҳар яки онҳо истодагарӣ мекунанд;

- полилогӣ. Баҳсе, ки бо чанд нафар ё бо гурӯҳи одамон сурат мегирад.

Асосан, баҳсҳои гурӯҳӣ бо шиддат ҷараён мегиранд. Чунки ғолибият дар чунин баҳсҳо шахсро рӯҳбаланд гардонида, мавқеи ӯро дар ҷомеа ҷилвагар месозад. Ва баръакс шахси мағлубшуда худро маъюсу дилшикаста мегардонад. Аз ин рӯ, ҳар як тараф кӯшиш мекунад, ғолибиятро аз болои рақиб соҳиб шавад [245, с.8].

Масалан, дар муассисаи фарҳангии ноҳияи Восеъ, ки яке аз пойгоҳи таҳқиқотии мо ба шумор мерафт, мо бо ҷавонон ва шахсони таҷрибаи зиндагӣ дошта чорабиниеро бо номи «Фарҳанги муошировати ҷавонони имрӯза» гузаронидем. Дар ҷараёни чорабинӣ ҳар як ҷавон фикру мулоҳизаи худро нисбати тарзи муошират, муносибат ва амалу ҳарактҳои ҷавонони имрӯза баён менамуд. Барандаи чорабинӣ бо чунин саволҳо ба мисли, «Фарҳанги муоишати ҷавонони имрӯза ба талаботи замон ҷавобгӯ аст?», «Ба фикри шумо шахс то кадом синну сол ҷавон ҳисобида мешавад ва чаро?», «Ҷавонон вақти фароғати худро дар куҷо ва ба чӣ кор сарф мекунанд?» муроҷиат мекард.  Аз раванди чорабини ошкор мегардид, ки шавқу завқи  ҷавононро чунин мавзуъҳои баҳсбарангез бедор карда, ҷуръати баён кардани андешаҳои худро дар байни омма тақвият мебахшад. Дар охири чорабинӣ шахсони рӯзгордида, ки дар чорабинӣ ҳузур доштанд, ба ҷавонон ҷиҳати боз ҳам созгортар ба роҳ мондани фаъолият дар ҷомеа андешаҳои худро баён намуданд.

Дар баробари воситаҳои ташкили чорабиниҳои фарҳангӣ чунин шаклҳои фаъолият ба мисли: инфиродӣ, гурӯҳӣ ва оммавӣ вуҷуд доранд.




**Расми 5. Шаклҳои фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ**

*Шаклҳои инфиродӣ:*

- суҳбатҳо. Суҳбат ба маънои оддӣ шакли адабӣ ё театрии мубодилаи шифоҳӣ ё хаттӣ дар гуфтугӯи байни ду ё зиёда одамон дониста мешавад.

Суҳбат дар ҳолате истифода мешавад, ки масъалаҳои мавриди баррасӣ аз ҳад зиёд мураккаб буда, иштирокчиён онҳоро мустақилона дарк карда наметавонанд. Суҳбат ҳамчун воситаи маърифатноккунӣ ҳангоми фаҳмондадиҳии амиқ ва ё баъд аз лексия барои мустаҳкам кардани донише, ки кори мустақилонаи иловагиро талаб мекунад, истифода бурдан мумкин аст.

Бояд ёдовар шуд, ки дар Рими қадим писарони волидони имтиёзнок дар мактабҳои драмавӣ таҳсил мекарданд. Яъне, дар баробари омӯзиши забонҳо ва баъзе илмҳо, санъат ҷои аввалро ишғол мекард. Зеро, ба воситаи санъат тарзи гуфтор, суханварӣ ва ба роҳ мондани суҳбатро меомӯхтанд. Инчунин, барои ишғол намудани вазифаҳои роҳбарикунанда низ ба онҳо лозим меомад, то аз санъати суханварӣ ва тарзи иҷрои суханпардозӣ бархӯрд бошанд [237, с.2].

Самаранокии суҳбат аз тарзи дурурсти тартиб додани саволномаи педагог вобаста аст. Мундариҷаи саволҳо бояд таъсир ба ҳолатҳои эмотсионалӣ ва равонии шахс нигаронида шуда бошанд. Масалан, гузаронидани суҳбат дар мавзуи «Фарҳанг омили ташаккули арзишҳо ва ҷанбинию ҷаҳонфаҳмии ҷавонон» таъсири бузурги тарбиявӣ дошта, ҷанбаҳои маънавӣ-эстетикиро рушд мебахшад.

Албатта, арзиши суҳбат на танҳо аз мазмун ва маҳорати савол додан, балки аз муҳтаво ва шакли ҷавоб додан низ вобаста аст. Аз ин рӯ, педагог бояд ҷавобҳои иштирокчиёни маҳфилро ба пуррагӣ, дурустӣ ва асоснокӣ назорат кунад. Ҳангоме ки ҷавоб нодуруст аст, педагог набояд дар ин бора сухан гӯяд ва сухангӯйро маломат кунад. Дар ин ҷо чунин саволҳоро гузоштан ба максад мувофиқ аст: «Дар бораи халли ин масъала кӣ андешаи дигар дорад?». ё «Кӣ илова кардан мехоҳад?» ва ғайра. Мазмуну шакли ин гуна саволҳо ба кори фаъоли фикрии иштирокчиён мусоидат мекунад. Танҳо баъд аз ин педагог бояд

ҷавоби дурустро дар сурати асоснок ва мукаммал будани ҷавоб баён намояд ва баръакс, ҳангоми нодуруст ё нопурра будани ҷавоб худаш ҷавоби саҳеҳ диҳад;

- машварат. Яъне, равшани андохтан ба ҳама гуна мафҳумҳо. Мақсади машварат ошкор намудани проблемаҳои ҷойдошта дар мавзуи мушаххас ва ташаккули тасаввури назария оид ба мавзуъ мебошад.

*Шаклҳои гурӯҳӣ:*

- лексия. Лексия воситаи интиқоли маълумот ба шунавандагон ва ба фаъолсозии равандҳои маърифатӣ нигаронида шудааст.

Лекция як шакли таълими психологию педагогие мебошад, ки мохияти як масъалаи муайяни тарбияро ошкор мекунад. Бехтарин лектор худи муаллим-тарбиягар аст, ки шавқу ҳаваси шунавандаро бедор карда, ҳолатҳои тарбиявиро таҳлил карда метавонад [114, с.11].

Хусусиятҳои лексия дар он зоҳир мегарданд, ки ҳангоми баргузории он фаъолияти маърифатӣ то андозае паст мегардад. Чунки лексия алоқаи ҷавобӣ намедиҳад. Яъне, дар раванди он танҳо сухангӯй педагог ба шумор меравад. Вале дар лексия усули омӯзиши мушкилотро низ истифода бурдан мумкин аст. Агар ба таври дигар гӯем педагог метавонад, маводро тавре пешниҳод намояд, ки вай ҳалли худро талаб дорад.

- шабҳои вохӯрӣ ва мавзуӣ. Ба маънои дигар мафҳуми «шабҳои мавзуӣ»-ро дар шароити кунунӣ ҳамчун як навъ амали фароғат ва истироҳат муайян кард, ки дар асоси усули бозӣ, тасвир ва театрикунонӣ мегузаранд.

Таҷрибаи чандинсолаи муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ нишон медиҳанд, ки шабҳои мавзуӣ ҳарқадар гуногунжанр бошанд, ҳамонқадар гурӯҳи ҷавононро ба худ ҷалб месозанд. Аз ҷумла: шабҳои истироҳат, вохӯриҳо бо шахсони наҷиб, озмунҳои гуногун(зеҳнӣ ва варзишӣ), шабҳои шеърхонӣ, оилаи намунавӣ, шаби мусиқӣ, шаби саволу ҷавоб, баҳсҳо, мубоҳисаҳо ва ғайра.

Шоми мавзуӣ ин барномаи мураккаби фарҳангӣ ва фароғатие мебошад, ки метавонад, хусусиятҳои гурӯҳӣ ё оммавӣ дошта бошад, ки ба ифшои мавзуи муайян бо пайдарпаии мантиқӣ бахшида шуда, раванди бадеию тахайюлии он

сарҷамъии ҳамаи иштирокчиёнро дар бар мегирад. Гуногунии шабҳои мавзуӣ ҳамчун барномаҳои фарҳангию фароғатӣ аз рӯйи ҳадаф ва мундариҷаи онҳо муайян карда мешавад. Яъне, онҳо аз рӯйи хислат ба чунин қисматҳо ҷудо мешаванд: бадеӣ ва публитсистӣ, иттилоотию маърифатӣ, иттилоотию фароғатӣ, фароғатӣ ва бозӣ, адабию мусиқӣ, вохӯриҳои эҷодӣ [324].

Раванди гузаронидани самараноки шабҳои мавзуи аз педагог-ташкилотчӣ ва мутасаддии он вобастагии калон дорад. Педагог-ташкилотчиёни шабҳои клубии замонавӣ бояд хусусиятҳои иштирокчиён: маърифат, зеҳн, фарҳанг ва амсоли инҳоро ба назар гиранд. Мавзуи шабнишинӣ ҳаргунае, ки набошад, бояд муҳити солим ва созгор дошта бошад. Натиҷаи барномаи фарҳангию истироҳатии шабҳои мавзӯйӣ бояд раванди истирохатӣ, фароғатӣ ва тарбиявиро дарбар гирифта, шавқу завқу талаботи аъзоёнро конеъ гардонад.

Шабҳои мавзуӣ ҳамчун шакли гурӯҳии ташкили фароғат аҳамияти худро гум накардаанд ва то ҳол дар муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ гузаронидани ҷунин чорабиниҳо баҳри баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳолӣ аз манфиат холӣ нахоҳад буд;

*Шаклҳои оммавӣ:*

- *идҳо ва намоишҳо.* Мафҳуми идро, асосан, бо чизи хурсандӣ, шодмонӣ, фароғат ва озодӣ шабоҳат медиҳанд. Чунин дарки мафҳум ҳам барои ташкилотчиён ва ҳам барои иштирокчиёни идҳо хос аст. Ин гуна чорабиниҳои оммавӣ дар ҷойҳои махсус(ҳавои кушод ё дар толорҳо), ки ба мақсад мувофиқ мебошанд, гузаронида мешаванд. Мақсад аз баргузории чорабинии оммавӣ аз ҷумлаи идҳо ва намоишҳо ин ташкил ва пурмазмун гузаронидани вақти холии ҷавонон, қонеъ гардондани талаботи маънавӣ ва дар ин замина, ба воситаи шаклҳои гуногуни корҳои фарҳангӣ тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ намудани онҳо мебошад. Мундариҷаи бадеии идҳо дар мусиқӣ, сурудҳо, бозиҳо, анъана ва урфу одатҳо таҷассум меёбанд.

Идҳо як падидаи муҳим дар ҳаёти ҷомеа маҳсуб меёбанд ва равандҳои дар ҷомеа баамаломада ба мисли сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ идҳор низ дигаргун мекунанд [136, с.4].

Фарҳангшинос, философ ва адабиётшиноси рус М.М. Бахтин идро ҳамчун «шакли ибтидоии фарҳанги инсонӣ» медонад [268, с.9].

Моҳияти бадеию педагогии идҳо чунин арзёбӣ мегарданд:

- баҳамойии ихтиёрии иштирокчиён ва риояи қоидаҳои шартии фароғату истироҳат;
- интихоби озоди мавзуъ, нақша ва рафтори чорабиниҳои идона;
- шиносоӣ бо ҳунарҳои мардумӣ, расму оин, анъана ва урфу одатҳои миллӣ.

Ҳамин тариқ, идҳо шакли баҳамойии коллективона буда, инъикосгари авзои ҷомеа ва ҳамфикрии иштирокчиёни онҳо мебошанд;

- *консертҳо.* Вазифаи асосии консертҳо ин қонеъ кардани талаботи маънавии тамошобинон мебошад. Дигар вазифаи онҳо ба муҳити фарҳангӣ ворид намудани тамошобинон ва дар ин замина, ташкили дурусти фароғат ва гузаронидани вақти холии аҳолӣ ба шумор меравад.

Дар шароити кунунӣ консерт як ҷузъи ҷудонашавандаи ҳаёт дониста мешавад. Барномаҳои консертӣ ба муносибати идҳои давлатӣ, оммавӣ, рӯзҳои таърихӣ ва ғайра ташкил карда мешаванд. Консертҳо дорои ҷанбаҳои бузурги тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷомеа мебошанд. Консертҳо барои роҳбарони дастаҳои ҳаваскорӣ ва кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ воситаи муассири тарбиявӣ ба шумор рафта, дар ниҳоди иштирокчиён завқи эстетикӣ, эҳсоси муҳаббат ба диёр, Ватан, модарро тақвият мебахшад;

- *намоишҳо ва барномаҳои театрӣ.* Яке аз воситахои самарабахши баланд бардоштани фарҳанги шахс намоишҳои театрӣ мебошад. Шиносоии ҷавонон бо фарҳанги аҷдодӣ, ки тавассути намоишҳои театрӣ сурат мегирад, ба амалӣ ва татбиқи нерӯйи эҷодии онҳо мусоидат мекунад. Дар раванди намоишҳои театрӣ бахшида ба ҷашнҳои муайян, ки аз ҷониби кормандони

муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташкил карда мешаванд, ҳолатҳои муоширати шифоҳӣ ва ташаккули ангезаи дохилии шахс инкишоф меёбанд. Беҳуда нугфтаанд, ки театр оинаи ҳаёт мебошад.

Аз ин рӯ, кормандони муассисаҳои фарҳангӣ бояд на танҳо ташкилкунандагони фароғат ва истироҳати ҷавонон, балки сенариянавис, басаҳнагузоранда ва муаллифи он бошанд [63, с.9].

Тамоми унсурҳои раванди ташаккули фарҳанги муосир дар байни ҷавонон тавассути намоишҳои театрӣ сурат мегиранд. Намоишҳои театрӣ ҷавононро ба фарҳангҳо, анъана ва маросимҳои мардумони гуногун шинос намуда, баҳри баланд бардоштани сатҳи фарҳанги муошират ва арҷгузорӣ ба анъанаҳои миллӣ замина фароҳам меоранд;

- *фестивалҳо.* Фестивал як чорабинии идонаест, ки оммаи одамони дорои манфиат ва ақидаҳои ягона ба ҳам ҷамъ мешаванд. Инчунин, тамошобинони тасодуфӣ низ метавонанд, дар ин чорабинӣ ширкат варзанд. Мақсади гузаронидани фестивал ташкил кардани фазои фароғатӣ ва пайдо кардани ҳамсуҳбати нав мебошад. Дар бисёр ҳолат фестивалҳоро бо идҳо ҳамрадиф медонанд. Аммо ин тавр нест. Дар муқоиса бо идҳо фестивалҳо рӯзҳои муайяни баргузорӣ, мавзуи мушаххас ва шакли ягона надоранд. Фестивалҳоро метавон дар ҳавои кушод ё толори махсус гузаронид. Тавре қайд кардем шакли баргузории фестивалҳо гуногун мебошанд. Масалан, дар фестивалҳои байналмилалӣ метавонанд, иштирокчиён ё навозандагну сарояндагон аз мамлакатҳои гунгун иштирок ва ҳунарнамоӣ кунанд.

Дар санаи 1-уми майи соли 2023 дар Олмон фестивали джаз бо иштироки 140 мусиқачӣ аз тамоми дунё баргузор гардид. Дар ин фестивал ҳаводорон ва мухлисони мусиқии джаз иштирок намуда, аз ҳунарнамоии навозандагону ҳофизон аз наздик шинос гардиданд [58].

Имрӯзҳо дар дурдасттарин гӯшаҳои дунё фестивалҳои гуногун ба мисли: фарҳангӣ, мавзуӣ, варзишӣ, илмӣ, муд ва ғайра баргузор мегарданд.

Фестивали мусиқӣ, асосан, ба мусиқӣ бахшида шудааст. Баромади оммавии навозандагон ва ба намоиш гузоштани маҳорати худ дар кӯчаҳои шаҳр маҳз бо шарофати ҳамин намуд фестивалҳо ба ҳукми анъана даромаданд. Агар лаҳзаҳои рақобат дар фестивал вуҷуд дошта бошанд, пас ин аллакай фестивал-озмуни мусиқӣ шуморида мешавад[259,с.18].

Баъзан фестивалҳои анъанавии халқҳои гуногун дар байни мардумони дунё маъруфият пайдо кардаанд. Мисол, ҷашнвораи ирландии Санкт Патрик, ҷашнвораи рангҳои Ҳолӣ дар Ҳиндустон ва Соли нави Чин мебошад. Ин гуна фестивалҳо таърихи чандинасра дошта, хусусиятҳои хоси этникии халқияти муайянро инъикос мекунанд;

- *гузаронидани озмунҳо.* Ташкил ва баргузории озмунҳо механизми барои ҷомеа зарурист, ки бо ёрии онҳо арзиши бадеӣ, илмӣ, фарҳангӣ, варзишӣ ва аҳамияти фаъолияти мақсадноки инсон муайян карда мешавад. Барои бомуваффақият ташкил ва гузаронидани барномаи озмунҳо на танҳо методологияи ташкил, балки гурӯҳбандии онҳоро аз рӯйи намуд, жанр ва миқёси татбиқи онҳо донистан лозим аст. Озмунҳо барои инкишофи эҷодиёти халқӣ ахамияти калон доранд. Онҳо имконият фароҳам меоранд, то маънавиёти ҷомеа ташаккул ёбад. Озмунҳои байналхалқӣ на танҳо аҳамияти бадеӣ, балки аҳамияти ҷамъиятӣ ҳам доранд. Дар чунин озмунҳо риштаи дустии байни ҷавонон пайдо гардида, фазои мусоид барои рушди арзишҳои миллӣ фароҳам оварда мешаванд;

Хулоса, аз маҳорати касбии мутахассисони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ таъсирбахш ва пурмазмун омода намудани чорабиниҳо бо истифода аз тамоми воситаҳо, шаклҳо ва усулҳои фаъолият, ки дар ҳар як ҳолати мушаххас имкон медиҳанд, ки вазифаҳои дарпешистода ҳал карда шаванд, вобастагии калон дорад. Аз ин рӯ, кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро зарур мебояд, баҳри бедор кардани шавқу завқи ҷавонон ва ҷалби бештари онҳо ба муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ роҳҳои пурсамари

фаъолиятро ҷустуҷу намуда, дар ин замина, аз мадди назар тарбияи маънавӣ-ахлоқии онҳоро низ самаранок ба роҳ монанд.

### 4.3. Технологияи ташкилӣ-педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун омили ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон

Технологияи фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз талаботи замон вобаста аст. Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоот меноманд ва беҳуда нагуфтаанд, касе, ки иттилоот дорад, ҷаҳон дорад.

Дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ иттилоот асоси пешравии ин муассисаҳо ба шумор меравад.

Аксарияти одамон ба он андешаанд, ки технология танҳо бо ихтироот, мошинҳо, нимноқилҳо ва компютерҳо алоқаманд аст. Аммо, дар асл ба ақидаи олимон ва ҷомеашиносон технология воситаи табдил, тағйир додани объект, инчунин, одамон, иттилоот, мавод, маҳсулот ва хидматҳо мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар миёни аксарияти олимон дар бораи маънои истилоҳи технология ягонагӣ вуҷуд надорад. Калимаи «технология» аз калимаҳои юнонии techne – санъату ҳунармандӣ ва logos – таълим гирифта шудааст. Аз ин рӯ, истилоҳи «технологияи педагогӣ» ба маънои таълимот дар бораи санъати педагогӣ ва маҳоратро дорад [301, с.10].

Технологияи фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз рӯйи хусусиятҳои хоси худ ба якчанд намуд ҷудо карда мешавад. Ба мисли, синну солӣ, иҷтимоӣ, миллӣ, динӣ, касбӣ, ҷинсӣ ва фарҳангӣ.

Дар ташкили раванди технологӣ мо бояд хусусиятҳои сатҳи иштирокчиёнро ба назар гирем. Ҳар як раванди технологӣ ҳангоми кор бо қишрҳои гуногуни ҷомеа хусусиятҳои хоси худро дорад. Ҷанбаи ҷинсӣ, яъне мардон ва занонро низ набояд нодида гирифта шаванд. Ҳамин тариқ, ҳангоми ташкил ва гузаронидани чорабиниҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд ҳамаи омилҳои дар боло зикргардида ба эътибор гирифта шаванд, то ки

таъсири тарбия ба иштирокчиён ва ташрифоварандагони муассисаҳои мазкур самаранок ба роҳ монда шавад.

Дар раванди истифодабарии технология ва роҳҳои инноватсионӣ дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин ҷанбаро низ ба мисли ба эътибор гирифтани ҷиҳатҳои саломатии шахс зарур аст. Ҳаёти инсон аз саломатии ӯ вобаста аст. Дар айёми наврасӣ бадани инсон босуръат инкишоф меёбад. Дар муҳити имрӯзаи иҷтимоӣ ба назар чунин мерасад, ки ҷисми наврас нисбати маънавиёти ӯ зуд инкишоф меёбад.

Назорати рушди ҷисмонии насли наврас, асосан ба души оила ва муассисаҳои тиббӣ гузошта шудааст. Дар ҷараёни тадрис муассисаҳои таълимӣ ба ин раванд ва пас аз мактаб муассисаҳои беруназмактабӣ сафарбар карда шудаанд. Вазифаи мактаб дар ин ҳолат аз он иборат аст, ки раванди дарси хонандагонро таъмин намуда, қисман вақти фароғати онҳоро низ ташкил кунанд. Муассисаҳои беруназмактабӣ ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бошанд, барои истироҳати пурраи хонандагон, яъне ташвиқоти корҳои санитарию маърифатӣ, варзишӣ ва фароғатӣ шароитҳо фароҳам меоранд.

Дар раванди зиндагӣ, вақте ки рушди ҷисмонии инсон ба нуқтаи баландтарин мерасад, раванди камолоти бадан ва маънавиёт тавассути низоми муассисаҳои тиббӣ ва фарҳангӣ оғоз меёбад. Аз ин рӯ, барои ташаккули маънавиёт, рафтор, гуфтор ва ахлоқи ҷавонон аз ҳама намудҳои дар ихтиёрдоштаи технологияи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ истифода намудан самаранокии корро тақвият мебахшад.

Ба андешаи муҳаққиқ И.В. Андреева: «Истилоҳи нисбатан нав ва васеъ истифодашавандаи технология чунон бисёрҷанба аст, ки маънои он пайваста дар ҳоли таҳаввулшавандаи дар феҳристи ҷузъҳо – «усулҳо ва шаклҳо», «воситаҳо ва фаъолиятҳо», «равандҳо ва ғояҳо» пароканда мешавад» [21, с.79].

Дар шароити муосир, ки ба мо хатари экологӣ таҳдид карда истодааст, муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ба воситаи чорабиниҳои омодагардидаи худ ҷавононро барои ҳифзу нигоҳдории табиат роҳандозӣ намоянд. Мутаассифона, дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ин мушкилот диққати зарурӣ дода

намешавад. Дар ин раванд, танҳо муассисаҳои таълимӣ ширкат варзида, ҷавононро тарғибу ташвиқ баҳри беҳдошти табиат сафарбар месозанд. Зикр бояд кард, ки омӯзиши ҳифзу нигоҳдории муҳити табиат шахсро дар рӯҳияи муҳаббат ба ватан, минтақа ва маҳали худ тарбия намуда, дар бедор кардани ҳиссиёти эстетикӣ ва маънавӣ саҳм мегузорад. Аз ин рӯ, дастгирии ҳаракатҳо ва ташабусҳои экологии ҷавонон барои ҳифзи муҳити зист дар баробари истифодаи технологияҳои муосири экологӣ муҳим буда, фарҳанги экологии онҳоро баланд мебардорад.

Фарҳанги экологӣ муҳимтарин қисми фарҳанги умумии инсони муосир мебошад, ки дар тамоми ҳаёт ва рафтори маънавӣ ӯ ҳамчун хусусияти хоси дарки арзиши табиат зоҳир мегардад [183, с.13].

Дар шароити рушди иқтисоди бозоргонӣ дониши технологияи соҳибкорӣ ва иқтисодӣ хеле муҳим арзёбӣ мегардад. Барои роҳ ёфтан ба муносибатҳои бозорӣ ва фаъолият намудан дар чунин шароит ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ лозим аст, ки ҳангоми тарҳрезӣ намудани нақшаи корӣ ба ин ҷанба диққати лозимӣ ва бо воситаи чорабиниҳои худ корҳои фаҳмондадиҳиро афзалият диҳанд. Дар солҳои пешин ба ин масъала аҳамияти ҷиддӣ дода намешуд, зеро давлат ва ҳукумат дар бораи ояндаи ҷавонон ғамхорӣ зоҳир менамуд. Яъне, ба ҷавонон ҷои кор ва зиндагии шоиста таъмин карда мешуд. Ҳоло ҳамаи ин дар гузашта аст. Дар шароити кунунӣ ҳар як шахс бояд саъй кунад, ки роҳ ва ҷойгоҳи худро дар ҷомеа пайдо кунад. Бозори меҳнат дар раванди фаъолият аҳамияти ҳалкунанда дорад, яъне оё амалҳо ё кори иҷрокардаи мо дар бозори меҳнат харидор ё истеъмолкунандаи худро пайдо мекунад ё на? Ҷавонон бояд ба ин омода бошанд. Вазифаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ин маврид кумак ба ҷавонон бо истифода аз технологияи соҳибкорӣ мебошад.

Дар технологияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ технологияи ташкили истироҳат ва фароғат мавқеи марказиро ишғол мекунад. Хусусияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар он аст, ки онҳо на танҳо фаъолияти эҷодӣ,

балки истироҳат ва машғулиятҳои ташрифоварандагонро дар вақти холигии онҳо ташкил мекунанд. Моҳият ва афзалияти ин мафҳумҳо хеле бузург аст. Дар ҳолати истироҳат шахс қувваи худро барқарор ва қобилияти эҷодиро баланд мебардорад. Мураккабии ин раванд дар он аст, ки технологияи ташкили истироҳат дар ҳар гурӯҳ ба тариқи хоси худ амалӣ карда мешавад. Агар наврасон фароғати худро бо ҳамсолон ва «амалҳои пурғавғо» гузаронанд, фароғат ва истироҳати ҷавонон тамоман дигар хел, яъне дар муҳити пуртоқатӣ, таҳаммулпазирӣ ва мақсаднок сурат мегирад. Барои ин гурӯҳ (ҷавонон) фароғат ин ҳамсуҳбат шудан бо дустон, сайру гашт рафтан ва ба табиати зинда баромадан ҳисобида мешавад. Чунин манзара нишон медиҳад, ки ҷавонон ба муошират, дӯстӣ, меҳрубонӣ ва изҳори ҳисси муҳаббат кардан таваҷҷуҳи бештар доранд.

Дар шароити кунунӣ на ҳама талаботи ҷавонон пурра қонеъ карда мешаванд. Ҷавонон амалан барои истироҳат вақти холӣ надоранд, зеро онҳо дар истеҳсолот банд мебошанд. Ғайр аз ин, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ танҳо даҳяки эҳтиёҷоти истироҳатии худро иҷро мекунанд, гарчанде ки зиёда аз 50 намуди чорабиниҳои ҷолиб ва шавқовар мавҷуданд[101,с.78].

Технологияи дигари фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ технологияи таълимӣ-тарбиявӣ мебошад. Технологияи таълимӣ-тарбиявӣ чунин ҷузъҳоро дар бар мегирад: фаъолиятҳои эҷодӣ, ҷустуҷӯӣ, иттилоотӣ, бозиҳо, ҳифзи ёдгориҳои фарҳангию таърихӣ ва ғайра.

Дар замони Шуравӣ низоми таълимӣ-тарбиявӣ ва худомӯзӣ ба баландтарин нуқтаи худ расида буд. Технологияи пайвастани иттилоот ба воситаи чорабиниҳои бадеӣ бо мақсади афзоиши таъсири тарбия рушд карда буд. Масалан, маҷаллаҳои шифоҳӣ, композитсияҳои бадеӣ, мусиқӣ, бозиҳои зеҳнӣ ба монанди «Чӣ? Кай? Дар куҷо?» ва маҳфилҳои гуногуни диққатҷалбкунанда рӯйи кор омада буданд.

Бояд гуфт, ки дар ин раванд ҷанбаҳои манфӣ низ ба мушоҳида мерасиданд, яъне истифодаи аз ҳад зиёди ғояҳои он замон, амалҳо ва пойбандӣ

ба қолабҳои дар асл нодаркор ва ба таври дигар гӯем «бозсозӣ» кардани накшаҳои корӣ ва ғайра. Ҳамаи ин омилҳо ба рушд ва ташаккули технологияи таълимӣ-тарбиявӣ таъсири манфӣ расониданд.

Кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, ки таҷрибаи пешқадами солҳои гузашта доштанд, дар ҳолати баамаломада чӣ кор карданд? Ҷавоби ин суол хеле осон аст. Онҳо ҳама шаклҳои кори технологияи таълимӣ-тарбиявиро истисно карда, баъзеи онҳоро ба монанди шабҳои вохӯрӣ бо шахсони наҷиб, шоу-барномаҳо, шабҳои саволу ҷавоб ва вохӯриҳо бо ходимони санъат боқӣ гузоштанду халос.

Дар шароити кунунӣ, яъне дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, ба муҳити муассисаҳои фарҳангӣ таъсири калон расонида шуд. Кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бе пушту паноҳ ва бе дастгирӣ монданд. Маоши гирифтаи онҳо барои пешбурди зиндагӣ намерасид. Аз ин лиҳоз, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз уҳдадориҳо ва вазифаҳои худ дар самти кор бо аҳолӣ ва ташкили дурурсти фароғати ҷавонон баромада наметавонистанд. Ба таври дигар гӯем талаботи фарҳангии табақаҳои гуногуни аҳолиро пурра қонеъ карда наметавонистанд.

Асри соҳибкорӣ, сохтори ҷомеаи навин ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ ба илмҳои идоракунанда афзалият дод. Барои дар чунин шароит фаъолият кардану мавқеъи худро аз даст надодан талабот барои ҷустани роҳҳои нави корӣ ва технологияи идоракунии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ пеш омад.

Дар соҳаи фарҳанг тадриҷан шаклҳои нави идоракунӣ ва менеҷментӣ пайдо шудан гирифтанд. Гузариши пурраи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ин шакл танҳо аз дастгирии давлат ва ҳукумат вобаста аст.

Пас аз дида баромадани намудҳои технологияҳои муҳити иҷтимоӣ-фарҳангӣ, мо ба сохтори технология дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мегузарем. Ба сохтори технология марҳила, раванд, амал, восита, усул, шакл ва принсипҳо дохил мешаванд.

Ба андешаи муҳаққиқ В.С. Зайтсев: «Хусусияти технологияи педагогӣ дар он аст, ки ҳангоми бароҳмонии он бояд раванд мушаххас гардида, ҳадафҳо амалӣ карда шаванд» [106, с.14].

Дар шароити кунунӣ зарурати гирифтани таҳсилот рӯз аз рӯз афзуда истодааст, чунки дар ҷомеае фаъолият мебарем, ки бе доштани таҳсилоти зарурӣ кори мо натиҷа намедиҳад.

Раванди эҷодӣ ин ҷараёнест, ки инсон дунёро ба таври тахайюлоти худ дида, чизи нав меофарад. Дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин раванд бештар дар коллективҳои бадеӣ, техникӣ, дастаҳо, клубҳо, студияҳо ва маҳфилҳо дида мешавад.

Раванди истироҳат - чунин равишест, ки шахс дар ин ҳолат кувваи ҷисмонӣ ва рӯҳии худро барқарор мекунад. Ин раванд ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ мансуб буда, гузаронидани истироҳат аз вақт ва мундариҷаи он вобастааст.

Давра, раванд ва амалиёт дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар асоси принсипҳои муайяни ташкилӣ сохта мешаванд.

Принсипи асосии ташкили фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин таҷрибанокӣ, яъне дар ҳолатҳои лозима аз амалиёт ва методҳои ҷойдошта истифода бурдан мебошад. Тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вақт, қувва ва восита барои ташкили кор номураттаб сарф мешаванд. Ин аз он сабаб аст, ки реҷаи корӣ ба таври зарурӣ тартиб дода нашудааст.

Принсипи дигари ташкили фаъолияти муассиасҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ **мунтазамӣ** мебошад. Агар ин принсип барои муассисаҳои таълимӣ роҳбарӣ ба рафторҳо бошад, пас барои муассисаҳои берун азмактабӣ ва муассиасҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ масъалаи ҳалли худро ноёфта бокӣ мемонад. Онҳо мунтазам фаъолият намекунанд. Чорабиниҳои худро гоҳ-гоҳ мегузаронанд. Ин хусусият бештар дар қасрҳои фарҳангӣ дида мешавад.

Принсипи дигари ташкили фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ **принсипи баробарӣ** маҳсуб мешавад. Зиндагӣ дар назди коркунони

муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ баъзан вақт масъалаҳое мегузорад, ки онҳоро қаблан донистан бисёр мушкил аст. Вақти гузаронидани бархе аз чорабиниҳо гоҳ вақт бо сабабҳаи гуногун ба вақти дигар гузаронида мешаванд. Надоштани воситаҳои техникӣ ҳам дар муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ барои беҳуда сарф кардани вақт монеаҳо ба вуҷуд меоранд, ки ин ба раванди педагогӣ таъсири худро мегузорад.

Ҳамаи камбудиҳои раванди технологӣ дар муассисаҳои иҷтимой-фарҳангӣ, алалхусус ба **принсипи банақшагирии корҳои тарбиявӣ** алоқаманданд.

Банақшагирӣ фаъолиятест, ки ба оянда нигаронида шудааст. Яъне, ояндаро метавон ҳамчун натиҷаи раванде муайян кард, ки пас аз мушаххас кардан ва таҳлили ҳолат ба дигаргуниҳо оварда мерасонад. Новобаста аз он ки мо фаъолиятро банақша мегирем ё не тағйирот рух медиҳад. Вале дар робита ба оянда, банақшагирӣ барои ноил шудан ба тағироте нигаронида шудааст, ки манфиатҳои иловагӣ фароҳам меоранд, оқибатҳои манфӣ ва таъсиротро коҳиш дода, аз рух додани ҳодисаҳои номатлуб нигоҳ медорад [275, с.8].

Дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ва демократикунонии ҷамеа банақшагирӣ озодона ва самтнок сурат мегирад. Ин раванд имкониятҳои коргарони муассиасҳои иҷтимой-фарҳангиро маҳдуд кардааст. Онҳо маҷбуранд нақшаҳои худро мувофиқи муносибатҳои бозорӣ ва имконоти техникӣ тартиб диҳанд. Назоратчии асосӣ барои иҷрои нақша маблағ ва қонун гардидааст. Дар ҳақиқат, дар муассиасҳои давлатӣ-фарҳангӣ фармоишҳои давлатӣ вуҷуд доранд, аммо дар муассиасҳои хусусӣ- фарҳангӣ ин дида намешавад.

Дар ҳамбастагӣ бо ин, дар тарбияи маънавии ҷавонон принсипҳои умумипедагогӣ ва махсуси фаъолияти иҷтимой-фарҳангӣ истифода бурда мешаванд. Масалан, принсипи инсонгарой. Инсонгарой сифати шахс маҳсуб ёфта, маҷмуи хислатҳои ахлоқию равоние мебошанд, ки муносибати бошуурона ва ҳамдилии як шахси алоҳидро дар муносибат ба дигаре ҳамчун арзиши олӣ ифода мекунад. Аз нуқтаи назари инсонпарварӣ ҳадафи олии

таълиму тарбия он аст, ки ҳар як шахс субъекти комилҳуқуқи фаъолият буда, дар бардошти дониш, маърифаткунӣ ва дигар фаъолиятҳо, ки дар асоси қонунҳои ҷорӣ амалӣ карда мешаванд, ҳуқуқ дорад. Яъне, принсипи инсонпарварона имкон медиҳад, ки шахс озоду мустақил ва масъул барои амалҳои худ бошад.

Дар айни замон, принсипи инсонгароӣ муҳимтарин принсипи иҷтимоию педагогӣ ба ҳисоб рафта, танзимкунандаи ҳиссиёти ботинии шахс маҳсуб меёбад. Дар асоси ин принсип тарбия кардани ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳадафи рушди шахс, фаъол гардонидани неруи маърифатӣ, маънавӣ ва ахлоқӣ мебошад.

Инсонгароёна тарбия кардани шахсро метавон ҳамчун бунёди муносибатҳои байни субъектҳои раванди педагогӣ дар асоси эҳтироми ҳамдигар, риояи талаботи маънавӣ ва ахлоқӣ тавсиф кард. Принсипи инсондӯстӣ муқаррар намудани робитаи байни иштирокчиёни ҷараёни тарбия, педагог ва ташрифоварандагони муассисаҳои фарҳангиро муайян мекунад.

Дигар принсипе, ки фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ мавриди истифода қарор дода мешавад, принсипи алоқа бо ҳаёт маҳсуб меёбад. Ин принсип барои ҳамаҷониба инкишоф додани ҷавонон, ки дар ин замина таъмини ягонагии назария ва амалия ба ҳам пайваст мешаванд, ҷиҳати ба ҳаёт ва меҳнати мустақилона тайёр кардани ҷавонон мусоидат мекунад.

Дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ мисолҳо овардан аз ҳаёт ҷараёни ташаккули арзишҳо, ҷаҳонбинӣ ва донишҳоро афзун гардонида, таъсири муассири педагогӣ мебахшанд.

Ҳангоми ба роҳмонии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ мутахассиси муассисаҳои мазкур дар раванди чорабинии мавзуӣ бо тариқи мисолҳо овардан аз ҳаёт диққати ҷавононро ба худ ҷалб карда, ҷараёни барномаро ҷолибу диданӣ мегардонад. Ҷавонон дар баробари иштирокчии фаъоли чорабинӣ гардидан ва аз намунаҳои зиндаи шахсони баруманде, ки рафтору амалҳои онҳо саросар ҷанбаҳои ахлоқӣ

доранд, ҳисси ватандӯстӣ, меҳанпарварӣ, садоқат ба Ватан ва амсоли инҳоро дар онҳо ташаккул медиҳанд.

Баъди дида баромадани принсипҳои тарбиявии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ каме дар бораи технологияи фароғати ҷавонон, ки ин ҷанба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқиро рушд мебахшад, истода мегузарем.

Ҷавонон ҳамчун категорияи демографӣ аҳолиро дар давоми 15-29 солагӣ дар худ таҷассум менамоянд. Дар раванди зиндагӣ намояндагони ин гурӯҳи аҳолӣ якчанд маротиба ҷойи иҷтимоӣ-демографии худро иваз мекунанд.

- то синни 18- солагӣ- хонанда;

- 18- 24- солагӣ- донишҷӯ;

- 25- 29- солагӣ- интихоби касб, тахассус ва таҷриба гирифтан.

Тавре ки муҳаққиқ Т.Н. Бояк дар китоби худ «Сотсиологияи ҷавонон» қайд мекунанд: «Ҷавонон як гурӯҳи иҷтимоӣ-демографӣ буда, дар ҷойивазкунии наслҳо нақши муҳим дошта, дар дигаргунсозии тамоми соҳаҳои ҳаётӣ бевосита иштирок мекунанд. Ояндаи ҷомеа маҳз ба характери фаъолияти ин гурӯҳ вобаста аст» [50, с.7].

Қариб тамоми муваффақиятҳо ва камбудиҳо ба синну соли ҷавонӣ рост меоянд. Олимон ва донишмандон ҷавононро ҳамчун гурӯҳи иҷтимоӣ-демографии ҷомеа муайян мекунанд. Ин гурӯҳ дар асоси маҷмуи тавсифоти хусусиятҳои иҷтимоӣ-психологӣ, ки аз сатҳи иҷтимоӣ- иқтисодӣ ва рушди фарҳангӣ вобаста аст, муайян карда мешаванд.

Ҷавонон бисёр ҳасос, зудфаҳм, ҷисман фаъол ва серҳаракат мебошанд. Ин хусусиятҳо онҳоро ба осонӣ ба ҳамсолон наздик карда, омили муҳими «ташкилкунандаи гурӯҳӣ» мебошанд.

Фароғат барои ҷавонон соҳаи дастрас аст. Он майдончаи зарурии иҷтимоӣ барои фаъолияти муайян мебошад. Ҷавонон, ки ҳанӯз ба дунёи калонсолон ворид нагардидаанд, фароғат барои дарки арзишҳо, рафтор, гуфтор, кирдор, амал ва фаъолнокӣ заминаи мусоид фароҳам меорад. Фароғати ҷавонон дар худ ҷузъиёти истироҳат, варзиш, омӯзиш, хушҳолӣ, эҷодкорӣ, саргарми мушоҳида, тафаккур ва ғояҳоро муттаҳид мекунад. Дар вақти

фароғат вазифаҳои иттилоотӣ, эстетикӣ, ҳиссӣ, маърифатӣ ва фароғатӣ татбиқ мегарданд.

Фарҳанги ҷавонӣ қисми фарҳанги умумии ҷомеа ба шумор меравад. Дар бисёр таҳқиқоти ватанӣ ва хориҷӣ моҳияти баланди фарҳанги ҷавонон махсус таъкид шудааст.

Маврид ба зикр аст, ки дар фарҳанги ҷавонон хурдафарҳанг (субкультура) вуҷуд дорад.

Ба андешаи муҳаққиқ В.Н. Лупандин: «Хурдафарҳанг фарҳанги мушаххаси гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ мебошад. Ба маънои дигар, зерфарҳанг як системаи арзишҳо, муносибатҳо ва услубҳои рафтор аст, ки хоси гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ буда, аз фарҳанги дар ҷомеа побарҷо тафовут дорад» [175, с.145].

Хурдафарҳанг дар худ дониш, мақсад, эътиқод, арзиш, фикру мулоҳиза, ахлоқ, одоб, шавқу ҳавас, лаҳҷа ва рафторро муттаҳид сохтааст.

Хурдафарҳанги ҷавонӣ дорои арзишҳо, анъанаҳо, қоидаҳо, тарзи рафтор, забони махсус ва намуди хоси зоҳирӣ мебошанд. Ҷиҳатҳои фарққунандаи хурдфарҳанги ҷавонӣ «услуб»-ҳо мебошанд. Се ҷиҳати асосии услубро метавон ҷудо кард:

**Имидж** - ҷиҳатҳои фарққунандаи он: бофти махсуси мӯйи сар, зебу зинат, ороиш;

**Тарзи рафтор** - тарзи муоширати ғайрилафзӣ (имову ишора, пантомима, гашт);

**Арго** - луғати махсуси истилоҳоти ғайрилафзии гурӯҳи муайяни иҷтимоӣ-фарҳангӣ (лаҳҷа, шева).

Тавре ки аз таҳқиқот бармеояд хусусияти дигари фарҳанги имрӯзаи ҷавонон афзалияти истеъмол аз болои эҷодкунӣ мебошад.

Тамоюле, ки имрӯзҳо дар байни ҷавонон маъруфият дорад, сурудани РЭП ва рақсидан бо тарзи дастафшонии ғайримаъмулӣ мебошад.

Рок-мусиқӣ ва РЭП дар байни ҷавонон маҳубияти хоса касб кардааст. Ба воситаи он ҷавонон бо матнҳои эҷодгардидаи худ як намуд эътироз ба ҷомеа ва

зиндагӣ баён месозанд. Ин аз як тараф ба ҷавонон писанд бошад ҳам, аз тарафи дигар шахсони калонсол онҳоро мавриди мазаммат ва танқид қарор медиҳанд [282, с.12].

Бояд зикр кард, ки шеваи маҳаллӣ, амал ва рафторҳои хоси як қавм, интихоби ҳамсар ва ғайра намунае аз хурдафарҳанг мебошанд. Дар иҷтимоиёти деҳотӣ, рафторҳои ҳамсоягӣ гуногунии хурдафарҳангҳо дар баъзе мавридҳо кандашавии муносибатҳо дар байни онҳо мегардад.

Хурдафарҳанг ба ҷавонон роҳҳои ҳалли шартии проблемаҳои худро нишон медиҳад. Хурдафарҳанг шароитеро ба вуҷуд меорад, ки дар он ҷавонон худро намояндагони соҳибихтиёр ҳис мекунанд. Хурдафарҳанг барои ҷавонон эҳсосоти доимиро таъмин намуда, ба онҳо арзишҳо ва нақшаҳоро пешниҳод мекунад. Ҷавонон бо ёрии он ҳарчанд хаёлӣ бошанд ҳам, вале проблемаҳои психологии худро ҳал мекунанд. Барои баъзе ҷавонон, маҳз, ҳамин ҷиҳати хурдафарҳанг бештар писанд аст.

Чунин ҷиҳатҳо дар хурдафарҳанги ҷавонон ба чашм мерасад:

*Кӯшиши бо худ будан.* Ба синну соли наврасӣ ҷустуҷӯи имкониятҳои худ ва мақоми худ дар ҷомеа хос аст. Ин қонун ба таҳлили меъёрҳо ва арзишҳо оварда мерасонад.

*Тақлидкорӣ.* Ин хусусият дар давраи аввали наврасӣ пайдо мешавад.

*Ҳисси галлагӣ.* Ин хусусият натанҳо ба ҷавонони хурдафарҳанг, балки ба омма хос аст. Махсусияти ин муҳит дар он аст, ки дар наврасон, ки ақли солим пурра ташаккул наёфтааст, мақсад ва арзишҳо аниқ муайян нашудаанд, арзишҳои гурӯҳӣ ва мақсадҳои он аҳамияти аввалиндараҷа пайдо мекунанд.

*Мавҷудияти ҳарифон, бадхоҳон ва душманон.* Вазъияти мазкур шарти асосии муттаҳидшавии гурӯҳе мебошад, ки мақсади муайянеро надоранд. Озодие, ки тавассути мубориза ва ба мушкилӣ ба даст меояд, азизтар аст. Илова бар ин, мавҷудияти душман шарти зарурии муттаҳидшавии гурӯҳи хурдафарҳанг мебошад. Дар ин раванд гурӯҳ ба «мо» ва «онҳо» ҷудо мешавад.

*Даъвоҳои аз ҳад зиёд.* Барои ҷавонон ҳисси тезӣ ва худнамоӣ хос мебошад. Талабот ба худифодакунӣ, худписандӣ ва муоширят дар байни ҷавонон сабаби

пайдо шудани иттиҳодияҳои ғайрирасмии фароғат гардидааст. Асоси аксарияти гурӯҳҳо ва иттиҳодияҳои ғайрирасмиро муоширати стихиявӣ-гурӯҳӣ ташкил медиҳад.

Агар сабабҳои асосии шомил гардидани ҷавононро ба чунин хурдафарҳанг таҳлил намоем муайян мегардад, ки онҳо на барои пайдо кардани дӯстон ва шиносони нав, балки дуруст дарк накардан аз тарафи оила ва муассисаҳои таълимӣ боиси ба иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ пайвастан мегарданд [272].

Қисме аз ҷавонон, ки ба иттиҳодияҳои ғайрирасмӣ дохил мешаванд самти мусбии фаъолиятро пеша мегиранд. Ин раванд бештар дар иттиҳодияҳои ташаббускорони иҷтимоӣ, ҳаракатҳои экологӣ ва таърихӣ-фарҳангӣ дида мешавад.

Навъи махсуси гурӯҳи ғайрирасмӣ, ки аз ҷиҳати равонӣ эҷодкоранд, вуҷуд доранд. Ба ин гурӯҳ онҳое дохил мешаванд, ки зиндагиашон аз рӯйи мантиқи барои омма дастнорас, фаҳмиданашаванда ва аз фаҳмиши омма фарққунанда ба роҳ монда шудааст.

Агар ҷиҳатҳои равонии чунин ҷавононро дида бароем мебинем, ки онҳо дар асл шӯху зиндадиланд. Шахсе, ки ба эҷодкории ҳақиқии иҷтимоӣ машғул аст, равонаш чандон устувор ва мустаҳкам нест. Ин қабил ҷавонон нисбати оқибатҳои фаъолияти худ бепарво мебошанд. Онҳо ба ҳақ будани худ боварӣ доранд ва дар амалҳои фалокатбор ҳеҷ гуна бадиро намебинанд. Онҳо ба муҳити атроф бодиққат менигаранд. Аксари онҳо ғайриоддӣ ва озодандеш мебошанд. Рафтори ин қабил ҷавонон озод буда, ба майлу хоҳиши онҳо вобастааст. Усули онҳо дар ду ибораи оддӣ равшан зоҳир мегардад: «ҳарчанд ҳама туро барои ақидаҳоят нафрат хонанд ҳам, агар ту худро ҳақ донӣ, аз он даст макаш; ба шахси тавоно, фақат бо сабаби суст буданат ҳаргиз тобеъ машав».

Манзури мо аз баррасии ҷиҳатҳои хурдафарҳанг ва ба мусиқиҳои ҳозиразамон рӯй овардани ҷавонон ошкор кардани ҷанбаҳои фаъолияти онҳо дар шароити имрӯза мебошад. Вале, бояд зикр кард, ки дар тарзи ҳаёти мо

тоҷикон чунин шаклҳои фаъолият натиҷаи дилхоҳ надода, зарари маънавӣ-ахлоқии худро мегузоранд.

Ташкили тарбияи самараноки иҷтимоии ҷавонон танҳо ҳамон вақт имконпазир мегардад, ки агар педагоги иҷтимоӣ ё ташкилотчии фароғат дар фаъолияти худ омилҳо ва нерӯҳои рушди шахсро бомаҳорат истифода барад. Асоси муносибати навро дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон консепсияи ташаккули шахс ва қонеъгардонии талаботи он ташкил медиҳад.

Педагог ҳамеша ба фаъолияти фаннӣ, ки барои ӯ воситаи муҳими тарбия мебошад, такя дорад. Чунки кори ӯ дар фаъолияти илмӣ асоснокшуда мебошад ва ба ташаккули шахс равона карда шудааст.

Мундариҷаи раванди технологияи фароғат аз ҳамкории гурӯҳҳои гуногуни ҷавонон, иштирокчиён, ташкилотчиён ва ҷиҳатҳои таълиму тарбия иборат мебошад. Зеро, ин ё он проблемаро бе иттилооти аниқу мукаммал, бе аз худкунии ин ё он таҷрибаи рафтор, идоракунӣ, малака ва муоширати дуруст ҳал кардан имконопазир аст.

Муваффақияти педагог-ташкилотчии фароғат аз бисёр ҷиҳат аз дараҷаи дониши ӯ дар соҳаи лоиҳакашии технологияи иҷтимоӣ- фарҳангӣ вобастааст.

Моҳияти технологияи соҳаи фарҳангро дар бисёр мавридҳо даст кашидан аз анъанаҳо ва услубҳои умумии қабулшуда, мазмунӣ, методӣ ва иваз кардани онҳо бо принсипҳои алтернативӣ ташкил медиҳад. Дар зери мафҳуми технологияи инноватсионӣ ё худ фарҳанги инноватсионӣ ташкили фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ алоқаи байниҳамдигарии анъана ва навоварӣ фаҳмида мешавад.

Ба андешаи педагог С.А. Меленкина: «Фарҳанги инноватсионӣ инъикоскунандаи иқтидори таълимӣ, илмӣ, техникӣ, физиологӣ, инчунин омодагии шахс ё корхона барои эҷод ва азхудкунии навовариҳо барои таъмини рақобатпазирӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ мебошад»[121,с.274].

Аз нуқтаи назари педагогика фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ на он аст, ки ҳар як фардро бо маҷмуи машғулиятҳои гуногун таъмин кардан, балки ӯро ба шуғли дӯстдоштааш банд намудан, ҷиҳатҳои шахсияти ӯро, яъне тафаккур,

маънавиёт, ҳисси зебоиписандӣ ва ахлоқро рушд бахшидан мебошад. Тамоми корҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд ба низоми чорабиниҳое, ки натанҳо талаботро ба истироҳат ё иттилооти нав қонеъ мегардонанд, балки қобилиятҳои шахсро рушд мебахшад, такя дошта бошад. Пас, фарҳанг боис мегардад, ки шахс дар ин замина рушд карда, арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ӯ низ ташаккул ёбанд.

Тарзи аз ҳама муҳимтарини вақтгузаронӣ-эҷодкорӣ, ки ба офаридани арзишҳои фарҳангӣ равона карда шудааст, сол то сол қувваи тоза пайдо мекунад. Барои рушди маънавӣ-ахлоқии ҷавонон имрӯзҳо тамоми шароитҳо муҳайё мебошанд. Имконияти эҷодкорӣ барои ҳама дастрасанд. Ба шаклҳои ташкили фарҳангӣ-фароғатӣ чунин навъҳо дохил мешаванд:

- навъҳои гуногунии хоббӣ;
- клубҳо аз рӯйи шавқу ҳавас;
- иттиҳодияҳои ҳаваскорон;
- клубҳои хонаводагӣ;
- маҳфилҳои эҷодӣ, бадеӣ ва техникӣ;
- кафе-интернет;
- қаҳвахона- клубҳои ҷавонон.

Иттиҳодияҳои ҳаваскорон дорои сифатҳои ташкилӣ ва худидоракунӣ мебошанд. Онҳо яке аз шаклҳои махсуси иҷтимоисозии шахс ба ҳисоб меравaнд.

Бояд зикр кард, ки фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ба ҷавонони муосир имконият медиҳад, ки бисёр ҷиҳатҳои шахсияти худ, малака ва истеъдодашонро рушд бахшанд. Барои ин зарур аст, ки ҷавонон ба фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ аз мавқеи вазифаҳои ҳастиаш, яъне ҳамаҷониба инкишоф додани қобилияти ташаккули бошууронаи худ наздик шаванд.

Шароити тарбияи иҷтимоӣ-фарҳангии ҷавонон нонурра мебуд, агар проблемаҳои фарҳанг дар хориҷи мамлакатро нодидагирӣ мекардем. Барои мисол ба таҷрибаи яке аз давлатҳои пешқадами Ғарб - Фаронса назар меафканем.

Иштироки ҷавонони фаронсавиро дар навъҳои гуногуни чорабиниҳои фарҳангӣ ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст:

Гурӯҳи аввал: тамошои дастаҷамъии филмҳо, дискотекаҳо, боғҳои фарҳангӣ ва истироҳатӣ, мусобиқаҳо ва ғайра.

Гурӯҳи дуюм. Онҳо баръакси гурӯҳи аввал мебошанд. Онҳо бештар ба консертҳои классикӣ ва мусиқии ҷазӣ, спектаклҳои рақсӣ (балет) ва operaвӣ иштирок мекунанд. Ин навъи тамошо чандон васеъ паҳн нашудааст.

Гурӯҳи сеюм- мобайнӣ- аз се як нафар намояндагони ҷавонон ба тамошои театр, осорхона ва ёдгориҳо мебароянд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки шавқу ҳавас ба ин ё он фаъолияти фарҳангӣ ба дараҷаи муайян аз синну сол, ҷинс, ҷойи зист ва ғайра вобастааст. Масалан, тамошои шоу-барномаҳои рақсии ҳозиразамон ба духтарон нисбат ба писарон ду маротиба писандтар аст. Мардҳо бошанд, ба тамошои косертҳои ҷазӣ бештар майл доранд [206].

Дар як қатор мамолики мутараққии дунё (Шветсария, Олмон, Фаронса) касби нав - аниматори иҷтимоӣ-фарҳангӣ пайдо шудааст, ки он аз ҷӯяндагии доимии навъҳои тозаи фаъолияти фарҳангӣ шаҳодат медиҳад [325]. Яке аз ҷиҳатҳои муҳими ин касби нав самти фарҳангӣ-педагогӣ доштани он мебошад. Дар ин ҷо фарҳанг натанҳо воситаи хушҳолӣ ва саргармӣ, балки воситаи рушди маънавӣ ва ҷисмонӣ аён мегардад. Мисоли равшани аниматори иҷтимоӣ-фарҳангиро дар фаъолияти як қатор театрҳои мустақили Фаронса аниқтараш дар театрҳои кӯчагӣ дидан мумкин аст. Ин театрҳо бо намоишномаҳои анъанавӣ маҳдуд нашуда, шаклҳои нави корро бо тамошобинон истифода мебаранд. Ҳодисаҳое низ вомехӯранд, ки сокинони маҳал ё ҳунармандони гурӯҳои ҳаваскор муаллифи сенарияи намоишномаҳои театрие, ки характери ҳуҷҷатӣ доранд, мегарданд. Аҳолии маҳал барои иштирок дар саҳнаҳои умумӣ даъват карда мешаванд. Ҳоҳишмандон метавонанд, бо техникаи театрӣ шинос шаванд. Ҳамаи ин имконият медиҳад, ки тамошобин на фақат барои дарки мазмуни намоишнома омода гарданд, балки худро ҳамчун яке аз эҷодкорони спектакл шуморанд.

Ҳамкории озодонаи театр бо мардум ҳамчун қоида аҳаммияти калони бадеӣ-зебоиписандӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорад.

Бо вуҷуди ин қадар ҷиҳатҳои мусбат дар соҳаи фарҳанги ҷавонони Ғарб бояд гуфт, ки проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ то ҳол ҳалли худро ба қадри кофӣ наёфтааст. Тиҷоратикунонии соҳаи фарҳанг ва кӯшишҳои ба даст овардани манфиати зиёд фароғати ҷавононро танҳо дар доираи саргармӣ маҳдуд кардааст. Ҷорӣ гардидани усулҳои мазкур сабаби асосии ба соҳаҳои фарҳанг ва тарбия пайдо шудани ҳодисаҳои нохуш гардидааст.

Тарғиботчиён ва ташкилкунандагони чорабиниҳои фарҳангӣ аксар вақт манфиатҳои молии худро боло гузошта, ба сифати он аҳамият намедиҳанд. Масалан, дар дискотекаҳои ҷавонон ва шабҳои консертӣ паҳн намудани маводи мухаддир аз як тараф агар ба савдогарони он фоидаҳои зиёд орад, аз тарафи дигар ба истеъмолкунандагони он ва атрофиён зарари калон мерасонад. Васфи зӯроварӣ, ки дар асарҳои санъат, махсусан, дар филмҳо ва телевизион тарғиб карда мешаванд, ба ҳиссиёти ҷавонон таъсири манфӣ мерасонанд ва ба паст гардидани арзишҳои маънавӣ-ахлоқии онҳо оварда мерасонанд. Дар натиҷа, зӯрӣ барои қисми намояндагони ҷавонон, ҳамчун меъёри зиндагӣ табдил меёбад.

Ҳамин тариқ, аз таҳлилҳо бармеояд, ки ба роҳ мондани технологияи педагогии фаъолият дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши муҳим дорад. Тарбияи маънавӣ-ахлоқиро ҳанӯз аз давраҳои ҷавонӣ ба роҳ мондан самараи дилхоҳ медиҳад. Чунки ин давра барои ҳар як инсон давраи тақдирсоз ва ҳалкунанда ба шумор рафта, асосҳои маънавӣ-ахлоқӣ, меъёрҳои ҷамъиятӣ, тарзи муносибат ба худ ва дигарон инкишоф меёбанд. Дар ин синну сол хислатҳо, рафтор ва гуфтор ташаккул ёфта, устувор мегарданд.

Барои ҷавонон машғул гардидан ба шуғли дӯстдошта ва фароғату истироҳат як ҷузъи бузурги рушди шахсияти онҳо мебошад. Барои ташаккули шахсияти ҷавонон майлу рағбат ва машғул шудан ба шуғли писандида асоси рушди ҳамаҷониба гардида, бо туфайли он рафтор, қобилиятҳои инфиродӣ ва

эҷодӣ равиши тозаро касб мекунанд. Аз ин рӯ, муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ҷавононро дар ин айём аз мадди назар дур насохта чорабиниҳоро тибқи талаботи онҳо дар асоси технологияи фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ба роҳ монанд.

## Хулосаи боби 4

Ҳамин тариқ, боиси тазаккур аст, ки технологияи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ ин маҷмуи махсуси шаклҳо, усулҳо, роҳҳо, методҳо ва воситаҳои тарбияи маънавию ахлоқӣ дар асоси муносибатҳои психологию педагогии раванди ташаккули сифатҳо ва арзишҳои ҷавонон истифода мешаванд, мебошад.

Тағйироти ҳаррӯзаи иттилоот, сиёсати хориҷии мамлакатҳои қудратманд ва беқурб шудани арзишҳои маънавӣ-ахлоқии замони имрӯза ба тафаккури аксарияти табақаҳои иҷтимоӣ, бахусус ҷавонони муосир таъсири манфӣ расонидааст. Дар замони имрӯзаи босуръат рушдёбанда, ки аксарияти одамон барои ҳамдардӣ ба мушкилоти дигарон эътибор намедиҳанд, масъалаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ боз ҳам муҳимтар арзёбӣ мегардад. Аз ин рӯ, вожаҳо ба монанди шафқат, ғамхорӣ, ҳамдардӣ, ёрии ҳамдигарӣ, дилсӯзӣ, эҳтироми калонсол ва амсоли инҳо аҳаммияти калон пайдо мекунанд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ин ташаккули мақсадноки шуури ахлоқӣ, эҳсос ва малакаю одатҳои рафтори ахлоқӣ мебошад. Бояд қайд кард, ки ҷавонон ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳамчун калонсолон, аксар вакт одамони аз ҷиҳати ахлоқӣ комил ташаккулёфта ворид мегарданд. Ҳар яки онҳо зери таъсири оила, муассисаҳои таълимӣ, муҳит, эътиқод ва хислатҳои аллакай ба худ хосро касб кардаанд.

Ҷавонони муосир аз овони хурдсолӣ зери таъсири тавонои расонаҳо, олами фарҳангу санъат, сомонаҳои иҷтимоӣ ва интернетӣ қарор доранд. Аз ин рӯ, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангиро мебояд фаъолияти худро на танҳо дар

шакли озмунҳо, вохӯриҳо, шабҳои эҷодӣ ва чорабиниҳои фароғатӣ гузаронанд, балки барои ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ, мавқеи устувори шаҳрвандӣ нигоҳ ва диққати худро низ равона созанд. Шаҳрванди асил шахсияте мебошад, ки манфиатҳои тамоми ҷомеаро ба эътибор гирифта, фаъолияти худро тибқи талаботи замон роҳандозӣ месозад.

Арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, асосан, тавассути таъсир ба шуур ташаккул ёфта, дар ин замина, рафторҳои зоҳирӣ, муносибати онҳо ба муҳити табиат ва шахсони дигар дар асоси самтҳои арзишманди фардӣ таҷассум мегарданд.

Тавре ки дар ин боб гуфта шудааст, роҳҳо, методҳо ва воситаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон гуногун ҳам бошанд, бояд педагог-ташкилотчии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баҳри ба даст овардани натиҷаҳои назаррас аз тамоми роҳҳои дар ихтиёр дошта истифода барад.

Бояд хулоса кард, ки хонаҳо ва қасрҳои фарҳангӣ дорои иқтидори бузурги воситаҳои таъсири тарбиявӣ-эмотсионалӣ ба аҳолӣ, махсусан, ба ҷавонон мебошанд. Ба педагог-ташкилотчии муассисаҳои мазкур на ҳама вақт даст медиҳад, ки аз воситаҳои ифодакунанда ба монанди: воситаҳои чопӣ, ахборотӣ-аёнӣ, бадеӣ ва радиову телевизион истифода барад. Воситаҳои номбурда таъсири бузург ва имконоти калон баҳри ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро доро мебошанд.

Дар тамоми давраҳои ҳаётии инсон арзишҳо, анъанаҳо, меъёрҳо ва қоидаҳои рафтор ташаккул меёбанд. Маҳз, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар марҳилаҳои гуногуни ҳаётӣ ба шахс барои аз худ кардани асосҳои дурусти ахлоқӣ, муносибатҳои ҷамъиятӣ, тарзи дурусти рафтору гуфтор нисбат ба одамони дигар ва ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ кумак мерасонанд. Ҳар қадаре, ки чорабиниҳои омодагардида дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ таъсири бузурги тарбиявӣ дошта бошад, ҳамон қадар шахс меъёрҳои рафтор, гуфтор, кирдорро дар ҷомеа бештар аз худ мекунад.

Муҳим он аст, ки чорабиниҳои ташкилкардаи мо пайгири ҷанбаҳои меҳру муҳаббат, шафқат, якдилӣ, ғамхорӣ нисбат ба якдигар, кумак кардани атрофиён дар вақтҳои лозимӣ ва амсоли инҳоро бошад. Агар хислати чорабинӣ дар худ меҳру муҳаббат дошта бошад, тамошобин аз он эҳсосот саршор гардада, мисли шуои офтоб ба атрофиён нур мепошад. Яъне, ин ҳолат шахсро аз андешаҳои манфӣ дур сохта, ӯро ба роҳи созандагӣ, ободкорӣ, некбинӣ ва ба корҳои хайру сахо роҳандозӣ менамояд.

Тавре дар боби чорум қайд шудааст, барои ба даст овардани натиҷаҳои назаррас дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон истифода бурдан аз тамоми имконоти мавҷудаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, восита, шакл ва методҳои онҳо зарур мебошад. Технологияи педагогии тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба тарз, хусусиятҳои хоси худ ва шаклҳои инноватсионӣ бояд сурат бигирад.

Ҳамин тариқ, барои самаранок ташкил кардани фароғату истироҳати ҷавонон, пеш аз ҳама, раванди чорабиниҳоро арзишманд ва судманд намудан лозим аст. Истифодаи ҳамагуна воситаҳою усулҳо барои ҷолибу дидани кардани намошномаҳои фарҳангӣ ва дар ин замина, ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аз манфиат холӣ нест. Чорабиниҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд дар шахс ҳисси худогоҳию ғурури миллӣ, якдилӣ, ватандӯстӣ, якдигарфаҳмӣ ва амсоли инҳоро таҷассум намоянд. Ба маънои дигар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тарғибгари тарзи ҳаёти солим, арзишҳо, анъанаҳо, урфу одатҳои мардумӣ бошанд. Ин масъала дар муддати кутоҳ ҳалли худро ёфта наметавонад. Аммо агар хохем, ки миллат ва ҷомеаи мо солимфикру солимақл бошад, пас ба ин масъала таваҷҷуҳи бештар додан лозим аст.

## Боби 5. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

### 5.1. Мукаммалсозии раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми беандоза доранд ва он душвориҳое, ки дар соҳаи таълиму тарбия пайдо мешаванд, ин муассисаҳоро бетараф гузошта наметавонанд. Вазифаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар замони муосир ин тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи озодандешӣ, меҳанпарастӣ ва эҷодкорӣ мебошад.

Ҳанӯз Арасту дар замони худ чунин ақида дошт, ки дар раванди тарбия 3 қоидаро бояд риоя кард:

- мавқеи миёнаро интихоб намудан; на аз ҳад зиёд сахтгир будан ва на аз ҳадди эътидол нарм рафтор кардан;
- имконотро ба инобат гирифтан;
- арзишҳоро эҳтиром намудан [101, с.152].

Ҷомеаи муосири демократие, ки имрӯз мо интихоб намудаем, назди ҳар шаҳрванд чунин вазифаҳо мегузорад:

- шахси озод бо дарки баланди эҳсоси худшиносии шаҳрвандӣ, хушахлоқ ва ҳақнигарӣ;

-инсонпарвар, инсондӯст, шафиқ, меҳрубон, ғамхор, таҳаммулпазир, хушмуомила ва дарки эҳтироми арзишҳои фарҳангӣ;

- бомаърифат, яъне ҷидду ҷаҳд барои арзишҳо, зебоиписандӣ, хушгуфторӣ, фарҳангшинос;

- эҷодкор. Яъне, такмили қобилият, фаҳмиш, дониш, тавоноӣ ва тақвият бахшидан ба ҳиссиёти эҷодкорӣ.

- кордон.

Бо тағйир ёфтани вазъи иҷтимоӣ-сиёсӣ дар мамлакат маънавиёт ва ахлоқ ҳам дигаргун мешаванд. Дар бораи фаҳмиши «маънавиёт ва ахлоқ» инро бояд қайд кард, ки вожаҳои мазкур дар 10-15 соли охир моҳияти худро баръало нишон дода, яке аз муҳимтарин сифатҳои инсонӣ ба шумор мераванд.

Дар бораи моҳияти маънавиёт дар ҳаёти инсон нависанда ва мутафаккир Л.Н. Толстой дар асарҳои худ борҳо нигошта аст. Вай қувваи маънавиётро ба мисли қувваи тафаккур шабеҳ дода, гуфтааст, ки: «…ин қувва бояд ба созандагӣ, меҳрубонӣ ва раҳму шафқат равона карда шавад» [330].

Ҳалли проблемаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ имрӯзҳо бениҳоят мушкил мебошад, чунки ин проблема аз нуқтаи назари нигоҳҳои имрӯза, ҳақиқати муосири иҷтимоӣ, психологӣ ва педагогӣ ба дараҷаи лозима коркард нашудааст.

Мушкилии дигари ин масъала боз дар он аст, ки ба шахс аз ҳар тараф таъсирҳои гуногун ба воситаи радио, телевизиор, интернет ва дигар воситаҳои ахбори умум расонида мешавад.

Ба мо бараъло равшан аст, ки ҷавонон дар марҳалаи муосир «буҳрони маънавӣ»-ро аз сар гузаронида истодаанд.

Маънавиёт ва ахлоқ таҳкурсии муҳими хислатҳои шахсият ба ҳисоб меравconfigured. Маънавиёт ба он муайян мешавад, ки шахс чӣ тавр ба мақсадҳои худ талош меварзад, хислати фаҳмиши муқаддасотро дарк мекунад ё на. Ахлоқ бошад таҷассумгари принсипҳои умумӣ ва меъёрҳои рафтори одамон дар муносибат бо якдигар ва дар ҷомеа мебошад. Дар ҳамбастагӣ ин сифатҳо асоси шахсиятро ташкил медиҳанд.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар ҳамаи давру замон дар зери диққати олимон, нависандагон, шоирон ва умуман аҳли фарҳанг қарор дошт. Ин проблема рӯз аз рӯз муҳимияти худро аён карда, масъалаи асосии ҳалли худро ноёфта боқӣ монда аст.

Тавре ки файласуфи қадим Ф. Бэкон мегӯяд: «Одат ҳамон вақт қавитар мегардад, агар дар ҷавонӣ оғоз ёбад. Тарбияро низ дар синни хурдсолӣ ба роҳ мондан зарур аст. Зеро, ҳар он чизе, ки дар синнӣ ҷавонӣ аз худ карда мешавад, зина ва таҳкурсӣ барои корҳои оянда маҳсуб меёбад[37].

Шиддати иттилоот омили табиии ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад. Хушахлоқ будан, ғарқ ва аз худ бегона нашудан дар ин раванд вазифаи асосии

мутахассисони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баҳри ҷавонон ба шумор меравад.

Пурсишҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки ҳар волидайн мехоҳад фарзанди худро бофарҳанг, пешрафта, соҳибмаълумот, доно, ғамхор, ростгӯ ва дар пирӣ мададгори худ тарбия кунад. Барои ин зарур аст, ки ҷавононро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, оиладӯстӣ, шахси кордон ва солим тарбия намуд. Мундариҷаи кори тарбияи ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бисёрҷанба ва гуногун буда, яке аз ин шохаҳо **тарбияи фарҳангӣ- сиёсии** ҷавонон аст. Хотирнишон бояд сохт, ки дар Консепсияи милии тарбия 18 унсур нишондод карда шудааст ва ҳар як унсури он дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таври шоиста амалӣ карда мешавад.

Бояд қайд кард, ки ҷавонон ба корҳои сиёсӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, бо шавқи зиёд дар корҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ширкат меварзанд. Мусаллам аст, ки тарбияи шаҳрвандиро на ба таври зӯроварӣ ё таҳмил додани ақидаҳои сиёсии худ, балки бештар дар вақтҳои фароғат роҳандозӣ бояд кард. Таърих гувоҳ аст, ки зӯроварӣ ва таҳвил кардани фикрҳои сиёсии баъзе аз роҳбарони замони пешин ба чӣ оварда расонид. Бюрократизатсия, «коғазбозиҳо»-и бемаънӣ, ришваситонӣ дар ҳамаи сохторҳои ҷомеа дида мешуд ва ин тарзи корӣ муассисаҳои фарҳангро ҳам фаро гирифта буд.

Наврасон ва ҷавононро дар рӯҳияи ватандӯстӣ бояд тарбия кард, то ҷонфидои ватану меҳан буда, аз корномаи фарзандони баруманди миллати худ ифтихор намоянд. Дар онҳо чунин сифатҳоеро тарбия намуд, ки дар оянда дар ҷомеа мавқеъ пайдо намуда, аз қобилиятҳои эҷодии худ истифода бурда тавонанд.

Дар робита бо ин педагоги рус К.Д. Ушинский гуфта буд: «Вазифаи тарбия ин бедор кардани диққат ба ҳаёти маънавӣ мебошад... Агар тарбиятгирандаи мо бисёр доно бошад, вале ба чизҳои оддӣ аҳамият надиҳад, агар ӯ фаъол бошад, вале диққат ба маънавиёт ва зебоӣ надиҳад, пас шумо ба ҳадафи худ, яъне тарбия ноил нагаштаед» [344].

Дар замони Шуравӣ дар баробари таълими низоми давлатӣ боз як қатор

ҷамъиятҳо ва созмонҳо ба мисли: октябрят, пионер, комсомол, иттифоқи касаба ва ҳизби коммунистӣ амал мекарданд. Ин низом дар замони Ҷанги Бузурги Ватанӣ бартарии худро бо корнамоиҳои бемисли мардуми Шуравӣ, алалхусус ҷавонон нишон дода буд. Ҳама аҳли ҷомеа, пиру барно дар руҳияи ватандӯстӣ ва башардӯстӣ тарбия гирифта буданд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ низоми тарбияи ватандӯстиву башардӯстӣ аз байн рафта, раванд ва ғояҳои таълиму тарбия билкул тағйир ёфтанд. Дар замони Иттиҳоди Шуравӣ иду ҷашнҳое таҷлил мешуданд, ки шахсро дар рӯҳияи инсонгароӣ, ватандӯстиву ватанпарварӣ тарбия мекарданд. Имрӯз муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ки ташаккулёбии худро дар ин самт мувофиқи матлаб тағйир диҳанд. Яъне, таҷрибаи даврони Иттиҳоди Шуравиро таҳлил ва ба замони муосир мутобиқ намуда, дастраси омма гардонанд.

Шакли дигари тарбия дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин **тарбияи шаҳрвандӣ** мебошад. Мундариҷаи тарбияи шаҳрвандӣ чунин хислатҳоро дар бар мегирад: инсонгароӣ, меҳрубонӣ, ғамхорӣ, хештаншиносӣ ва ғайра.

Тавре ишора кардам баъди солҳои 90-уми асри гузашта низоми таълиму тарбия каме коста шуда, ғояҳои асосии таълиму тарбия, ки ҷавононро дар рӯҳияи созандагию ободкорӣ, меҳрубонию раҳму шавқат, адолатпешагию таҳаммулпазирӣ, ростқавлию поквиҷдонӣ ва дигар сифатҳои ҳамидаи инсонӣ тарбия мекарданд, аз байн рафтанд. Фаъолияти созмонҳои талабагӣ қатъ гардида, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ намедонистанд ҷавононро дар кадом рӯҳия тарбия созанд.

Хушбахтона, ин низоми созмонҳо имрӯз дар шакли дигар ба мисли «Ахтарон», «Ворисони Сомониён» ва «Сомониён» амал мекунанд, ки ҳадафи асосии онҳо тарбияи ватандӯстии наврасону ҷавонон ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ мебошад.

Барои ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин намоишномаҳое бояд таҳия кард, ки дар онҳо ҳисси инсонгароӣ, ғамхорӣ ва донистани ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ таҷассум ёфта бошад. Ба чунин чорабиниҳо

Рӯзи Ваҳдати миллӣ, Истиклолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи интихоби Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷашни Наврӯз, Меҳргон, Сада ва ғайра дохил мешаванд.

Масъалаи дигаре, ки моро ба ташвиш меорад, масъалаи тарғиби расму русум ва тарзи либоспӯшии мардуми ғайр аст, ки ин бешак ба тарбияи шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Дар инҷо саволе ба миён меояд, ки аз куҷо медонем ин ё он амалу рафтори мо ғайрифарҳанг доништа мешавад.

Доир ба ин масъала муҳаққиқ Нархова Е.Н. дар китоби худ бо номи «Фарҳанги иҷтимоӣ» равшанӣ андохта, чунин қайд кардааст: «Фарҳанги ҳар як ҷомеа ҷудогона ва бо тарзу хусусиятҳои худ аз дигар фарҳангҳо тафовут дорад. Ин ягонагӣ дар тарзи либоспӯшӣ, одат, меъёрҳои рафтор, гуфтор, хӯрок, арзишҳо ва тарзи зиндагӣ таҷассум меёбад» [220, с.42].

Имрӯз ҷомеаи мо ба фарҳанги мардумони дигар сахт таваҷҷуҳ кардааст. Сар карда аз сару либос, суруду мусиқӣ то хурду хурок. Аммо аҷобат ин аст, ки он чи мо дорему соҳиб ҳастем, қадраш намекунем. Балки барои мо пӯшидани сару либоси ғайр беҳтар менамояд ва аз либоси миллии хоси фарҳанги тоҷикӣ дида, либосҳои аврупоиву эрониро тарҷеҳ медиҳем.

Бархе аз ҷавонони ҷумҳурӣ тарзи либоспӯшии давлатҳои ғайрро ҳамчун муд қабул карда, ба қавли онҳо бо пӯшидани чунин либосҳо худро ҳамқадами замона меҳисобанд.

Ба андешаи муҳаққиқ М.Ғ. Шарифов: «Суннат ва анъанаҳои неки мардумӣ яке аз дастовардҳои маънавии миллати мо ба шумор рафта, воқеан барои рушду камоли насли ҷавон, хизмати беандоза судманд менамояд. Аз ин ҷост, ки ҳар халқу миллат маҳз тавассути суннат ва анъанаҳои пешқадамаш дар тамаддуни башар шинохта мешавад»[380,с.221].

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ин масъала ба воситаи чорабиниҳо фарҳангӣ-равшаннамоӣ  корҳои тарғиботӣ дар байни ҷавонон гузаронида, муҳимияти ин равандро ба онҳо бояд баррасӣ намоянд.

Намуди дигари тарбия, ки дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дида мешавад **тарбияи меҳнатӣ** мебошад. Муассисаҳои фарҳангиро мебояд

корро дар ин самт ҷоннок кунанд. Ҷавонони имрӯза ба корҳои ҷисмонӣ майл надоранд. Онҳо роҳи осони даромадро дар тиҷорат ва савдо мебинанд. Дар ин ҳолат сафи бекорӣ дар байни ҷавонон зиёд гарда, майли онҳо ба нашъамандӣ, майнӯшӣ, ғоратгарӣ ва даст задан ба корҳои ношоям меафзояд. Ин ҳолат давлату ҷомеаро ба ташвиш оварда, роҳҳои ногузири ҳалли масъаларо ба миён мегузорад. Аз ин лиҳоз, тарбияи меҳнатдӯстӣ яке аз масъалаҳои муҳим ва раҳои аз ин буҳрон маҳсуб меёбад.

Меҳнат раванди мақсадноки эҷодӣ, ҷисмонию фикрие мебошад, ки барои қонеъ кардани талаботи моддию маънавии шахс нигаронида шудааст.

Танҳо дар раванди меҳнат талабот ба муошират пайдо гардида, муносибати иҷтимоӣ-равонӣ, таъсири кории байни одамон, ба якдигар ѐрӣ расонидан, тартибот ва рафтору амал ба танзим медарояд. Агар муносибати меҳнатӣ, аз як тараф, шахсро дар ҷомеа муаррифӣ созад ҳам, аз тарафи дигар, барои аз худ кардан ва риояи меъѐрҳои рафтор замина фароҳам меорад [254, с.19].

Меҳнат воситаи муҳими тарбия ба шумор рафта, барои ташаккули шахс, иҷтимоикунонӣ ва ба ҳаёти  коллективӣ ворид намудани ӯ нақши калидӣ мебозад. Тарбияи меҳнатӣ асосан аз ташаккули ғояҳои аввалин дар бораи вазифаҳои меҳнатӣ аз оила ва мактаб оғоз мегардад.

Асосан максад ва вазифаи тарбияи меҳнатӣ ин инкишоф додани мушакҳои дасту чашм, шиносоӣ пайдо кардан бо хосиятҳои материалҳо ва асбобҳои гуногун мебошад [110].

Дар ниҳоди ҷавонон ҳисси меҳнат карданро ҳанӯз дар овони хурдӣ ҷой намудан лозим аст. Моҳият ва судмандии меҳнатро ба онҳо омӯзонидан вазифаи аввалиндараҷаи педагог ба шумор меравад.

Тарбияи меҳнатӣ ин раванди ташкили ҳавасмандгардонии фаъолияти ҷавонон, инкишоф додани малакаю қобилиятҳои меҳнатии онҳо, муносибати бошуурона ба меҳнат, ба вуҷуд овардани эҷодиёт, ташаббус ва кӯшиши ба даст овардани натиҷаҳои беҳтарин мебошад.

Бо муҳаббат ба меҳнат нигаристан, хушии зиндагиро дар вай дидан ҳамаи ин шароит фароҳам меорад, то шахс эҷодиёт ва маҳорати худро нишон диҳад. Асосан мақсади меҳнат ин пайдо кардани таҷриба, малака, маҳорат ва баланд бардоштани сатҳи касбияти шахс мебошад. Тарбияи меҳнатӣ дар ниҳоди ҷавонон меҳру муҳаббат ба меҳнат, баланд бардоштани сифати кор ва иштироки фаъолона доштан дар корҳои ҷамъиятиро ташаккул медиҳад. Ба ин ҳадаф ҳамон вақт ноил мегардем, агар аз усули боваркунонӣ ва эътиқод дар самти тарбияи меҳнатии ҷавонон истифода намоем. Вазифаи меҳнат аз як тараф ташаккул додани қобилиятҳои равонӣ-эҷодӣ ба ҳисоб равад ҳам, аз тарафи дигар ба инкишофи ҷисмонии инсон таъсири судманд мерасонад. Инчунин, боиси рушди қобилиятҳои зеҳнӣ гардида, дар ин замина тарбияи ахлоқӣ низ ҳалли худро меёбад. Дар меҳанат инсон то кадом андоза муҳим будани худро мефаҳмад, вазифаҳои ҷамъиятии худро дарк мекунад. Раванди меҳнат шароити рушд додани муносибатҳои дӯстию рафиқона фароҳам оварда, муносибатҳои якдигарфаҳмӣ, якдилӣ ва оромиро дар коллектив таъмин мекунад.

Меҳнатро дӯст дошатан ва қобилияти худро нишон додан аз батни модар пайдо ва бо ин тавлид намешаванд, балки дар раванди ҳаёт шавқу завқи меҳнат карданро ба ҷавонон омӯзонидан лозим аст.

Меҳнат бояд эҷодкорона бошад, барои он ки маҳз эҷодкорӣ маънавиёти ҷавононро ғанӣ мегардонад. Меҳнат ҷисман шахсро обу тоб дода, ӯро рӯҳбаланд, хурсанд ва муваффақ мегардонад. Гузашта аз ин, меҳнат шахсро ҳалиму меҳрубон ва ғамхори якдигар мегардонад.

Педагоги шуравӣ А.С. Макаренко гуфта буд: «Меҳнат бе дониш, бе тарбияи сиёсӣ ва ҷамъиятӣ таъсири тарбиявӣ расонида наметавонад ва раванди бетараф маҳсуб меёбад. Шумо метавонед шахсро маҷбур кунед, ки вай меҳнат кунад, дар корҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд. Агар дар баробари ин тарбияи сиёсӣ ва ахлоқӣ роҳандозӣ нашавад, ин раванд натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад» [181].

Муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ки чорабиниҳои махсус оид ба манфиати меҳнат ва нақши он дар ҳаёти минбаъда баҳри ҷавонон таҳия кунанд.

Ба ҷавонон бояд фаҳмонд, ки ҳангоми фаъолият дар корхонаву коргоҳҳо онҳо натанҳо барои ҷомеа, балки барои худ ҳам кор мекунанд.

Дар баробари ин масъалаи интихоби бошууронаи касб дар байни ҷавонон низ ҳалли худро ёфта, сафи бекорон кам мегардад. Методи кӯҳнае, ки интихоби касб бо роҳи санҷиш ва иштибоҳ сурат мегирифт, дар ин ҳолат ба кор намеравад, зеро ҳангоми ба ҳаёти мустақилона қадам ниҳодан ҷавонон бояд соҳиби касбу коре бошанд, то ба худ ва дигарон нафъерасонда тавонанд.

Бояд қайд кард, ки дар шароити имрӯза баъзе донишҷӯён ва хонандагони синфҳои болоӣ фориғ аз таҳсил фаъолият низ доранд. Аз як тараф ин барои ташаккулёбии шахс манфиатбахш бошад ҳам, вале аз тарафи дигар имкони ба пуррагӣ омӯхтани дарсҳоро маҳдуд мекунад.

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар якҷоягӣ бо муассисаҳои таълимӣ бояд қобилияти фикронии хонандагон ва ҷавононро ба самти муайян роҳнамоӣ кунанд. Бояд зикр кард, ки конфронс, шабнишинӣ ва озмунҳо, ки дар муассисаҳои фароғатӣ ва таълимгоҳҳо баргузор мешаванд, заминаи мустаҳкаме барои меҳнати фикрӣ маҳсуб меёбанд. Набояд фаромӯш кард, ки тарбияи меҳнатӣ бо тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ алоқаи зич дорад ва дар якҷоягӣ мағзи асосии раванди тарбия ба шумор рафта, таҷассумгари шараф, виҷдон, нагу номус ва шарму ҳаё мебошад.

Файласуфи римӣ Сенека гуфта буд: «Баъзан вақт шарму ҳаё шахсро аз роҳҳое мегардонад, ки дар қонун онҳо дарҷ нагардидаанд» [296].

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар замони муосир ҳам бетағйир мемонад, чунки ин тағйирнопазир аст. Муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ки ташаккули назари ҷавононро ба маънавиёт, ғановати маънавӣ ва арзишҳои маънавӣ вусъат бахшанд.

Муносибатҳои бозоргонӣ, ки дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёт дида мешаванд, дар назди ҷомеа проблемаҳои гуногунро пеш овард. Масалан: агар шахс кордон, фаъол ва ташаббускор набошад, фаъолияти ӯ натиҷаи дилхоҳ намедиҳад. Дар навбати аввал ин проблема ба ҷавонон таъсир расонид, чунки ҷавонон дар бозори меҳнат рақобатнопазиранд ва тайёрии пурраи касбӣ ҳам надоранд.

Ҷомеаи имрӯза ниёз ба он кормандон ва мутахассисоне ҳаст, ки онҳо тайёр ва мутобиқ ба ин гуна дигаргунӣ ва табаддулот бошанд. Дараҷаи тахассусии худро такмил дода тавонанд, дорои сифатҳои кордонӣ, дараҷаи баланди фарҳангӣ, қобилияти самти дурусти роҳи ҳаёт ва мутобиқ шудан ба онро дошта бошанд.

Аз оне ки чӣ тавр мо ба ҷавонон раванди тарбия меҳнатиро роҳандозӣ менамоем тақдири касбинтихобкунии онҳо вобастагии калон дорад.

Таъсири калонро дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар раванди тарбияи меҳнатӣ кормандон ва мутахассисони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ расонида метавонанд. Ин мутахассисон бо таҷрибаи бойи зиндагӣ ва доштани тахассуси касбӣ ҷавононро ба роҳи рост ҳидоят карда, эстафетаи меҳнатиро ба онҳо месупоранд.

Дар ин бора Л.Н. Толстой чунин гуфта буд: «Тарбиятдиҳанда бояд зиндагиро хуб донад, то ки дигаронро дар ин роҳ омода карда тавонад»[329].

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷавононро дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, дасту дили гарм доштан нисбат ба меҳнат ва ҳисси иззату ҳурмат ба қаҳрамонҳои арсаи меҳнат тарбия мекунанд.

Дар раванди тарбияи меҳнатӣ мо бори дигар мушоҳида кардем, ки ин шакли тарбия нигоҳ ва назарҳои ҷавононро нисбати меҳнат ба куллӣ тағйир дода метавонад. Ва ҷавонон мушкилиҳои худро дар ҳама ҳолатҳои пайдошуда мустаҳқилона ва эҷодкорона ҳал менамоянд. Дар чунин маврид ташаккули сифатҳои ахлоқии шахс ба мисли ҷонфидои ватану меҳан, коллективизм, дастгирии рафиқон, ҳурмати меҳнати дигарон ва аҳли заҳматкашро ба миён меорад.

Педагог ва муҳаққиқ В.А. Сухомлинский гуфта буд: «Меҳнатдӯстӣ ҳамчун сифати ахлоқӣ танҳо дар коллектив ташаккул меёбад. Ҳар қадаре ки коллектив шавқ ба меҳнат кардан дошта бошад, ҳамон қадар самаранокии тарбия дар он дида мешавад» [321].

Дар раванди тарбияи меҳнатӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз истифодаи усулҳои педагогӣ ба мисли эътиқод доштан, омӯзонидан, ҷазо додан

ва ҳавасманд кардан самаранокии корро меафзоянд. Дар раванди омӯхтани фаъолияти меҳнатии ҷавонон дар шароити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ боз якчанд тарз ва усулҳо дар таҷриба аз қабили проблемавӣ-мубоҳисавӣ ва таҳқиқотӣ-санҷишӣ истифода бурда мешаванд. Ин гуна усулҳо сатҳи фаъолии шахсро муайян карда, ташаккули чунин сифатҳоро дар онҳо ба амсоли: мустаҳқилона фикр кардан, баҳо додан ба рафторҳо, фаъол будан, мақсаднок амал кардан ва устувор буданро тақвият мебахшанд.

Шакли дигари тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин тарбияи **фарҳанги сиёсӣ** ба шумор меравад. Воқеаҳои ибтидои асри XX1 собит намуда истодаанд, ки тақсимоти нави территориявии ҷаҳон дар байни давлатҳои абарқудрати дунё барои сарват ва мавқеи геополитикӣ оғоз ёфтааст (воқеаҳо, ки дар Афғонистон, Исроил, Фаластин, Украина ва Русия сурат гирифта истодаанд), ки ин падидаҳо барои тамоми мардуми сайёра хатари ҷиддӣ доранд. Чуноне ки мебинем, дар ибтидои асри XX1 инсоният ба проблемаҳое рӯ ба рӯ гардида истодааст, ки ҳалли самарабахши онҳо тақдириояндаи мардуми ҷаҳон ва сайёраро муайян менамоянд.

Имрӯзҳо мо дар ҷаҳон доираи бесобиқаи паҳншавии зуҳуроти террористӣ ва экстремистиро мушоҳида менамоем. Тавассути технологияҳои итттилоотӣ-коммуникатсионӣ ғояҳои радикалӣ дар тамоми сайёра паҳн гардида истодаанд, ки ба ҳар хонадон, махсусан ба ҷавонон хатари ҷиддӣ таҳдид менамоянд. Терроризм дар қарни XX1 падидаест, ки барои тамоми инсоният, хатар дорад. Дар шароити кунунии ҷомеа саъю талошро асосан ба пешгирии экстремизм ва терроризм равона кардан зарур аст, ки таркиби муҳимми ин ҳадафро муқовимат ба идеологияи ин зуҳуротҳои номатлуб ташкил медиҳад [197, с.81].

Дар ҳамин шабу рӯз ҷомеаи навини тоҷикро дар баробари масоили глобалии замони муосир, ба мисли терроризм, экстремизм ва маводи мухаддир, масъалаи аз илм дур мондани ҷавонон ва надоштани қобилияти дарки бозиҳои сиёсии абарқудратҳо, ки баҳри манфиатҳои худ давлатҳоро ба майдони ҷангу муқотила бадал намудаанд, мутаассифона, боиси гаравидани онҳо ба созмону

ҳаракатҳои тундраву ифротӣ мешаванд, ба ташвиш овардааст.

Сабабгори чунин вазъият дур мондани ҷавонон аз таълиму тарбия мебошад. Пайвастани ҷавонон ба гурӯҳҳои ифротӣ низ аз илму адаб дур мондани онҳо манша мегирад.

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар қатори дигар муассисаҳои таълимӣ ва институтҳои иҷтимоӣ ба ин масъалаи доғи рӯз диққати ҷиддӣ бояд диҳанд. Нақши муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар масъалаи пайдошуда, бениҳоят калон мебошад. Яъне, ба воситаи чорабиниҳои худ муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд корҳои фаҳмондадиҳӣ-маърифатӣ дар байни ҷавонон гузаронида, барои дарёфти посуххои мушаххас ба саволҳои пайдошуда кумакҳо менамоянд.

**Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ** ҳам як раванди ташаккули шахс ва пайдоиши ҳисси ватандӯстиву ватандорӣ мебошад.

Дар ин ҷо вазифаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз он иборат аст, ки ҷавононро дар руҳияи ватанхоҳӣ, ҷасурӣ, мардонагӣ, далерӣ тарбия кунанд.

Мундариҷаи кори муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ин шинос кардани ҷавонон ба Қувваҳои Мусаллаҳ дар роҳи ҳифз ва нигоҳ доштани марзу бум аз душманон, тарғибу ташвиқ кардани фаҳмишҳо оид ба соҳаи ҳарбӣ-дифоӣ, ҳимоя аз терроризм, тайёр кардани ҷавонон барои хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад.

Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ ҷузъи таркибии ҷараёни таълими умумии тарбия буда, фаъолияти мунтазам ва мақсадноки мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар ташаккули шаҳрвандони дорои шуури баланди ватандӯстӣ, ҳисси садоқат ба Ватан, омодагӣ ба иҷрои вазифаи шаҳрвандӣ ва вазифаҳои конститутсионӣ мебошад [70, с.149].

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон ва омода кардани онҳо ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ метавонанд як қатор корҳоро ба воситаи шабнишинӣ, лексия ва вохӯриҳо ба анҷом расонанд.

Шаклҳои муҳимтарине, ки моҳият ва хусусиятҳои тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиро инъикос менамоянд ва тайёрии ҷавононро ба ҳифзи Ватан ва хизмати ҳарбӣ бештар инкишоф медиҳанд инҳо мебошанд:

- чорабиниҳое, ки ба Рӯзи Ғалабаи Ҷанги Бузурги Ватанӣ, таъсиси Артиши миллӣ ва рӯзҳои вохӯрӣ бо собиқадорони ҷангу меҳнат бахшида шудаанд;
- ҳамоиши ҳарбӣ;
- лагерҳои истироҳатии мудофиавӣ ва варзишӣ;
- кор бо иттиҳодияҳои (клубҳои) ҳарбӣ-ватандӯстӣ;
- пойгаҳои автомобилӣ-велосипедӣ;
- спартакиада, озмунҳо оид ба техника ва силоҳҳои ҳарбӣ;
- мусобиқаҳои ҳарбӣ-таърихӣ;
- намоишгоҳҳо, фестивалҳо ва аксияҳо оид ба соҳаи ҳарбӣ.

Чунин вохӯриҳо ва шабнишиниҳо ҷавононро дар рӯҳияи муҳаббат ба Ватан, ҳисси ифтихор ба падару бобоёни худ тарбия мекунад. Зикр кардан бамаврид аст, ки дар тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон нақши клубҳо бағоят калон аст. Ҷавонон маводҳо ҷамъоварӣ намуда, бо қаҳрамонҳои ҷанг ва меҳнат вохӯриҳо мегузаронанд. Дар консертҳо, экскурсия ва ба осорхонаҳо ташриф меоранд. Ин аз як тараф ҷавононро ба ватандӯстӣ ва аз тарафи дигар ба муттаҳидӣ ва бо коллектив будан ҳидоят мекунад. Дарсҳои мардонагӣ ва қаҳрамониро ҷавонон ҳангоми вохӯриҳо бо собиқадорони ҷангу меҳнат меомӯзанд. Суҳбати собиқадорон оид ба рӯзҳои ҷанг ва қаҳрамонии онҳо дар набардҳо як ҳисси ифтихор ба Ватан ва артиши миллиро тавлид мекунад.

Тарбияи ватандӯстӣ. ҳамчунин бояд ба ташаккули ҳиссиёти ифтихор аз дастовардҳои фарҳанги миллӣ, илм, маориф ва варзиш равона карда шавад [22, с.14].

Бояд гуфт, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ фаъолияти бисёрҷанба, мунтазам, мақсаднок ва ҳамоҳангшудаи мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, ташкилотҳо ва муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳои ҷавонон ва бедор кардани

ҳисси баланди Ватандорию ватандӯстӣ, тайёр будан ба ҳифзи он, садоқат, шуҷоат ва амсоли инҳо мебошад.

Мундариҷаи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии ҷавонон аз рӯйи ҳадафҳои он муайян карда мешавад, ки ба ду вазифаи асосии ба ҳам алоқаманд ҷудо мешаванд. Якум, ҷавононро дар рӯҳияи ифтихор аз ватану ватандорӣ, мустаҳкам намудани ақидаҳои ватандӯстӣ ва тайёр будан барои ҳифозати он тарбия менамояд. Дуюм, дар ниҳоди ҷавононе, ки синни онҳо даъват ба сафи Қувваҳои Мусаллаҳ расидааст, ташаккул додани шаҳрванди асил, эҳтироми волидон, шахсони наздик, таъмини амнияти миллӣ ва ҳифзу нигоҳдории марзу буми Ватан мебошад.

Тарбияи дигари муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин **тарбияи башардӯстона** буда, ҳадафи он тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи ватанхоҳӣ ва башардӯстӣ мебошад. Вазифаи тарбияи башардӯстона аз он иборат аст, ки ҳар як шахсро дар рӯҳияи ғамхор будан ба ҷомеаи ҷаҳонӣ, тайёр будан барои адои қарзи башардӯстона, мубориза бо терроризми ҷаҳонӣ, ифродгароӣ ва дигар унсурҳои номатлуби ҷамъиятӣ тарбият мекунад.

Педагог ва муҳаққиқ А.С. Макаренко гуфта буд: «Фарзандони мо ҳамеша шаҳрванд ҳастанд. Ҳарқадаре қарзи шаҳрвандӣ ва тарбия бо ҳам тавъам шаванд, ҳамон қадар аз онҳо шахсони арзандаи ҷомеа тавлид мегардад» [181].

Мундариҷаи тарбияи башардӯстонаи ҷавонон ин тарғибу ташвиқи муваффақият ва дастовардҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии халқҳои гуногун ва шиносоӣ бо зисту зиндагии халқҳои дунёст. Мавқеи асосиро дар тарбияи башардӯстона ин шинос кардани ҷавонон бо сиёсати байналмиллалии давлат ва ҳимоя аз марзу бум ва эътибору шарафи ватан мегирад.

Дар тарбияи башардӯстонаи ҷавонон муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ якчанд воситаҳоро ба монанди матбуот, радио ва телевизион истифода мебаранд.

Дар раванди тарбияи башардӯстона шаклҳои зерин ба мисли: суҳбат, лексия, шабҳои мавзуӣ, идҳо, фестивалҳо, симпозиумҳо ва конференсияҳо хеле судманд мебошанд. Мавқеи асосиро дар гузаронидани чунин чорабиниҳо

клубҳои башардӯстона ишғол мекунанд.

Клубҳои башардӯстона як қатор корҳоро аз қабили мустаҳкам намудани дӯстии байни ҷавонони давлатҳои хориҷӣ ва ҳамсоя ба роҳ монда метавонанд. Яъне, онҳо метавонанд ба якдигар мактуб нависанд, мулоқот, озмуну конфронс ва фестивалҳо барпо намоянд. Аз ин мулоқоту вохӯриҳо ҷавонон бардошти нек гирифта, гузарондани олимпиада ва конфронсҳо миллату халқиятҳои гуногунро ба ҳам ҷамъ оварда, дар тарбияи башардӯстии онҳо нақши муҳимро иҷро мекунанд. Ҳангоми гузаронидани чунин форуму чорабинӣ фазои дӯстӣ ҳукмфармо буда, ҷавонон бо худ таассуроти нек мебардоранд.

Тарбияи дигар **тарбияи экологӣ** мебошад. Вазифа ва ҳадафи он ҷавононро барои ҳимояи муҳити зист тарбия кардан аст. Мо бояд фаромуш накунем, ки одам як қисми табиат буда, бо он сахт алоқаманд аст. Дар ин раванд инсон бояд аз қоидаҳои инсонгароӣ истифода намуда, барои ҳимояи муҳити зист кӯшиш кунад.

Муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, ки ҷавононро ба таври фаҳмондадиҳӣ, шиносоӣ ба муҳити атроф тарбия намоянд.

Дар мактабҳо хонандагон маълумоти аввалияро аз фанҳои вобаста ба табиат буда дастрас карда, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин фаҳмиши онҳоро ба воситаи чорабиниҳо ба мисли: суҳбатҳо, шабҳои саволу ҷавоб, конфронс, саёҳатҳо ба табиати зинда пурра ва мукаммал мекунанд.

Шаклҳо ва усулҳои маъмултарини тарбияи экологӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ инҳо мебошанд: мушоҳида, лексияҳо доир ба табиат ва муҳити зист, экскурсияҳо; сайру гаштҳо дар муҳити табиат, фаъолияти меҳнатӣ, викторинаҳо; озмунҳо; соатҳои мавзуӣ ва ғайра.

Педагог ва муҳаққиқ В.А. Сухомлинский доир ба ин мавзуъ гуфта буд: «Ҷузъҳои асосии фарҳанги экологии шахс инҳо мебошанд: дониши экологӣ, тафаккури экологӣ, рафтори аз ҷиҳати экологӣ асоснок ва эҳсоси муҳаббат ба табиат» [392].

Дар раванди тарбияи экологӣ ҷавонон натанҳо ба зебоии муҳити атроф шиносоӣ пайдо мекунанд, балки дар худ чунин хислату рафторҳоро ба мисли

нигоҳдории муҳити зист, ҳифзи он, масъул будан ва ҳисси ғамхориро нисбат ба табиат парвариш медиҳанд.

Шакли дигари тарбия ин **тарбияи зебоиписандӣ** мебошад. Ин як раванди таъсир расондан ба шахс барои ташаккули нигоҳи зебоиписандӣ, ҳиссиёт ва такмил додани қобилияти эҷодӣ аст.

Тарбияи зебоиписандӣ - чунин раванди педагогие мебошад, ки дар натиҷаи он ташаккули муносибатҳои зебописандии одам ба ҷаҳон, табиат, меҳнат, муносибатҳои байни одамон ва санъат пайдо мешавад. Муҳаббат доштан ба зебоӣ, истифода кардани зебоӣ дар ҳаёт ва лаззат бурдан аз он яке аз вазифаҳои тарбияи зебоиписандӣ мебошанд.

Ин нуктаро низ бояд қайд кард, ки тарбияи зебоиписандӣ ҳиссиёти олии инсонро бедор ва рушди онро таъмин мекунад. Тарбияи зебоиписандӣ ба ахлоқ, рафтор, тарзи фикрронӣ ва меҳнат таъсири худро мерасонад. Муҳаббат ба табиат, адабиёт, театр, мусиқӣ, назм, рассомӣ ва дигар намудҳои санъат воситаҳое мебошанд, ки рушди ҳамаҷонибаи шахсиятро таъмин мекунанд. Тарбияи зебоиписандӣ барои ташаккули ахлоқӣ аҳамияти хеле калон дорад. Ин нокофӣ аст агар шахс аз офаридаи асарҳои зебо истифода бурда, худ зебоиро эҷод накунад. Аз ин лиҳоз, яке аз вазифаҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин тарбия кардани шахсияти дорои қобилияти эқоди зебоӣ мебошад.

Ба тарбияи зебоиписандӣ такя карда бо анъанаҳои миллӣ дар роҳи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ шароитҳо фароҳам оварда мешаванд. Дар ҷавонон чунин ҳиссиётро ба монанди: муносибати дилсӯзона нисбати фарҳанг, оин, анъанаҳои миллӣ, халқҳои дигар ва умуман тарзи дурусти ҳаёти солимро парвариш додан лозим аст.

Натиҷаи мусбиро дар раванди тарбияи зебописандии ҷавонон дар асоси шароитҳои ташкилӣ-педагогӣ бо дарназардошти омилҳои дохилӣ ба мисли таҷҳизотҳои моддӣ-техникӣ, ороишӣ ва аёниятҳо ба даст оварда метавонем.

Нависанда ва мутаффакир А.П. Чехов гуфта буд: «Дар одам бояд ҳама чиз зебо бошад: ҳам симо, ҳам либос, ҳам қалб ва ҳам фикр» [236].

Тарбияи зебописандии ҷавононро ҳангоми намоишномаву намоишгоҳҳо, осорхона, консерт, шоу-барномаҳо ба роҳ монда, дар ин раванд воситаҳои ахбори омма матбуот, радио ва телевизион нақши муҳимро иҷро мекунанд.

Мусаллам аст, ки санъат дар тарбияи зебописандии ҷавонон мавқеи хоса дорад. Суханҳои адабӣ-бадеӣ, рангҳои омехта, овози форам ба шахс лаззати маънавӣ мебахшанд. Бадеияти мукаммал ва иқтидори баланди соҳаи санъат ба ҷаҳони маънавӣ, зебоиписандӣ, завқи бадеӣ ва талаботи ҷавонон таъсири калон мерасонад.

Мутаффакир К. Маркс гуфта буд: «Фурӯшандаи сангҳои қимматбаҳо танҳо ба нархи онҳо таваҷҷуҳ мекунад на ба зоҳири дурдонаҳо» [101, с.54]. Бешак ҳамин тавр ҳам ҳаст. Ҳангоми тамошои мусаввара ва асарҳои рассомон мо бояд ба маънои аслии он таваҷҷуҳ намоем ва донем, ки муаллиф чӣ мақсад ва чӣ маълумот ба мо медиҳад.

Тарбияи зебоиписандӣ дар ташаккулёбии шахсият мавқеи муҳим дорад. Бояд зикр кард, ки шахсе, ки тарбияи зебоиписандӣ дорад, тарзи либоспӯшӣ, рафтор, гаштор, муомила бо калонсолон, дар коллектив ва умуман ҳама кораш зебо мебошад.

**Тарбияи ҷисмонии** ҷавононро ҳам аз мадди назар набояд дур кард. Зиндагии солими ҷавонон яке аз вазифаҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба ҳисоб меравад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин гуфта буд: «Имрӯзҳо кӯшиши давлат ба рушд ва таъмини моддии инфрасохтори фарҳанг - дастгирии театрҳо, марказҳои фарҳангии ҷавонон, китобхонаҳо, нашри адабиёти таълимӣ ва бадеию методӣ, бо технологияи компютерӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои варзиш ва таҳияи барномаҳои гуногун оид ба ташаккули фикри арзишҳои ахлоқиву маънавӣ, тарзи ҳаёти солим ва тарбияи ҷисмонӣ нигаронида шудааст. Маҳз бо ин тариқ мо метавонем ташаккули созандаи насли наврас, таблиғи ҳаёти солим, ривоҷи навовариву ташаббускориро дар байни ҷавонон таъмин намоем» [393, с.12].

Дар замони Шуравӣ пеш аз кор одамон дар корхонаҳо 5-10 дақиқа ба варзиш ё машқи бадан машғул мешуданд, ки ин барои солим нигоҳ доштани ҷомеа хеле муҳим буд. Дар мактабҳои миёна хонандагон меъёрҳои варзишӣ (ГТО) месупориданд. Мутассифона, ин чорабиниҳо дар шароити кунунӣ на дар ҳамаи муассисаҳо дида мешаванд.

Муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ба воситаи маҳфилҳо ва сексияҳо ҷавононро ба машғул шудан ба тарбияи варзиш роҳнамоӣ месозанд. Ҳанӯз файласуфи қадим Демокрит ки 400 сол пеш аз милод зиндагӣ мекард, гуфта буд: «Дар ибодатҳои худ одамон аз худоён саломатӣ мехоҳанд, аммо намедонанд, ки ин корро худи онҳо ҳам ба анҷом расонда метавонанд» [101, с.49].

Ҳама хусусиятҳои синну соли ҷавононро ба инобат гирифта, онҳоро ба маҳфилҳои варзишӣ ҷалб бояд кард.

Инро фаромӯш ҳам накард, ки варзиш кори интихобии ҳар як шахс ба шумор меравад. Вале мо бояд ҷавононро ба чорабиниҳое, ки хислати варзишӣ доранд даъват намуда, моҳияти онро ба ҷавонон фаҳмонем.

Дар ин чорабиниҳо ҷавонон бо якдигар баҳс ва озмунҳо доир намуда, боварӣ ба қувваю нерӯ, қобилият ва маҳорати хеш дар ниҳоди онҳо меафзояд.

Ба замми ин, ҳар як бурду бохти ин ё он коллектив ё шахси алоҳида муносибати дӯстиву рафоқат ва муттаҳидиро боз ҳам тақвият бахшида, воситаи пурқуввати тарбияи ватандорӣ ба ҳисоб меравад.

Мусобиқаҳои варзишӣ ва тамошобоб сарчашмаи баланд бардоштани рӯҳияи варзишии ҷавонон маҳсуб ёфта, воситаи ҷалби онҳо ба ин колективҳо мегардад.

Тарбияи ҷисмонӣ ва тарзи ҳаёти солим сифатҳои ҷисмонии ҷавононро ташаккул дода, дар онҳо устуворији рӯҳӣ барои фаъолияти самараноки касбӣ зарурро таъмин менамояд [102, с.6].

Бояд қайд кард, ки хушбахтона дар Ҷумҳурӣ барои солим нигоҳ доштани аҳолӣ ва тарзи ҳаёти солим ҳар сол сар карда аз соли 2007 то инҷониб дар нимаи дуюми моҳи май рӯзи дави миллӣ баргузор мегардад. Муассисаҳои фарҳангиро мебояд дар қатори дигар сохторҳои ҷамъиятӣ барои дастгирӣ, тарғибу

ташвиқи тарзи ҳаёти солим ва рӯзи дави миллӣ кӯшишҳо ба харҷ дода, дар баробари ин ҳамкории ҳамаҷониба намоянд.

Масъалаи дигаре, ки дар диссертатсия ҷой ва равшанӣ дар он андохтанием масъалаи **тарбияи оиладорӣ** мебошад. Ва ин масъала бояд ягон фарди солимфикри ҷомеаро бе тараф нагузорад, чунки аз надонистан ва омода набудани ҷавонони имрӯза ба ҳаёти мустақил оилаҳои ҷавон пароканда шуда истодаанд.

Дар Паёми навбатии хеш ба Маҷлиси Олӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона изҳори нигаронӣ намуд. Ҳамзамон, сол то сол зиёд гардидани пошхӯрии оилаҳои ҷавонро масъалаи ташвишовар арзёбӣ намуд [247].

Ин дар суратест, ки баъди ба тасвиб расидани Қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» таваҷҷуҳи ҷомеа ба масъалаи оила ва таълиму тарбияи фарзанд бештар гардид. Бояд гуфт, ки волидайн дар барқарорӣ ва пойдории оила масъулияти ҷиддӣ бояд дошта бошанд. Аммо мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки ҳанӯз ҳам баъзеҳо дар ин маврид таваккал мекунанд. Ҳоло дигар давроне нест, ки фарзандонро маҷбур намоянд, то ба нафаре оила барпо намоянд, ки ӯро надидаанд ва написандидаанд. Бунёди оилаи солим ва ташаккули дурусти он барои ҳар як фард ва ҳам ҷамъият яке аз масъалаҳои муҳимтарин ва мураккабтарин ба шумор меравад.

Бо вуҷуди дастгирӣ аз ҳуқуқу манфиатҳои занону бонувон дар ин самт проблемаҳои ҳалталаб ҳанӯз зиёданд. Аз ҷумла, пош хӯрдани оилаҳои ҷавон, ки шумораи онҳо сол то сол зиёд мегардад. ташвишовар мебошад.

Мувофиқи маълумоти оморӣ танҳо дар нимаи аввали соли 2022 беш аз 7000 ҷуфт расман аз ҳам ҷудо шудаанд, ки нисбати солҳои пешин 12% зиёд аст. Сабаби ин пеш аз ҳама омода набудани ҷавонон ба зиндагии мустақилона мебошад [89].

Дар миёни ҷавонон ҳолати никоҳи хешовандони наздик низ зиёд шуда, боиси таваллуди кӯдакони маъюбу носолим гардида истодааст.

Бояд гуфт, ки масъалаҳои маърифати оиладорӣ, масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд, омода намудани фарзандон ба ҳаёти мустақил ва амсоли инҳо таваҷҷӯҳи доимии мақомотҳои давлатии муассисаҳои таълимӣ, аз он ҷумла муассисаҳои фарҳангиро тақозо мекунад.

Омӯзиши маърифати оиладорӣ бояд аз рӯзҳои аввали тарбияи фарзанд оғоз ёбад, чунки он қисми таркибии ташаккули шахсият аст. Оилаи солим маҳсул ва аз он бештар сарчашмаи ҷамъият буда, омили пешрафти иҷтимоиёт ва иқтисод, дар навбати худ маҳсули ташаккули ҷомеа арзёбӣ мегардад.

Бо дарназардошти аҳамияти масъала, мувофиқи мақсад бояд дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ вохӯрӣ, шабнишинӣ ва семинарҳо ташкил карда, дар бораи оилаю оиладорӣ, моҳият ва тарзи дурусти интихоби ҳамсар чорабиниҳо омода намудан лозим.

Ҳамин тариқ, ҳамаи ин намудҳо ва шаклҳои дар боло оварда шудаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, танҳо баҳри баланд бардоштани маънавиёт ва тарбияи ахлоқии ҷавонон равона карда шудаанд.

Дар раванди таҳқиқот мо ба хулосае омадем, ки дар ҷараёни тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаи фарҳангӣ истифода бурдан аз расму оин ва анъанаҳои халқӣ самаранокии корро тақвият мебахшад. Дар зери оину анъанаҳои халқӣ дар назар дорем:

1. Эҷодиёти даҳонӣ-халқӣ(фолклор), ки дар он достон, нақл, афсона, латифа, сурудҳои таърихӣ, панд, насиҳат, зарбулмасал, мақол ва тезгӯяк дохил мешаванд.
2. Урфу одат ва расму оинҳо халқӣ.
3. Бозиҳои халқӣ.
4. Санъати косибӣ-халқӣ.
5. Санъати тасвирӣ.
6. Суруд ва мусиқии халқӣ.
7. Асбобҳои мусиқии халқӣ.
8. Санъати рақсӣ-халқӣ.
9. Ҳайкалҳои таърихӣ ва меъморӣ-миллӣ.

Илова бар ин, дар раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ нақши ҷашнҳои миллӣ ба мисли: Наврӯз, Меҳргон, Сада ва Тиргон муассир мебошад. Дар арафаи ин ҷашнҳо чун анъана тамоми мардум ба тоза кардани гирду атрофи хонаву дар, кӯчаву маҳал баромада, бо як шукуҳу шаҳомати хоса ба истиқболи ин чорабиниҳо омодагӣ мебинанд. Ин амалҳо дар шахс ҳисси инсонгароӣ, меҳрубонӣ, шафқат ва нармдилиро бедор месозанд.  Ва ин кори хайру сахо ба дигарон дарси ибратро мемонад.

## 5.2. Амсила (модел) ва барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон яке аз мушкилоти асосии ҷомеаи муосир ба ҳисоб рафта, бартараф ва ҳаллу фасл кардани он бештар ба зиммаи муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва маориф вогузор карда шудааст.

Тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ маҳаки асосии ташаккули сифатҳои шахс ба шумор рафта, ба рушди инкишофи арзишҳои ахлоқӣ, эстетикӣ, ҷаҳонбинӣ, шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, оилавӣ, нерӯи зеҳнӣ, ҳолати эмотсионӣ, ҷисмонӣ ва ҷаҳонбинӣ мусоидат мекунад.

Дарки ҳаёт ва ҷаҳонбинӣ мисли нақшаест, ки инсон бояд донад: чӣ бояд кард, барои чӣ талош кард ва чӣ гуна зиндагӣ бояд кард. Ҷаҳонбинӣ маъно ва ҳадафи тарбияро муайян месозад ва вобаста ба он ҳадафҳои шахс метавонад, тағйир ёбанд. Дар ин раванд, аз ҳама муҳим ташаккул додани ҷаҳонбинии маънавию ахлоқӣ ва нигоҳҳои шахс ба некию накукорӣ, виҷдон, зебоӣ ва тарзи зиндагӣ мебошад. Аз ин рӯ, ҷаҳонбиниро асоси тарбия гуфтан роиҷ аст. Шахсе, ки ҷаҳонбинӣ надорад, ӯро шахси тарбиятдида гуфтан то андозае нодуруст аст. Рафторҳои ӯ тақлидкорона мебошанд. Бигзор инсон 10 маълумоти олӣ дошта

бошад, аммо агар ҷаҳонбинӣ надошта бошад, яъне маънои ҳаётро ҳамчун мақсади олӣ дарк накунад, вай тарбия наёфтааст. Компютер дорои миқдори зиёди иттилоот аст, аммо мо онро маълумотнок гуфта наметавонем [25].

Яке аз вазифаҳои институтҳои оила, муассисаҳои таълимию тарбиявӣ ва фарҳангӣ тарбияи шаҳрванди асил, масъулиятшинос ва дорои қудрату маҳорати баҳо додан ба арзишҳо мебошад. Ҳалли ин масъала бе ташаккули хосияту сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахсият ғайриимкон аст. Аз ин лиҳоз, амсила (модел) ва барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро барои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ таҳия намуда, дар амал тадбиқ кардани онҳо яке аз вазифаҳои пажуҳиш дар ин самт ба ҳисоб меравад.

Масъалаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва амсиласозию барномарезии педагогии ин раванд дар бисёр илмҳо, аз ҷумла педагогика, психология, ҷомеашиносӣ, фалсафа ва ғайра мавриди омӯзиш қарор дорад. Гарчанде ҷараёни омӯзиши тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар корҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ ба таври гуногун шарҳу эзоҳ дода шуда бошад ҳам, вале ҳадафи асосии онҳо ин тарбияи шахсияти бошуур, эҷодкор, фаъол, ҳисси баланди масъулиятшинос ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ мебошад.

Бояд зикр кард, ки амсила як системаи воқеии амалҳост, ки имкон медиҳад, то объект аз паҳлӯҳои гуногун омӯхта шавад.

Муҳаққиқ Г. Глаус амсиларо ҳамчун омили бартарафкунандаи мухолифатҳои байни назария ва амалия мураттаб карда буд [91, с.120].

Мувофиқи таърифи олими дигар А.А.Вербицкий: «Амсила ин низоми унсурҳоест, ки ҷиҳати бозсозанда, алоқа ва вазифаи предмети таҳқиқот мебошад».

Калимаи «модел» аз лотинии «modus», «modulus» гирифта шуда, маънояш «андоза», «тасвир», «восита» аст [205].

Муҳаққиқ К.В. Дрозд дар китоби худ «Масъалаҳои актуалии педагогика ва маориф: ҷанбаҳои тарбиявӣ» чунин ишора мекунад: «Аз рӯйи хусусият

амсилаҳоро ба предметӣ (мавзуӣ) ва рамзӣ (аломатӣ) ҷудо мекунанд. Дар раванди бароҳмонии амсилаи предметӣ таҳқиқот тарзе сурат мегирад, ки хусусияти муайяни функсионалии объекти аслӣ шартан таҷдид мегардад. Дар амсилаи рамзӣ бошад, сохтори он ба тариқи диаграммаҳо, расмҳо, формулаҳо ва ғайра нишон дода мешавад»[96,с.44].

Амсилаи педагогӣ қисми пайвасткунандаи назария ва амалия мебошад. Назарияи педагогӣ ҳамчун қисми амсила ба ҳисоб меравад. Дар ҳолатҳои муайян онро метавон ҳамчун амсила интихоб кард, яъне ғояи асосӣ ва дар навбати худ сарчашмаи ташаккули объект гардида метавонад.

Ба воситаи амсилаи педагогӣ вариантҳои пешниҳодшуда муқоиса ва арзёбӣ карда мешаванд.

Муносибатҳои назариявии раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба инобат гирифта сохтори амсиларо месозем, ки аз қисмҳои зерин иборат мебошад: мақсад ва вазифаҳо, қисматҳои ташаккули арзишҳо, ташкили раванд, сатҳи ташаккули арзишҳо, нишондиҳандаҳо, ва натиҷаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.

Дар ин сохтор ҳар як қисмати амсилаи педагогӣ вазифаи махсуси худро дорад.

Дар амсилаи педагогӣ қисмати мақсад нишон медиҳад, ки ҷаҳду талош ва кӯшиши мо ба чӣ нигаронида шудааст. Яъне, ҳадаф дар ин маврид ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад. Барои ин мо бояд вазифаҳои зеринро ба анҷом расонем: ҷавононро дар рӯҳияи созандагӣ, шукуфоӣ, содиқона ба халқу миллати худ хизмат кардан, муносибати созгор ба дигарон ва наздикон доштан ва худогоҳу хештаншинос буданро омӯзонем.

Мақсад аз бунёди амсилаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, пеш аз ҳама, амиқ омӯхтани имкониятҳои муассисаҳои мазкур дар самти кор бо ҷавонон мебошад.

Мусаллам аст, ки роҳу усулҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон гуногунанд. Ин раванд аз шароитҳо ва ҷанбаҳои педагогӣ, принсипҳо ва қонуниятҳо вобаста аст. Агар дар ин раванд ба урфу одатҳо, анъанаҳову оинҳо ва суннатҳо миллӣ такя кунем, самаранокии фаъолият ба маротиб афзуда, татбиқи принсипҳои педагогӣ натиҷаи назаррас медиҳанд.

**Мақсади амсилаи педагогии** ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин тарбияи шахси бофазилат, масъулиятшинос, ташаббускор, таҳаммулпазир, дорои сатҳи баланди зеҳн, малака, маҳорат ва эҷод дар асоси барномаи махсуси таҳиянамудаи муаллиф мебошад.

**Вазифаи амсилаи педагогии** ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон чунин аст:

- ташаккули шаҳрванди комил, дорои ҳисси баланди шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, посдори таъриху фарҳанги миллӣ;

- тарбияи ҷавонон дар рӯҳияи меҳнатдӯстӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба табиат ва оила;

- тарбияи ахлоқии ҷавонон;

- ташаккули меъёрҳои ахлоқӣ ва нақши онҳо дар ҳаёти ҷавонон;

- тарбияи ҷавонон дар асоси анъана ва оинҳои миллӣ.

Тазаккур бояд дод, ки омодасозии амсилаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ раванди пайдарпай ва муттасил аст. Амсилаи педагогӣ дар раванди муносибатҳои тарафайн пурра ва инкишоф меёбад.

Амсила бояд ҳамчун системаи ташкили идоракунӣ ва технологияи тарбиявӣ амалӣ ва истифода шавад.

**Нақшаи 2. Амсилаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ**



Тавре дар боло зикр кардем дар баробари амсилаи педагогӣ барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тарҳрезӣ гардид.

Бояд тазаккур дод, ки муваффақияти ҳама гуна барномаи педагогии фарҳангӣ бештар аз сенария вобаста аст, ки талаботи зерин бояд риоя карда шаванд:

- таҳлили вазъият ва таҳияи ҳадаф. Ба таври илмӣ ба амал баровардани тадбирҳои фарҳангӣ-фароғатӣ;
- банақшагирии барнома. Тақдири барнома бештар ба иҷрои ин қисмат вобаста аст. Чунки дар ин қисмат вазифаҳо, усулҳо ва методҳо муайян карда мешаванд. Инчунин, тавсифи муфассали раванди таҳия, рӯзҳои баргузории чорабиниҳо ва вазифаҳои минбаъда анҷом дода шуда, барои ҳарчӣ бештари ҷалби иштирокчиён ба фаъолият тадбирҳо андешида мешаванд;
- тайёр кардани барнома. Бе ҷидду ҷаҳди муташаккилона иҷро намудани барнома ғайриимкон аст;
- дар амал тадбиқ кардани барнома [160].

Барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон барои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тибқи талаботи Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи фарҳанг» ва дар асоси «Консепсияи милии тарбия» таҳия карда шудааст.

**Мақсади барнома** - фароҳам овардани шароит барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.

**Вазифаҳои барнома:**

- ташаккули шахсияти дорои сифатҳои ҳамидаи инсонӣ;

- ифтихор доштани ҷавонон аз Ватан ва эҳтиром ба таъриху фарҳанги миллӣ;

- парвариш кардани ҳисси меҳнатдӯстӣ ва зебописандӣ дар ниҳоди ҷавонон;

- эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон, муҳаббат ба Ватан, модар ва оила;

- тарбияи сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон;

- мусоидат намудан барои ташаккули нақшҳои минбаъдаи ҷавонон;

- ташаккули арзишҳои миллӣ: анъана, урфу одат ва ҳунарҳои халқӣ дар ниҳоди ҷавонон;

- инкишофи тафаккури эҷодӣ.

Барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин қисматҳоро дар бар мегирад:

1. *Шакл ва роҳҳои иҷрои барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
2. *Ғояҳои асосии барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
3. *Принсипҳои асосии тарбия маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
4. *Роҳҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
5. *Самтҳои асосӣ рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
6. *Танзиму ба роҳмонии барнома тавассути роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
7. *Шароитҳои татбиқи барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*
8. *Натиҷаҳои пешбинишавандаи барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.*

**1. Шакл ва роҳҳои иҷрои барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.**

Ташкили фаъолият аз рӯйи барнома асосан бо шаклҳои зерин сурат мегирад:

- коллективона;
- гурӯҳӣ;
- инфиродӣ.

Иҷрои барнома ҳангоми иштироки ҷавонон ва ташрифи онҳо ба муассисаҳои фарҳангӣ амалӣ мегардид. Барнома барои ҳама муассисаҳои фарҳангӣ, ки самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавононро пайгир мебошанд, нигаронида шудааст. Иҷрокунандагони асосии чорабиниҳои барнома мутахассисони муассисаҳои фарҳангӣ, педагог-ташкилотчӣ ва мутассадиёни соҳаи фарҳанг мебошанд.

## 2. Ғояҳои асосии барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

- донистани қобилияту имкониятҳои худ;
- баланд бардоштани маънавиёт, ахлоқ, ҷаҳонбинӣ ва эҷод;
- дарки арзишҳои ҳаёти инсон ва нотакрор будани ҳар як шахс;
- нигоҳдории тарзи ҳаёти солим;
- нигоҳҳои ҷадид ба арзишҳои оилавӣ. Эҳтироми падару модар, ёрии ҳамдигарӣ, ғамхорӣ нисбат ба аъзоёни оила;
- ташаккули меъёрҳои муносибат ба шахсони дигар ва худ дар асоси эҳсоси муҳаббат, меҳрубонӣ, шафқат, ростқавлӣ, адолат ва дигар сифатҳои ҳамидаи инсонӣ;
- тарбияи ҳисси ҳуввият ва ифтихори миллӣ;
- шиносоӣ бо фарҳангҳои халқҳои дигар ва эҳтироми онҳо;
- тарбияи ватандӯстӣ ва худшиносӣ;
- тарғибу ташвиқи ҳунарҳои мардумӣ, анъана, урфу одат ва суннатҳо;
- барқарор намудани муносибатҳои дӯстона дар коллектив.

**3. Принсипҳои асосии тарбия маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.**

Барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо принсипҳои зерин асос ёфтааст:

- принсипи пайравӣ ба намунаҳои ахлоқӣ. Ин принсип ҳамчун усули тарбия имкон медиҳад, ки таҷрибаи ахлоқии ҷавонон ғанӣ гардонида шуда, тафаккур ва шуури ахлоқӣ бедор карда шавад. Инчунин, принсипи мазкур барои сохти системаи муносибатҳои арзишманд ба ҷавонон мусоидат мекунад;
- принсипи гуманистӣ-инсонгароӣ. Вожаи «гуманизм» лотинӣ буда, маънои «инсонгароӣ», «инсондӯстӣ»-ро ифода мекунад. Инсонгароӣ ин эътирофи инсон ҳамчун шахсият, ҳуқуқу озодиҳо ва поймол накардани шаъну шарафи ӯ дониста мешавад. Инсонгароӣ мавқеи ахлоқии ҷомеаро инъикос карда, арзишҳои инсонро ҳифз ва барои некӯаҳволии ӯ замина фароҳам меорад;
- принсипи таҳаммулпазирӣ. Таҳаммулпазири ин эҳтиром кардани фикру ақида, сабру тоқат ва гуш андохтан ба андешаҳои дигарон мебошад. Инчунин, раҳму шавқат ва изҳори ҳамдардӣ баён кардан ҳам натиҷаи таҳаммулпазирӣ ба шумор меравaнд.

Бо шарофати таҳаммулпазирӣ дар шахс чунин сифатҳо ташаккул меёбанд:

- инсондӯстӣ ва дарки дигарон;
- нигоҳҳои хайрхоҳона;
- табиати ором;
- эҳтиром ва таҳаммул кардани хислатҳои дигарон, ки тарзи муносибати қолабӣ надоранд;

- принсипи мутобиқати фарҳангӣ. Принсипи мутобиқати фарҳангӣ робитаи ҷудонашавандаи тарбияро бо мероси фарҳангии инсоният ва урфу одатҳои мардумӣ инъикос мекунад.

Дар низоми таълим ҷавонон барои аз худ намудани донишҳои назариявӣ ҷаҳду талошҳои зиёд мекунанд ва аз эҳтимол дур нест, ки қисмати ками он чизе, ки дар барномаи таълим пешбинӣ шудааст, дар хотира монад. Дар ин раванд чунин ҷанбаҳои фарҳанг ба мисли санъати тасвирӣ, мусиқӣ ва намоишҳои театрӣ беэътибор мемонанд. Чунин қисматҳои фарҳангие, ки дар боло номбар кардем яке аз воситаҳои бузурги тарбия ба шумор рафта, барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мусоидат мекунанд;

- принсипи алоқаи тарбия бо ҳаёти ҳаррӯза ва меҳнат. Дар ҷанбаҳои тарбиявӣ талаботи аосии принсипи алоқамандии назария ба амалия алоқаи тарбия бо ҳаёт ва меҳнат мебошад. Педагогҳо ҳамеша тарафдори оне ҳастанд, ки раванди тарбия бояд дар ҳамбастагӣ бо таҷрибаи ҳаётӣ ва меҳнат сурат гирад. Зеро, ташаккули шахсият бевосита аз фаъолият ва муносибатҳои ҷамъиятию меҳнатии ӯ вобаста аст. Фаъолияти меҳнатӣ хислатҳои мусбатро дар шахс инкишоф медиҳад. Яъне, ҳар қадар фаъолияти меҳнатӣ зиёд ва ба мақсад мувофиқ бошад, ҳамон қадар дараҷаи рушду иҷтимоишавии шахс бошидддат сурат мегирад. Ҳангоми иштирок дар фаъолияти меҳнатӣ ҷавонон рафторҳои ахлоқ, рушди сифатҳои маънавию ҷисмонӣ, эҳтироми арзишҳо меҳант ва тарзи муносибати худро бо дигарон тақвият мебахшанд.

### 4. Роҳҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ин раванди мақсадноки педагогие мебошад, ки дар натиҷа арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, фарҳангӣ, миллӣ, оилавӣ ва умумибашарӣ дар замири ҷавонон ташаккул дода мешаванд. Инчунин, дар ин раванд сифатҳои волои инсонӣ, ватандӯстӣ, таҳаммулпазирӣ, зебописандӣ, меҳру муҳаббат ва амсоли инҳо роҳи ҳалли худро меёбанд.

Рушди маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар раванди иҷтимоикунонӣ, таҳкими доираи арзишӣ маънавӣ-ахлоқӣ, ташаккули қобилияти баҳодиҳӣ ба рафтори

худ ва дигарон, риояи меъёрҳои рафтор дар ҷомеа, эҳтироми калонсолон ва дастгирии хурдсолон, одоби муошırати дуруст ва тарҳрезии нақшаҳои минбаъдаи ҳаётӣ сурат мегирад.

Самтҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар асоси анъана, урфу одат ва оинҳои халқӣ ҷараён мегиранд.

Арзишҳои асосии мундариҷаи тарбия, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул меёбанд, инҳо мебошанд:

- *маънавиёт.* Тарбияи маънавӣ раванди ташаккули маънавиёт ҳамчун хислати шахсият дар асоси принсипҳои педагогӣ мебошад. Ба маънои дигар тарбияи маънавӣ ин дарки маъни ҳаёт, рафторҳои ахлоқӣ дар асоси муносибатҳои интихоби озод дониста мешавад;
- *ахлоқ.* Тарбияи ахлоқӣ раванди ташаккули сифатҳои ахлоқӣ, хислат, малака ва одатҳои рафтор мебошад.
- *умри инсон.* Нишон додани имкониятҳои худ дар ҷомеа ва ташаккули сифатҳои инсондӯстӣ, раҳму шафқат ва ҳамдардӣ;
- *муҳаббат ба Ватан.* Ин арзиш ҳамчун зуҳуроти камолоти маънавии инсон дониста шуда, дар омода ва тайёрӣ ба хизмати Ватан ифода меёбад;
- *оила.* Оила маконе ҳисобида мешавад, ки аъзоёни он дар ҳамоҳангӣ, якдигарфаҳмӣ, дасти ёрии дароз кардан дар тангдастӣ ва оромии қалбу рӯҳ умр ба сар мебаранд;
- *меҳнат.* Меҳнат ва эҷодкорӣ фаъолияти озоди эҷодӣ мебошанд, ки ба фароҳам овардани шароит барои татбиқи арзишҳои дигар ба мисли: инсонгароӣ, таҳаммулпазирӣ, раҳму шафқат, зебописандӣ ва амсоли инҳо нигаронида шудааст;
- *зебописандӣ.* Тарбияи зебописандӣ ин рушд додани нигоҳҳо ва дарки зебоиҳои табиат, муҳит, рангҳо ва эҷод мебошад. Тавре мегӯянд: «Зебоӣ ҷаҳонро наҷот медиҳад»;
- *озодии интихоб.* Қобилияти қабули қарор ва амал дар доираи меъёрҳо, қоидаҳо ва қонунҳои ҷомеа сурат мегирад;

- *тарзи хаёти солим.* Тарзи ҳаёти солим ин шарти ҳатмии ҳаёти хушбахтона ба шумор рафта, дар асоси даст кашидан аз одатҳои бад: сигоркашӣ, майнӯшӣ ва нашъамандӣ инъикос мегардад.

Арзишҳо обектҳои моддӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии инсон мебошанд, ки барои шинохт ва дарки табиати иҳотакарда нигаронида шудаанд. Бо туфайли арзишҳо инсон ба моҳияти некӣ, адолат, ватандӯстӣ, хайрхоҳӣ, масъулиятшиносӣ ва уҳдадорӣ дониш ба даст меорад.

**5. Самтҳои асосии рушди арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ**

Рушди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон зери арзишҳои миллӣ сурат гирифта, дар самтҳои зерин ташаккул меёбад:

- Тарбияи ахлоқӣ ва шуури ахлоқӣ. *Арзишҳо:* арзиши ҳаёти инсон, маънои ҳаёт, принсипҳои ҳаётӣ, некӣ, адолат, шафқат, шаъну шараф, виҷдон, нанг, номус, таҳаммулпазирӣ, маънавиёт ва ғайра.
- Тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳо. *Арзишҳо:* муҳаббат ба Ватан, ба халқ, марзу бум, риояи қарору қонун, ҳифзи тартибот ва ғайра.
- Тарбияи меҳнатдӯстӣ ва эҷодкорона. *Арзишҳо:* арзиши меҳнатӣ ва эҷодкорӣ, дарки маънои ҳаёт, максаднокӣ, суботкорӣ, сарфаю сариштакорӣ ва ғайра.
- Тарбияи зебописандӣ. *Арзишҳо:* суханҳои баландмазмуну арзишманд, дараки зебоиҳои Ватану маҳал, тарзи муносибати созгор ва ғайра.
- Тарбияи экологӣ. *Арзишҳо:* сайёраи Замин хонаи ҳамаи сокинони Замин аст, қадри табиат, сарзамин, табиати ватан, табиати ҳифзшаванда, масъулият барои муҳити зист ва ғайра.
- Муносибати арзишманд ба оила, саломатӣ ва тарзи ҳаёти солим. *Арзишҳо:* қадри оила, эҳтироми падару модар, ғамхорӣ ба калонсолон ва хурдсолон, арзиши саломатӣ, ҷисмонӣ, ахлоқӣ ва иҷтимоӣ-равонӣ, майл ба тарзи ҳаёти солим ва ғайра.

Самтҳои афзалиятноки барномаи тарҳрезигардида тарбияи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ, эҳтироми арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, масъулият, озодӣ ва уҳдадориҳои ҷавонон мебошанд.

6. **Танзиму ба роҳмонии барнома тавассути роҳҳо, воситаҳо ва усулҳои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.**

Мундариҷаи фаъолияти педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ ва маърифатӣ мебошад. Ба педагог-ташкилотчӣ муассисаҳои мазкур имконият фароҳам меоранд, то ҳадафҳои «Консепсияҳои миллии тарбия»-ро дар раванди фаъолият самаранок амалӣ созад. Ба воситаи чорабиниҳои гуногун муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ метавонанд, ҷавононро ба роҳи рости зиндагӣ, меҳру муҳаббат доштан ба Ватану ифтихор намудан аз он, эҳтироми арзишҳои миллӣ ва фарҳангӣ роҳнамоӣ созанд. Масалан:

*Китобхонаҳо.* Агар дар даврони Шуравӣ китобхонаҳо ҳамчун муассисаҳои идеологӣ, яъне тарғибу ташвиқгари арзишҳои давлатӣ ва ҳизбӣ фаъолияти худро ба роҳ мемонданд, пас ҳоло бошад, аввалан ба эътибор гирифтани майлу хоҳиши ташрифоварандагон, баъдан ҷойи муоширати доираи васеи хонандагон гардидаанд. Ҳоло бисёр китобхонаҳо кӯшиш доранд, фаъолияти худро тавре ба роҳ монанд, ки хости талаботи маънавии аҳолиро таъмин созанд.

Дар китобхонаҳо чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ баҳри баланд бардоштани маърифат, ҷаҳонбинӣ ва савияи дониши ташрифоварандагон гузаронида мешаванд. Маслан, Рӯзҳои адабӣ, Рӯзҳои дониш, идҳо, ҳафтаҳои адабиёти бадеӣ, намоиши китобҳо, суҳбату озмунҳо дар мавзуъҳои гуногун ва гайра.

*Осорхонаҳо.* Фаъолияти осорхонаҳо барои қонеъ гардондани талаботи маънавӣ ва шавқу завқи эҷодии шахс, ки ба воситаи омӯзиши таърих ва инкишоф донишҳои фарҳангӣ сурат мегиранд, нигаронида шудааст. Шаклҳои фаъолияти осорхонаҳо: сайру гаштҳо, намоишҳои эҷодӣ, рӯнамоҳои рассомон,

чорабиниҳои хислати эстетикӣ дошта мебошанд. Ин чорабиниҳо баҳри баланд бардоштани завқи зебописандӣ, маърифатӣ, дӯст доштани зебоиҳои Ватан ташкил ва баргузор карда мешаванд.

*Клубҳо ва қасрҳои фарҳанг.* Муассисаҳои клубӣ ва қасрҳои фарҳангӣ муҳимтарин муассисаҳои низоми фарҳанг мебошанд. Ин муассисаҳо рисолати худро мисли дигар муассисаҳои таълимӣ-тарбиявӣ, то имрӯз барои баланд бардоштани сатҳи маърифати аҳлой алалхусус, ҷавонон адо карда истодаанд.

Муассисаҳои клубӣ ва қасрҳои фарҳангӣ бартарияти худро нисбат ба дигар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз ҷиҳати фаъолият нишон дода истода, баҳри ташкили фароғати муфиди аҳолӣ чораҳои судманд меандешанд. Ин муассисаҳо на танҳо макони истифодаи арзишҳои фарҳангӣ, балки барои худфаъолияти бадей ва истеҳсоли арзишҳои фарҳангӣ шароитҳо фароҳам меоранд.

*Боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ.* Имкониятҳои иқтидори маърифатии боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ дар муқоиса бо дигар муассисаҳо хеле калон аст. Чунки боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ чорабиниҳои идонаи худро вобаста ба саннаҳои таърихӣ, миллӣ ва фарҳангӣ дар муҳити кушоди табиӣ гузаронида, барои муоширати аҳолӣ, эҷодкорӣ, рушди сифатҳои ахлоқию эстетикӣ фазои маърифатӣ-фарҳангӣ фароҳам меоранд.

Боғи фарҳангӣ-фароғатӣ ҷавононро ба маҳфилҳо, атраксионҳо, майдончаҳои варзишӣ ва бозиҳои гуногун ҷалб сохта, вақти холии онҳоро самаранок мегузаронанд. Вазифаи асоси боғҳои фарҳангӣ-фароғати низ дар ҳамин асос меёбад, ки барои ҷавонон баъди фаъолияти корӣ ё таълимӣ шароит баҳри рафъи хастагӣ ва ҳолатҳои эмотсионалӣ омода созанд.

### 7. Шароитҳои татбиқи барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

Фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон яке аз вазифаҳои муҳимтарини муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба шумор меравад.

Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин шароитҳо барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон фарҳам оварда метавонанд:

а) омода ва баргузории чорабиниҳое, ки хислати тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ доранд:

- вохӯрӣ бо шахсони наҷиб;
- шабҳои эҷодӣ;
- мубоҳисаҳо дар мавзуъҳои мубрами рӯз;
- озмунҳо;
- семинарҳо;
- намоиши китобҳо;
- сайру гаштҳо;
- бозиҳои анъанавӣ бо истифода аз оинҳои халқӣ;
- намоишҳои театрӣ;
- фестивалҳо;
- гузаронидани идҳо ва ҷашнҳои миллӣ;
- намоиши филмҳое, ки ҷанбаҳои тарбиявӣ доранд;
- аксияҳои хайрхоҳона.

б) муносибатҳои инфиродӣ дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон:

- суҳбатҳо дар мавзуъҳои тарбиявӣ;
- машваратҳо.

в) муҳайё кардани фазои эҷодӣ:

- ташкили маҳфилҳои гуногун:

• навозандагӣ;
• рақс;
• сурудхонӣ;
• рассомӣ;

- кандакорӣ;
- гаҷкорӣ;
- сохтани асбобҳои халқӣ;
- ихтироъкорӣ.

*Гузаронидани чорабиниҳо тибқи рӯз ва моҳҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ:*

Январ: иди Сада;

Феврал: ҷашни Артиши миллӣ;

Март: Рӯзи модарон ва ҷашни Наврӯз;

Апрел: оилаи беҳтарин

Май: ҷашни Ғалаба;

Июн: иди Тиргон ва Рӯзи Ваҳдати миллӣ;

Июл:

Август:

Сентябр: Рӯзи дониш ва ҷашни Истиқлолияти давлатӣ;

Октябр: иди Меҳргон;

Ноябр: Рӯзи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парчами миллӣ;

Декабр: Пешвозгирии соли нав

**8. Натиҷаҳои пешбинишавандаи барномаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.**

Аз рӯйи ҳар як қисматҳои дар барнома ҷойдошта дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба даст овардани натиҷаҳои зерин пешбинӣ шудааст:

-тарбияи шаҳрвандӣ, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои шахс:

- муносибатҳои арзишманд ба Ватан, модар, мардум, маҳал, мероси фарҳангӣ, таърихӣ, анъанаҳо, урфу одатҳои мардумӣ ва эҳтироми калонсолон;

- донишҳои амиқ ва мукаммали арзишҳои ахлоқӣ, яъне қобилияти муайян кардани хислатҳои асосӣ ва муҳимтарини онҳо, эҷодкорона истифода бурдани донишҳои бадастоварда барои ташкилу таҳлили рафтори худ ва дигарон;
- рафторҳои дақиқ, ибратбахш ва бошуурон, эҳсоси ҳамдардӣ, раҳму шавқат;
- устувории мавқеъ дар робита бо арзишҳои ахлоқӣ;

1. Тарбияи ахлоқӣ ва шуури ахлоқӣ:
- тасаввурот дар бораи меъёрҳо ва қоидаҳои рафтори ахлоқӣ;
- риоя ва эҳтироми меъёрҳои ахлоқӣ, муносибатҳо дар оила, бо калонсолон ва хурдсолон;
- беэътино набудан нисбат ба мушкилоти зиндагии одамони дигар ва ҳамдардию дилсӯзӣ зоҳир кардан нисбат ба шахсе, ки дар вазъияти душвор қарор дорад;
- қобилияти таҳлили ҷанбаҳои ахлоқии рафторҳои худ ва дигарон;
- эҳтироми анъанаҳои оилавӣ;
- ёрӣ расонидан ба шахсоне, ки ба мушкилӣ дучор шудаанд ва барои амали хайр мукофот талаб накардан;
- дар ҳаёти ҳаррӯза нисбат ба одамон меҳрубонӣ ва ғамхорӣ зоҳир кардан;

2. Тарбияи меҳнатӣ ва интихоби касб:
- муносибатҳои арзишманд ба меҳнат ва эҷодкорӣ;
- тасаввурот дар бораи касбҳои гуногун;
- муносибатҳои ҳамкории эҷодии меҳнатӣ бо ҳамсолон ва шахсони калонсол;
- дарки афзалиятҳои асосҳои маънавии меҳнат;
- ихтирои ашё ва чизҳои нав;
- таъмин кардани эҳтиёҷоти худ;
- нишон додани афзалиятҳои маҳорати эҷодӣ дар ҷомеа.

3. Тарбияи маънавӣ:
- донистан ва дарки маънои ҳаёт, рисолати инсон дар ҷомеа;
- муносибати самимона ба шахсони дигар;
- муносибатҳои фаъолонаи эҷодӣ ба ҳаёт;
- ташаккули ҳиссиёти масъулиятшиносӣ;
- тасаввурот дар бораи маънавиёт;
- меҳру муҳаббат ба дигарон.
4. Тарбияи тарзи ҳаёти солим ва ҷисмонӣ:
- бароҳмонии гигиенаи шахсӣ;
- мустаҳкамии имунитет, тобоварии бадан бар зидди бемориҳои сироятӣ;
- ташкили шароит барои тарзи ҳаёти солим;
- паст кардани сатҳи изтироб ва хашмгинӣ;
- нест кардани одатҳои бад, даст кашӣ аз тамоку ва машрубот;
- банақшагирии реҷаи рӯз;
- обутоб додани бадан.
5. Тарбия зебописандӣ ва санъат:
- пайдоиши шавқу завқ ба намудҳои гуногуни санъат;
- дарёфти зебоиҳои Ватан, маҳал ва табиат;
- қобилияти эҷод кардани маҳсулоти дастӣ;
- инкишоф ва рушди эҳсосоти зебописандӣ;
- дарк кардани шоҳасарҳои санъат;
- ташаккули маҳоратҳои эҷодӣ;
- фаҳмиши моҳияти санъат барои ҳаёт.
6. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ:
- дӯст доштани Ватан, модар, маҳал ва адои қарзи шаҳрвандӣ;
- ҳимояи манфиатҳои Ватан;
- эҳтироми халқиятҳои гуногун;
- ба Ватан содиқ будан;
- ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва уҳдадорӣ;

- эҳтироми арзишҳои миллӣ, давлатӣ;
- омодагӣ ва хизмат дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ, обутоб додани бадан;
- ташаккули ҳиссиёти ватандӯстӣ, донистани тамаддун ва фарҳанги миллӣ.

Бояд изҳор кард, зинаи аввал дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ин ташаккули ҳиссиёти маънавӣ буда, онҳо бояд ин ҳиссиётро идора карда тавонанд.

Маънавиёт дар ҳаёти ҷомеаи инсонӣ нақши бузургеро метавонад ва бояд иҷро кунад. Мисли ахлоқ маънавиёт ҳам беҳаракат нест. Маънавиёт ва ахлоқ моҳияти ҳаракати доимӣ ва рушди шахсият мебошанд. Тарбияи маънавӣ ба шахс барои дарёфти маънои зиндагӣ, донистани ягонагии ҳақиқат, раҳмдилӣ, зебоӣ ва олам кумакҳои ҳамаҷониба менамояд. Ҷавононе, ки дар роҳи гирифтани маънавиёт ҷаҳду талош меварзанд пеш аз ҳама рӯҳ сипас ботини худро дармеёбанд. Моҳияти «Ман»-ро ҳис ва дарк мекунанд. Дар ин ҷода нақши педагог назаррас буда, ҷавононро дар роҳи худтакмилдиҳӣ, худшиносӣ ва мавқеъ пайдо намудан дар шоҳроҳи зиндагӣ тарбия менамоянд.

Педагоги бузург В.А. Сухомлинский дар ин бора чунин гуфта буд: «Педагог ҳар қадар шогирдонро ба меҳнат сафарбар кунад ва бо меҳнат онҳоро дар ҷомеа муаллифӣ созад, дар назди тарбиятгиранда ҳамон қадар обрую эътибори ӯ афзун мегардад» [317].

Таҳкурсии ҳиссиёти маънавии шахсро назари маънавӣ ва ғояҳои ӯ ташкил медиҳанд. Барои ғояҳо одамон худро ҳалок намуда, ҷонбозиҳо мекарданд. Аз ин сабаб ташаккули нигоҳҳои маънавӣ вазифаи асосии тарбияи маънавии ҷавонон ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, шахси бомаърифат онеро мегӯянд, ки шаҳрванди ҳақиқии ватан бошад, дар рушду нумуи кишвари худ саҳм гузорад, таърихи гузаштагонро донад, арзишҳои миллиро ҳифз кунад, шахси хушахлоқ буда, қонунҳоро риоя кунад.

Муассисаҳои фарҳангиро зарур аст, шахсонеро тарбия кунанд, ки дилсӯз ва ҷонфидои ватану меҳани худ бошанд.

Шахси бомаърифат- ҳақиқатнигор, ростқавл буда, дар ҷомеа бо фарҳанги

баланди муомила ва муошират писанди ҳамагон аст. Аз панду ҳикматҳои бузургони миллати худ ба хотир оварда, тарғибу ташвиқи ин панду андарзҳо яке аз масъалаҳои рӯз ба ҳисоб меравад. Муносибати ҷавонон ва наврасон дар дохили нақлиёт, дар кӯчаву бозор бо якдигар, бо калонсолон, бо занҳо хело ташвишовар аст.

Дар ҳалли мисолҳои дар боло оварда шуда, яъне беҳбуди вазъи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хеле назаррас аст.

Бояд зикр кард, ки маънавиёт, ахлоқ, мавқеи шаҳрвандӣ, ватандӯстӣ ва омодагӣ ба хидмати Ватан дар байни арзишҳои дигари ҷавонон ба куллӣ тафовут доранд. Маънавиёт сифатест, ки ба доираи арзишҳои ҳаётан муҳим тавъам буда, мазмун, сифат ва самти мавҷудияти инсон ва симои шахсро муайян мекунад. Дараҷаи маънавиёти ҳар як фард на ба он муайян карда мешавад, ки ӯ то кадом андоза сатҳи саводи комил ва азхудкунии ҷаҳонро тавон дорад, балки берун рафтан аз доираи маҳдудияти ниёзҳои ҳаётан муҳим, ба ғояҳои воло барбастан ва сароғози кори худ кардани онҳо манша мегирад. Аз ин рӯ, гуфтан роиҷ аст, ки маънавиёт ба маънои дигар тарзи «ҳаётсозӣ»-и шахс мебошад. Асоси дохилии худмуайянкунии шахсро виҷдон, ки яке аз қисматҳои ахлоқ мебошад, ташкил медиҳад. Ахлоқ бошад, муайянкунандаи дараҷаи инкишофи маънавиёт ва авҷи  камолоти шахсият мебошад, ки дар раванди худшиносӣ ба амал меояд.

### 5.3. Гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян намудани ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ

Имрӯзҳо дар назди муассисаҳои таълимию тарбиявӣ, фарҳангӣ, оила ва институтҳои иҷтимоӣ яке аз масъалаҳои муҳими ҷомеа - тарбияи маънавӣ-ахлоқии наврасону ҷавонон меистад. Ин праблема дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таври хоси худ ва барои бартарафсозии он чораҳои муассири педагогӣ роҳандозӣ мегарданд.

Аз таҳлилҳои педагогӣ, мушоҳидаҳои сотсиологӣ ва ташхиси психологӣ муайян карда шуд, ки ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар сатҳи паст қарор дошта, баҳри такомул додани онҳо чораҳои зарурӣ андешидан лозим аст.

Мусаллам аст, ки ҷавонони муосир рафтор, гуфтор, тарзи фикрронӣ ва муошырати хоси худро доранд, ки ин сифатҳо раванди ҳаёти минбаъдаи онҳоро идора мекунанд. Аз ин рӯ, барои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бояд тамоми воситаҳои таъсиррасонӣ самаранок истифода гардида, фарҳанги рафторҳои онҳо ба танзим дароварда шаванд.

Яке аз қисматҳои асосии диссертатсия гузаронидани корҳои озмоишӣ барои ошкор намудани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ мебошад.

Ҷавонон ояндаи давлат ва ҳукумат мебошанд. Фарҳанги ҷавонон маҳсули муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, аз низоми умумии фарҳанг бо тамоюли арзишҳо, мӯд ва усулҳои муошират фарқ мекунад.

Ҷавонон як қишри иҷтимоӣ-демографии ҷомеа буда, вазифаи муҳими тағйири наслҳоро иҷро карда, дар дигаргунсозиҳои тамоми соҳаҳои ҳаёти бевосита иштирок мекунанд. Аз тарафи дигар, хислат ва мазмуни фаъолияти ҷавонон ҳамчун субъекти инкишофи ҷамъият бевосита аз шароитҳои объективии муҳити иҷтимоӣ вобаста мебошад, ки моделҳои муайяни иҷтимоишавиро ба онҳо пешниҳод менамояд.

Маврид ба зикр аст, ки ҷаҳони имрӯзаро беинтернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ тасаввур кардан ғайриимкон аст. Бояд қайд кард, ки на ҳама шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоию интернетӣ манфиатовар ва ба нафъи ҷомеа, алалхусус, ба ҷавонон мебошанд. Маълумоти бардурӯғ, тафриқаангез ва манфие, ки онҳо интишору паҳн мекунанд, таъсирҳои худро ба ҳар восита ба ҷавонон мерасонанд. Ҷавонон, ки қобилияти таҳлил кардани маълумотро то андозаи лозимӣ надоранд, метавонанд дар ин раванд он принсипҳо ва арзишҳои оилваю шахсии худро аз даст диҳанд.

Мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки аксарияти ҷавонон бештари вақти худро машғул ба бозиҳои компютерӣ ва сайри ҷаҳони интернетӣ мегузаронанд. Ва ин раванд ташвишовар арзёбӣ гардида, чораҳои бетаъхири амалиро талаб дорад. Ба таври дигар, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ мисли маводи мухаддир бештари ҷавононро ба доми худ кашида истодааст.

Бояд қайд кард, ки ҳар як сохтори ҷамъиятӣ новобаста аз рушди иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба таназзул мениҳад. Арзишҳои низ дигаргун мешаванд. Назарияҳои педагогӣ ҳам ташаккул меёбанд. Дар шароити имрӯза ҳамин раванд дар фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дида мешавад. Омода кардани чорабиниҳо бо истифода аз технологияҳои фаъолият корро то андозае мушкил гардонидааст. Мушкилии кор дар он аст, ки аз як тараф истифодаи технологияҳо ва роҳҳои инноватсионӣ чорабиниҳоро ҳусни дигар зам кунанд ҳам, аз тарафи дигар анъанаҳо, урфу одат ва оинҳои миллиро нодидагирӣ кардан лозим нест. Аз ин рӯ, илми педагогика ба ҳар як навгонӣ ва роҳҳои инноватсионӣ, ки дар фаъолият истифода мегарданд, бо ҷиддият муносибат мекунад, зеро дар инҷо мо кор бо шахсият дорем на ба техника.

Яке аз мақсадҳои мо, яъне гузаронидани корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, маҳз, дар ҳамин замина сурат гирифта буд.

Дар корҳои озмоишие, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ гузаронида шуд, 601 нафар аз шаҳри Душанбе ва ноҳияи Рӯдакӣ, инчунин барои муқоисаи сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ аз ноҳияҳои ҷануби кишвар ба мисли ноҳияи Восеъ ва М.С.А.Ҳамадонӣ иштирок карданд. Аз онҳо 227 нафар гурӯҳи озмоишӣ, 223 нафар гурӯҳи назоратӣ ва 151 нафар кормандони муассисаҳои фарҳангӣ буданд. Синну соли иштирокчиёни чорабиниҳои озмоишӣ 17-28 соларо дар бар мегирифт, ки ташрифоварандагони доимии муассисаҳои фарҳангӣ буданд.

Дар аввал мо амсила ва барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангиро омода ва таҳия сохтем.

Ва аз рӯйи онҳо бо истифода аз методҳои педагогӣ корҳои озмоишии худро шурӯъ намудем.

**Фарзияи озмоиш** ин ошкор сохтани роҳҳои самаранок ва ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мебошад.

Дар раванди гузаронидани корҳои озмоишӣ бояд чунин вазифаҳо иҷро гарданд:

- ошкор намудани моҳият ва муҳтавои раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- муайян кардани иқтидор ва имкониятҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон;
- муайян кардани меъёр ва нишондодҳои ташаккули арзиҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- илман асоснок кардани ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба воситаи корҳои озмоишӣ.

Ҳамин тариқ, корҳои озмоишӣ **чунин қисматҳоро** дар бар мегирад:

- омӯзиш ва таҳлили проблемаҳои ҷавонон дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- омӯзиши ҳолати имрӯзаи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ;
- ҷамъбаст ва баровардани натиҷаҳои корҳои озмоишӣ;
- муайян кардани меъёр ва нишондодҳои сатҳи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ.

Дар раванди корҳои озмоишӣ мо аз чунин **методҳо** истифода намудем:

- методи мулоҳиза ва ташхис;
- методи муқоиса ва ба қисматҳо ҷудо кардан;
- методи пурсиш, анкета, суҳбат, интервю;
- методи мушоҳида ва назорат.

Корҳои озмоишӣ дар **3 марҳила** амалӣ гардиданд.

**Дар давраи якум** мо иқтидор ва имкониятҳои муассисаҳои фарҳангиро дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мавриди омӯзиш қарор дода, корҳои озмоиширо шурӯъ намудем. Соли аввал барои дарки фаҳмиши арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ва моҳияти онҳо нигаронида шуда буд.

Дар вақти омода гардидани чорабиниҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бевосита худи ҷавонон иштирокчӣ ва ташабускори онҳо буданд. Ва мушоҳида мегардид, ки дар онҳо фаҳмишҳо дар бораи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ пайдо мегардиданд.

Бояд қайд кард, ки соли аввал соли тайёрӣ баҳри дарёфти фаҳмишҳо ва донишҳо дар бораи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба шумор мерафт.

**Дар марҳилаи дуюм** пайдоиши арзишҳо, ҳадафҳо ва муайян кардани мавқеи худ дар коллектив ва ҷомеа дар ҷавонон пайдо мегардиданд. Дар ин марҳила мо бо истифода аз барнома ва амсилаи тарҳрезигардида истифода намуда, ба корҳои худ идома бахшидем. Ва бояд қайд кард, ки барнома ва амсилаи омодагардидаи педагогӣ аз бисёр ҷиҳат ба мо дар самти ошкор сохтани ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ имкониятҳои фаровон дод.

**Марҳилаи сеюм** ба ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон, омодагӣ ба ҳаёт ва иҷтимоишавии онҳо нигаронида шуда буд. Яъне, дар ин марҳила ҷавонон мақсадҳо, нақшаҳо ва рисолати худро муайян сохтанд. Ба маънои аслии ҳаёт ва барои чӣ зиндагӣ карданро дарк намуданд. Дар онҳо ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бараъло ба мушоҳида мерасид. Ва он ҳадафҳое, ки дар назди худ гузошта будем ин ҳам бошад, ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ноил гардидем.

Сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин баҳогузорӣ намудем: **сатҳи баланд, миёна ва паст.**

Дар зери **сатҳи баланд** мо чунин ҷанбаҳоро баҳогузорӣ намудем:

- дараҷаи баланди ангезаҳои устувори маърифатӣ;

- мавҷудияти дониши амиқи системавӣ оид ба анъанаҳо ва фарҳанги маънавӣ-ахлоқӣ;
- муносибати мусбат ба фарҳанг;
- зарурати худтарбиякунии маънавӣ ва ахлоқӣ;
- риояи меъёрҳои рафтор дар ҷомеа;
- дарки мафҳумҳои арзишҳои умумибашарӣ;
- муносибати арзишманд ба падидаҳои санъат;
- қобилияти дарки асарҳои фарҳангӣ;
- худшиносии эҷодӣ;
- арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ, оилавӣ, маҳаллӣ ва шахсӣ.

Зери **сатҳи миёна** чунин сифатҳои шахсиро ҷой намудем:

- маромҳои маърифатии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба қадри кофӣ инкишоф наёфтаанд;
- дарки анъанаҳои фарҳангӣ то сатҳи лозимӣ инкишоф наёфтаанд;
- нокифоя донистани асарҳои санъату фарҳанг;
- нокифоя дарк кардани арзишҳо;
- надоштани малакаҳои муносибат;
- норавшании азхудкунии мафҳумҳои арзишҳои умумибашарӣ;
- кам ба назар расидани эҷодкорӣ;
- рушди сусти интихоби идеалҳо ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ;
- худбаҳодиҳии пасти амалҳо ва рафтор.

**Сатҳи паст** чунин қисматҳоро дар бар мегирифт:

- сатҳи пасти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ;
- ангезаҳои нокифоя ба худтарбиякунӣ ва худтакмилдиҳӣ;
- надонистани моҳияти тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ;
- надоштани равандҳои дарк ва баҳодиҳии арзишҳои фарҳангӣ;
- сатҳи пасти муносибату муошират;
- рӯй овардан ба фарҳангҳои бегона;
- қадр накардани арзишҳо;

- тамоюлҳои зиддифарҳангӣ;
- худбинона ва нодуруст интихоб кардани идеалҳо;
- надоштани малака ва таҷрибаи фарқ кардани неку бад;
- таназзули маънавӣ-ахлоқӣ;
- номуташаккили арзишҳо.

Ва инак он саволҳое, ки мо ҳам ба гурӯҳи озмоишӣ ва ҳам ба гурӯҳи назоратӣ барои ошкор сохтани ҷанбаҳои педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон пешниҳод намудем. Саволи аввалин чунин буд: «Кадом муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба Шумо бештар писанданд?»

Мо ба пурсишшудагон 6 варианти ҷавобро пешниҳод намудем. Ва ҷавобҳо ба ин савол чунин буданд.

**Ҷадвали 8. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Кадом муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба Шумо бештар писанданд?»**

| Вариантҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | Фоиз% | Гурӯҳи назоратӣ | Фоиз% |
|---|---|---|---|---|
| Қасрҳои фарҳангӣ | 28 | 12,3 | 26 | 11,7 |
| Клубҳо | 59 | 26,0 | 61 | 27,4 |
| Китобхона | 19 | 8,4 | 23 | 10,3 |
| Осорхона | 24 | 10,6 | 20 | 9,0 |
| Боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ | 62 | 27,3 | 56 | 25,1 |
| Театрҳо | 35 | 15,4 | 37 | 16,6 |
| Ҳамагӣ | 227 | 100 | 223 | 100 |

Тавре ки аз ҷадвал (ҷадвали №8) бармеояд, аз 227 нафар ҷавононе, ки ба гурӯҳи озмоишӣ шомил буданд, 28 (12,3%) нафар қасрҳои фарҳангӣ, 59 (26,0%) нафар клубҳо, 19 (8,4%) нафар китобхона, 24 (10,6%) нафар осорхона, 62 (27,3%) нафар боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва 35 (15,4%) нафар театрҳоро интихоб намуданд.

Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, ки 223 нафар ҷавонон шомил буданд, 26 (11,7%) нафар қасрҳои фарҳанг, 61 (27,4%) нафар клубҳо, 23 (10,3%) нафар китобхона, 20 (9,0%) нафар осорхона, 56 (25,1%) нафар боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва 37 (16,6%) нафар театрҳоро интихоб намуданд.

Аз таҳлили ҷадвал муайян карда шуд, ки ба ҷавонон бештар боғҳои фарҳангӣ ва муассисаҳои клубӣ писанд мебошанд.

Саволи навбатие, ки ба ҷавонон пешкаш гардид чунин буд: «Ба андешаи Шумо ҷавонон арзишҳоро дарк карда метавонанд?

**Диаграммаи 2. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Ба андешаи Шумо ҷавонон арзишҳоро дарк карда метавонанд?**




Агар ба диаграмма (ниг. ба диаг. №2) назар афканем мушоҳида мекунем, ки аз 227 нафар пурсишшудагон 68 (30,0%) нафар ҷавоби «Ҳа, арзиҳоро дарк карда метавонам», 84 (37,0%) нафар «Не, арзиҳоро дарк карда натавонам» ва 75 (33,0%) нафар «Наонқадар ба арзиҳо сарфаҳм меравам»-ро интихоб намуданд.

Аз ин бармеояд, ки бештари ҷавонон ба хосияти арзишҳо сарфаҳм намераванд. Инчунин, моҳият ва нақши арзишҳо ва мавқеи онҳоро дар ҳаёт муайян карда наметавонанд.

Барои боз ҳам беҳтар мушаххасу муайян кардани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мо ба онҳо бо чунин савол муроҷиат кардем: «Нақшаҳои Шумо барои солҳои минбаъда чигуна аст?»

**Диаграммаи 3. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Нақшаҳои Шумо барои солҳои минбаъда чигуна аст?»**




Тавре аз диаграмма бармеояд (ниг. ба диаг. №3), аз 227 нафар пурсишшудагон 34 (15,0%) нафар дар оянда нақша доранд, ки оила барпо кунанд, 72 (31,7%) нафар карёра созанд, 31 (13,7%) нафар идомаи таҳсил кунанд ва 90 (39,6%) нафар ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанро дар нақша доранд. Агар ин саволро таҳлил кунем ошкор мегардад, ки бештари ҷавонон майли ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанро доранд. Яъне, онҳо намехоҳанд, ки идомаи таҳсил намоянд, карёра созанд ё оила барпо кунанд.

Саволи навбатӣ, ки онро ба ҷавонон  пешниҳод кардем чунин буд: «Шуғли имрӯзаи Шумо чист?»

**Диаграммаи 4. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Шуғли имрӯзаи Шумо чист?»**




Агар ба диаграммаи №4 таваҷҷуҳ намоем мушоҳида мекунем, ки аз 227 нафар пурсишшудагон 141 (62,1%) нафар – донишҷӯ, 26 (11,5%) нафар – соҳибкор, 37 (16,3%) нафар – коргар ва 23 (10,1%) нафар – бекор мебошанд. Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки бештари ҷавонон, ки ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташриф меоранд, донишҷӯён мебошанд.

Суоли дигари чунин буд: «Аз чӣ танқисӣ доред, ки ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташриф намеоред?»

**Ҷадвали 9. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Аз чӣ танқисӣ доред, ки ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташриф намеоред?»**

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз% |
|---|---|---|
| Вақт надорам | 57 | 25,1 |
| Аз ҳисоби маблағ надоштанам | 36 | 15,9 |
| Сатҳи пасти чорабиниҳо | 89 | 39,2 |
| Вазъи саломатӣ | 24 | 10,5 |
| Дигар (завқ надорам) | 21 | 9,3 |
| Ҳамагӣ | 227 | 100 |

Тавре аз ҷадвал (ҷадвали №9) муайян мегардад, аз 227 нафар пурсишшудагон 57 (25,1%) нафар вақти ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ рафтан надоранд, 36 (15,9%) нафар аз ҳисоби вақт надоштан, 89 (39,2%) нафар сатҳи пасти чорабиниҳо, 24 (10,5%) нафар вазъи саломатии хуб надоштан ва 21 (9,3%) нафар аз сабаби шавқу завқ надоштан ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташриф намеоранд.

Аз таҳлили ҷадвал ошкор мегардад, ки бештари ҷавонон аз ҳисоби сатҳи пасти чорабиниҳо ва қонеъ накардани талаботи маънавӣ ба муассисаҳои фарҳангӣ рафтан майлу хоҳиш надоранд.

Саволи дигаре, ки мо бо он ба ҷавонон муроҷиат кардем чунин буд: «Чанд муддат Шумо ба муассисаҳои фарҳангӣ ташриф меоред?».

**Диаграммаи 5. Натиҷаи ҷавоби ҷавонон ба саволи «Чанд муддат Шумо ба муассисаҳои фарҳангӣ ташриф меоред?»**



Тавре ки аз диаграммаи №5 муайян мегардад, ба саволи пешниҳодгардида аз 227 нафар иштирокчиёни озмоиш 53 (23,0%) нафар - чанд маротиб дар як ҳафта, 46 (20,0%) нафар - як маротиб дар як моҳ, 89 (39,0%) нафар - чанд маротиб дар як сол ва 42 (18,0%) нафар – тамоман намеравам ба муассисаҳои фарҳангӣ ҷавобҳо доданд.

Аз ин бармеояд, ки аксарифти ҷавонон бо сабабҳои гуногун ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ кам рӯ меоранд. Ҳатто аз 227 нафар ҷавононе, ки дар озмоиш иштирок доштанд, 42 нафар, то замони шомил кардани онҳо ба гурӯҳи озмоишӣ тамоман ба муассисаҳои фарҳангӣ ташриф намоварданд. Ва аз онҳо хоҳиш намудем, ки дар гузаронидани корҳои озмоишӣ ба мо кумак намоянд.

Саволи навбатие, ки дар пурсишнома ҷой дода будем чунин буд: «Вақти холии Шумо дар як рӯз чӣ қадар аст?»

**Ҷадвали 10. Натиҷаи ҷавоби ҷавонон ба саволи «Вақти холии Шумо дар як рӯз чӣ қадар аст?»**

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз% |
|---|---|---|
| 2 соат | 72 | 31,7 |
| 3 соат | 61 | 26,9 |
| 4 соат | 58 | 25,6 |
| Вақти холӣ надорам | 36 | 15,9 |
| Ҳамагӣ | 227 | 100 |

Агар ба ҷадвали №10 назар афканем мебинем, ки аз 227 нафар пурсишшудагон 72 (31,7%) нафар 2 соат вақти холӣ доранд, 61 (26,9%) нафар 3 соат, 58 (25,6%) нафар 4 соат ва 36 (15,9%) нафар тамоман вақти холӣ надоранд.

Бояд зикр кард, ки бештари ҷавононе, ки варианти ҷавоби «вақти холӣ надорам»-ро интихоб намудаанд, духтарон буданд. Зеро, духтарон бештар ба корҳои хона ва ба модарони худ ёрӣ мерасонанд. Аз ин рӯ, онҳо наонқадар вақти холӣ доранд.

**Диаграммаи 6. Шумораи духтарон ва писарон**




Тавре аз диаграмма мебинем шумораи духтарон нисбат ба писарон зиёд мебошад. Духтарон – 138 (60,8%) нафар ва писарон – 89 (39,2%) нафарро ташкил медоданд. Аз ин бармеояд, ки духтарон нисбат ба писарон ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бештар таваҷҷуҳ доранд.

Саволи дигаре, ки ба ҷавонон пешниҳод гардид чунин буд: «Вақти холигии худро ба чӣ кор сарф мекунед?»

**Ҷадвали 11. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Вақти холигии худро ба чӣ кор сарф мекунед?»**

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз % |
|---|---|---|
| Телевизиор нигоҳ мекунам | 14 | 6,2 |
| Корҳои хона мекунам | 24 | 10,6 |
| Ба варзиш машғул мешавам | 11 | 4,8 |
| Интернет медароям | 86 | 37,9 |
| Бо ҳамроҳии рафиқон ба кӯча мебароям | 63 | 27,8 |
| Ба муассисаҳои фарҳангӣ (осорхона, китобхонӣ, клуб, боғҳои фарҳангӣ-истироҳатӣ) меравам | 29 | 12,7 |
| Ҳамагӣ | 227 | 100 |

Тавре аз ҷадвал (ҷадвали №11) ошкор мегардад, аз 227 нафар пурсишшудагон 14 (6,2%) нафар вақти холигии худро бо тамошои телевизиор сарф мекунанд, 24 (10,6%) нафар – корҳои хона мекунанд, 11 (4,8%) нафар – ба варзиш машғул мегарданд, 86 (37,9%) нафар – ба дунёи Интернет ворид мегарданд, 63 (27,8%) нафар – бо ҳамроҳии рафиқон ба кӯча мебароянд ва 29 (12,7%) нафар – ба муассисаҳои фарҳангӣ (осорхона, китобхонӣ, клуб, боғҳои фарҳангӣ-истироҳатӣ) ташриф меоранд.

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки бештари ҷавонон ба сайри дунёи Интернет ва бо ҳамроҳии рафиқон гашту гузор карданро меписанданд. Албатта, ҷавонон аз ҷаҳони Интернет барои худ ғизои маънавӣ мегиранд, агар онҳо аз фарҳанги истифодабарии интернет огаҳӣ дошта бошанд. Аммо мушоҳидаҳои педагогӣ нишон медиҳанд, ки шумори ками ҷавонони имрӯза барои дастрас кардани маълумоти лозимӣ ба сомонаҳои иҷтимоӣ ворид мегарданд.

Бо ҳамроҳии рафиқон дар кӯчаҳо сайру гаштан кардани ҷавонон низ нигаронкунанда мебошад. Зеро, ин боис мегардад, ки ҷавонон вақти холии худро бе ягон маънову мундариҷа гузаронанд. Беҳтар мебуд, онҳо дар якҷоягӣ бо ягон амали хайру салоҳ ҳангоми вақтҳои фориғ аз таҳсилу кор машғул мегардиданд.

Саволи дигаре, ки ба ҷавонон пешниҳод гардид чунин буд: «Аз шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ истифода мебаред? Агар «Ҳа» чанд соат?»

**Диаграммаи 7. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Аз шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ истифода мебаред? Агар «Ҳа» чанд соат?»**




| | 1 соат | 2 соат | 3 соат | 4 соат | аз 5 соат зиёд | Истифода намебарам | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумора | 8 | 47 | 79 | 52 | 31 | 10 | 227 |
| Фоиз% | 3,5 | 20,7 | 34,8 | 22,9 | 13,7 | 4,4 | 100 |

Тавре аз диаграмма (ниг.диаг.№7) муайян мегардад, 8 (3,5%) нафар – 1 соат аз шабакаҳо ва сомонаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд, 47 (20,7%) нафар – 2 соат, 79 (34,8%) нафар – 3 соат, 52 (22,9%) нафар – 4 соат, 31 (13,7%) нафар – аз 5 соат зиёд ва 10 (4,4%) нафар бо баъзан сабабҳои ҳаётӣ аз шабакаҳи Интернетӣ истифода намебаранд.

Агар ҷадвали навбатиро таҳлил кунем мебинем, ки бештари ҷавонон аз 3 соат зиёд дар сомонаҳо ва шабакаҳои иҷтимоӣ истифода мебаранд.

Саволи дигар, ки дар анкета ҷой дода будем ва ба ҷавонон бо он муроҷиат кардем чунин буд: «Бо кадом мақсад Шумо ба муассисаҳои фарҳангӣ ташриф меоред?».

**Ҷадвали 12. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Бо кадом мақсад Шумо ба муассисаҳои фарҳангӣ ташриф меоред?»**

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз% |
|---|---|---|
| Гузаронидани вақти холӣ | 59 | 26,0 |
| Барои китобхонӣ | 28 | 12,3 |
| Шиносоӣ бо одамони дигар | 19 | 8,4 |
| Тамошои намоишнома(спектакл) | 46 | 20,3 |
| Иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ | 51 | 22,4 |
| Барои дарёфти маълумот | 24 | 10,6 |
| Ҳамагӣ | 227 | 100 |

Агар ба ҷадвал назар кунем ошкор мегардад, ки аз 227 нафар ҷавонон 59 (26,0%) нафар бо мақсади гузаронидани вақти холии худ, 28 (12,3%) нафар – барои китобхонӣ, 19 (8,4%) нафар – шиносоӣ бо шахсони дигар, 46 (20,3%) нафар – тамошои намоишнома(спектакл), 51 (22,4%) нафар – баҳри иштирок дар чорабиниҳо ва 24 (10,6%) нафар – барои дарёфти маълумот ба муассисаҳои фарҳангӣ ташриф меоранд.

Аз таҳлили ҷадвал бармеояд, ки қисми зиёди ҷавонон ба муассисаҳои фарҳангӣ баҳри гузаронидани вақти холӣ ва иштирок дар чорабиниҳои оммавӣ ташриф меоранд.

Саволи дигар, ки ба ҷавонон пешниҳод кардем чунин буд: «Тарзи гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ба Шумо писанд аст?»

**Диаграммаи 8. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавонон ба саволи «Тарзи гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ ба Шумо писанд аст?»**




Тавре аз диаграмма мушоҳида мегардад, аз 227 нафар ҷавонон 38(16,7%) нафар – ҷавоби «Ҳа, тарзи гузаронидани чорабиниҳои фарҳангӣ писанд мебошад» ва 189 (83,3%) нафар – ҷавоби «Не, писанд намебошад»-ро интихоб намуданд. Ин ҳолат ва ҷавоби пурсишшудагон аз он шаҳодат медиҳад, ки ҷавонони имрӯза аз фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, то андозае розӣ нестанд. Ва мехоҳанд, ки муассисаҳои фарҳангӣ чорабиниҳои худро тарзе омода созанд, то талаботи маънавии ҷавононро қонеъ карда тавонанд.

Инчунин, барои боз ҳам дақиқтар омӯхтани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мо бо кормандони муассисаҳои фарҳангӣ низ корҳои таҳқиқотии худро роҳандозӣ намудем.

Барои фаҳмидани андешаҳои мутахассисони муассисаҳои фарҳангӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мо бо онҳо ба тариқи анкета ва мусоҳиба корҳои пажуҳишӣ гузаронидем.

Ва инак суоли навбатие, ки бо он ба кормандони муассисаҳои фарҳангӣ муроҷиат кардем чунин буд: «Ба фикри Шумо барои беҳтар кардани самти фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ кадом тадбирҳоро роҳандозӣ кардан лозим аст?»

**Диаграммаи 9. Натиҷаи ҷавобҳои кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ба саволи «Ба фикри Шумо барои беҳтар кардани самти фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ кадом тадбирҳоро роҳандозӣ кардан лозим аст?»**




Тавре аз диаграмма (ниг.ба.диаг.№9) аён мегардад, аз 151 нафар пурсишшудагон 43 (28,7%) нафар ба он андешаанд, ки барои беҳтар кардани фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ бояд чорабиниҳоро ҷолибу дидани намуд, 36 (24,2%) нафар – талаботи ҷавононро ба инобат гирифт, 47 (31,3%) нафар -

маблағи намоишномаҳоро кам кардан лозим ва 25 (16,8%) нафар – дар чорабиниҳо анъана ва урфу одатҳои миллӣ ҷой дода шаванд.

Аз таҳлили ҷадвал ошкор мегардад, ки барои беҳтар кардани самти фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва ҳарчи ҷалби бештари ҷавонон ба ин даргоҳ чорабиниҳоро ҷолибу дидани намуд ва маблағи онҳоро низ кам кардан лозим аст.

Саволи дигаре, ки дар пурсишнома ҷой дошт чунин буд: «Ба андешаи Шумо кадом сарчашмаҳо боиси ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мегарданд?»

Мо ба пурсишшудагон 7 варианти ҷавобро пешниҳод кардем.

**Ҷадвали 13. Натиҷаи ҷавобҳои кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ба саволи «Ба андешаи Шумо кадом сарчашмаҳо боиси ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон мегарданд?»**

| Вариантҳо | Шумора | Фоиз% |
|---|---|---|
| Рӯзнома ва маҷаллаҳо | 21 | 13,9 |
| Китобҳо | 16 | 10,6 |
| Радио ва телевизиор | 26 | 17,2 |
| Интернет | 6 | 4,0 |
| Тавсияи педагогҳо | 13 | 8,6 |
| Муассисаҳои фарҳангӣ | 58 | 38,4 |
| Оила | 11 | 7,3 |
| Ҳамагӣ | 151 | 100 |

Агар ба ҷадвали №13 назар афканем мебинем, ки аз 151 нафар кормандони муассисаҳои фарҳангӣ 21 (13,9%) нафар ба он андешаанд, ки сарчашмаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон рӯзнома ва маҷаллаҳо, 16 (10,6%) нафар – китобҳо, 26 (17,2%) нафар – радио ва телевизиор,

6 (4,0%) нафар – Интернет, 13 (8.6%) нафар – тавсияи педагогҳо, 58 (38,4%) нафар – муассисаҳои фарҳангӣ ва 11 (7.3%) нафар – оила мебошанд.

Аз таҳлили ҷадвал аён мегардад, ки ба андешаи кормандони муассисаҳои фарҳангӣ рӯзнома ва маҷаллаҳо, китобҳо, радио ва телевизиор, Интернет, педагогҳо ва оила дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳм гузошта метавонанд, аммо муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ ин ҷанбаро тақвият бахшида, нақши созгор дар ҳаёти минбаъдаи онҳо доранд.

Саволи дигар чунин буд: «Оё дар маҳалли Шумо муассисаҳои фарҳангӣ басандаанд?»

**Диаграммаи 10. Натиҷаи ҷавобҳои кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ба саволи «Оё дар маҳалли Шумо муассисаҳои фарҳангӣ басандаанд?»**




Тавре аз диаграмма бармеояд ба саволи навбатӣ аз 151 нафар пурсишшудагон 69 (45,7%) нафар «Ҳа дар маҳалли мо муассисаҳои фарҳангӣ басандаанд» ва 82 (54,3%) нафари дигар ҷавоби «Не дар маҳалли мо муассисаҳои фарҳангӣ ба қадри кофӣ вуҷуд надоранд» – ро интихоб намуданд.

Ба андешаи қисми зиёди пурсишшудагон муассисаҳои фарҳангӣ дар маҳалли онҳо арзи ҳастӣ надоранд. Ва ин боис мегардад, ки арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон то ҳадде коста гарданд.

Саволи дигар, ки дар пурсишнома ҷой дошт чунин буд: «Ба андешаи Шумо кадом шакли чорабиниҳо дар ташаккули арзишҳои ҷавонон нақши созгор доранд?»

**Диаграммаи 11. Натиҷаи ҷавобҳои кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ба саволи «Ба андешаи Шумо кадом шакли чорабиниҳо дар ташаккули арзишҳои ҷавонон нақши созгор доранд?»**




Тавре аз диаграмма (ниг.ба диаг №11) аён мегардад, аз 151 нафар мутахассисони муассисаҳои фарҳангӣ 17 (11,3%) нафар саҳми чорабиниҳои илмиро дар ташаккули арзишҳои ҷавонон мебинанд, 36 (23,8) нафар -

чорабиниҳои оммавӣ, 84 (55,6%) нафар – чорабиниҳои миллӣ ва 14 (9,3%) нафар – чорабиниҳои сиёсиро интихоб намуданд.

Аз ин бармеояд, ки бештари кормандони муассисаҳои фарҳангӣ ба он андешаанд, ки чорабиниҳои миллӣ ва сиёсӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми бузург доранд.

Бояд тазаккур дод, ки ғайр аз гузаронидани анкета бо кормандони муассисаҳои фарҳангӣ инчунин, бо онҳо бо тариқи методи мусоҳиба ва мушоҳида корҳои таҳқиқотиро роҳандозӣ кардем. Ва аз бурду бохту нақшаҳои ояндаи онҳо суҳбатҳо доир намудем.

Тавре ки қайд карда шуд, пойгоҳи таҳқиқотии мо муассисаҳои фарҳангии шаҳри Душанбе, ноҳияи Рӯдакӣ ва ноҳияҳои ҷануби кишвар – ноҳияи Восеъ ва Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ буданд.

Маврид ба зикр аст, ки ҳангоми доир намудани мусоҳиба бо мудири бахши фарҳанги ноҳияи Рӯдакӣ Каримов Ш. ошкор гардид, ки фаъолияти баъзан клубҳои деҳотҷойҳо бо баъзан сабабҳои иҷтимоию иқтисодӣ, то андозае дуруст бароҳ монда нашудааст. Базаи заифи моддию техникӣ, надоштани автоклубҳо барои саривақт расонидани хизмати фарҳангӣ ва баланд бардоштани маърифати аҳолӣ ба ин раванд таъсирҳои манфии худро низ мерасонанд.

Инчунин, бо мудири бахши фарҳанги ноҳияи Восеъ Шарифов Р. ва мудири бахши фарҳанги ноҳияи М.С.А.Ҳамадонӣ Абдуҷаборзода А. суҳбатҳо гузаронида шуд.

Аз ҷараёни суҳбатҳо ошкор гардид, ки муассисаҳои фарҳангии ин ноҳияҳо низ ҳангоми бароҳмонии фаъолият бо баъзан монеаҳои моддию техникӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Мудири клуби деҳаи Кадучӣ, ҷамоати Мирзоалӣ Вайсови ноҳияи Васеъ – Маҳмудов Сафаралӣ гуфта гузашт, ки чорабиниҳои худро онҳо бо сабаби надоштани нақлиёт гузаронида наметавонанд. Ҳамзамон, мудири клуб қайд кард, ки ҳангоми омода намудани чорабиниҳо маҷбур мешаванд, аз шахсони алоҳида асбобҳои навозандагию техникӣ (синтизатор, таблаку доира

ва ғайра) ва барои аз як ҷой ба ҷойи дигар кашонидани баландгӯякҳо аз шахсони алоҳида нақлиёти шахсӣ кироя кунанд. Аз ин рӯ, чорабиниҳо ба таври фаврӣ ва дар муҳлати кутоҳ омода мегарданд. Ин албатта, то андозае таъсирҳои манфии худро ба сатҳу сифати чорабинӣ мерасонад. Зеро, дар муддати кутоҳе, ки чорабинӣ омода мегардад, ба сатҳи маърифатӣ ва ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии он аҳамияти ҷиддӣ дода намешавад.

Баъди омӯзиши ин праблемаҳо ба чунин хулосаҳо омадем, ки кормандони муассисаҳои фарҳангӣ дар фаъолияти худ аз барномаҳо, шаклҳо ва воситаҳои гуногуни инноватсионии фарҳангӣ-фароғатӣ фаъолона истифода мебаранд, вале тибқи мушоҳидаҳои мо ин барномаҳо на ҳамеша ба меъёрҳои зарурии технологӣ ва қонеъкунандаи талаботи ҷавонон ҷавобгӯ мебошанд. Зеро, аз сабаби муносибати нокифояи касбӣ ва таҳияи драматургии барномаҳо аз ҷиҳати  режиссура ва таҳияи онҳо инчунин, такя ва истифода набурдан аз усулҳои маъмули эҷодӣ ин равандро мушкилтар мегардонанд. Илова бар ин, як қисми кормандони муассисаҳои фарҳангӣ донишҳои системавии ибтидоии драматургия, режиссура ва инсенировкаро надоранд, ки ин ба сатҳи барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ низ таъсир мерасонад.

Дар фарҷом бояд қайд кард, ки натиҷаи ниҳоии корҳои озмоиширо дар саволи охирон, ки ба ҷавонон бо он муроҷиат кардем ва аз чигуна ҷавоб додани онҳо то кадом андоза муваффақ гардидани мо вобаста буд, медидем. Ва инак он савол чунин буд: «Ба андешаи Шумо кадом муассисаҳо дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бештар саҳм гузошта метавонанд?».

Бояд зикр кард, ки мо ин саволро ҳам соли аввал ва ҳам соли охирон ба иштирокчиёни озмоиш пешниҳод намудем. Мақсад дар он буд, ки ба андешаи ҷавонон кадом муассисаҳо бештар ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ мусоидат мекунанд.

Мо ба пурсишшудагон 4 варианти ҷавоб пешниҳод кардем.

**Ҷадвали 14. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавононе, ки дар гурӯҳи озмоишӣ шомил буданд, ба саволи «Ба андешаи Шумо кадом муассисаҳо дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бештар саҳм гузошта метавонанд?»**

| Вариантҳо | Гурӯҳи озмоишӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли аввал | | Соли охир | |
| | Шумора | Фоиз % | Шумора | Фоиз % |
| Муассисаҳои таълимӣ | 78 | 34,3 | 43 | 18,9 |
| Муассисаҳои берун аз мактабӣ | 42 | 18,5 | 12 | 5,3 |
| Муассисаҳои фарҳангӣ | 66 | 29,1 | 158 | 69,6 |
| Марказҳои рушди истеъдодҳои ҷавон | 41 | 18,1 | 14 | 6,2 |
| Ҳамагӣ | 227 | 100 | 227 | 100 |

**Ҷадвали 15. Натиҷаи ҷавобҳои ҷавононе, ки дар гурӯҳи назоратӣ шомил буданд, ба саволи «Ба андешаи Шумо кадом муассисаҳо дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бештар саҳм гузошта метавонанд?»**

| Вариантҳо | Гурӯҳи назоратӣ | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Соли аввал | | Соли охир | |
| | Шумора | Фоиз % | Шумора | Фоиз % |
| Муассисаҳои таълимӣ | 87 | 39,0 | 96 | 43,0 |
| Муассисаҳои берун аз мактабӣ | 39 | 17,5 | 48 | 21,5 |
| Муассисаҳои фарҳангӣ | 59 | 26,5 | 63 | 28,3 |
| Марказҳои рушди истеъдодҳои ҷавон | 38 | 17,0 | 16 | 7,2 |
| Ҳамагӣ | 223 | 100 | 223 | 100 |

Тавре ки аз ҷадвали №14 ва №15 бармеояд агар соли аввали таҳқиқот гурӯҳи озмоишӣ ба саволи пешниҳодгардида: 78 (34,3%) нафар – муассисаҳои таълимӣ, 42 (18,5%) нафар – муассисаҳои берун аз мактабӣ, 66 (29,1%) нафар – муассисаҳои фарҳангӣ ва 41 (18,1%) нафар – саҳми марказҳои рушди истеъдодҳои ҷавонро дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бинанд, пас дар соли охири корҳои озмоишӣ ин гурӯҳ чунин шуморанд: 43

(18,9%) нафар - муассисаҳои таълимӣ, 12 (5,3%) нафар – муассисаҳои берун аз мактабӣ, 158 (69,6%) нафар – муассисаҳои фарҳангӣ ва 14 (6,2%) нафар - марказҳои рушди истеъдодҳои ҷавон дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон нақши муассир доранд.

Аз ин бармеояд, ки соли аввал ҷавонони гурӯҳи озмоишӣ то андозае аз фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ шинос набуданд ва саҳми онҳоро низ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ намедонистанд. Пас аз гузаронидани чорабиниҳои озмоишӣ ва ба ин васила, шинос намудани ҷавонон бо фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, омода кардани чорабиниҳои муштараки кормандони муассисаҳои фарҳангӣ бо ҷавонон, иштирок дар маҳфилҳову озмунҳо боис гардиданд, то ҷавонон дарк намоянд, ки муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ дар баробари дигар муассисаҳои таълимию тарбиявӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми беандоза доранд.

Дар гурӯҳи назоратӣ бошад, тағйирот начандон ба назар мерасид. Агар соли аввал ба саволи пешниҳодгардида, яъне «Ба андешаи Шумо кадом муассисаҳо дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бештар саҳм гузошта метавонанд?» чунин ҷавобҳо дода бошанд: 87 (39,0%) нафар - муассисаҳои таълимӣ, 39 (17,5%) нафар – муассисаҳои берун аз мактабӣ, 59 (26,5%) нафар – муассисаҳои фарҳангӣ ва 38 (17,0%) нафар – марказҳои рушди истеъдодҳои ҷавон, пас дар соли охирон низ ҷавобҳои ҷавонон начандон нисбат ба соли аввал тафовут доштанд. Ва онҳо соли охирон чунин ҷавобҳо доданд: 96 (43,0%) нафар - муассисаҳои таълимӣ, 48 (21,5%) нафар – муассисаҳои берун аз мактабӣ, 63 (28,3%) нафар – муассисаҳои фарҳангӣ ва 16 (7,2%) нафар - марказҳои рушди истеъдодҳои ҷавон дар ташаккули арзишҳои ҷавонон саҳм гузошта метавонанд.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои таҳқиқот фарзияҳои диссертатсияро собит намуданд. Ва мо бори дигар ба хулосае омадем, ки ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон аз зарурати бетаъхири таҳияи барномаи бисёрҷанбаи педагогӣ вобаста мебошад. Раванди омодасозии чорабиниҳо дар

муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бояд дар асоси принсипҳои педагогӣ ва таҷрибаҳои пешқадами анъанавӣ, методологӣ ва назариявӣ, ки онҳо дар якҷоягӣ бутуни системаи ин равандро муайян мекунанд, ба роҳ монда шаванд.

Пас аз баанҷом расидани корҳои озмоишӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

- ҷанбаҳои тарбиявие, ки ҳангоми омодасозии чорабиниҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ роҳандозӣ гардиданд, самараи хуб доданд;
- арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, ки пеш аз ҳама, ояндаи ҷавонон ва баъдан, рушди босуботи ҷомеа аз ин сифатҳо вобастагии калон дорад, ташаккул ёфтанд;
- истифода намудани шакл ва усулҳои маъмули педагогӣ дар фаъолити муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ баҳри тарбияи ҷавонон бартарияти худро нишон доданд;
- барномаи таҳиягардидаи педагогие, ки ҳангоми корҳои озмоишӣ мавриди истифода қарор гирифт, то андозае натиҷагирӣ ва хулосабарориҳоро тақвият бахшид;
- чорабиниҳое, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ омода ва баргузор карда мешуданд, талаботи маънавии ҷавононро қонеъ гардониданд;
- шуур ва дарки ҳуввияти миллии ҷавонон дар чорабиниҳои муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул ёфт;
- ба воситаи озмунҳою чорабиниҳо тарзи ҳаёти солим ва машғул гардидан ба варзиш тарғиб карда мешуд, натиҷаи назаррас нишон доданд;
- баэътиборгирии ҷиҳатҳои синну солӣ ҳангоми омодасозии чорабиниҳо муҳим шуморида шуд;
- дар раванди баргузории чорабиниҳо дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккули ҳисси масъулиятшиносӣ, таҳаммулпазирӣ ва ватандӯстӣ сурат гирифт;
- арзишҳои миллӣ, маҳаллӣ, оилавӣ ва шахсӣ рушд ва такомул ёфтанд;

- тарбия кардани ҷавонон дар асоси риояи меъёрҳои рафтор, гуфтор ва муносибат дар ҷомеа бартарияти худро нишон дод.

## Хулосаи боби 5

Дар ҳамаи давру замон тарбия маънавӣ-ахлоқии ҷавонон зери назари олимону донишмандон қарор дошт ва то кунун ин масъала муҳимияти худро гум накардааст. Тасдиқи ин гуфтаҳоро бо он шарҳ додан мумкин аст, ки дар солҳои пешин аҳли ҷомеа аз сатҳи пасти фарҳанги ҷавонон нигарон буданд ва фанне лозим буд, то ин равандро идора карда, ҷавоноро дар роҳи созандагӣ ва ободкорӣ роҳандозӣ намояд. Аз ин рӯ, чунин фан бо номи фарҳангшиносӣ дар ибтидои асри 20 ҳамчун фанни таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, касбӣ ва олӣ ҷорӣ гардид. Ва то андозае масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон роҳӣ ҳалли худро ёфт. Бо гузашти вақт ин праблема боз мубрам арзёбӣ гардида, тарбияи фарҳангии ҷавонон ба миён омад.

Кафолати асосии тараққиёти ҳар ҷомеа ин ба роҳ мондани ва ба танзим даровардани муносибатҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоикунии қишрҳои гуногуни ҷомеа мебошад. Ҷавонон, ки қишри осебпазири ҷомеа ба ҳисоб мераванд, дар ин раванд зарбаи бештар ба онҳо мерасад. Маҳз, дар ҳамин давра сохторҳои асосии шахсият ташаккул меёбанд, ки хусусиятҳои сифатии ҷавонон асосан аз дараҷаи фарҳангсозии онҳо вобаста аст. Шахсият аз нуқтаи назари психология фарде маҳсуб меёбад, ки дар ҷомеа муносибат ва фаъолияти бошуурона дорад. Дар ин раванд сифатҳои шахсӣ аз фаъолияти муштарак ва муошират ташаккул меёбанд. Педагогикаи муосир дар назария ва амалияи таълим ва тарбия таҷрибаи зиёдро гирд овардааст, ки низоми нав ва роҳҳои самараноки тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон рӯйи кор омадаанд. Ин низом вазифаҳои ташаккули шахсияти эҷодкор, фаъол ва маҳорати ташкили равандҳои педагогиро ба миён мегузорад.

Худмуайянкунии иҷтимоӣ ва ворид гардидан ба муносибатҳои ҷамъиятӣ барои ҳар давру замон ягона буду ҳаст, вале он аз низоми иҷтимоӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ вобаста аст. Ин раванд доимо дар ҳоли тағйирёбӣ қарор дорад.

Иҷтимоисозии ҷавонон раванди мураккаб ва мунтазам аст, ки аз як тараф талаботи фардӣ ба талаботи ҷомеа мутобиқ карда мешавад, (аммо ин мутобиқшавӣ раванди фаъоли эҷодӣ мебошад, яъне азхуд кардани арзишҳои умумибашарӣ, нишон додани қобилиятҳои худ ва ғайра) аз тарафи дигар, ҷомеа меъёрҳои ахлоқу рафтор, шаклҳои аз ҷиҳати педагогӣ ба мақсад мувофиқи муносибатҳои байни одамонро дар оила, мактаб, муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра ташаккул медиҳад.

Бояд гуфт, ки ангезаи тавонои рушди эҷодии ҷавонон, нашъунамои қобилиятҳои онҳо, васеъ намудани доираи шавқу рағбат, афкор, ҳиссиёт ва кирдор, фаъолияти эҷодию вақтхушӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташаккул меёбанд. Ин муассисаҳо, ки дорои иқтидори бузурги педагогӣ мебошанд, барои рушди шахсият дар асоси талабот ва ангезаҳои рафтори бартаридошта замина фароҳам меоранд.

Новобаста бо тамоми ҷиҳатҳои мусбати муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти фароғат қайд кардан лозим аст, ки ин раванд аз вазъияти сиёсӣ, иқтисодӣ, идеологӣ ва маориф вобастааст.

Тавре ки таҷрибаҳо нишон медиҳанд, агар фароғати ҷавонон дар сатҳи паст ва ба таври худ қарор дошта бошад, натанҳо натиҷаи дилхоҳ намедиҳад, балки раванди бенатиҷа ва бесамарро мемонад.

Мушкилӣ ва душвории раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар давраи наврасӣ бамушоҳида мерасад, чунки дар ин давра ҳам рушди бадан ва ҳам рушди шуур ба нуқтаи балантарини худ нарасидаанд. Дар ин айём муносибатҳои гуногун ба мисли дӯстӣ, рафиқӣ, зиддиятҳо, мухолифатҳо, меҳру муҳаббат ва ғайра пайдо мешаванд. Инчунин, муҳити иҷтимоии наврасон низ дар ҳоли рушд қарор дошта, таъсирҳои гуногуни равонию эмотсионалӣ ба онҳо

мерасанд. Барои иҷтимоикунонии ҷавонон ва аз ҷониби онҳо риояи меъёрҳои маънавӣ-ахлоқии ҷомеа муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ саҳми босазо доранд.

Ташаккули шахсият як раванди мураккаби гуногунҷабҳа буда, дар шакли инкишофи физиологӣ, равонӣ ва иҷтимоии шахс амалӣ мегардад.

Дар педагогикаи умумӣ тарбия ҳамчун раванди махсуси бошуурона, ки ба ташаккули шахсияти тарбиятгиранда нигаронида шудааст, донста мешавад. Вай  мақсад, мазмун, восита ва усулҳои тарбияро меомузад. Муҳим он аст, ки дар раванди тарбия роҳу воситаҳои таъсиррасонии педагогиро ҷустан лозим аст, ки ба синну соли муайяни тарбиятгиранда бештар мувофиқ бошанд.

Бояд гуфт, ки фаъолияти фароғатӣ нисбат ба дигар муассисаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ бештар дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дида мешавад ва барои рушди ҷанбаҳои равонӣ ва эмотсионалии ҷавонон заминаи мусоид фароҳам меорад. Чунин шаклҳои фароғат, аз қабили: ҷамъиятҳои шуғл ва рағбати ягонадошта, бозиҳо, идҳои оммавӣ ва клубҳои дӯстдорони шеъру суруд барои дарки худ, муайян кардани эҳсосот, танзими рафтор, тарзи муносибат ва фаҳмиши бартарияту камбудиҳои худ нисбат ба диагрон шароит муҳайё месозанд. Маҳз дар шароити фароғат дастаҷамъӣ ва ягонагӣ ташаккул меёбад, ки ба ҷавонон имконият медиҳад, то дар нақшҳои гуногуни иҷтимоӣ баромад кунанд.

Дар раванди фароғати коллективона ҳиссиёти рафоқат, якдигарфаҳмӣ, муташаккилӣ ва ҳамбастагӣ мустаҳкам гардида, сатҳи ҳамдилӣ ва ягонагӣ баланд мешавад, ки дар натиҷа тарбияи меҳнатӣ, масъулиятшиносӣ, мавқеи муайяни шаҳрвандӣ ва риояи меъёрҳои рафторҳои ҷамъиятӣ низ роҳи ҳаллӣ худро меёбанд.

Яке аз вазифаҳои муҳими фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ ин ёрӣ расондан ба ҷавонон барои интихоби касб мебошад.

Аксарияти ҷавонон роҳи ҳаллӣ ин масъаларо дар раванди фаъолияти фарҳангӣ-фароҳатӣ бадаст меоранд. Ҷавонон дар вақтҳои истироҳатӣ-фароғатӣ китоб мехонанд, кино ва намоишҳои телевизиониро тамошо

мекунанд ва ҳатто баъзан ҷавонон дар спектаклҳо иштирок карда, нақш меофаранд, ба ин васила, олами касбу ҳунарро кашф мекунанд. Ва барои худ роҳи ояндаи касбиро муайян намуда, нақшаҳои минбаъдаро тарҳрезӣ менамоянд.

Фаъолияти фарҳангӣ-фароғатӣ дар асоси принсипи қонеъ кардани талаботи қишрҳои гуногуни ҷомеа ба роҳ монда мешавад. Агар ташрифоварандагони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ талаботи маънавии худро қонеъ карда натавонанд, пас ба он ҷо намеравад. Ин раванд муассисаҳои мазкурро вазифадор месозад, то манфиату дархостҳои мушаххаси ташрифоварандагонро ба назар гирифта, фаъолияти худро ба роҳ монанд.

Дар раванди гузаронидани корҳои озмоишӣ дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба мо ошкор гардид, ки новобаста аз фаъолияти мунтазам ва қонеъ кардани талаботи маънавии ҷавонон муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо мушкилиҳои иҷтимоию иқтисодӣ рӯ ба рӯ мегарданд. Ба таври дигар, дар шароити муосири иҷтимоию иқтисодӣ фароғати ҷавонон ба таври ғайриқобили тиҷоратӣ табдил ёфтааст. Аз сабаби набудани захираҳои моддӣ ва техникӣ муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ аз уҳдаи иҷрои фаъолияти худ ба пуррагӣ набаромада, доираи фаъолияти онҳо маҳдуд гардидааст. Ин раванд ба он оварда расонидааст, ки дар фаъолияти ҷавонон фазои холӣ ба вуҷуд омадаст. Ба ҳамагон маълум аст, ки инсон бояд фазои холии фаъолияти худро бо ягон амали дигар пурра созад. Тавре аз пурсишҳо ва мушоҳидаҳои педагогӣ бармеояд, ҷавонон бештари вақти холии худро дар сомонаҳои иҷтимоӣ ва ҷаҳони Интернетӣ ё гашту гузорҳои бемаънову бесаранҷом дар кӯчаҳо мегузаронанд. Яъне, имрӯзҳо кӯча ба манбаи иттилооти иҷтимоӣ табдил ёфта, меъёрҳои рафтори худро муайян мекунад, ки ин раванд, як навъ «кодекси ахлоқиро» ташаккул дода, шартҳои худро барои ташаккули ҷомеа таҳмил медиҳад. Дар ниҳояти кор кӯча торафт ба яке аз воситаҳои таъсирбахши рафторҳо табдил меёбад, ки афзоиши ҷинояту ҷинояткории ҷавононро ба бор меорад.

Ҳангоми гузаронидани корҳои озмоишӣ ба ҷавонон чунин суол пешниҳод гардида буд, ки оё кадом муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ нақши бузур доранд. Бештар пурсишшудагон театрҳоро маркази тарбия ва худтарбиякунӣ интихоб намуданд. Албатта, имкониятҳои театр барои тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон беандоза аст. Ва маконест, барои пайванд кардани арзишҳо, ҳамдилӣ ва рафъ кардани хастагӣ.

Бештари китобдорони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бар он ақидаанд, ки пас аз тамошои театр шавқу завқи китобхонии ҷавонон фаъол гардида, талабот ба адабиёт, ки бавосита ба намоиши театрӣ алоқаманд аст, меафзояд.

Бояд қайд кард, ки дар баробари муваффақиятҳо дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон камбудиҳо низ ба чашм мерасанд.

Имрӯзҳо муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ марказҳои фароғатиеро мемонанд, ки ҷавонон танҳо барои тамошои филм, саҳнаҳои театрӣ ва шунидани суруду мусиқӣ меоянд. Аз натиҷаҳои озмоиш бармеояд, ки муасисаҳои фарҳангии шаҳрҳо ва марказҳои ноҳияҳо, то андозае талаботи ҷавононро қонеъ мегардонанд. Вале дар деҳотҷойҳо сатҳи хизматрасонии муассисаҳои номбурда паст буда, талаботи маънавии аҳолиро қонеъ карда наметавонанд. Аксарияти дарҳои клубӣ ба рӯйи мизоҷон баста мебошад. Барои рафъи чунин праблемаҳо вазорат ва кумитаҳои дахлдорро зарур аст, аз пайи ислоҳ ва роҳҳо бартараф сохтани оқибатҳои он чораҳои бетаъхир андешанд.

Новобаста аз камбудиҳои ҷойдошта бояд гуфт, ки муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дорои иқтидори бузурги тарбиявӣ буда, дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон саҳми беандоза доранд.

Тавре ки мегӯянд, зебогӣ оламро наҷот медиҳад. Аз ин рӯ, арҷ гузоштан ба зебогиҳои диёр, дӯсту доштани Ватан ва содиқ будан ба он қарзи шаҳрвандии ҳар як тоҷику тоҷикистонист. Кишварро танҳо бо амалҳои наҷибу созанда наҷот додан мумкин аст.

## Ҷамъбаст ва пешниҳод

Дигаргуниҳои сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодие, ки дар ҷомеаи имруза ба амал омада истодаанд, ба тамоми ҷанбаҳои ҳаёт ва фаъолияти ҷавонон таъсири ҷиддӣ расонд. Муносибат ва арзишҳои нав ташаккул ёфтанд, меъёрҳои ғайримуқаррарии баҳодиҳии далелҳо, равандҳо ва падидаҳо пайдо шуданд. Ин боиси тағйир ёфтани тамоюли арзишҳои ҷавонон, эътиқод ва нигоҳҳои қаблан мавҷуда гардид. Дуруст дарк накардани мафҳумҳои «виҷдон», «шараф», «номус», «ахлоқ» «маънавиёт» аз тарафи бархе ҷавонон ба ҳолати рӯҳӣ-равонии онҳо таъсири манфии худро мерасонад.

Мафҳуми «арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ» аз дид ва нигоҳҳои ҷавонон дар шароити муосир каме аҳамият ва маънои дигар пайдо кардааст. Ин аз якчанд сабаб вобаста аст:

- иҷтимоӣ-иқтисодӣ. Бархе аз ҷавонони имрӯза майл ба меҳнати ҷисмонӣ надоранд ва ин боис мегардад, ки сафи бекорӣ афзоиш ёфта, ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон коста гарданд;
- иҷтимоӣ-фарҳангӣ. Тағйир ёфтани асосҳои меъёрию арзишӣ дар ҷомеа боиси он гардида истодааст, ки муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳамбастагию якдилӣ, раҳму шавқат, меҳру муҳаббати самимӣ дар байни ҷавонон кам ба назар мерасанд;
- ҷамъиятӣ. Кандашавии муносибатҳои наслҳои калонсол бо ҷавонон ва кам эътибор додани онҳо дар азхудкунии анъанаҳо, арзишҳо ва меъёрҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро душвор гардонид, ки дар ин замина, идеалҳо ва арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ куллан тағйир ёфтанд.

Аз таҳлилҳои педагогӣ бармеояд, ки бештари ҷавонон мехоҳанд, соҳиби мансаб, дорои молу мулк ва дар байни ҳамсолони худ машҳур (авторитет) бошанд. Ва дар ин раванд, ноогоҳ аз мафҳумҳои «раҳмдилӣ», «адолат», «хайрхоҳӣ», «саховат», «мардонагӣ» мегарданд. Бояд тазаккур дод, ки бе чунин сифатҳои дар боло зикр гардида рушди шахсияти худогоҳу хештаншинос,

меҳрубону ҳалим ва дорои обрую манзалат дар ҷомеа гардидан аз эҳтимол дур аст.

Аз ин лиҳоз, вазифаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ниҳоят муҳим буда, яке аз самтҳои афзалиятноки таъмини рушди шахсияти ҷавонон ба шумор меравад. Масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ дар низоми илмҳое, ки ба шахсият нигаронида шудаанд, яке аз масъалаҳои мавриди баҳс қарор дорад. Пеш аз ҳама, нақши муҳими арзишҳои маънавӣ-ахлоқиро дар ташаккули ҷаҳонбинии ҷавонон, дар раванди тарғиби арзишҳои маънавию ахлоқии онҳо аз қабили меҳру шафқат, поквиҷдонӣ, накӯкорӣ ва ғайра дидан мумкин аст.

Дар шароити муосир зарурати таҳия ва татбиқи равишҳои нави муайян намудани афзалиятҳо ва принсипҳои бунёдии тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ пеш омадааст. Аз ин лиҳоз, ба ҳам пайвастани стратегияю тартиби фаъолият ва дар ин замина, бавуҷуд овардани усулҳои хозиразамони кори фарҳангӣ бо дар назардошти иҷрои мақсаду вазифаҳои маърифатӣ ба манфиати кор хоҳад буд.

Татбиқи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ дар муассисаҳои фарҳангӣ дар заминаи сифатҳои инсондӯстӣ, инсонгарой, тарзи муносибати хуб ва амсоли инҳо бояд сурат гирад.

Фароҳам овардани шароити фарҳангӣ-фароғатӣ ва ошкор намудани иқтидори ташкилӣ-педагогии он аз рушди фардии маънавӣ-ахлоқии ҳар як иштирокчӣ баҳо дода мешавад.

Муҳити фарҳангӣ-фароғатӣ рушди самараноки шахсиятро дар асоси ҷалби фаъолонаи он ба фаъолияти иҷтимоӣ, иштирок дар чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ ва маҳфилҳои эҷодӣ таъмин менамояд.

Ҳамин тариқ, тадқиқоти гузаронидашуда ба мо имкон дод, ки як қатор вазифаҳои дар назди худ гузоштаро аз ҷумлаи: ҷалби бештари ҷавонон ба муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, дар ниҳоди онҳо ҷой намудани фаҳмишҳо оид ба арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ, муайян сохтани ҷанбаҳои равонӣ-педагогии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар самти тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ва ғайраро таҳлилу баррасӣ намоем.

Дар ин раванд, барномаи таҳия гардидаи мо, ки ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон бахшида шуда буд, самаранокии фаъолияти муассисаҳои фарҳангиро то андозае мукаммал гардонид.

Бояд гуфт, ки дар барнома тамоми ҷанбаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ба таври муфассал инъикос ёфтааст.

Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавононро метавон ҳамчун ҳолати дохилӣ, рӯҳӣ-равонӣ ва сифатии шахсият, ки дар раванди ҳаёт ҷилвагар мешаванд, арзёбӣ кард.

Шахсияти муосир дар раванди пайдо кардани хосиятҳо ва сифатҳои ягонаи инфиродӣ ташаккул меёбад, ки ӯро аз рӯйи рафтор, кирдор, гуфтор, муносибат ва риояи меъёрҳои маънавӣ-ахлоқии ҷомеа аз дигарон бартарият медиҳанд. Ишора бояд кард, ки ташаккули шахсият дар зери таъсири муҳити фарҳангӣ-фароғатӣ ва технологияҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ сурат мегирад. Инчунин, қобилиятҳои худи шахсият низ барои рушди минбаъдаи ӯ заминаи мусоид фароҳам меоранд.

Таҳқиқоти гузаронидашуда бори дигар собит намуд, ки иқтидор ва саҳми муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар қатори дигар муассисаҳои таълимию тарбявӣ дар самти ташаккули сифатҳо, арзишҳо ва ҷиҳатҳои равонии ҷавонон бузург буда, барои боз ҳам ба дигар сатҳ баровардани ин раванд корҳои назаррас карда метавонанд. Аз ин рӯ, ба чунин хулосаҳо омадем:

1. Ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин раванди мақсаднок дар асоси фароҳам овардани шароит баҳри амалисозии принсипҳои озодии фаъолият, масъулият, инкишофи эҷод ва маҳорат буда, ки дар натиҷа ба ташаккули маънавиёт, ахлоқ, уҳдадорӣ, ҷасорат, мардонагӣ, накукорӣ, саховатпешагӣ, эҳтиром ва қобилияти таҳаввул додани онҳо мусоидат мекунад [1-М, 3-М, 5-М, 8-М, 15-М.].

2. Ҷараёни ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ як раванди мураккаби бисёрҷанба ва ҷузъи ҷудонашавандаи фаъолияти тарбиявӣ буда, бо мақсади баланд бардоштани

сатҳи тафаккури таҳлилӣ, ҷаҳонбинӣ, маърифат ва дарки воқеият дар заминаи урфу одат, анъанаҳои миллӣ ва ҳунарҳои мардумӣ бароҳ монда мешавад [4-М, 8-М, 13-М].

3. Ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин рушди қобилият, маънавиёт, меҳр, муҳаббат, самимият, маҳорат, малака, эҳтиром, рафоқат, адолат, дӯстӣ, якдигарфаҳмӣ, ягонагӣ, дастгирӣ, ҳамдилӣ, масъулият, уҳдадорӣ, амалисозии нерӯйи эҷодӣ дар асоси муносибат ва меъёрҳои ахлоқӣ мебошад [5-М, 12-М, 13-М, 16-М].

4. Иқтидори тарбиявии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар шароитҳои муайян амалӣ мегардад, ки муҳимтарини онҳо мавҷудияти кадрҳои соҳибихтисос мебошад. Мутахассисоне, ки дар ин гуна муассисаҳо кор мекунанд, бояд на танҳо дар соҳаи худ дониши амиқ, балки қобилияти ташкили ҳамкориро бо гурӯҳи ҷавонон бо дар назардошти манфиат ва талаботи онҳо дошта бошанд. Ин имкон медиҳад, ки мутахассисон барномаҳо ва чорабиниҳоеро омода намоянд, ки тарғибгари таҷрибаи мусбати ахлоқӣ бошанд.

Шарти дигари муҳимми муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷиҳати ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ин фароҳам овардани фазои мусоид ва эътимодбахш ба ҳисоб меравад. Ҷавонон дар чунин шароит худро бехатар эҳсос карда, ғояву арзишҳои навро аз худ мекунанд. Инчунин, ҷалби ҷавонон баҳри омода кардани чорабиниҳои муштарак низ яке аз шароитҳои муассир барои ташаккули арзишҳо, ҳисси масъулиятшиносию уҳдадорӣ мегардад. Ин ҳолат барои азхудкунии амиқ ва бошууронаи арзишҳо шароит фароҳам оварда, дар ниҳояти кор ба ташаккули мавқеи устувори ахлоқии ҷавонон таъсир мерасонад [11-М, 9-М, 21-М].

5. Натиҷаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ:

- ворид намудани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба ҳаёти ҷавонон. Яке аз натиҷаҳои назарраси фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин ворид намудани арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба ҳаёти ҷавонон мебошад. Муассисаҳои мазкур барои тарбияи ғояҳои олии ҷавонон замина гузошта, ба ташаккули сифатҳои шахсии онҳо мусоидат мекунанд. Тавассути чорабиниҳои гуногуни фарҳангӣ, барномаҳои тарбиявӣ ва лоиҳаҳои созанда ба ҷавонон имконият дода мешавад, то онҳо моҳияти вожаҳои меҳрубонӣ, ростқавлӣ, масъулиятшиносӣ, дилсӯзӣ, хайрхоҳӣ, ватандӯстӣ, поквиҷдонӣ, эҳтиром ва таҳаммулпазириро дарк намоянд;

- ташаккул додани шаҳрвандии фаъол, созанда ва бунёдкор. Дигар натиҷаи фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ин ташаккул додани шаҳрвандии фаъол, созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини тоҷикон дар асоси якдилӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мебошад. Чорабиниҳое, ки дар ҳамин замина омода мегарданд, натанҳо ҷавононро ба роҳи дурусти зиндагӣ роҳнамоӣ мекунанд, балки барои амалӣ намудани нерӯи эҷодии онҳо шароит фароҳам меоранд;

- дарки арзишҳои фарҳангӣ ва таърихӣ аз ҷониби ҷавонон. Чорабиниҳои муштарак ба мисли, лексияҳо, семинарҳо, намоишномаҳо, барномаҳои саҳнавӣ ва консертҳо майдонеро мемонанд, ки дарки арзишҳои фарҳангӣ ва таърихии ҷавононро амиқтар намуда, дар онҳо самтгирии маънавӣ-ахлоқиро бавуҷуд меоранд. Дар чунин чорабиниҳо ҷавонон аз табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ ва этникӣ ба ҳам ҷамъ омада, муносибатҳои ҳамкориро вусъат мебахшанд. Чунин ҳамкориҳо ва чорабиниҳо ба ташаккули эҳтирому самимият, якдигарфаҳмию якдилӣ, ҳамоҳангию субот замина мегузоранд, ки дар ҷомеаҳои серфарҳанги муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Натиҷаи чунин чорабиниҳо ба рушди малакаҳои кори дастаҷамъӣ ва тафаккури эҷодӣ мусоидат мекунанд [6-М, 9-М, 20-М].

6. Самтҳои асосии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ:

- ташаккули афкор дар бораи равандҳои назариявӣ ва амалии арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ. Ташаккули афкор дар бораи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон як раванди мураккаб ва бисёрҷанба буда, заҳмати зиёдро аз педагог-ташкилотчии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тақозо дорад. Дар шароити имрӯза, ки дастрасӣ ба иттилоот бемаҳдуд гаштааст, ҷавонон бо афкору ғояҳои мухталиф рӯбарӯ мегарданд. Дар ин росто, нақши муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули афкори ҷавонон басо муассир буда, барои дар амал татбиқ намудани муносибатҳои созгору созандаи онҳо замина мегузоранд;

- ташаккул додани муносибати эҳтиромона ба оила, падару модар, арзишҳои оилавӣ ва омода намудани ҷавонон барои бунёди оила. Ташаккули муносибати эҳтиромона нисбат ба оила ва падару модар аз хурдӣ оғоз ёбад ҳам, тақвияти минбаъдаи ин равандро муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва таълимию тарбиявӣ ба дӯш доранд. Ташаккули арзишҳои марбут ба ҳаёти оилавӣ дар ҷавонон ба рушди ҳиссиёту эмотсия ва таҳкими робита бо хешовандону наздикон мусоидат мекунад. Дар муҳити оила ҷавонон бо анъана ва ҷанбаҳои фарҳангии ҳаёти оилавӣ ошно мегарданд, ки ин ҳолат онҳоро барои бунёди оила, ки пояҳои мустаҳкам дар асоси муҳаббат ва ҳамдигарфаҳмӣ доранд, роҳандозӣ мекунанд;

- ташаккули мустақилонаи таҳлили рафторҳои худ ва рафиқон, инкишоф додани малакаҳои тарзи муносибат, мулоҳиза ва хулосабарорӣ. Ташаккул додани таҳлили мустақили рафтор, гуфтор ва муносибат марҳилаи муҳимми рушди шахсӣ маҳсуб меёбад. Ин раванд ба ҷавонон имкон медиҳад, ки аксуламалҳои худро ба вазъиятҳои гуногуни ҳаётӣ муқоиса карда, роҳи дурусти онро пайдо намоянд. Қобилияти мулоҳиза ва хулосабарорӣ тавассути фаъолияти озодона амалӣ мегардад, ки ин муҳит ва шароитро муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташкил карда метавонанд. Мулоқоту муошират бо одамон, мутолиаи китоб, иштирок дар мубоҳисаҳо ва чорабиниҳое, ки дар муассисаҳои

иҷтимоӣ-фарҳангӣ ташкил карда мешаванд, заминаи мусоид барои ташаккули муносибатҳо ва пайдоиши малакаҳои муошират мегузоранд [1-М, 18-М, 19-М].

7. Вазифаҳои асосии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон:

- ташаккули малака, маҳорат ва эҷод. Ташаккули малака, маҳорат ва эҷоди ҷавонон дар заминаи муносибатҳои байнишахсӣ, ки ин ҳолат дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бештар сурат мегирад, ба мушоҳида мерасад. Ин муассисаҳо ҳамчун майдон барои ҷавонон имконият фароҳам меоранд, то бо шаклҳои гуногуни санъату ҳунар аз наздик шинос гардида, таҷрибаи худро васеъ созанд. Чорабиниҳое, ки дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба мисли: консертҳо, шабҳои мавзуи, намоишҳои рассомӣ, театрӣ ва фестивалҳои мусиқӣ омода мегарданд, шавқу ҳавас ва рағбати ҷавононро ба олами фарҳангу санъат бедор карда, ба ташаккули маҳорат ва эҷоди онҳо мусоидат мекунанд;

- шиносоӣ ба урфу одат, анъана ва маросимҳои миллӣ. Шиносоӣ бо расму оин ва анъанаҳои миллӣ дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ як ҷанбаи муҳимми ташаккули ҳувияти фарҳангии ҷомеа ба шумор меравад. Урфу одат, анъана ва маросимҳои миллӣ муҳити фарҳангии ҷомеаро ғанӣ гардонида, ба таҳкими ваҳдати иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Клубҳо, қасрҳои фарҳанг, осорхонаҳо, театрҳо ва китобхонаҳо муассисаҳое ба шумор мераванд, ки дар тарғиб ва ҳифзу нигоҳдории мероси гаронбаҳои миллӣ нақши муассир доранд. Ҷавонон ба воситаи устохонаҳои ҳунарӣ, консертҳои мусиқии мардумӣ ва намоишҳои театрӣ ба расму оин ва анъанаҳои миллӣ аз наздик шинос гардида, ҷаҳонбинии худро нисбати фарҳанги миллӣ рушд мебахшанд. Чунин муҳит ҳисси эҳтиром ва самимиятро нисбати фарҳанг дар ҷомеа бавуҷуд меорад, ки дар шароити ҷаҳонишавӣ, ки хусусиятҳои фарҳангӣ метавонанд моҳияти худро зуд аз даст диҳанд, муҳим арзёбӣ мегардад;

- интихоби ҳадафҳо ва арзишҳои ахлоқӣ. Арзишҳо ҳамчун асос барои қабули қарорҳо ва муайян кардани роҳи оянда ва тарҳрезӣ кардани нақшаҳои ҷавонон нақши назаррас доранд. Мусаллам аст, ки қабули арзишҳо ва

интихоби ҳадафҳо аз сатҳи ҷаҳонбинӣ, дастурҳои ахлоқӣ, дараҷаи таҳсилот ва таҷрибаи шахсӣ вобастаанд. Интихоби ҳадафҳо ва арзишҳои ахлоқӣ на танҳо ба рушд ва инкишофи шахсӣ, балки ба раванди иҷтимоӣ табдил ёфта, ба таҳаввули ахлоқи умум таъсир мерасонад [2-М, 3-М, 15-М].

8. Раванди ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҷанбаҳои зерини фаъолиятро рушд мебахшад:

- ворид намудани ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятӣ. Ҷалб ва ворид намудани ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятӣ раванди муҳиммест, ки ба ташаккули мавқеи шаҳрвандӣ ва малакаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳамиятнок мусоидат мекунад. Яке аз роҳҳои муассири ҷалби ҷавонон ба ҳаёти иҷтимоӣ ин дастгириҳои ташаббусҳои эҷодӣ, экология, фарҳанг ва варзишии онҳо мебошанд. Чунин лоиҳаҳо на танҳо ҷавононро зуд ва бехатар ба ҳаёти ҷамъиятӣ шомил месозанд, балки ба таҳкими ҷомеа мусоидат мекунанд. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ низ дар ворид намудани ҷавонон ба ҳаёти ҷамъиятӣ саҳми назаррас дошта, ташаббусҳо ва лоиҳаҳои эҷодӣ, волонтёрӣ ва экологии онҳоро пайваста дастгирӣ мекунанд. Чунин тарзи фаъолияти муассисаҳои мазкур ҳисси масъулият ва майлу хоҳиши фаъолона иштирок кардан дар ҳаёти ҷамъиятии ҷавононро ба вуҷуд оварда, онҳоро аз ҳаргуна корҳои ношоиста ба мисли, дуздӣ, авбошӣ, бадрафторӣ ва шомилшавӣ ба гурӯҳҳои эктремистию террористӣ эмин нигоҳ медоранд;

- ташаккули интихоби озоди фаъолият ҳангоми фароғат. Интихоб намудани фаъолият ҳангоми фароғат дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба таври озодона амалӣ мегардад. Ҳар як иштирокчӣ ва ташрифоваранда метавонад, дар дилхоҳ машғулиятҳое, ки дар ихтиёри муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ҳастанд, иштирок намоянд. Интихоби озоди вақтхушӣ ҳиссиёту равони ҷавононро муътадил нигоҳ дошта, равандҳои ҷисмонӣ ва руҳии онҳоро ба танзим медарорад. Омили муҳимми ин раванд огоҳӣ аз тарафҳои мусбату манфӣ ва афзалиятҳои худ дар ҳолатҳои гуногун мебошад. Вақте ки ҷавонон фаъолияти писандидаи худро ҳангоми фароғат интихоб мекунанд, ин ба онҳо

ҳисси қаноатмандию судмандӣ бахшида, ба сифати умумии зиндагӣ таъсирҳои мусбӣ мерасонад. Эҷоди фазои бароҳат бидуни фишор ва уҳдадорӣ ба ҷавонон имконият фароҳам меорад, то дар интихоби фаъолияти дӯстдошта озодона бошанд. Ва бо якдигар робитаи дӯстӣ барқарор созанд. Чунин тарзи фаъолият робитаҳои иҷтимоиро мустаҳкам намуда, хотираҳои мусбиро дар тафаккури ҷавонон эҷод мекунад;

- шиносой бо комёбиҳои фарҳангии ватанию хориҷӣ ва шомил гардидан ба муҳити фарҳангӣ-эҷодӣ. Шиносой бо дастовардҳои фарҳангии ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ барои ғанӣ гардидани таҷрибаи шахсӣ ва иҷтимоӣ мусоидат мекунад. Шиносой бо адабиёт, санъат, олами мусиқӣ ва синамои мамлакатҳо ба ҷавонон имкон медиҳанд, то аз гуногунии фарҳанги башарӣ огаҳӣ пайдо кунанд. Ва он мавзуъҳои умумие, ки халқҳоро ба ҳам меоранду муттаҳид мекунанд, муайян созанд. Дар театрҳо намоишномаҳои драмматургони ватанию хориҷӣ ва саҳнаҳои театрии даврони Атиқа ба намоиш ва пешкаши ҷавонон мегарданд, ки яке аз роҳҳои шинос намудани онҳо ба олами фарҳангии ватанию хориҷӣ ва ворид гардидан ба муҳити фарҳангӣ-эҷодӣ мебошад. Инчунин, шиносой бо мероси фарҳангии давру замонҳои гуногун барои фаҳмидани тарзи ҳаёт, таърих ва урфу одатҳои пешина ва ба ин васила, муқоиса кардани онҳо ба замони имрӯза аз аҳамият холӣ набуда, муносибати наслҳоро муайян мекунанд [3-М, 5-М].

9. Дар диссертатсия ҷанбаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ворид гардидани онҳо ба муҳити фарҳангӣ дар заминаи равандҳои педагогӣ-психологӣ ошкор карда шуд. Ва ин равандҳо аз чунин қисматҳо иборат мебошанд:

- раванди психологӣ - ба омӯзиши иҷтимоӣ-психологии сифатҳои маънавӣ-ахлоқӣ, рушди тафаккур, маънавиёт, тахайюл ва қобилиятҳои эҷодии ҷавонон алоқаманд аст;

- раванди педагогӣ – таҳлили рафтор, гуфтор, кирдор, омӯзиши муносибатҳои ҷавонон дар ҳолатҳои гуногун, арзи эҳтиром гузоштан ба

калонсолон, волидайн, ниёзмандон, ташаккули арзишҳои волои инсонӣ, таҳаммулпазирӣ, хайрхоҳӣ, некбинӣ, тарбияи ҳисси миллӣ, ватандӯстӣ, ватанпарастӣ ва башардӯстӣ.

- раванди фарҳангӣ-миллӣ - ташаккули муносибати арзишманд ба муқаддасоти миллӣ, тарғиби ғояҳои фарҳангӣ, суннатҳо, оинҳо, анъанаҳо ва арзи эҳтиром ба фарҳангҳои халқҳои дигар;

- раванди фарҳангӣ-эстетикӣ - раванди максадноки ташаккули муносибати эстетикии шахс ба вокеият мебошад. Ба маънои дигар тарбияи зебописандӣ ин дарки зебоӣ дар шаклҳои гуногуни он мебошад. Асосан, раванди тарбияи зебописандӣ ба рӯҳ, эҳсосот ва эмотсияи инсон нигаронида шудааст;

- раванди иҷтимоӣ-шаҳрвандӣ – ташаккули мавқеи фаъоли иҷтимоӣ ва шаҳрвандии шахс дар ҷомеа, дарки масъулият, ухдадорӣ, қарзи шаҳрвандӣ, ҳарбӣ, ватандӯстӣ, пеша кардани хоксорӣ, таҳаммулгароӣ, покдилӣ, ҳамдардӣ ва шавқат [4-М, 5-М, 14-М].

10. Барномаи педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ тарҳрезӣ гардид, ки барои ба вуҷуд овардани шароитҳои тарбия тавассути анъанаҳо, оинҳо, маросимҳо, таҷрибаи пешқадами педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва сотсиологӣ имконият фароҳам меорад [1-М, 3-М].

11. Корҳои озмоишӣ барои муайян кардани ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ бо шумораи 601 нафар гузаронида шуд. Кори озмоишӣ дар асоси усулҳои зерин амалӣ гардид: ташхиси сатҳи ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон; таҳлил ва омӯзиши майлу рағбати онҳо ҳангоми воридшавӣ ба муҳити фарҳангӣ-фароғатӣ; муайян кардани рушди сатҳи донишҳои фардӣ дар самти арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ; таҳлили натиҷаҳои ба даст омада ҳангоми корҳои озмоишӣ.

Баъди таҳлил ва ҷамъбасти хулосаҳо дар самти ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чунин пешниҳодҳо нишондод карда мешаванд:

1. Дар раванди тартиб ва тарҳрезии барномаҳои педагогии ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба эътибор гирифтани хусусиятҳои фарққунандаи минтақаҳо ба мисли, урфу одат, тартиб ва тарзи зиндагӣ, хурдафарҳангҳои оилавӣ ва ғайра.

2. Ба роҳ мондан ва чопи адабиёту дастурҳои методие, ки праблемаҳо ва талаботи маънавӣ, ахлоқӣ ва эстетикии ҷавононро ба пуррагӣ дар бар мегиранд.

3. Густурдани ҳамкориҳои байниҳамдигарии муассисаҳои фарҳангии деҳот, инчунин дарҳол огаҳӣ пайдо намудан аз дастовардҳо ва пешравиҳои соҳаи фарҳанг.

4. Муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ чорабиниҳои худро тибқи талаботи ҷавонон ба роҳ монда, дар ин замина, аз мадди назар дур нагирифтани ҷанбаҳои ташаккули арзишҳои маънавӣ-алоқии онҳо.

5. Мустаҳкам намудани базаи моддӣ-техникии муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ (клуб, китобхона, осорхона, қаср ва хонаҳои фарҳангӣ, боғҳои фарҳангӣ-фароғатӣ).

6. Дастгирӣ ва кумак намудан ба кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва додани имтиёз аз қабили манзили зист, қарзи бемуҳлат, хизматрасонии бепул дар нақлиёти мусофирбар ва ғайра.

7. Тақвият бахшидани курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг бо мақсади беҳдошти сифатӣ фаъолияти касбӣ.

8. Тайёр намудани мутахассисони муассисаҳои гуногуни фарҳангӣ аз ҷумлаи: «китохонашинос-технолог», «менеҷер-ташкилотчӣ», «библиограф-маъмурӣ базаи маълумотҳо», «осорхонашинос-роҳбалад», «мутахассис-таҳлилгари мусаввараҳо».

9. Санҷиши савияи дониши кормандони муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва гузаронидани Аттестатсияи давлатӣ бо мақсади ҷо ба ҷо гузории мутахассисон.

10. Ҳангоми ба кор қабул кардани корманд ба назар гирифтани дараҷаи ҷаҳонбинӣ, тафаккур ва маърифатнокӣ.

11. Омӯхтани таҷрибаи муассисаҳои фарҳангии мамлакатҳои ҳамсоя дар масъалаи тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон.

Дар охир изҳор кардани ҳастем, ки таҳқиқоти худро доир ба ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ куллан анҷомёфта ҳисоб мекунем. Ва қайд кардан мехоҳем, ки мавзуи мазкур басо доманадор буда, таҳқиқоти гуногунро тақозо дорад. Зеро, ба мазмун ва мундариҷаи фаъолияти муассисаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ омилҳои зиёди таъсиррасон ба мисли: воситаҳои муосири техникӣ ва иттилоотӣ, одату анъанаҳои миллӣ, муҳоҷирати меҳнатӣ, хурдафарҳангҳои бегона, раванди ҷаҳонишавӣ ва ғайра ҳастанд, ки бояд мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

## Адабиёт ва манбаъҳои истифодашуда:


1. Абдурахимов, К.С. Педагогические идеи Мир Сайид Али Хамадони [Текст] К.С. Абдурахимов. – Душанбе: Ирфон, 2003. – 265 с.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ Баҳористон [Матн] / Абдураҳмони Ҷомӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008.- 204 с.
3. Абилзода, Г.С. Масъалаҳои гендерӣ дар низоми идоракунӣ [Матн] // Маҷаллаи илмӣ-сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон / Г.С. Абилзода. – Душанбе, 2021. -№2– С.355-363.
4. Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. Ашъор [Матн] / Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. - Душанбе: Адиб, 2007.- 416 с.
5. Абурайҳони Берунӣ. Осор-ул-боқия [Матн] / Абурайҳони Берунӣ. - Душанбе: Ирфон, 1990.- 430 с.
6. Азаров, А. Ю. Искусство воспитывать [Текст] / А. Ю. Азаров. - М.: Просвещение. 1985. - 448с.
7. Азаров, А. Ю. Радость учить и учиться [Текст] / А. Ю. Азаров. - М., Политиздат. 1989. -335с.
8. Азаров, Ю.П. Руководство по развитию талантов [Текст] / Ю.П. Азаров. - М.: УРАО, 2003. - 152 с.
9. Азбука нравственного воспитания: Пособие для учителя / под ред.И.А.Каирова, О.С. Богдановой. -3-е изд. – М.: Просвещение, 1979. – 318 с.
10. Акимова, Л.А. Социология досуга: учеб. пособие [Текст] / Л.А. Акимова. - М.: МГУКИ, 2003. -124 с.
11. Акимова, Л.А. Формирование нравственных убеждений трудящихся [Текст]: (На материалах деятельности культ.-просвет. учреждений): автореф. дис. ...канд.фил.наук. / Л.А. Акимова. – М.: 1971. - 27 с.
12. Активные методы в педагогической и воспитательной деятельности в условиях реализации ФГОС (для слушателей Pedcampus) [Текст] / Консалтинговая группа «Финиум». – Москва, 2014. -30с.

13. Алиева, Л. В. Культурологический подход к воспиатнию – ценностная основа и перспектива развития учреждений дополнительного образования детей в системе образования. -[Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/kulturologicheskiy-podhod-k-vospitaniyu-tsennostnaya-osnova-i-perspektiva-razvitiya-uchrezhdeniy-dopolnitelnogo-obrazovaniya-detey-v. (Санаи муроҷиат 14-04-2023)
14. Амонашвили, Ш.А. Обучение. Оценка. Отметка [Текст] / Ш. А. Амонашвили. - Москва : Знание, 1980. - 96 с.
15. Ананьев, Б.Г. Избранные психологические труды [Текст] / Б.Г.Ананьев. - М.: 1980. - Т.1 – 230 с.
16. Ананьев. Б.Г. Человек как предмет познания [Текст] / Б.Г. Ананьев. – Ленинград, изд- во ЛГУ, 1968. – 339 с.
17. Анастасия В. "Скинхэды". -[Манбаи электронӣ]: http://www.subcult.ru/rubric12.html (Санаи мурочиат 22.08.2023)
18. Андреев А.Н. Культурология. Личность и культура [Текст] / А.Н. Андреев. – Минск.: Дизайн ПРО, 1998, –160 с.
19. Андреев, В. Е. Инновационный менеджмент: учеб. пособие [Текст] / В. Е. Андреев – Ярославль: ЯрГУ, 2011. – 160 с.
20. Андреев, В.И. Педагогика: учебный курс для творческого саморазвития [Текст] / В.И. Андреев. - Казань: Центр инновационных технологий, 2004. - 608 с.
21. Андреева, И. В. Технологии выставочной деятельности: учеб. пособие [Текст] / И. В. Андреева. – Челябинск: ЧГИК, 2018. – 205 с.
22. Анисимова, Е.Ю. Гражданско-патриотическое воспитание студентов ССУЗ. Инновационные методы обучения и воспитания: сборник материалов областной научно-практической конференции (с международным участием) IV-е Омельченковские чтения в двух частях (18 февраля 2022 г.): Часть II [Текст] / отв. ред. О.В. Лихонина. – Магнитогорск, 2022. – 208 с.
23. Арабов, И.А. Воспитание семянина в традициях восточной культуры [Текст] / И. Арабов. – М.: «Илекса», 2008. – 351 с.

24. Арбобзода, А. Таърихи фарҳанги халқи тоҷик [Матн] / А. Арбобзода. – Душанбе, 2003. – 268 с.
25. Арзишҳои ахлоқии ҷавонони муосир. -[Манбаи электронӣ]: https://www.art-talant.org/publikacii/14927-nravstvennye-cennosti-sovremennoy-molodeghi (Санаи муроҷиат 03.11.2023)
26. Ариарский, М.А. Прикладная культурология [Текст] / Научный ред. Г.П. Бутиков. - изд.2-е, доп. и исп. - СПб: Ассоциация музеев России, 2001. - 286 с.
27. Аристотель. Протрептик. О чувственном восприятии. О памяти [Текст] / пер. Е. В. Алымовой. -СПб.: Издательство СПбГУ, 2004. -184 с.
28. Арнольдов, А.И. Человек и мир культуры [Текст] / Арнольдов А.И.- М.: Изд-во МГИК, 1992. - 240 е.,
29. Асмолов, А. Г. Психология; личности: учебник [Текст] / А. Г. Асмолов. М.: Изд-во МГУ, 1990. - 367 с.
30. Асоев, Ҳ. Алии Ҳамадонӣ ва мақоми ӯ дар фарҳанги Шарқ [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2006.- 144 с.
31. Афоризмы великих людей [Текст] -[Манбаи электронӣ]: - Режим доступа: http://www.moudrost.ru/tema/vospitaniye-1.html. (Санаи муроҷиат 26-06-2023)
32. Аҳророва, Г.У. Масъалаи тарбияи ахлоқ дар осори мутафаккирони барҷаста ва фарҳанги этнопедагогии халқи тоҷик [Матн] // Паёми ДМТ / Г.У. Аҳророва. -№5 –Душанбе, 2023. -300с.
33. Байбородова, Л. В. Воспитание в сельской школе [Текст] / Л.В. Байбородова, П. Чернявская. -М: Центр;«Педагогический поиск», 2002. -176 с.
34. Байкало-Амурская магистраль. -[Манбаи электронӣ]:https://ru.wikipedia.org/wiki/Байкало-Амурская_магистраль (Санаи муроҷиат 12.11.2023)
35. Байматова, М.С. Учебная дискуссия как средство формирования культуры диалогического взаимодействия младших школьников: автореф. дисс. ...кан.пед.наук [Текст] / М.С. Байматова. –Волгоград, 2013. -22с.

36. Баландин, К.И. Культурология (история мировой культуры): учебное пособие для студентов БНТУ [Текст] / К.И. Баландин. - Минск БНТУ 2010. - 403с.
37. Бекон, Ф. Афоризмы о воспитании и воспитанности. -[Манбаи электронӣ]: http://millionstatusov.ru/aforizmy/vospitanie/page-2.html (Санаи муроҷиат 4.09.2023)
38. Белинский, В.Г. Воспитание — великое дело. -[Манбаи электронӣ]: https://owlearn.ru/news/vospitanie_velikoe_delo_im_reshaetsja_uchast_cheloveka_v_g_belinskij/2019-01-12-1761 (Санаи муроҷиат 23-09-2023)
39. Бельский, К. Л. Проблемы правового обучения и воспитания [Текст] / К. Л. Бельский. Брянск, 1993. - 92 с.
40. Беруни и Ибн Сина. Переписка [Текст] / отв. ред. И.М. Муминов. -Ташкент: Фан, 1973. - 36 с.
41. Беседа как метод психологического исследования: методические указания [Текст] / сост. Т.Н. Козловская. – Оренбург: ОГУ, 2021. – 25 с.
42. Библер, В.С. Нравственность. Культура. Современность. (Философские размышления о жизненных проблемах) [Текст] / В.С. Библер. - М.: Знание, 1990. – 62 с.
43. Библиотека – интеллектуально-духовный центр для молодежи: методические рекомендации [Текст] / сост. О. В. Ершова. – Симферополь, 2018. – 24с.
44. Бирженюк, Г.М. Основы региональной культурной политики и формирование культурно-досуговой программы [Текст] / Г.М. Бирженюк, П.А. Марков. - СПб, 1992. - 176 с.
45. Блинников, Л.В. Великие философы [Текст] / Л.В. Блинников. - М.: Логос, 1998. – 430 с.
46. Богданова, О.С. Нравственное воспитание старшеклассников [Текст] / О.С. Богданова. - М.: Просвещение, 1979. – 80 с.
47. Богопольская, Л. Как научить доброте [Текст] / Л. Богопольская. - Ленинград: Лениздат, 1984. – 62 с.

48. Болдырев, Н. И. Нравственное воспитание школьников: вопросы теории [Текст] / Н.И. Болдырев. – М.: Педагогика, 1979. – 224с.
49. Бондаревская, Е. В. Педагогическая культура: учебное пособие [Текст] / Е. В. Бондаревская. - М., 1993,- 175с.
50. Бояк, Т.Н. Социология молодежи [Текст] / Т.Н. Бояк. –Улан-Удэ: ВСГАКИ, 2009. -198с.
51. Браже, Т.Г. Гуманитарная культура взрослых: развитие в процессе непрерывного образования [Текст] / Т.Г. Браже. - СПб.: Тускарора, 2006. - 164 с.
52. Бубер, М. Проблема человека: два образа веры [Текст] / М. Бубер. - М., 1995. -160 с.
53. Буева, Л.П. Человек: деятельность и общение [Текст] / Л.П. Буева. - М.: Мысль. 1978. – 216 с.
54. Булавина, Д.М. Проектная деятельность в сфере культуры как механизм реализации культурной политики: автореф. ...канд.пед.наук [Текст] / Д.М.Булавина. – М.: 2007. - 24с.
55. Буреломова, А.С. Социально-психологические особенности ценностей современных подростков: дисс. ...канд.псих.наук [Текст] / А.С. Буреломова. - М., 2013. -195 с.
56. Буруннанова, Г.А. Античные мыслители о психокоррекционных возможностях музыки [Текст] / Г.А. Буруннанова. –М.: 2004. –С.37-40.
57. Бӯриев Қ. Китоб ва таъсири он дар ташаккули фарҳанги насли наврас // Паёмномаи фарҳанг [Матн] / Қ.Бӯриев, М.Муродӣ. -№1(29)-Душанбе, Истеъдод. 2015, -128с. 15с.
58. В Германию снова пришла культурная весна. -[Манбаи электронӣ]: https://www.dw.com/ru/v-germaniu-snova-prisla-kulturnaa-vesna/a-65458693 (Санаи мурочиат 25.08.2023)
59. В Таджикистане решили создать равные со всеми условия для инвалидов. -[Манбаи электронӣ]: https://asiaplustj.info/ru/news/tajikistan/society/20210331/v-

tadzhikistane-reshili-sozdat-ravnie-so-vsemi-usloviya-dlya-invalidov?ysclid=lpnk078t15756576538 (Санаи муроҷиат 06.11.2023)

60. Ван, В. Диффузия инновация в музейном мире Китая [Текст] -[Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/diffuziya-innovatsiy-v-muzeynom-mire-kitaya (Санаи муроҷиат 12-04-2023)
61. Варданян, Ю.В.Становление и развитие профессиональной компетентности педагога и психолога [Текст] / Ю.В. Варданян. - М., 1998. - 179с.
62. Веденяпина, В.А. Профессиональная культура учителя: учеб. пособие для студентов вузов [Текст] / В.А. Веденяпина. - М., 2003. - 163 с.
63. Вершковский, Э. В. Режиссура театрализованных представлений [Текст] / Э. В. Вершковский. — СПб.: Нестор- История, 2017. — 88 с.
64. Властин, А.Г. Мораль и традиции [Текст] / А.Г. Властин. - Ленинград: Лениздат, 1981. – 186 с.
65. Волков, Г. Н. Этнопедагогика: учеб. для студентов сред. и высш. пед. учеб. зав. [Текст] / Г.Н. Волков. - М.: Academia, 2000. - 168 с.
66. Волков, Г.Н. Этнопедагогизация целостного учебно-воспитательного процесса [Текст] / Г.Н.Волков. – М., 2001. – 215 с.
67. Волощенко, Г.Г. Досуг: генезис и развитие [Текст] / Г.Г. Волощенко. - Омск: ООО Издатель-Полиграфист, 2006. -180 с.
68. Воронин, М.В. Понимание и ценности [Текст] / М.В. Воронин. – Екатеринбург: Издательский Дом «Ажур», 2018. 306 с.
69. Воспитание гражданина [Текст] / сост: Р. М.Бескина, М. Д. Виноградова. - М.: Просевщение, 1998. - 304 с.
70. Вырщиков, А.Н. Патриотическое воспитание молодёжи в современном российском обществе: монография [Текст] / А.Н. Вырщиков, М.Б. Кусмарцев. – Волгоград: НП ИПД «Авторское перо», 2006с.
71. Высогипа, Л.А. Нравственное воспитание [Текст] / Л.А. Высогипа. - М.: Просвещение, 1960. – 306 с.
72. Гаврилова, Т.Н. О воспитании нравственных чувств [Текст] / Т.Н. Гаврилова. - М.: Знание, 1984. – 80 с.

73. Гальперин, И.М. Наказание: социальные функции, практика, роль [Текст] / И.М. Гальпери. - М.: Политиздат, 1983. - 126 с.

74. Гаффоров, Б.В. История культурно-просветительных учреждений Республики Таджикистан(1991-2011гг.) [Текст] / Б.В. Гаффоров. дис. … кан. ист. наук. – Душанбе, 2014. – 188 с.

75. Гегель, Г.В. Философия духа [Текст] / Г.В. Гегель. - М.: Мысль, 1977. –280 с.

76. Генкин, Д. М. Массовые праздники: учеб. пособие для студентов институтов культуры [Текст] / Д. М. Генкин. - М.: Просвещение, 1975. – 140 с.

77. Геперле, А.С. Разработка дискуссионых методов проведения занятий по дисциплинам профессионального цикла [Текст] / А.С. Геперле. –Челябинск, 2017. -59с.

78. Гербенников, И.В. Воспитательный климат семьи [Текст]/ И.В. Гербенников. – М.: Знание, 1976. – 39 с.

79. Гиёев, А.Х. Нравственное воспитание студентов профессиональных вузов Республики Таджикистан как педагогическая проблема [Текст] // Вестник ТНУ / А.Х.Гиёев. –Душанбе, 2022. –С.149-159.

80. Гладких, Л.П. Основы духовно-нравственной культуры: науч.- метод. пособие [Текст] / Л.П. Гладких, Мордовский О.С. Ильина, В.М. Меньшиков. - Курск. гос. ун-т, 2018. —500 с.

81. Гончарова, Н.Г. Трансформация досуговой деятельности современной российской студенческой молодежи: автореф. ...канд. пед, наук [Текст] / Н.Г. Гончарова. -Ростов-на-Дону, 2009. - 22 с.

82. Гордин, Л. Ю. Организация классного коллектива [Текст] / Л.Ю. Гордин. – М.: Просвещение, 1984. – 176 с.

83. Горькая, Ж.В. Психология ценностей: учебное пособие [Текст] / Ж.В. Горькая. -Самара: Изд-во «Самарский университет», 2014. -92 с.

84. Гребенников, И.В. Школа и семья: пособие для учителей [Текст] / И.В.Гребенников. – М.: Просвещение, 1985. – 175 с.

85. Гребенникова, Л.В. Политика государства в области духовно-нравственного воспитания детей и молодёжи. Сб. мат.пед.конф.«Духовно-

нравственное воспитание обучающихся в условиях современных вызовов» [Текст] / Л.В. Гребенникова. – Бахчисарай: БКСАиД, 2017. – 65 стр.

86. Гриценко, Л.И. Воспитание в коллективе как основа развития и социализации личности. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://psyjournals.ru/education21/issue/54674_full.shtml (Санаи муроҷиат 12.05.2023)
87. Гулмадов, Ф. Ҳамгироии ташаккули донишҳои ахлоқӣ ва рафтори мактаббачагони хурдсол [Текст] / Гулмадов Ф. – Душанбе: Ирфон. – 2014. – 297 с.
88. Давлатов, М. Оила ва рушди шахсияти фарзандон [Матн] / М. Давлатов. – Душанбе: Ирфон, 2014. -224 с. –С.66
89. Дар Тоҷикистон шумораи парокандашавии оилаҳо зиёд аст. -[Манбаи электронӣ]: https://avesta.tj/2022/10/04/v-tadzhikistane-rastet-kolichestvo-razvodov-pochemu/ (Санаи муроҷиат 06.10.2023)
90. Дворникова, Т.А. Психологические факторы развития учебных стратегии студентов: автореф. канд.псих.наук [Текст] / Т.А. Дворникова. –СПб, 2017. -26 с.
91. Денисенко, Ю.В. К вопросу о разработке модели духовно-нравственного воспитания студенческой молодежи в сфере досуга // Ю.В. Денисенко [Текст] / Мир науки, культуры, образования. – М.: 2009.– 240 с.
92. Дети и современный мир: вхождение в пространство ценностей культуры [Текст] / сост. Лазареева Л.Н. –Челябинск: ЧГИК, 2017. -227с.
93. Джеймс, У. Психология [Текст] /У. Джеймс. - М.: Педагогика, 1991. – 367 с.
94. Донцов, Л.И. Проблема групповой сплоченности [Текст] / Л.И. Донцов. -М.: Политиздат, 1979. – 120 с.
95. Достоевский, Ф.М. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://millionstatusov.ru/aut/dostoevskii/t/otvetstvennost.html (Санаи муроҷиат 23.08.2023)

96. Дрозд, К. В. Актуальные вопросы педагогики и образования: воспитательный аспект: учеб.-метод. пособие [Текст] / К. В. Дрозд. – Владимир : Изд-во ВлГУ, 2015. – 324 с.
97. Дружинин, В.Ф. Этика: Курс лекций. [Текст] / В.Ф. Дружинин, Л.А. Демина. – М.: Экзамен, 2005. – 221с.
98. Дуликов, В.З. Социальные аспекты культурно-досуговой деятельности за рубежом: учебное пособие [Текст] / В.З. Дуликов. - М: МГУКД999. - 108 с.
99. Дышлюк, И.С. Формирование систем личностных ценностей у учащихся средней и высшей школы. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://mir-nauki.com/PDF/73PSMN616.pdf (Санаи мурољиат 12.01.2023).
100. Дьюи, Д. Психология и педагогика мышления [Текст] / Д. Дьюи; переводчик Н.М. Никольская. - М.: Юрайт, 2021. - 166 с.
101. Ерошенков, И.Н. Возрастные технологии социально-культурной деятельности. [Текст] / И.Н. Ерошенков. - М., 2011.–302с.
102. Есауленко, И.Э., Духовно-нравственное воспитание молодежи – проблемы и пути решения [Текст] / И.Э. Есауленко, В.И. Попов. – М.: -8с.
103. Жаркова, Л С. Коммерческая деятельность учреждений культуры: учебное пособие [Текст] / Л. С. Жаркова. - М.: МГУК, 1994, - 87 с.
104. Жаркова, Л.С. Организация деятельности учреждений культуры [Текст] / Л.С. Жаркова. – М.,2010. -394с.
105. Жуликов, А.В. Теоретические и методические основы преподавания изобразительного искусства в общеобразовательных учреждениях: Учебное пособие для студентов [Текст] / А.В. Жуликов. – Ростов н/Д, 2016. – 259 с.
106. Зайцев, В.С. Современные педагогические технологии: учеб.пособие [Текст] / В.С. Зайцев. –Челябинск, ЧГПУ, 2012. -411с.
107. Захарова, Л.Н. Психологическая подготовка педагога / Л.Н. Захарова. - Новгород, 1993. – 214 с История педагогики [Текст] / под ред. М.Ф. Шибаевой. - М.: Педагогика, 1981. – 364 с.
108. Зеленкова, И.Л. Этика [Текст] / И.Л. Зеленкова, Е.В. Беляева. –Мн.: 1997. – 320 с.

109. Зезека Е.М. Духовно-нравственное воспитание молодежи в деятельности учреждений культуры: автореф. дис. … кан. пед. наук. [Текст] / Е.М. Зезека. - Тамбов, 2011. – 20 с.

110. Зотова, Т.Н. Ручной труд. -[Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/ruchnoy-trud-v-rossiyskih-i-zarubezhnyh-shkolah-istoriya-stanovleniya-do-xx-veka (Санаи мурочиат 24.09.2023)

111. Ибн Сина. [Текст] -[Манбаи электронӣ]: http://citaty.su/avicenna-citaty-i-aforizmy. (Санаи мурочиат 29-06-2023)

112. Иброҳимзода, З. Осорхонаи миллии Тоҷикистон ва дастовардҳои он дар замони истиқлолияти давлатӣ [Матн] // Паёмномаи фарҳанг / З. Иброҳимзода. – №2(38). -Душанбе, 2017. 127с.

113. Идеи В.А. Сухомлинского в теории и практике (к 100-летию со дня рождения выдающегося педагога-гуманиста В.А. Сухомлинского): материалы Междунар. науч.-практ. конф. (Чебоксары, 10 сент. 2018 г.) [Текст] / ред.: Л. А. Абрамова [и др.]. – Чебоксары: ИД «Среда», 2018. – 280 с.

114. Из опыта работы организаций-победителей III Всероссийского конкурса образовательных организаций на лучшую организацию работы с родителями [Текст]. – М.:2019. -183с.

115. Иззатова, М.И. Особенности трудового воспитания детей старшего дошкольного возраста в сельской таджикской семье и пути его совершенствования: автореф. дисс. ...канд.пед.наук [Текст] / М.И. Иззатова. -М., 1980. -16 с.

116. Измайлов, А.Э. Народная педагогика [Текст] / А.Э. Измайлов. - М., 1991. 252с.

117. Илин, Е.П. Психология творчества, креативности, одаренности [Текст] / Е.П. Илин. - СПб.; 2009. -434с.

118. Инклюзивные технологии учреждения культуры как один из способов популяризации народного художественного творчества [Текст] / Т.В.

Веселина, Д.Г. Малашина, Н.А. Першина, Е.А. Шумакова, Д.К. Шумов. — Красноярск: ИД «Класс Плюс», 2018. — 64 с.

119. Инновации в работе муниципальных библиотек Свердловской области [Текст]. - Екатеринбург, 2015. -47с.
120. Инновации профессионального образования в области культуры и искусства: материалы II Открытой международной научно-практической конференции (г. Луганск, 19 ноября 2020 г.) [Текст]. – Луганск: Изд-во ГОУК ЛНР «ЛГАКИ им. М. Матусовского», 2020. – 398 с.
121. Инновационные технологии в науке и образовании: материалы VII Междунар. науч.-практ. Конф [Текст]. – Чебоксары: ЦНС «Интерактив плюс», 2016. – № 3 (7). – 316с.
122. Инновационные формы культурно-досуговой деятельности [Текст]. – Колпашево. – 2017. -25с.
123. Исследования в традиционной культуре таджиков [Текст] / сост. Д.Рахими. - Душанбе: Аржанг, 2021. -147 с.
124. Кайковус, У. Қобуснома [Матн] / У. Кайковус. - Душанбе: Адиб, 1990. – 156 с.
125. Как фильмы влияют на нашу психику. -[Манбаи электронӣ]: http://www.stalpenzin.ru/mediaobrazovanie/kino---vospitatel-molodezi (Санаи муроҷиат 15-09-2023)
126. Какова ваша система ценностей? -[Манбаи электронӣ]: URL: https://business.tutsplus.com/ru/tutorials/what-arepersonal-values--cms-31561(Санаи муроҷиат 16.01.2023).
127. Калонов, А.Г. Роль семьи в формировании жизненных ориентаций молодежи: На материалах исследования в Таджикистане: дисс. ...канд.фил.наук / А.Г. Калонов. - Душанбе, 2000. - 151 с.
128. Каменец, А. Совершенствование духовно-нравственного воспитания в системе дополнительного образования. -[Манбаи электронӣ]: https://bookz.ru/authors/aleksandr-kamenec/sover6en_984/1-sover6en_984.html (Санаи муроҷиат 20.05.2023)

129. Камолова, Х. Равандҳо инноватсионӣ дар фаъолияти театрҳои шаҳрҳҳои Конибодом ва Хуҷанд // Паёмномаи фарҳанг [Матн] / Х. Камолова. - Душанбе, 2017. – №2(38) -127с.

130. Камолова, Х.Қ. Этика ва эстетика [Матн] / Х.Қ. Камолова, С.С. Ҳайдарова, М.Р. Камолова. –Душанбе: Истеъдод, 2010. -188 с.

131. Кан-Калик, В.А. Педагогическое творчество [Текст] / В.А. Кан-Калик., Н.Д. Никандров. - М.: Педагогика, 1990. – 144 с.

132. Кант о природе и функции искусства. -[Манбаи электронӣ]: http://intencia.ru/Pages-view-683-3-1.html (Санаи муроҷиат 22.08.2023)

133. Караковский, В.А. Стать человеком. Общечеловеческие ценности — основа целостного учебно — воспитательного процесса [Текст] / В.А.Караковский. - М.: Новая школа, 1993. -80 с.

134. Каримова, И. Х. Культура – источник гуманизма [Текст] / И.Х. Каримова. – Душанбе, 1998. – 162 с.

135. Каримова, И.Х. Теоретические основы гуманизации гуманитарного образования таджикской школы: автореф. дисс. на соиск. учен, степени доктора, пед. Наук [Текст] / И.Х. Каримова. - Душанбе, 2000. - 46с.

136. Каткова, Т.Е. Тенденции трансформаций праздничных традиций [Текст] / Т.Е. Каткова. –М.:2008. - 9с.

137. Качанова, Е. Ю. Инновационно-методическая работа библиотек: учеб. пособи» [Текст] / Е. Ю. Качанова. - СпБ: Профессия, 2007. — 336 с. -С.39

138. Квашко, Л.П. Личностно-профессиональное саморазвитие. Миф или реальность? [Текст] / Л.П. Квашко. - Владивосток: Изд-во Дальневост. ун-та,2002. - 260 с.

139. Киселева, Т. Г. Социально-культурная деятельность: учеб. для студентов вузов [Текст] / Т. Г: Киселёва, Ю. Д, Красильников. - М., 2004. -539с.

140. Киселева, Т.Г., Красильников Ю.Д. Социально - культурная деятельность: учебник [Текст] / Т.Г. Киселева, Ю.Д. Красильников. - М.: МГУКИ, 2004. - 539 с.

141. Китобхонаи миллии Тоҷикистон. -[Манбаи электронӣ]: https://ru.wikipedia.org/wiki/ (Санаи муроҷиат 20-08-2018)

142. Кишкель, Е. Н. Социология и психология управления [Текст] / Е. Н. Кишкель. - М.: Высшая школа. - 2005. - 296 с.

143. Клубы и любительские объединения в библиотеках: методические рекомендации [Текст] / сост.: Т. А. Козюра, Н. А. Пригаро, Е. М. Кан, Т. Н. Арентова. – Южно-Сахалинск, 2021. – 14 с.

144. Кнзилова, И.Н. Формирование инновационных методов управления в сфере культуры: автореф. ...дисс.канд.пед.наук [Текст] / И.Н. Кнзилова. – СпБ.:2011. -24с.

145. Коваль, М. Б. Педагогика внешкольного учреждения [Текст] / М.Б.Коваль - Оренбург, 1994. - 62 с.

146. Коменский, Я.А. Избранные педагогические сочинения [Текст] / Я.А. Коменский. -Москва: Издательство Юрайт, 2023. - 440 с.

147. Кон, И.С. В поисках себя [Текст] / И.С. Кон. - М.: Политиздат, 1984. – 254 с.

148. Кондратенко, А.Е. Труд и талант учителя [Текст] / А.Е. Кондратенко. - М.: Просвещение, 1985. - 207 с.

149. Конева Е.В. Психология общения: учебное пособие [Текст] / Е. В. Конева, Е. В. Драпак. - Ярославль: ЯрГУ, 2016. - 204 с.

150. Коневских, Л.А. Духовность как предмет философско-культурологического анализа: автореф. дисс. ...канд. фил. Наук [Текст] / Л.А. Коневских. - Екатеринбург, 2008. -21с.

151. Константинов, Н.Л. История педагогики [Текст] / Н.Л. Константинов, Е.Н., Медынский, М.Ф. Шабаева. - М.: Просвещение, 1982. – 448 с.

152. Конституция Республики Таджикистан [Текст]. – Душанбе, 2008. – 82с. –С.11

153. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2005. -64 с.

154. Коротков, В.М. Развитие воспитательных функций коллектива [Текст] / В.М. Коротков. – М.: Педагогика, 1974. – 280 с.

155. Корчак, Я. Воспитание личности: книга для учителя [Текст] / Я. Корчак. - М.: Просвещение, 1992. – 286 с.

156. Кошкина, А.Б. Традиции и инновации формирования культуры нового поколения [Текст] / А.Б. Кошкина. –М.:2006 -6с.
157. Кузнецов, И.Н. Этика [Текст] / И.Н. Кузнецов. –Мн.: 2003. – 416 с.
158. Кузьмина, Н.В. Очерки психологии труда учителя [Текст] / Н.В. Кузьмина. - М.,1967. - 183с.
159. Кульневич, С. В. Воспитательная работа в современной школе [Текст] / С. В. Кульневич. – М.: Ростов-н/Д., 2000. – 345с.
160. Культура, творчество, человек [Текст] / сост. Э. А. Баллер, Н.С. Злобин. - М.: Молодая гвардия. 1970. -272 с.
161. Культурология: методические указания к семинарским занятиям. Часть I [Текст] / сост. Г.А. Табейкина. - Казань: КТАСУ, 2009. - 39 с.
162. Культурология: учебник [Текст] / Т. Ю. Быстрова [и др.]; под общ. ред. канд. ист. наук, доц. О. И. Ган. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2014. – 192 с.
163. Культурология: учебное пособие [Текст] / сост. А.А. Радугин. - М.: Центр, 2001. — 304 с.
164. Кухтин, А.А. Формирование ценностных ориентаций у подростков с неадекватным поведением средствами духовно-нравственной культуры в образовательном пространстве современной школы: авторе, дисс, на соиск, учен, степ, к.п.н. [Текст] / А.А. Кухтин. - Рязань, 2004 - 20 с.
165. Кучеренко, А.В. Место и роль общезначимых моральных принципов И. Канта в современной социальной действительности: автореф. дисс... док.фил.наук [Текст] / А.В. Кучеренко. – М., 2014. -40с.
166. Қодиров, Қ.Б. Таърихи тарбия аз замонҳои қадим то Сомониён [Матн] / Қ.Б. Кодиров. – Душанбе, 2012. – 220 с.
167. Қодиров, Ф. Народные ремёсла – как фактор воспитания художественных увлечений [Текст] / Ф. Қодиров. - Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 144 с.
168. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулият дар таълиму тарбияи кӯдак». - Душанбе, Ирфон, 2012. - 159 с.

169. Лапыгин Ю. Системное решение проблем [Текст] / Ю. Лапыгин. - М.: Эксмо, 2008. - 336 с.
170. Латипов, Д.Н. Интернациональное воспитание рабочей молодёжи средствами культурно-просветительной деятельности [Текст] / Д.Н. Латипов. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 144 с.
171. Латипов, Д.Н. Социально-педагогические основы формирования этнокультуры молодежи: На материалах Республики Таджикистан [Текст] / Д.Н. Латипов. – СПб, 2001. – 476 с.
172. Лотман, Ю. М. Семиотика кино и проблемы киноэстетики [Текст] / Ю. М. Лотман - Таллин, 1973. -92с.
173. Лузик, Н. П. Патриотизм как социо-культурный феномен: дис. …канд. фил. наук [Текст] / Н.П.Лузик. - СПб., 2007 -161 с.
174. Луков, В. А. Хип-хоп культура // Знание. Понимание. Умение [Текст] / В.А. Луков - М., 2005. - № 1. -147—151с.
175. Лупандин, В.Н. Социология молодёжи [Текст] / В.Н. Лупандин. – Орел, 2011. 238с. –С.145
176. Лутфуллоев, М. Возрождение педагогики Аджама [Текст] / М. Лутфуллоев. - Душанбе, 1997. -150 с.
177. Лутфуллоев, М. Инсон ва тарбия [Матн] ⁄М. Лутфуллоев. - Душанбе, 2008. - 320 с.
178. Лутфуллозода, М. Чаҳоргонаи тарбия [Матн] ⁄ М. Лутфуллозода. – Душанбе, 2022. – 398 с.
179. Лутфуллоева, П.М. Познавательно-нравственная значимость международного праздника Навруз в системе внешкольных мероприятий: дис. …кан. пед. наук [Текст] / П.М. Лутфуллоева. – Душанбе, 2015. – 160 с.
180. Лучшие фильмы зовут к лучшей жизни. -[Манбаи электронӣ]: http://www.realisti.ru/main/cinema (Санаи муроҷиат 10.01.2024)
181. Макаренко, А.С. Воспитать человека [Текст] -[Манбаи электронӣ]: http://vp-ch.ru/node/37 (Санаи муроҷиат 28-09-2023)

182. Макаренко, А.С. Книга для родителей [Текст] / А.С. Макаренко. –М.: Педагогика, 1988. -304 с. –С.274
183. Макарский, А. М. Формирование экологической культуры учащихся в условиях неформального экологического образования: моногр [Текст] / А.М. Макарский. – СПб.: ГБУДО, 2017. – 174 с.
184. Максютин, Н.Ф. Очерки истории досуга [Текст] / Н.Ф. Максютин. - Казань, 1998. - 128 с.
185. Мактаби давлатдории Эмомалӣ Раҳмон: масъалаҳои ташаккул ва рушд. Ҷилди 2. [Матн]. –Душанбе: Фасл-4, 2021. -424 с.
186. Маматова, Н.А. Теории инноваций: учеб. пособие [Текст] / Н.А. Маматова, А.В. Маматов. - Белгород: ИД «Белгород» НИУ «БелГУ», 2017. – 100 с.
187. Маренько, И.С. Нравственное становление личности школьника [Текст] / И.С.Маренько. – М.: Педагогика, 1985. –104 с.
188. Марков, А.А. Теория и практика массовой информации [Текст] / А.А. Марков, О.И. Молчанова Н.В. Полякова. – М.: ИНФРА-М, 2014. – 252с. –С. 179
189. Маркова, А.К. Психология труда учителя [Текст] / А.К. Маркова. - М.: Просвещение, 1993. -190 с.
190. Мартышенко, С.Н. Исследование процессов формирования духовно-нравственных ценностей студентов вуза [Текст] // Современное образование / С.Н. Мартышенко. –СПб., 2018. –198 с.
191. Марҳалаҳои асосии тайёр кардани барномаи фарҳангӣ-фароғатӣ. -[Манбаи электронӣ]: https://studopedia.ru/9_23141_osnovnie-etapi-podgotovki-kulturno-dosugovih-programm.html (Санаи муроҷиат 02.10.2023)
192. Маслоу, А.Г. Дальние пределы человеческой психики [Текст] / А.Г. Маслоу. – СПб.: Евразия, 1997. – 430 с.
193. Масъалаҳои рушди фарҳанги маънавӣ дар даврони Истиқлолияти Тоҷикистон [Матн] / муҳ. Р. Амиров. – Душанбе: Нурафзои Нур, 2015. – 152 с.

194. Матвеева, Е.О. Педагогическое мастерство [Текст] / Е.О. Матвеева. -М.: МГУКИ, 2007. –114 с.

195. Матни пурраи Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Парлумон. - [Манбаи электронӣ]. http://avesta.tj/2017/12/22/polnyj-tekst-poslaniya-prezidenta-emomali-rahmona-k-parlamentu/. (Санаи муроҷиат 11-09-2023)

196. Маҳкамов, Д. Андешаҳои миллӣ ва тарбияи маънавӣ-ахлоқии донишҷӯён [Матн] / Д. Маҳкамов, С.Усмонов. –Душанбе, 2022. -256 с.

197. Маҳмадизода, Н.Д. Нақши муассисаҳои олии таълимӣ дар ташаккули шуури зиддиэкстремистӣ ва зиддитеррористии ҷавонон дар ҷомеаи тоҷик [Матн] // Паёми ДМТ / Н.Д. Маҳмадизода. -№6. –Душанбе, 2023. -332с.

198. Маҷидова, Б.М. Анъана ва урфу одатҳои халқи тоҷик дар ташаккули сифатҳои ахлоқии шахс [Матн] / Б.М. Маҷидова. -Душанбе, 2004. -205с.

199. Мельникова, А.И. Досуг студенческой молодёжи в городском пространстве [Текст] / А.И. Мельникова. - Екатеринбург 2018. -112с.

200. Методология и методы научного познания / И.Л. Бахтина, А.А.Лобут, Л.Н. Мартюшов. – Екатеринбург, 2016. – 119 с.

201. Миколайчик, З. Решение проблем в управлении [Текст] / З. Миколайчик. -М.: Изд-во «Гуманитарный Центр», 2004 - 472 с.

202. Мирахмедов, Ф.М. Формирование национального самосознания средствами социально-культурной деятельности: На прим. Таджикистана: дисс. ... канд.пед.наук [Текст] / Ф.М. Мирахмедов. - СпБ, 1998. - 131 с.

203. Михайлова, Л. И. Социология культуры: учеб. пособие [Текст] / Л.И. Михайлова. - М.: Дашков и К, 2008. – 396 с.

204. Михалец, И.В. Духовно-нравственные отношения студентов: монография [Текст] / И.В. Михалец. - Пенза: Приволжский Дом знаний, 2011. - 96 с. –С.40

205. Модель. -[Манбаи электронӣ]:- https://ru.wiktionary.org/wiki/%D0%BC%D0%BE%D0%B4%D0%B5%D0%BB%D1%8C (Санаи муроҷиат 17.01.2024)

206. Молодежные формы досуга (на примере Франции). -[Манбаи электронӣ]: https://studbooks.net/704723/sotsiologiya/organizatsiya_dosugovoy_deyatelnosti_molodezhi_rubezhom (Санаи мурочиат 22.08.2023)

207. Монастырская, М.В. Влияние инновационных технологий культурно-досуговой деятельности в условиях торгово-развлекательных центров комплексного типа на досуг населения. -[Манбаи электронӣ]: https://www.dissercat.com/content/vliyanie-innovatsionnykh-tekhnologii-kulturno-dosugovoi-deyatelnosti-v-usloviyakh-torgovo-ra (Санаи мурочиат 16-04-2023)

208. Монтессори М. Мой метод [Текст] / М. Монтессори. -М.: АСТ; Астрель, 2006. -351 с.

209. Морозова, И.Г. Дискуссия как метод проблемного обучения и как средство формирования межкультурной компетенции на занятиях иностранного языка в вузах: науч.стат. –М., 2018. -11с.

210. Мотивация. -[Манбаи электронӣ]: https://colledg70.ru/p/vo/document/motivaziy.pdf?ysclid=lqyyd0kjcs888431697 (Санаи мурочиат 16-10-2023)

211. Музыкальная культура и народные музыкальные инструменты таджиков. -[Манбаи электронӣ]: http://www.vfarhang.tj/index.php/ru/deyatelnost/kategorii/vysokoe-iskusstvo/298-muzykalnaya-kultura-i-narodnye-muzykalnye-instrumenty-tadzhikov(Санаи мурочиат 21.10.2023)

212. Муродова, Р. Таъсиси маҷаллаи «Роҳбари дониш» ва нақши Собит Маннофзода дар ташаккули он [Матн] // Паёмномаи фарҳанг / Р. Муродова. -№2(54). -Душанбе, 2021. -128с.

213. Муртазо Мударриси Гелонӣ. Ахлоқи Ғаззолӣ ё калиди маърифат [Матн]/ Муртазо Гелонӣ. – Душанбе: Сарват, 1992. - 214 с.

214. Муҳаммад Ғаззолӣ, Насиҳат-ул-мулук [Матн]/ Ғаззолӣ М.- Душанбе: Ирфон, 2011.- 176 с.

215. Мы не выживем физически, если... -[Манбаи электронӣ]:https://ok.ru/mbuktssond/topic/154008160591965 (Санаи мурочиат 14.02.2023).
216. Назария ва амалияи фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ [Матн] / муҳ. Р. Амиров. -Душанбе: Истеъдод, 2012.-86с.
217. Наимов, З.Ҷ. Заминаҳои омӯзиш ва аҳамияти ташкили таълими инноватсионӣ дар шароити педагогии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ [Матн] // Паёми ДТТ / З.Ҷ. Наимов, А. Ҳасанзода. -№1(9). –Душанбе, 2022. –С.87-96.
218. Наркомании в Таджикистане больше подвержены люди среднего возраста. -[Манбаи электронӣ]: http://avesta.tj/2017/03/28/narkomanii-v-tadzhikistane-bolshe-podverzheny-lyudi-srednego-vozrasta/. (Санаи муроҷиат 14-06-2023)
219. Народная художественная культура: учебник [Текст] / под ред. Т.И. Баклановой, Е.Ю. Стрельцовой. - М.: МГУКИ, 2000. - 344с.
220. Нархова, Е. Н. Социология культуры: учеб. пособие [Текст] / Е. Н. Нархова, Д. Ю. Нархов. — Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2019. — 302 с. –С.42
221. Насриддини Тӯсӣ. Ахлоқи Носирӣ [Матн] / Насриддини Тӯсӣ. - Душанбе: Шуҷоиён, 2009.- 388 с.
222. Невский, И. А. Трудный успех: из опыта работы [Текст] / И. А. Невский. - М.: Просвещение, 1982.-128с.
223. Нематов, П. С. Низоми муосири тарбияи ахлоқии донишҷӯён ҳамчун муаммои иҷтимоӣ – педагогӣ [Матн] // Паёми ДМТ / П. С. Нематов. -№6. –Душанбе, 2023. -324с.
224. Нематов, П.С. Педагогические условия формирования нравственной культуры личности будущего учителя в профессионально-этические подготовки [Текст] / П.С. Нематов: дис. …кан. пед. наук. – Душанбе, 2013. – 163 с.
225. Несмелов, В.Н. Наука о человеке [Текст] / В.Н. Несмелов. - Казань: Тан-Заря, 1994. – 418 с.

226. Низомномаи муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. - Душанбе, 2004. - 28 с.
227. Никитина, Н.Н. Становление культуры профессионально-личностного самоопределения учителя: монография [Текст] / Н.Н. Никитина. - М.: Прометей, 2002. -315 с.
228. Новаторов, В.Е. Организаторы досуга [Текст] / В.Е. Новаторов. –М., 1987. - 117 с.
229. Новаторов, В.Е. Маркетинговые технологии в системе деятельности учреждений социально-культурной сферы: автореф. …дис.док.пед.наук [Текст] / В.Е. Новаторов. – М., 2002. – 80 с.
230. Новикова, Г.Н. Технологические основы социально-культурной деятельности [Текст] / Г.Н. Новикова. –М.: МГУКИ, 2010. -158с. –С.7
231. Нуриддинов, Г.Н. Проблема воспитания и обучения в творчестве Саади и его современников [Текст]: дис. ...канд. пед. наук / Г.Н. Нуриддинов. – Душанбе, 1981. – 150 с.
232. Нурматзода, Ҳ. Созҳои мусиқии коллексияҳои осорхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарчашма дар омӯзиши таърихи фарҳанги халқи тоҷик: автореф. дисс...н.и.т. [Матн] / Ҳ. Нурматзода. –Душанбе, 2019. -55с.
233. Нуров, А. Национальные и общечеловеческие ценности и их роль в нравственном воспитании подрастающего поколения: дисс. ... док.пед.наук [Текст] / А. Нуров. - Душанбе, 2004. -301 с.
234. Нуров, Г.З. Формирование и развитие музейного дела в Таджикистане (30-е гг. XX – начало XXI вв.): дис... канд. ист. наук. [Текст] / Г.З. Нуров. – Душанбе, 2011. -143с.
235. Нуров, Н. Фарҳанги миллӣ ва воқеиятҳои замони имрӯз [Матн] // Паёмномаи фарҳанг / Н. Нуров. -№4(52) –Душанбе, 2020. -128с.
236. Овчинникова, Н. -[Манбаи электронӣ]: http://www.- proza.ru/2007/01/17-172 (Санаи муроҷиат 26.07.2023)

237. Одинцова, С.А. Беседа как метод обучения от античности до современности [Текст] / С.А. Одинцова, Ж.Е. Сарсекеева, К.А. Айдарбекова, Э.Б. Тлеуберлинова, Д.Б. Тусупбаева, -М., 2015. -8с.

238. Одоби муошират ва рӯзгордорӣ [Матн] / Раҳмонзода А., Зиёев Х.,Содиқова Н. ва диг. - Душанбе: Маориф, 2017.- 208 с.

239. Оинномаи СММ. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://www.un.org/ru/about-us/un-charter/full-text (Санаи муроҷиат 14.02.2023)

240. Олимов Т.Ш. Афкори педагогии мутафаккирони халқи тоҷик ва нақши он дар ташаккули арзишҳои оиладорӣ (дар мисоли осори Унсурулмаолии Кайковус ва Муҳаммад Ғаззолӣ): дисс. ...н.и.п. / Т.Ш. Олимов. – Душанбе, 2023. -200 с.

241. Омаргазин, Р.Б. Сущность духовности [Текст] / Р.Б. Омаргазин. - Астана: ЕНУ им. Л.Н.Гумилева, 2006. -328 с –С.65

242. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 2024. [Текст]. –Душанбе, 2024. –347с.

243. Осими, М.С. Духовная культура нового человека [Текст] / М.С. Осими. - Душанбе, 1977. -130с.

244. Очирова, Н.П. Формирование духовно-нравственных ценностей школьников на основе диалога культур: дисс, канд. пед, наук [Текст] / Н.П.Очирова. - Астрахань, 2009. - 158 с.

245. Павлова, Л. Г. Спор, дискуссия, полемика [Текст] / Л. Г. Павлова. — М.: Просвещение, 1991. — 127 с. –С.8

246. Паёми Президент ба Маҷлиси Олӣ [Матн]. -Душанбе «Шарқи озод» -2025. -40с. - С.24

247. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ -[Манбаи электронӣ]: https://khovar.tj/2015/01/shar-1203-i-payomi-prezident-ba-ma-1207-lisi-ol-1251/ (Санаи муроҷиат 19-09-2023)

248. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ. https://mfa.tj/tg/main/view/2813/pajomi-prezidenti-jumhurii-tojikiston-ba-majlisi-olii (Санаи муроҷиат 10.09.2023)

249. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» -Душанбе, 2023. -64с.
250. Педагогика [Текст] / под ред. В.А. Сластснина. - М.: Магистр, 1997. – 224 с.
251. Педагогика [Текст] / под ред. Ю.К. Бабанского. - М.: Просвещение, 1988. – 156 с.
252. Педагогика в афоризмах и изречениях [Текст] / сост. В.В.Чечет, В.Вик.Чечет. -111с.
253. Педагогический поиск [Текст] / сост. Баженова. -М.: Педагогика, 1988. - 544с.
254. Педагогическое мастерство [Текст] / под.ред. Матвеева Е.О. -М.: МГУКИ, 2007. -114 с.
255. Пензин, С.Н. Кино как средство воспитания [Текст] / С.Н. Пензин. - Воронеж: Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 1973. -152 с.
256. Петровский, А. В. Личность. Деятельность. Коллектив [Текст] / -М., 1982. - 367с.
257. Печчети, А. Человеческие качества [Текст] / А. Печчети. - М.: Мысль, 1980. – 182 с.
258. Пешкова, В.Е. Введение в педагогическую деятельность: учебное пособие [Текст] / В.Е. Пешкова.– Майкоп, 2010. -42с.
259. Пивоварова, Е.И. Организация музыкального фестиваля как средства социализации подростков в культурно-досуговом учреждении [Текст] / Е.И.Пивоварова. - Екатеринбург, 2017. -80с.
260. Пирожкова, М.А. Культурно-досуговая деятельность как фактор формирования речевой культуры [Текст] // Паёмномаи фарҳанг / М.А. Пирожкова. - Душанбе, 2014. - №3. – 126 с.
261. Платон и его эпоха [Текст] / ред. Ф.Х Кессиди. -М.: Наука, 1979. -318 с.
262. Платон: Диалоги. Апология Сократа [Текст] / пер. А.Соломон, С.А.Жебелев. –М.:2022. -352 с.
263. Платонов, К.К. Психология религии [Текст] / К.К. Платонов. - М.: Политиздат, 1967. – 240 с.

264. Польный текст Послания Президента Эмомали Рахмона к Парламенту. -[Манбаи электронӣ]: http://avesta.tj/2017/12/22/polnyj-tekst-poslaniya-prezidenta-emomali-rahmona-k-parlamentu/. (Санаи муроҷиат 23-07-2023)

265. Пономарев Я. А. Психология творчества [Текст] / Я. А. Пономарев. - М.: Наука, 1976. -303с.

266. Пономаренко, В.А. Психология духовности профессионала [Текст] / В.А. Пономаренко. - М.: ГНИИИ МО РФ (А и КМ), 1997. – 296 с.

267. Понятия эстетического воспитания. - [Манбаи электронӣ]: https://zaochnik.com/spravochnik/pedagogika/teorija-vospitanija/ponjatieesteticheskogo-vospitanija/ (Санаи муроҷиат 24.02.2022)

268. Попова, В.Н. Праздник как социокультурный феномен : учеб. пособие [Текст] / В. Н. Попова. – Екатеринбург: Изд-во Урал. ун-та, 2017. – 84 с. –С.9

269. Попова, М.А. О психологии религии [Текст] / М.А. Попова. - М.: Знание, 1992. – 598 с.

270. Поярков, Р.С. Мужество, храбрость и доброта [Текст] / Р.С. Поярков. - М.: Знание, 1977. – 80с.

271. Примака, В.Е. Учебная дискуссия как один из способов развития критического мышления старшеклассников на уроках иностранного языка [Текст] / В.Е. Примака. –Пермӣ, 2016. -51с.

272. Прокопенко, Е.В. Неформальные молодежные объеденения и их влияния на подростка. -[Манбаи электронӣ]: https://alley-science.ru/domains_data/files/02March2019/NEFORMALNYE%20MOLODEZhNYE%20OBEDINENIYa%20I%20IH%20VLIYaNIE%20NA%20PODROSTKOV.pdf (Санаи муроҷиат 27.08.2023)

273. Психологическая энциклопедия. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://vocabulary.ru/termin/psihografija.html (Санаи муроҷиат 19.01.2023).

274. Раджабов, М. Формирование нравственных качеств личности в «Шахнаме» Фирдоуси: дис. кан. пед. наук. [Текст] / М. Раджабов. -Душанбе, 2002. – 161с.

275. Разработка стратегий в сфере культуры и управление проектами [Текст] / сост. Г. Баранец, Л. Глоор. –Украина, 2014. - 67с.

276. Рақси тоҷикӣ. -[Манбаи электронӣ]: https://life.ansor.info/tj/raqsi_tojiki/ (Санаи муроҷиат 13-06-2023)
277. Рассохина, Т. В. Организация экскурсионной деятельности: учебник и практикум для вузов [Текст] / Т. В. Рассохина, Ж. В. Жираткова, Х. Ф. Очилова. — М.: Издательство Юрайт, 2020. — 186 с.
278. Раҷабзода, М., Нақши «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ дар тарбияи шахсият [Матн]. - Душанбе: Ирфон, 2017.- 188 с.
279. Реан, А.А. Психология педагогической деятельности (проблемный анализ) [Текст] / А.А. Реан. - Ижевск: Изд-во Удм. ун-та, 1994. - 81 с.
280. Роджерс, К. Р. Взгляд на психотерапию. Становление человека. [Текст] / К. Р. Роджерс. - М.: Издательская группа «Прогресс», «Универс», 1994. - 480 с.
281. Розин, М. Успех без стратегии. Технологии гибкого менеджмента [Текст] / М. Розин. -М.: Альпина Паблишер, 2011. - 336 с.
282. Рок музыка в контексте современной культуры: сборник статей по материалам Международной научно-практической конференции [Текст] / сост. Е. А. Савицкая. — М.: 2020. -208 с.
283. Роль семьи в воспитании личности. -[Манбаи электронӣ]: https://scienceforum.ru/2017/article/2017039857 (Санаи муроҷиат 23 феврали 2022)
284. Ростовщиков, Д.А. Применение метода театрализации как эффективного метода обучения иностранному языку [Текст] / Д.А. Ростовщиков. –М.,2016. - 4 с.
285. Русакова, Д.М. Ценностные ориентации современной молодежи. -[Манбаи электронӣ]. URL: https://sfkmn.ru/PDF/06SCSK118.pdf (Санаи муроҷиат 10.01.2023).
286. Руссо, Ж.Ж. Об общественном договоре или принципы политического права [Текст] / Ж.Ж. Руссо. -Москва: Издательство Юрайт, 2021. 146 с.
287. Рягузова, Е.В. Теория и практика профессионального общения [Текст] / Е.В. Рягузова. –Саратов, 2017. – 82 с.

288. Саду як газал аз Абдулқодири Бедил [Матн] / мур. Б.Раҳимӣ, А.Мусоев. – Душанбе: «Ирфон», 2008, 104 с.
289. Сайидзода, З. Густариши ахлоқи миллӣ – посух ба паёмадҳои манфии ҷаҳонишавӣ [Матн] / З.Сайидзода. – Душанбе, 2014. –260 с. –С.129
290. Сафаралиев, Б.С. Из истории духовной культуры таджикского народа: монография / Б.С. Сафаралиев. –Челябинск, 2011. -250 с.
291. Саъдии Шерозӣ. Гулистон [Матн] / Саъдии Шерозӣ. - Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2008. – 321 с.
292. Саъдии Шерозӣ. Куллиёт [Матн] / Саъдии Шерозӣ. – Душанбе: Адиб, 1990, - 243 с.
293. Свенцицкий, А.Л. Социальная психология: учебник [Текст] / А.Л.Свенцицкий. - М.: ТК Велби, Изд-во Проспект, 2004. - 336 с.
294. Семейное воспитания. -[Манбаи электронӣ]: https://vospitannie.ru/metody/semejnoe.html (Санаи муроҷиат 15.05.2022)
295. Семенова, С.П. Изучение уровня мотивации молодых педагогов в профессиональном становлении [Текст] // Современное образование / С.П.Семенова. –СБп.:2018. -288с. –С.59
296. Сенека, Л.А. Афоризмы великих людей. -[Манбаи электронӣ]: http://www.wisdoms.ru/pavt/p213_7.html (Санаи муроҷиат 27.09.2023)
297. Сергеева, О.Ю. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии хонандагони синфҳои болоӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ: автореф. дисс. ...н.и.п. [Матн] / О.Ю.Сергеева. –М.:2007. -236 с.
298. Сидоренко, О.В. Эстетическое воспитание. -[Манбаи электронӣ]: https://otherreferats.allbest.ru/ethics/00020194_0.html (Санаи муроҷиат 22 феврали 2022)
299. Сидоров, С.В. Педагогика: учебно-методич: пособие для студентов пед. вуза. [Текст] / С.В. Сидоров.– Шадринск: Изд-во ПО «Исеть», 2006. – 59 с. –
300. Скачков, А.В. Дополнительное образование как социально-педагогическая проблема: автореф. дис. канд. пед. наук [Текст] / А.В. Скачков. - Ростов н/Д., 1996. - 24 с.

301. Современные методы и технологии воспитания [Текст]. / Н.Н. Калацкая.– Казан, 2014. -275с.

302. Содиқов, А. Ақидаҳои ахлоқии мутафаккирони Шарқ [Матн] / А. Содиқов.- Душанбе: Ирфон, 1989.- 144 с.

303. Соколов, А.В. Феномен социально-культурной деятельности [Текст] / А.В. Соколов. - СПб.: СПбГУП, 2001. – 204 с.

304. Соколовская, Л.В. Клиентоорентированная модель работы библиотек как стратегия ее современного развития [Текст] // Паёми ДМТ / Л.В. Соколовская. -Душанбе 2016. -226с. –С.134

305. Сомонаи электронӣ: https://www.maorif.tj/ahborot/dar-umur-3884-muassisai-tasiloti-umum-124593-nafar-omzgor-va-2033900-nafar-honanda

306. Список основных ценностей в жизни. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://goal-life.com/page/person/cennostizhizni (Санаи муроҷиат 12.01.2023).

307. Сталин, И.В. Суханронӣ дар даҳаи адабиёт ва санъати тоҷикон дар Маскав 22 апрели соли 1941. -[Манбаи электронӣ]: http://grachev62.narod.ru/stalin/t18/t18_092.htm (Санаи муроҷиат 28.01.2023).

308. Столин, В.В. Самосознание личности [Текст] / В.В. Столин. - М.: Изд-во Московского ун-та, 1983. – 286 с.

309. Стрельцов, Ю.А. Культурология досуга: учебное пособие [Текст] / Ю.А.Стрельцов. - М.: МГУКИ, 2002. - 273 с.

310. Сулаймонӣ, С. Донишномаи педагогикаи навин [Матн] // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон / С. Сулаймони. - №3. –Душанбе, 2012.– 164 с. –С.88

311. Сулаймонӣ, С. Клубные учреждения РТ в условиях рыночной экономики [Текст] // Культура: проблемы и исследования / С. Сулаймонӣ. – Душанбе, 2001.

312. Сулаймони, С. Педагогикаи фароғат / С. Сулаймони. – Душанбе: Ирфон, 2012. – 212 с.

313. Сулаймонӣ, С. Фарҳангшиносӣ [Матн] / С. Сулаймонӣ. -Душанбе, - 2002. - 224с.

314. Суртаев, В.Я. Миры культуры глазами молодых: учеб. пособие [Текст] / В.Я. Сyратев. - СПб.: СПбГУКИИ, 2004. – 288 с.

315. Суртаев, В.Я. Молодежный досуг как социально-педагогическое явление: авторе, докт. пед. наук. [Текст] / В.Я. Суртаев. - СПб, 1995. — 28 с.

316. Суртаев, В.Я. Основные направления самореализации молодежи в условиях досуговой деятельности [Текст] / В.Я. Суртаев. — СПб, 1992. -170 с.

317. Сухамлинский, В.А. Сухамлинский о воспитании. -[Манбаи электронӣ]: http://vp-ch.ru/node/53 (Санаи муроҷиат 09.10.2023)

318. Сухомлинский, В. А. Методика воспитания коллектива [Текст] / В. А. Сухомлинский. -М.: Просвещение, 1981. 192 с.

319. Сухомлинский, В.А. Избранные педагогические сочинения [Текст] / В.А. Сухомлинский. - М.: Педагогика, 1980. – 380 с.

320. Сухомлинский, В.А. Как воспитывать настоящего человека [Текст] / В.А. Сухомлинский. - М.: Педагогика, 1989. – 288 с.

321. Сухомлинский, В.А. Сухомлинский о трудовом воспитании в коллективе. -[Манбаи электронӣ]: URL: https://flojolet.livejournal.com/158600.html (Санаи муроҷиат 27.11.2023)

322. Сущность эстетического воситания, его цели и задачи. -[Манбаи электронӣ]: https://vospitannie.ru/metody/esteticheskoe-vospitaniya.html#-google- _vignette (Санаи муроҷиат 20.07.2022)

323. Тард, Г. Социальная логика [Текст] / Г. Тард. - СПб., Социально-психологический центр, 1996. - 558 с.

324. Тематический вечер. -[Манбаи электронӣ]: https://studfile.net/preview/7639617/page:9/ (Санаи муроҷиат 22.08.2023)

325. Теоретические основы и модели организации социокультурной анимации во Франции. -[Манбаи электронӣ]: https://studfile.net/preview/3197608/page:13/ (Санаи муроҷиат 29.08.2023)

326. Теория личности А.Н. Леонтьева. -[Манбаи электронӣ]: https://positum-world.livejournal.com/53853.html (Санаи муроҷиат 20-09-2023)

327. Терехов, П.П. Специалист социокультурной сферы: педагогическая компетентность [Текст] / П.П. Терехов. — Казань: Изд-во Каз. гос. университета, 2002. -144 с.
328. Теслинов, А. Концептуальное проектирование сложных решений [Текст] / А. Теслинов. - СПб.: Питер, 2009. - 288 с.
329. Тольстой, Л.Н. Афоризмы великих людей. -[Манбаи электронӣ]: http://www.wisdoms.ru/20.html (Санаи муроҷиат 26.08.2023)
330. Тольстой, Л.Н. Том 53// Дневники и записные книжки 1895-1899/ Полное собрание сочинений. -[Манбаи электронӣ]: http://az.lib.ru/t/tolstoj_lew_nikolaewich/text_1340.shtml (Санаи муроҷиат 23.08.2023)
331. Тоҷов, Н. Фарҳангшиносӣ [Матн] / Н. Тоҷов, М. Ҳусейнов, М. Тоҷов. - Душанбе:ЭР-граф, 2012. - 295с.
332. Трегубов, Б.А. Свободное время молодежи: сущность, типология, управление [Текст] / Б.А. Трегубов. – СПб, 1991. – 386 с.
333. Триодин, В.Е. Клуб и свободное время [Текст] / В.Е. Триодин. - М.: Профиздат, 1982. -134 с.
334. Троицкий, Ю.Л. Субкультура футбольных фанатов и практика угроза: ментальные, дискурсивные и поведенческие. -[Манбаи электронӣ]:https://cyberleninka.ru/article/n/subkultura-futbolnyh-fanatov-i-praktika-ugroz-mentalnye-diskursivnye-i-povedencheskie-strategii (Санаи муроҷиат 22.08.2023)
335. Трубецкой, Е.Н. Смысл жизни [Текст] / Е.Н. Трубецкой. - М.: Республика; 1994. – 432 с.
336. Туев, В.В. Социально-культурная деятельность в таблицах и схемах: учебное: пособие по курсу «Социально-культурная деятельность» для студентов специальности 053100 «Социально-культурная деятельность [Текст] / сост. В.В. Туев. - Барнаул: Изд-во АлтГАКИ, 2006. - 87с.
337. Туник, Е. Е. Стили управления в системе образования [Текст] / Е.Е.Туник. - СПб.: ГУПМ. 1998. - 41 с.

338. Турбина, Т.А. Культурно-досуговая деятельность как средство развития социальной активности современных подростков: авторе, канд. пед, наук. [Текст] / - СПб, 2007. - 20 с.
339. Турсунова, М.Г. Педагогические особенности формирования национального самосознания: На примере средних специальных учебных заведений культуры и искусств Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд.пед.наук. [Текст] / М.Г. Турсунова. - Душанбе, 2005. - 24 с.
340. Умари Хайём. Рубоёт [Матн] / мур. М.Холов. –Душанбе, 2010. -242 с.
341. Умаров, А. Духовно-нравственное воспитание старшеклассников во внеучебной деятельности на традициях таджикской народной педагогики: автореф. ...канд.пед.наук [Текст] / А. Умаров. –М., 1998. –152 с.
342. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома [Матн] / Кайковус Унсурулмаолӣ. – Душанбе: «Маориф», 2016. -240 с.
343. Усманов, М. С. Досуг молодежи-функции и пространство [Текст] / М.С.Усманов. –Ташкент.: 2021. -160 с.
344. Ушинский, К.Д. Мысли К.Д. Ушинского о воспитании. -[Манбаи электронӣ]: http://uchitel76.ru/mysli-k-d-ushinskogo-o-vospitanii/ (Санаи мурочиат 22.08.2023)
345. Ушинский, К.Д. О пользе педагогической литературы. Избранные педагогические произведения [Текст] / К.Д. Ушинский. - М.: Просвещение, 1969. – 242 с.
346. Фабриков, М. С. Современные образовательные технологии: учеб. пособие [Текст] / М. С. Фабриков. – Владимир: Изд-во ВлГУ, 2021. – 224 с.
347. Файзализода, Ҷ. Х. Психологияи идоракунӣ [Матн] / Ҷ. Х. Файзализода. – Душанбе: Эр-граф, 2018. – 292 с. –С.121
348. Фаъолияти китобдорӣ. Фаъолияти иҷтимой-фарҳангӣ: назария, методология, амалия [Матн] / муҳ. Қ.Бӯриев. - Душанбе: Ирфон, 2013. -236 с.
349. Фирдавсӣ, А. Шоҳнома [Матн] / А. Фирдавсӣ. Ҷилди 1. -М.: Издательство АН СССР, 1957-1968. -691с.

350. Флиер, А.Я. Культурология для культурологов: учеб. пособие [Текст] / А.Я. Флиер. - М.: Академический проект, 2000. – 492 с.
351. Фролов, И.Т. О человеке и гуманизме [Текст] / И.Т. Фролов. - М.: Политиздат, 1989. – 559 с.
352. Фролова, Е. В. Рэп как форма социально-политической рефлексии в современной российской культуре [Текст] / Е. В. Фролова. – М.: Изд. дом Высшей школы экономики, 2015. – 52 с.
353. Харисов, Т.Б. Управление качеством образования [Текст] / Т.Б. Харисов. - Казань, 2000. - 180 с.
354. Харламов, И.Ф. Педагогика [Текст] / И.Ф. Харламов. - М.: Юрист, 1997. - 462 с.
355. Хоҷаев, Қ.Т. Суханварӣ [Матн] / Қ.Т. Хоҷаев. –Душанбе, 2013. 256с. –С.4
356. Хоҷаева, Ф. Тарбият ва ахлоқ дар «Бӯстон» ва «Гулистон»-и Саъдӣ [Матн].- Душанбе: Деваштич, 2006.- 110 с.
357. Худякова, Н. Л. Теория и методика воспитания: учеб. пособие [Текст] / Н. Л. Худякова. -Челябинск: Изд-во Челяб. гос. ун-та, 2009. - 277 с. –С.29
358. Ҳакимов, М.Қ. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар ҷумҳурии тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ: дис...н.и.ҳ. [Матн] / М.Қ.Ҳакимов. –Душанбе, 2024. -210 с.
359. Ҳакимова, С. Илми ахлоқ ва одоб [Матн] / С. Ҳакимова, М.Мирраҳим. – Душанбе, 2010. – 333 с.
360. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2013 ва самтҳои афзалияти соҳа дар соли 2014 [Матн]. -Душанбе: Истеъдод, 2014. -50 с.
361. Ҳисобот оид ба фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2022 ва самтҳои афзалияти соҳа дар соли 2023. Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. -Душанбе: Истеъдод, 2023. - 175 с.
362. Ҳодизода, Р. Ахлоқ ва ҷомеа [Матн].- Душанбе: Ирфон, 2008. - 117 с.
363. Ҳофизи Шерозӣ. Девон [Матн] / таҳ. Ш.Исрофилниё. –Душанбе, 2015. 480 с.
364. Ҳофизи Шерозӣ. Насиҳат гӯш кун, ҷоно….[Матн].- Душанбе:Маориф ва фарҳанг, 2008.- 196 с.

365. Цитата Сократа. -[Манбаи электронӣ]: https://juicyworld.org/sokrat/ (Санаи муроҷиат 12.01.2024)

366. Цитаты о чтении. -[Манбаи электронӣ]: https://resheto.net/raznosti/776-tsitaty-o-chtenii (Санаи муроҷиат 11.06.2023)

367. Черникова, Т.В. Управление развитием образовательного учреждения [Текст] / Т.В. Черникова. - М.: ТЦ Сфера, 2005. - 304 с.

368. Чернокозова В.Н., Этика учителя [Текст] / В.Н. Чернокозова, И.И. Чернокозова. - Киев: Рад. Школа, 1973. – 176 с.

369. Чижиков, В.М. Культурно-досуговая деятельность: учебное пособие [Текст] / Чижиков В.М., А.Д.Жарков - М: МГУКИ, 2007. - 155 с.

370. Что такое эстетическое воспитание. -[Манбаи электронӣ]: https://vospitanie.guru/esteticheskoe/chto-takoe-2 (Санаи муроҷиат 25.03.2022)

371. Ҷавонон – пайравони Пешвои миллат [Матн] / маҷмуаи маводи конференсияи илмии ҷумҳуриявӣ -Хуҷанд, 24 октябри 2017. - 170 с.

372. Ҷалолуддини Румӣ. Мунтахаби ғазалиѐт[Матн].- Душанбе: Адиб, 2013.- 270 с.

373. Шадриков, В. Д. Духовные способности [Текст] / В.Д. Шадриков. - М.: Магистр, 1996. – 102 с.

374. Шамсутдинова, Д.В. Социально-культурная интеграция личности в сфере досуга [Текст] / Д.В. Шамсутдинова. -Казань: Изд-во Каз, гос ун-та, 2001. — 256 с.

375. Шарипов, Ш.Б. Назари Пешвои миллат ба арҷгузори арзишҳои маънавию моддӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш [Матн] // Паёми ДМТ / Ш.Б. Шарипов. -№1. –Душанбе, 2023. – 336 с.

376. Шарифзода, Ф. Актуальные проблемы современной педагогики [Матн] / Ф. Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 328 с.

377. Шарифзода, Ф. Интегрированное обучение основа развития и воспитания [Матн] / Ф. Шарифзода. - Душанбе, Маориф, 1995. - 143 с.

378. Шарифзода, Ф. Педагогика. Назарияи инсонофар ва ҷомеаи фарҳанги [Матн] / Ф.Шарифзода. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 544 с.

379. Шарифзода, Ф. Педагогика: учебное пособие [Текст] / Ф. Шарифзода, И.Х. Каримова. -Душанбе, 2008. --248 с.

380. Шарифов, М.Ғ. Тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ бо истифода аз урфу одат ва афкори мутафаккирон [Матн] // Паёми ДМТ / М.Ғ.Шарифов, Ш.М.Шарифов. -№3. –Душанбе, 2023. - 331 с.

381. Шаталов, В. Ф. Путь поиска [Текст] / В. Ф. Шаталов. - СПб.: «Лань», 1996. - 62 с.

382. Шахова, А.И. Воспитание искусством [Текст] / А. И. Шахова. - М.: Академия, 2011. - 360 с.

383. Шацкий, С. Т. Избранные педагогические сочинения [Текст] / С.Т.Шацкий. - М.: Учпедгиз, 1958. - 432 с.

384. Шитякова, Н.П. Духовно-нравственное воспитание школьников: проблемы, теории, технологии: учебное пособие [Текст] / Н.П. Шитякова, И.В. Верховых. – Челябинск: Изд-во Челяб. гос. пед. ун-та, 2016. – 197 с. – С.86

385. Шомил гардидани 2500 солагии Шаҳраки қадимаи Тахти Сангин ва 1050 солагии Абурайҳон Берунӣ ба руйхати ҷашнвораҳои ЮНЕСКО. -[Манбаи электронӣ]: https://mfa.tj/tg/berlin/view/9131/shomil-gardidani-2500-solagii-shahraki-kadimai-takhti-sangin-va-1050-solagii-aburaihon-beruni-ba-ruikhati-jashnvorahoi-yunesko (Санаи муроҷиат 21-11-2023)

386. Шредер, Г. Руководить сообразно ситуации [Текст] / Г. Шредер. - М.: Интерэксперт, 1994. -160 с.

387. Штрафы за ругань в Германии. -[Манбаи электронӣ]: https://aussiedlerbote.de/2023/07/za-eti-slova-v-germanii-shtrafuyut-na-krupnuyu-summu/?ysclid=lnsleey5ds547226592 (Санаи мурочиат 22.06.2023)

388. Шубина, И.Б. Организация досуга в шоу-программы [Текст] / И.Б. Шубина– Ростов на Дону: Феникс, 2003. – 350 с.

389. Шукуров, М.Р. Культурная жизнь Таджикистана в период развитого социализма [Текст] / М.Р. Шукуров. - Душанбе: Ирфон, 1980. - 239 с.

390. Щетинская, А.И. Развитие творческого потенциала педагога в условиях совершенствования дополнительного образования детей: автореф. дис... док.пед. наук [Текст] / А.И. Щетинская. - Казань, 1999. - 22 с.

391. Щетинская, А.И. Совершенствование процесса дополнительного образования в современных условиях: науч.-метод. пособие. [Текст] / А.И. Щетинская - Оренбург: ОЦДЮТ, 2007. - 321 с.

392. Экологическое воспитание. -[Манбаи электронӣ]: https://nsportal.ru/nachalnaya-shkola/vospitatelnaya-rabota/2018/02/17/ekologicheskoe-vospitanie (Санаи муроҷиат 21.10.2023)

393. Эмомалӣ Раҳмон. Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед [Матн] / Эмомалӣ Раҳмон. -Душанбе: Деваштич, 2005.-12с.

394. Юлдашева, М.Р. Становление и развитие системы музыкального образования в Таджикистане [Текст] / М.Р. Юлдашева. дис. …док. пед. наук. – Алма-Ата, 1994. – 347 с.

395. Юнусова, Н.М. Детерминирующая роль женщины в процессе формирования нравственных ориентиров личности и семьи, опирающаяся на этнокультурные ценности: дисс. ...док.пед.наук [Текст] / Юнусова Н.М. - Душанбе, 2013.- 427 с.

396. Юсуфбекова, Н.Р. Информационные потребности руководящих работников системы народного образования [Текст] // Актуальные проблемы совершенствования системы научно-педагогической информации / Н.Р. Юсуфбекова - М.: Владос, 1990. - 126 с.

397. Яглома, М. Г. Эмоциональный аспект нравственного воспитания [Текст] / М.Г. Яглома - М.: Просвещение, 1986. – 210 с.

398. Якушева, С.Д. Артистизм - компонент творческой индивидуальности педагога. -[Манбаи электронӣ]: https://cyberleninka.ru/article/n/artistizm-komponent-tvorcheskoy-individualnosti-pedagoga (Санаи муроҷиат 29-06-2023)

399. Якушева, С.Д. Музыкальное искусство в формировании духовной культуры студенческой молодежи [Текст] // Материалы Международной

научно-практической конференции «Идентичность в культуре: феномены, теоретико-методологические аспекты исследования» / С.Д. Якушева. - Челябинск, 2005. -169 с.

400. Януш, К. Как любить детей [Текст] / пер. с пол. Л. Кон. -М.: Госиздат, 1922. -116 с.
401. Ярмакеев, И.Э. Духовно-нравственное воспитание будущего специалиста: становление системы: монографии [Текст] / И.Э Ярмакеев. - М.: Гуманитар, изд. центр ВЛАДОС, 2008- 472 с.
402. Ярошенко, Н.Н. История и методология теории социально-культурной деятельности: учебник [Текст] / Н.Н. Ярошенко. - М.: МГУКИ, 2007. - 360 с.
403. Ярошенко, Н. Н. Социально-культурная деятельность: парадигмы, методология, теория: монография [Текст] / Н. Н. Ярошенко. - М: МГУКИ, 2000. -204 с.

# ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

## а) Монография:

[1-М] Табаров, Н.С. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография / Н.С.Табаров; зери назари Д. Маҳкамов. –Душанбе, 2024. -176 с.

## *б) Маҷмуа ва дастурҳои таълимӣ*

[1-М] Ҳоҷиева, Ф., **Табаров, Н.С.** Саволу ҷавоб аз фанни педагогика / Ф. Ҳоҷиева, Н.С.Табаров. –Душанбе, 2024. -294 с.

[2-М] Ҳоҷиева, Ф., **Табаров, Н.С.** Педагогикаи умумӣ / Ф. Ҳоҷиева, Н.С.Табаров. –Душанбе, 2024. - 428 с.

## *в) Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:*

[1-М] Табаров, Н.С. Вазъи имрӯзаи ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои фарҳангӣ [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№11/2. –С.211-215. - ISSN 2074-1847.

[2-М] Табаров, Н.С. Муносибатҳои назарии ташкили тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар муассисаҳои театрӣ [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. -№05. –С.272-278. - ISSN 2074-1847.

[3-М] Табаров, Н.С. Нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. -№5. –С.296-300. - ISSN 2074-1847.

[4-М] Табаров, Н.С. Нақши муассисаҳои фарҳангӣ-клубӣ дар ташаккули арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. -№2. –С.230-236. - ISSN 2074-1847.

[5-М] Табаров, Н.С. Нақши арзишҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№6/1. –С.240-247. - ISSN 2074-1847.

[6-М] Табаров, Н.С. Нақши бозиҳо дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии шахс [Матн] / Н.С. Табаров, Ф.Г.Раҳимзода // Паёми Академияи таҳсилоти Тоҷикистон. - 2023. -№3(48). –С.104-109. - ISSN 2222-9809.

[7-М] Табаров, Н.С. Нақши муассисаҳои фарҳангӣ дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2024. -№04. –С.192-198. - ISSN 2074-1847.

[8-М] Табаров, Н.С. Раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон дар заминаи фарҳанги миллӣ [Матн] / Н.С. Табаров // Паёмномаи фарҳанг. - 2024. -№2. –С.51-58. - ISSN 2306–6423.

[9-М] Табаров, Н.С. Тарбияи меҳнатӣ омили ташаккули сифатҳои ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№6/2. –С.243-250. - ISSN 2074-1847.

[10-М] Табаров, Н.С. Тарбияи ҳисси масъулиятшиносӣ ва уҳдадорӣомилҳои асосии ташаккули шахсият [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№5. –С.251-257. - ISSN 2074-1847.

[11-М] Табаров, Н.С. Тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон ҳамчун омили асосии рушди ҷомеаи муосир [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№5. –С.291-297. - ISSN 2074-1847.

[12-М] Табаров, Н.С. Таъсири омилҳои гуногун дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёмномаи фарҳанг. - 2023. -№1. –С.34-41. - ISSN 2306–6423

[13-М] Табаров, Н.С. Фарҳанг ҳамчун омили тарбияи арзишҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Паёмномаи фарҳанг. - 2022. - №2. –С.15-21. - ISSN 2306–6423

[14-М] Табаров, Н.С. Факторы, влияющие на процесс духовно-нравственного воспитания молодежи [Текст] // Н.С. Табаров / Труды Братского государственного университета. Серия: Гуманитарные и социальные науки. – 2022. – С. 134-136. - EDN: BCYZGV

[15-М] Табаров, Н.С. Фаъолияти инноватсионӣ ҳамчун омили рушди муассисаҳои фарҳангӣ [Матн] / Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2023. -№12/1. –С.270-276. - ISSN 2074-1847.

[16-М] Хоҷаев, Қ.Т., Табаров, Н.С. Истифодаи усулҳои гуногуни педагогӣ дар раванди тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Қ.Т. Хоҷаев, Н.С. Табаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ. - 2024. - №1. – С.173-180. – ISSN 2616-5260.

***г) Мақолаҳои дар дигар нашрияҳо илмӣ чопшуда:***

[17-М] Табаров, Н.С. Нақши санъат дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Маорифи Тоҷикистон. –Душанбе, 2024. - №1. – С. 24-26.

[18-М] Табаров, Н.С. Нақши технологияи ташкилӣ-педагогии муассисаҳои фарҳангӣ дар ташаккули сифатҳои маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] / Н.С. Табаров // Илм ва ҳаёт. -№1. –Душанбе, 2024. –С. 17-18.

[19-М] Табаров, Н.С. Нақши фарҳанг дар тарбияи маънавӣ-ахлоқии ҷавонон [Матн] // Н.С. Табаров / Душанбе. -№4. –Душанбе, 2023. –С.25-27.

[20-М] Табаров, Н.С. Фарҳанги оиладории ҷавонон дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / Н.С. Табаров // Маорифи Тоҷикистон. –Душанбе, 2022. -№5. –С.17-18.

[21-М] Табаров, Н.С. Фарҳанги ҷавонони муосир [Матн] // Н.С. Табаров / Душанбе. -№1. –Душанбе, 2024. –С.39-42.

[22-М] Табаров, Н.С. Чаро сатҳи маърифати аксари наврасону ҷавонон паст аст? [Матн] // Н.С. Табаров / Маърифати омӯзгор. -№3. –Душанбе, 2024. –С.39-40.

[23-М] Табаров, Н.С. Ҷомеаи муосирро ҷомеаи иттилоот меноманд [Матн] // Н.С. Табаров / Маърифати омӯзгор. -№2. –Душанбе, 2024. –С.31-32.

**в) Мақолаҳое, ки дар маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд:**

[24-М] Табаров, Н.С. Дастовардҳои соҳаи фарҳанг дар замони истиқлолият / маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2023. –С.74-78.

[25-М] Табаров, Н.С. Нақши институти оила дар рушди босуботи давлатдории миллӣ / конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ, Душанбе, 12 майи соли 2022, маҷмуаи мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо. –Душанбе, 2022. –С.155-162.

[26-М] Табаров, Н.С. Нақши Пешвои миллат дар рушди давлатдории миллии тоҷик / маҷмуаи мақолаҳо аз конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба Рӯзи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, 2021. –С.74-77.

[27-М] Табаров, Н.С. Фарҳанги экологии ҷавонон марбут ба об / маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ бахшида ба даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», барои солҳои 2018-2028. –Душанбе, 2023. –С.76-80.

[28-М] Табаров, Н.С. Ҷавонон ва фарҳанги муоширати онҳо дар заминаи омӯзиши забонҳои хориҷӣ / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Аҳаммияти омӯзиши забонҳои романӣ-германӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва вазъи омӯзиши онҳо дар Тоҷикистон» (21.02. 2025) –Душанбе, 2023. –С.188-192.